ISSN 2074-1847

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

# П А Ё М И
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
***(маҷаллаи илмӣ)***

**СИЛСИЛАИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ**

3/6(96)

# В Е С Т Н И К
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
***(научный журнал)***

**СЕРИЯ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК**

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2012

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.**

**Ҳайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

**Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор**
**Каримов М.Б. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор**
**Миралиев А.М.- зам.гл. редактора, доктор педагогических наук, профессор**
**Низомов М.- зам.гл. редактора, кандидат филологических наук, доцент**

**Аъзои ҳайати таҳририя:**
**Члены редколлегии:**

**Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент**
**Амонов Н.К. - кандидат психологических наук, доцент**
**Зокиров Г.Н. - доктор политических наук, профессор**
**Назаров Р. - доктор философских наук, доцент**
**Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент**
**Насурдинов Э.С. - кандидат юридических наук, доцент**
**Расулиён К. - кандидат исторических наук, доцент**
**Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент**
**Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент**

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012**
**Вестник Таджикского национального университета, 2012**

## ТАЪРИХ - ИСТОРИЯ

# АҲЛИ ТАСАВВУФ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИИ АСРҲОИ X-XI

*Сайфуллоҳ Муллоҷонов*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сӯфия ё тасаввуф аз бузургтарин ҷараёнҳоест, ки дар таъриху фарҳанги мо таъсири амиқе гузоштааст. Ин падида дар тамоми давраҳои таърихии мо таваҷҷуҳи гурӯҳҳои мухталифро ба худ ҷалб сохтааст. Имрӯз ҳам баъзе афрод шефтаву маҷзуби намояндагони ҷудогонаи тасаввуф буда, бо хондани аҳволу осори авлиёи Худо ғарқи хаёлот мегарданд. Гурӯҳе дигар ҳам аз гузашта то ҳол аҳли тасаввуфро ба бединиву шаккокӣ муттаҳам мекунанд. Аммо воқеияти бебаҳс ин аст, ки тасаввуф яке аз ҷанбаҳои ҳаёти фарҳангӣ дар ислом аст, ки бахше аз мероси илмии таърихи гузаштаи моро ба худ ихтисос додааст.Муҳаққиқони зиёде пайдоиши ин равияро ба зардуштия, буддоия, масеҳият ва ё ислом муртабит медонанд. Шарқшиносони аврупоӣ, ки худ ворисӣ тамаддуни Рум будаанд, ҳангоми баррасии тасаввуф ҳамеша кӯшидаанд, ки дар он асари пойи Юнону Румро пайдо кунанд (1, 46). Ирфон ба ҳаракати пӯё дар ҷиҳати тағйири дарунӣ ва таҳзиби нафс, ки бо сайр ва сулуки мароҳил ва манозил, ба мақсади ниҳоии инсоният, яъне тавҳид ва ягонагӣ бо зоти ҳақ поён меёбад, реша дар ниҳоди дин дорад (2, 592).

Бо вуҷуди нашъат гирифтан аз адёни пешин тасаввуфи исломӣ вижагиҳои худро дорад, ки онро аз дигарон мутамойиз месозад (3, 7). Рӯзгори Паёмбар, хулафои рошидин ва саҳобаро сӯфиён сармашқе барои худ донистаанд, ҳарчанд ислом шадидан ба рӯҳбонияти масеҳӣ муқобил аст. Пас аз он ки дастгоҳи хилофати интихобии хулафои рошидин ба салтанати маврусии Бани Умайя ва Бани Аббос табдил шуд, асли озодманишӣ ва баробарӣ аз миён рафт. Шуубия ва тасаввуфи Эрон ки асоси он нафйи имтиёзоти нажодӣ ва табақотӣ ва ҳатто динӣ буд, вокуниш ва посухи мардонае дар баробари бартариҷӯӣ ва бартарихписандии тозиён буд. Вижагиҳои тасаввуфи Эронзаминро Саид Нафисӣ бештар пайрави тариқат (на шариат) будан, вуҷуди хонақоҳ (зери таъсири монавия), иҷозати рақсу самоъ ва ойини ҷавонмардиву футуват донистааст(1, 52-105).

Равияҳои қодирия, нақшбандия, кубравия, ясавия дар миёни аҷдоди мардуми тоҷик, бавижа баъзе аз шоирону ҳакимон нақши босазое доштааст. Номҳои Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва даҳҳо шуарои форсу тоҷик бо тасаввуф тавъам буда, меҳвари андешаҳои эшонро инсондӯстиву баробарӣ ва безорӣ аз дунёпарастиву даъват ба худсозӣ ташкил медиҳад. Бо вуҷуди он ки садҳо китобу ҳазорон мақола перомуни тасаввуф ва аҳли хирқа бо забонҳои мухталифи олам таълиф шудааст, боз ҳам ҳарфҳои ногуфта дар ин бахш фаровонанд.

Яке аз ҷанбаҳои камомӯхтаву таҳқиқнагаштаи тасаввуф нақши боризи баъзе аз намояндагони ин ҳаракат дар умури сиёсӣ ва давлатдорӣ мебошад. Перомуни нақши рӯҳонияти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар умури сиёсӣ ва ҳатто дахолати онҳо пажӯҳишҳое сурат гирифтааст, вале яке аз мусалламоти рӯзгори сӯфия парҳези шадиди онон аз дахолат ба умури сиёсиву корҳои давлатдорӣ будааст. Аммо дар ҷомеа зистану берун аз қавонини он будан амре муҳол аст, аз ин рӯ пои аҳли тасаввуф ҳам хоҳ-нохоҳ ба моҷароҳои сиёсӣ кашида мешуд.

Аз ҷанбаҳои бисёр муҳими таърихи иҷтимоии Эрон ривоҷи ойини ҷавонмардӣ ва ташкили ҷамъиятҳои ҷавонмардон ё фатиён аст. Ин ёдгори даврони тоисломӣ ва имтиёзоти табақотӣ аст ва касоне, ки нокомӣ чашидаанд ин роҳро пеш гирифтаанд. Таълимоти монавиён хеле бар он асаргузор будааст. Дар машриқи Эрон ва хусусан дар Систону Хуросон дар баробари бедодгариҳо ва таассубҳои нажодии Уммавиён маҳз бо пуштибонии ҷавонмардон мардумон қиём кардаанд. Бузургтарин роҳнамои ин даста Абӯмуслими Хуросонӣ (109-137) аз мардуми Мохони Марв буд (1, 130).

Дар давраи Аббосиҳо бошад ин ҳаракати зулмситез давом дошту арабҳо онҳоро «айёр» меномиданд. Гоҳо онҳоро хориҷӣ низ меномиданд. Маъруфтарин қиёмҳо ошӯби Ҳамза писари Озарак дар Систон аст, ки дар соли 795 сар барафрошт ва пас аз 34 сол пойдорӣ дар соли 829 кушта шуд (4, 156-164). 41 сол пас аз он Сaффориён бархостанд ва зарбаи дигарро бар пайкари ҳукумати тозиҳо заданд.

Ватани аввалии тарвиҷу шаклгирии тасаввуф Басра дониста мешавад ва зери таъсири Басра мактаби тасаввуфи Хуросон шакл мегирад (5, 390).

Пас аз поёни ҳукумати иқтисодии арабҳо ва густариши ислом миёни мардуми тоҷик ҳам ситаму тааддӣ аз байн нарафт ва тасаввуф ҳамоно чун наҳзати иҷтимоӣ ва оппозитсионӣ матраҳ буд. Ногуфта намонад, ки аҳли тариқат дар тарвиҷи ислом миёни мардуми турк ҳам хадамоти арзандае кардаанд (6, 177).

Шайхҳову пирони тариқати зиёде дар асрҳои X-XI ба сар бурдаанд. Тасаввуф дар қарни X ба авҷи камол расид, зеро дар қарнҳои VIII-IX мусалмонон бо мутакаллимони юнонӣ иртибот карда, вуруди ақоиди мухталифи файласуфони юнонӣ, зардуштӣ, буддоӣ ва масеҳӣ муҳтавои тасаввуфи исломиро ғанитар сохт. Тасаввуф бар хилофи дин (ислом) зарфияти пазириши андешаҳои гуногунро дошта, имкон медод, ки дар батни он ақоиди мухталиф бо ҳам омезиш ёбанд ва ҳамин тавр гузинаи дигаре барои дарки олами ҳастӣ буда, тариқи такомули маънавии инсонро пешниҳод месозад. Аз маъруфтарин чеҳраҳои тасаввуфи қарни X-ум метавон Абӯмаҳаммад Абдуллоҳ ибни Муҳаммад Муртаиши Нишопурӣ (ваф. 939), Абӯбакр Дулаф ибни Ҷаҳдари Шиблии Бағдодӣ (аз мардуми Ушрусана, ваф. 945), Абубакр Тамистонии Форсии Нишопурӣ (ваф. баъд аз 951), Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Исмоил Ҳакими Самарқандӣ (ваф. 953), Абулаббос Қосим ибни Қосими Сайёрии Марвазӣ (ваф. 953), Абӯамр Муҳаммад Иброҳими Зуҷоҷии Нишопурӣ (ваф. 958), Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад ибни Саҳл Суфии Пӯшангӣ (ваф.348), Абуабдуллоҳ Муҳаммад Ибни Ҳусайни Таруғбадии Тӯсӣ (ваф. 961), Абулҳасан Бандор ибни Ҳусайн ибни Муҳаммад Муҳаллаби Шерозӣ (ваф. 964), Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абдурраҳмон Розии Шеъронии Нишопурӣ (ваф. 964), Абулҳасан Алӣ ибни Бандор ибни Ҳусайни Суфии Сайрафии Нишопурӣ (ваф. 969), Абӯамр Исмоил Ибни Маҷид ибни Аҳмад Сулламии Нишопурӣ (ваф. 975), Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммади Хуросонӣ (ваф. 976), Абӯлқосим Иброҳим ибни Муҳаммади Насрободӣ ё «шайхи Хуросон» (ваф. 980), Абӯзари Бузҷонӣ (ваф. 997) ва ғ.

Он тавре ки ишора намудем, бархе аз фуқаҳо ва аҳли ҳадис, тасаввуфро навъе фиреб ва инҳироф медонистанд. Бар асоси чунин тасаввур буд, ки сӯфии маъруф Ҳаким Тирмизӣ (ваф. 898)-ро ногузир ба тарки диёри хеш сохтанд. Ӯ мақоми вилоятро аз нубувват бартар медонист, аз ин рӯ мутаассибони Тирмиз ӯро аз шаҳр берун карданд (7, 299). Абӯ Абдурраҳмони Сулламӣ (ваф.1021), ки ба дифоъ аз Тирмизӣ баромада, мухолифони ӯро ба бедаркӣ дар фаҳми каломи вай муттаҳам кард, худ ба сабаби тафсири ирфониаш ба «Қуръон» («Ҳақоиқ-ут-тафсир») мавриди ҳамла ва интиқоди шадид қарор гирифт. Маъруфтарин асари Сулламӣ «Табақоти сӯфия» (бо забони арабӣ) аст ва шухрати ин асар бештар мадюни маъруфияти китоби дигарест ба ҳамин ном, ки аз рӯи такрироти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф. 1088) таҳия шудааст. Тақрибан тамоми муҳаққиқони баъдӣ, ки роҷеъ ба тасаввуф чизе навиштаанд, аз ин ва дигар осори Сулламӣ истифода кардаанд. Ансорӣ ва Аттор аз ин китоб фаровон истифода кардаанд. Сулламӣ дар дараҷаи аввал як сӯфист ва дидгоҳи ӯ низ таърихӣ аст, аммо ӯ дар айни ҳол як мусалмони муъмин ва пайрави аҳли ҳадис ва суннат аст ва аз машоихи Бағдод ҳадис ривоят кардааст. Аз мутолиаи осори Сулламӣ мо перомуни мақомот, одобу русум, ахлоқ, масоили маънавӣ, ирфон, русуми иҷтимоӣ ва ҳақоиқи тариқат ошно мегардем (8, 10).

Дигар намояндаи сӯфия Муҳаммад ибни Фазли Балхӣ (ваф. 931) бо фақеҳони балхӣ баҳсу пархош карда, маҷбур шуд, ки шаҳри худро ба қасди Самарқанд тарк гӯяд (2, 595). Фирқаи карромия, ки дар нимаи дувуми асри X ва авоили асри XI хеле густариш дошт, бо намояндагони сӯфия мушкилоти фаровон доштааст (9, 337). Дар баробари ҳамраъйиву иртиботи наздики маънавӣ баъзе сӯфиҳо нисбат ба якдигар беэътиноӣ зоҳир мекарданд, ки инро дар муносибати Абдуллоҳ ибни Манозил (ваф. 942) ва Ҷунайди Бағдодӣ метавон мушоҳида намуд (10, 138). Зиддияти рӯҳонияти расмӣ бо намояндагони тасаввуф дар гузашта як ҳодисаи муқаррарӣ буда, ашъори шоирони сӯфӣ ҳам пур аст аз накӯҳиши муҳтасиб, зоҳид, мулло ва ғ.

Дар ин аср ва минбаъд сӯфитарошӣ ва иддаои тасаввуф чунон зиёд шуд, ки баъзеҳо аз хирқаи сӯфия сӯистифода мекарданд ва барои худ дӯконе фароҳам мекарданд. Абӯбакри Калободӣ, ки дар солҳои поёни ҳукумати Сомониён дар Бухоро вафот ёфтааст, муридони бешуморе тарбия карда, осоре низ аз худ ба мерос мондааст. Калободӣ асари «ат-Таарруфи ли мазҳаби-т-тасаввуф», ки ҳокӣ аз диққат ва иҳотаи ӯ дар шариат ва тариқат аст дунбол кард ва кӯшид, то тавофуқи ақоиди сӯфияро бо орои аҳли суннат нишон диҳад. Вай дар тавҷеҳи сабаби таълифи ин

китоб мегӯяд: «Маъно ва ҳақиқат рахт барбаст ва исм ва расм бимонд. Таҳқиқ ва тасдиқ зинат шуд ва ноошно муддаӣ гашт ва онро ба худ баст. Аз ин рӯ, дилҳо аз он бирамид. Ин маро водошт, ки тариқати гузидагон ва ниёкони умматро шарҳ кунам. То он ки ишорот ва ибороти онон нафаҳмида, дарёбад ва ҳам ёваи дурӯғзанон аз эшон рафъ гардад» (2, 602). Дарвоқеъ муаллиф дар навиштани ин китоб муваффақ ба он гардид, ки мувофиқати орои сӯфия бо аҳли суннатро нишон дода, нуктаҳои борики шариат ва тариқатро мӯшикофона бозгӯ кунад. Ин асар чунон машҳур гардида буд, ки чандин шарҳи арабӣ ва форсӣ бар он нигошта шавад. Дар нимаи дувуми қарни нуҳум дар Нишопур беш аз ҳама маломатия ё малломия пайрав дошт. Маломатия дар таолими худ бо ҳама русуму мазоҳири тасаввуфи он даврон ба мухолифат бархостанд ва кӯшиданд ба шеваи сода ва беолоиши зуҳд, ки аз хасоиси давраи аввали исломӣ аст, руҷӯъ кунанд. Сулламӣ дар бораи маломатия рисолаи ҷудогона таълиф кардааст.

Бештарин рушди тасаввуф ба асри баъдӣ (яъне асри XI) рост меояд. Ин асре буд, ки ислом ба пуррагӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр пирӯз гардид. «Базри тасаввуф, ки ваҳйи исломӣ дар хоки Эрон кошта буд ва бо гузашти қарнҳо дарахти тановаре гардид, ки аз садаи ёздаҳуми милодӣ ба паҳн кардани шохаҳояш бар густураи адаби форсӣ пардохт» (5, 401). Муҳаммад ибни Абиаҳмад Абдоли Чиштӣ (ваф. 1020), Абулҳусайн Алӣ Ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаҳзами Ҳамадонӣ (ваф. 1023), Абӯмансур Муҳаммад Ансории Ҳиравӣ (ваф. 1038), Ҳаҷвирии Ғазнавӣ (ваф. 1071), Абӯҳомид Ғаззолӣ (ваф. 1111) аз чеҳраҳои дурахшони тасаввуфи ин аҳданд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии замони худ таъсири босазое гузоштаанд. Шайх Юсуфи Ҳамадонӣ ҳам аз акобири сӯфия маҳсуб гардида, устоди Хоҷа Аҳмади Ясавӣ, ки чун «пири Туркистон» машҳур аст, маҳсуб мешуд.

Аз миёни сӯфиёни ин аср ду тан хеле маъруфанд, ки яке Абулҳасани Харақонӣ (ваф. 1033) ва дигар Абӯсаид Абулхайр мебошанд. Перомуни Абулҳасани Харақонӣ ва каромоти ӯ ҳикоёти зиёде нақл карда шудааст, ки гувоҳи оростагии ӯ ба тазкияи волои нафс ва бениёзии ӯ ба моли дунёст. Муҳимтар аз ҳама иродати хоси Маҳмуди Ғазнавӣ ба ӯст, ки дар тазкираҳо дар ин хусус маълумот додаанд. «Маҳмуд бадрае зар пеши шайх ниҳод, шайх қурси ҷавин пеш ниҳоду гуфт: бихӯр. Маҳмуд ҳамехоид ва дар гулӯяш мегирифт. Шайх гуфт: «Магар ҳалқат мегирад»? Гуфт: «Оре». Гуфт: «Мехоҳӣ, ки ин бадраи зар гулӯи мо бигирад? Баргир, ки мо инро се талоқ додаем» (11, 353). Абулҳасани Харақонӣ дар озодандешӣ ва мардумгароии ҷаҳонӣ ва вусъати назари инсонӣ ва тафаккури волои ирфонӣ мумтоз ва камназир аст. Бар сари дари хонақоҳи худ навишта буд, ки «Ҳар кас ки дар ин саро дарояд, нонаш диҳеду аз имонаш напурсед, чӣ он кас, ки ба даргоҳи бори таоло ба ҷон арзад, албатта бар хони Абулҳасан ба нон арзад». Дар гуфтори дигаре ҳам вусъати андеша ва инсонгароии ин сӯфии вораста ба хубӣ мушоҳида мегардад: «Агар ба Туркистон то ба дари Шом касеро хоре дар ангушт шавад, он аз они ман аст. Ҳамчунин аз Турк то Шом касеро қадам дар санг ояд, зиёни он šmарост ва агар андӯҳе дар дилест, он дил аз они ман аст».

Бо ҳамаи талошҳо ва кӯшишҳои хиракунандае, ки башар дар роҳи касби улуму фунун карда, пешрафтҳое низ ба даст овардааст. Мутаассифона, дар роҳи маънавият ва инсонияти воқеӣ бо таъсис ва ташкили созмонҳои мухталифи хайрияи ҷаҳонӣ баъд аз гузашти як ҳазор сол ҳатто тавфиқи равиши олии инсонии хонақоҳи ин орифи бузургвор ва кайҳонгарои эрониро надоштааст ва ҷилваву ҷалоли ин хонақоҳи ҳошияи кавир ба шуҳрату шиори ҳамаи он муассисоти пурзарқу барқу пуровозаи ҷаҳонӣ паҳлу мезанад (12, 361). Дар бораи дидору мулоқоти Абулҳасани Харақонӣ бо Абӯалӣ Сино ва Носири Хусрав ҳам тазкираҳо хабар додаанд.

Абӯсаид Абулхайр (968-1049) низ зодаву парвардаи Майҳанаи Хуросон буда, дар муҳити фарҳангии аҳди Сомонӣ парвариш ёфтааст. Пас аз суқути Сомониён бештари коргузорон ва дастгоҳу даргоҳи онон ба Ғазна нақли макон намуданд. Падари Абӯсаид ҳам аз коргузорони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ гардид. Нақл аст, ки падараш дӯстдори Султон Маҳмуд буд, чунон ки сарое сохта буд ва ҷумла девори онро сурати Маҳмуд ва лашкариёну филони ӯ нигошта. Шайх тифл буд, гуфт: «Ё бобо, аз барои ман хона бозгир». Абӯсаид ҳама он хонаро Аллоҳ бинавишт, падараш гуфт, ки ин чаро навиштӣ? Гуфт: «Ту номи султони хеш менависӣ ва ман номи султони хеш». Падарашро вақт хуш шуд ва аз он чи карда буд, пушаймон шуду он нақшҳоро маҳв кард ва дил бар кори шайх ниҳод (11, 270). Силсилаи машоих ва пирони сӯфия бо ҳам иртиботи наздик дошта, яке аз шартҳои расидан ба дараҷаҳои волои рӯҳонӣ ,хидмат кардану омӯхтан аз мазҳари якдигар ба ҳисоб мерафт. Аз

чумла, Абӯсаид Абулхайр бо навбат дар назди чанд нафар аз саршиносони маслаки тариқат омӯзишу таҳзиби нафсонӣ дидааст. Инҳо Имом Абӯ Абдуллоҳ Ҳазарӣ, Имом Абӯбакр Қаффоли Марвазӣ, Имом Абӯ Алии Зоҳир ибни Аҳмад, Луқмони Сарахсӣ,Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳасани Сарахсӣ ва Сулламии Нишопурӣ мебошанд. Бояд дар назар дошт,ки асри XI давраи шиддат ёфтани зиддиятҳои мазҳабӣ ба ҳисоб меравад. Муаррихони ин давра аз низоъҳои хастакунандаи ҳанафиёну шофеиён ва шиаву карромия хабар додаанд.

Сӯфиёни асри XI ба рағми тамоми ихтилофот ва мучодилоти динӣ ки ҳукмфармо буд, мавриди таваччуҳ ва эҳтирому ситоиши мардум қарор доштанд ва шояд яке аз иллали он ин буда, ки орифон бар хилофи уламо ва донишмандони зоҳирӣ, ки саргарми мунозиоти динӣ ва дунёӣ ва бархе аз худбиниҳо ва кӯтаҳназариҳо буданд, ворастагӣ ва ҳақиқатбинӣ ва ҳақчӯйии худро ҳифз карда буданд ва аз тақарруб ба шоҳону амирон дурӣ мечустанд ва бо зуҳду порсоӣ ва қаноати беолоиши хеш идома медоданд ва бо ҳама фирқаву мазоҳиб ба сулҳу сафо ва сулуки зоҳидона рафтор менамуданд ва ба ҳама яксон муҳаббат мекарданд. Ҳатто шоҳон ба онҳо бо дидаи эҳтиром менигаристанд (8, 138).

Ситаму чафои коргузорони давлати Ғазнавӣ нисбат ба мардуми Хуросон боис шуд, ки онҳо ба пешгоҳи Абӯсаид Абулхайр шикоят баранд. Абӯсаид ба рақиби сарсахти Ғазнавиён намояндагони силсилаи туркмании Салчуқӣ фотеҳа дода, барои тасхири Хуросон дастур медиҳад. То кунун мардуми туркман Абӯсаид Абулхайрро ҳамчун пири маънавии худ эҳтиром карда, ба давлат расидани худро натичаи фотиҳаи ин пешвои тариқат медонанд ( 13, 27). Салчуқиён аз авзои нобасомони мазҳабии Хуросон ва эътирози сарони фирқаҳои мазҳабӣ, ки ҳосили сиёсатҳои кӯтоҳбинонаи Ғазнавиён буд, хуб огоҳ буданд. Аз ин рӯ андаке қабл аз фатҳи Хуросон бо чеҳраҳои мазҳабии ин рӯзгор вориди гуфтушунид гашта, заминаҳои пирӯзии худ дар набарди сарнавиштсози Дандонақонро пешопеш омода намуданд. Таваччуҳи хоси ҳокимони салчуқӣ ба арбоби тасаввуф пас аз касби қудрат ҳам идома пайдо мекунад. Туғрал дар чараёни як сафари хеш ба Ҳамадон бо се тан аз машоихи маъруфи шаҳр Бобо Тоҳир, Бобо Чаъфар ва Шайх Ҳамшод дидор карда, ба дастбӯсии онон шарафёб мегардад (14, 98-99). Назарбаландии сӯфиҳо дар баробари дастгоҳи ҳоким ба уламои динӣ ҳам таъсир мерасонд. Ҳарчанд теъдоде аз уламо бо дарбори салтанатӣ ва иқоматгоҳи маъмурони салчуқӣ рафту омад дошта, гоҳе ҳам дар мунозироти дарбории онҳо ширкат чӯянд, баъзе уламо аз тамос бо ҳукуматдорон парҳез мекарданд. Ас-Сандалӣ– яке аз уламои муътабаре ки Туғралбекро то Бағдод ҳамроҳӣ кард ва сипас ба Нишопур баргашт, дар муқобили суоли Маликшоҳи Салчуқӣ, ки пурсида буд чаро ба дидани вай наёмада, гуфт: «Дилам мехоҳад шумо бо дидоратон аз уламо аз шоҳону салотини бошукӯҳе шавед, вале дилам намехоҳад, бо дидорам аз шоҳону салотин дар зумраи бадтарини уламо бошам» (15, 339). Султон Санчари Салчуқӣ бошад аз ин ки шайхи машҳур Юсуфи Ҳамадонӣ пас аз бозгашт аз Бағдод, дар Самарқанд маскан гузид, маблағи 50 ҳазор динорро барои таъмини харочоти хонақоҳи ӯ мефиристад. Давлатшоҳи Самарқандӣ менависад, ки хонақҳои Юсуфи Ҳамадониро Каъбаи Хуросон мегуфтанд (16, 107). Бештари муҳаққиқон бар ин боваранд, ки Юсуфи Ҳамадонӣ (1048-1140) олиме барчаста ва инсоне комил буда, маҳз амалкарду бархӯрдаш бо мардум ӯро шахсияте мумтоз сохта буд. Абдурраҳмони Чомӣ менависад, ки ӯ бо ҳамаи табақоти мардум (аз турку точик) рафту омад дошт ва ҳатто ба хонаи яҳудиён, масеҳиён ва зардуштиён мерафт ва бо эшон аз фазилатҳои ҳазрати Расули Акрам (с) сухан мегуфт ва аҳкоми шариатро бар онон арза медошт (17,). Яке аз шогирдону пайравони Юсуфи Ҳамадонӣ, ки миёни турикзабонон маҳбубияти зиёд пайдо намуд, Хоча Аҳмади Ясавӣ (ваф.1166) ба шумор меравад, ки шайх ҳанӯз дар замони ҳаёт ӯро чонишини худ таъйин карда буд.

Яке аз авомили таваччуҳи туркон нисбат ба сӯфия мушоҳидаи ҳолатҳои ғайримаъмулӣ аз намояндагони тасаввуф буд. Сайёҳи маъруфи мачорӣ Вамбери ҳам қайд мекунад, ки ҳеч гоҳ кӯчманчиеро надидааст, ки бо дидани дарвеши бараҳанапой мутаҳаввил нагардад. Минбаъд тасаввуф бештар чанбаи мардумӣ гирифта, ба такягоҳи синфҳои поёниву маҳрум мубаддал мегардад ва дар баъзе аз замону макони мушаххас сӯфиёни чудогона, ҳатто баландтарин мақоми сиёсиро ҳам таҳти таъсир қарор медоданд.

**АДАБИЁТ**


1. Саид Нафисӣ. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон. -Теҳрон, 1371.
2. Муҳаммадризо Ночӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. –Теҳрон, 1386.

3. Андре Т. Исламские мистики. -Санкт-Петербург, Евразия, 2003.
4. Таърихи Сиистон. Ба тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор. -Теҳрон, 1366.
5. Таърихи Эрон: аз фурӯпошии давлати Сосониён то омадани Салчуқиён. Пажӯҳиши Донишгоҳи Кембрич. Гирдоваранда Р.Фрай. Тарчумаи Ҳасани Анӯша. –Теҳрон, 1381.
6. Алмагамбетова А.М. Экономические и духовные предпосылки распространение суфизма в Центральной Азии в раннем средневековье // Суфизм в Иране и Центральной Азии (сборник статей). Составитель Сафар Абдулло. –Алма-ата, 2007.
7. Алиасғари Ҳалабӣ. Мабонии ирфон ва аҳволи орифон. Теҳрон, 1377.
8. Мачмӯаи осори Абӯ Абдурраҳмони Сулламӣ (бахшҳое аз Ҳақоиқ-ут-тафсир» ва расоили дигар). Ч.1 ва 2. Гирдоварии Насруллоҳ Пурчаводӣ. -Теҳрон, 1369. 502 с.
9. Зарринкӯб А. Чустучӯ дар тасаввуфи Эрон.- Теҳрон, 1357.
10. Абӯабдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ. Таърихи Нишопур. Тарчумаи Муҳаммад ибни Ҳусайн Халифаи Нишопурӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Шафеии Кадканӣ. -Теҳрон, 1375.
11. Шайх Фаридаддин Аттори Нишопурӣ. Тазкират-ул-авлиё. Ба тасҳеҳи Мирзо Муҳаммадхони Қазвинӣ. Теҳрон, 1336.
12. Абдурафеи Ҳақиқат. Таърихи ирфон ва орифони иронӣ. Аз Боязиди Бастомӣ то Нуралишоҳи Гунободӣ. Теҳрон, 1372.
13. Материалы международной конференции посвященной памяти великого мыслителя востока Абу Сахыта Абул Хайра. Ашгабат, 1999.
14. Ровандӣ. Роҳат-ус-сурур ва оят-ус-урур. Тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол. –Теҳрон, 1364.
15. Лэмбтон Э.К.С. Тадовум ва таҳаввул дар таърихи миёнаи Эрон. Тарчумаи Яъқуби Ожанд. –Теҳрон: Нашри най, 1372.
16. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Тасҳеҳи Муҳаммад Аббос. –Теҳрон, 1337.

**РОЛЬ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ СУФИЗМА В СОЦИАЛЬНЫХ ВОПРОСАХ X-XI ВВ.**

Проблема изучения суфизма и связанная с ней тематика привлекают все больше внимания исследователей. В данной статье показано, что несмотря на аскетический образ жизни представители суфизма играли большую роль в социально-политической жизни своей эпохи и имели непосредственное влияние на политику.

**Ключевые слова:** суфизм, ислам, религия, Саманиды, Газневиды, Сельджукиды.

**THE ROLE OF THE FOLLOWERS OF SUFISM IN SOCIAL ISSUES OF X-XI CENTURIES**

The problem of studying Sufism and related to it subjects attracts more and more attention of researchers. In this article it had been shown that in spite of the ascetic type of life the followers of Sufism had played a huge role in social and political life of their century and had direct influence on politics.

**Key words:** Sufism, islam, religion, Samanids, Ghaznewids, Seldjukids.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***С.Муллоджонов*** - докторант Таджикского национального университета

# ЗАМИНАҲОИ ДИНӢ-ФАРҲАНГӢ ВА ИЧТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ПАҲНШАВИИ ИСЛОМ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Т.М. Ғуломов***
**Донишгоҳи миллии Точикистон**

Заминаҳои паҳншавии ислом дар миёни бумиёни Осиёи Марказӣ яке аз масъалаҳое ба шумор меравад, ки муҳаққиқин ба таҳқиқи ҳаматарафаи он аҳамияти чандон чиддие надодаанд. Аз тарафи дигар дар нимчазираи Арабистон зуҳур намудани ислом ва гаравиши бештар ёфтани он аз чониби мардумони ғайриараб низ боиси тавачҷуҳи олимон гардидааст. Паҳншавӣ ва густариши бештар ёфтани ин дини нав дар Осиёи Марказӣ бад-он хотир будааст, ки чаҳонбинии исломӣ ба чаҳонбинии динӣ-фарҳангии мардумони ин минтақа созгор ва ҳаммонанд будааст. Бинобар ин, барои муайян намудани чигунагии паҳншавии ислом дар Осиёи Марказӣ ба шарҳи мухтасари заминаҳои динӣ-фар[ангӣ ва ичтимоӣ-иқтисодии паҳншавии ислом дар Осиёи Марказӣ мепардозем.

Аз ибтидои таърих санавият ба маънии эътиқод ба ду мабдаъ хайру шарр аз дуртарин замонҳо дар фикри мардумони ориёӣ чой дошта, то замони Зардушт, ки то андозае андешаҳои динии онҳоро ба тавҳид наздик мекард низоми умумии боварҳои мардум ба парастиши қувваҳои гуногун, маросимҳо ва амалияҳои мухталифи динӣ сурат мегирифт.

Ба гуфтаи Ҳеродот: «Эрониён барафроштани парастишгоҳҳо ва нигораҳо ва меҳроб ва одорёнро (оташи муқаддасро) нораво медонанд ва касонеро, ки чунин мекунанд, аблаҳ мешуморанд, зеро эрониҳо монанди юнониҳо худоёнро ба гуна ва сиришти инсон намеангоранд. Расми онҳо чунон аст, ки бар фарози баландтарин

қуллаҳо боло рафтааст. Онҳо инчунин Хуршед, Моҳ, Замин, об ва бодҳоро муқаддас мешуморанд ва ойини муғонро устувор доранд» [1].

Аз ин гуфтаҳо ба хубӣ пай бурдан мумкин аст, ки эътиқоди пеш аз милодии гузаштагони мо он гунае будааст, ки онҳо ба ҳеҷ гуна нигора, бут, санам, оташ ва ё шахсиятеро парастиш намекарданд. Балки онҳо маъбуди нодиданиро дар баландтарин фарози осмонҳо ҷӯё мешуданд.

Пеш аз зуҳури ислом дар қисмати ғарбии ҳудуди императории Сосониён сумариҳо, аккадиҳо, калдониҳо, осуриҳо, финиқиҳо ва мисриҳо бо истисноии бани Исроил қувваҳоеро дар шакли муҷассама парастиш мекарданд [2]. Дар қисмати шарқии ин императорӣ дар  ҳудуди Осиёи Марказӣ Зарвон, Аҳурамаздо ва худоёни маҳаллии Нана, Митра, Рашну, Раман, Йима ва Шива парастиш карда мешуданд. [3].

Маҳз барои муттаҳид намудани мардумони гуногунақидаву гуногунмазҳаб дар ин ҳудудҳои ниҳоят фаррох шоҳони хонадони Сосонӣ мазҳаби ниёгони худ-зардуштияро ҳамчун дини расмии давлатии худ қарор доданд, ки тавҳид ва ягонапарастии зардуштияи ибтидоӣ ба саркӯб намудани ақидаҳои гуногуни беасоси тавҳидии ориёиҳо оварда расонд.

Ба осонӣ танг намудани парастишҳои дигари бумиёни Осиёи Марказӣ аз ҷониби зардуштия ба он хотир буд, ки Зрадушт вазъияти фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоиро ба инобат гирифта, вобаста ба қурбониҳои зиёде, ки дар динҳои пешин ба ҷо оварда мешуд, ислоҳоте ворид намуд, ки дар давраи бурузи худ яке аз динҳои пешрав ва дорои ақидаҳои ваҳдонӣ шинохта шуд. Дар ин маврид Зардушт чунин мефармояд: «Гови деҳқони шаҳрнишин ба ҷойи қурбонӣ барои худованде, ки ҷисм надорад ва муҳтоҷ ба ғизо нест, беҳтар аст ба корҳои муфиди мазореъ гумошта шавад» [4].

Ба гуфтаи эроншиноси фаронсавӣ Фалсин Шола: «Зардушти пайғомбар, ойини пешини эрониёнро ислоҳ кард ва мардумро дар тариқати яктопарастӣ раҳбарӣ намуд ва ахлоқи бузурги тарбиятӣ арза намуд. Қабл аз ҳама дини Зардушт парастиши худои ягона-Аҳурамаздо, офарандае, ки нуронӣ, боазамат, бисёр бузург ва хубу зебо буд, таблиғ мекард. Аҳурамаздо худованди нур, холис ва ҳақиқат буда, тамоми мавоҳиб арзандаи ӯст» [5].

Аз ин мафоҳим ба хубӣ пай бурдан мумкин аст, ки мардумони бумии Осиёи Марказӣ ба ақидаҳои мазҳабиву фарҳангии хусусияти ваҳдонидошта, пеш аз зуҳур ва паҳншавии ислом ошно буданд, ки дар раванди паҳншавии ислом ин дини навро барои худ ҳамчун дини дорои хусусиёти тамоман бегона не, балки ҳамчун дине пазироӣ намуданд, ки аллакай ба баъзе аз хусусиятҳои фарҳангӣ ва динии он ба монанди идеяи тавҳид, идеяи маод, идеяи қувваи бадии Аҳриман, ки дар ислом ба сифати шайтон ворид гардидааст, ҷаннату дӯзах, пули Чанвот (сирот), ибодати панҷвақта ва ғайраҳо, ки дар ислом шакли мукаммал гирифтанд, ошно буданд.

Вале баъдан зардуштия дар охири давлатдории Сосониён аз сабаби беэътиноии рӯҳониён ба пастию инҳитот наздик шуд. Инчунин ҳангоми фурӯпошии Сосониён ақидаҳои олии зардуштия ба афкори зишту паст нузул карда, ҳазорон хурофот ба он зам шуд ва дар парастишу эътиқод ҷойи Аҳурамаздои ягонаро муҷассамаҳои дорои шаклу шамоил ва ришу асову ридо ишғол намуд. [6].

Масъалаи санавияти зардуштӣ дар ибтидо дида намешуд, чунки Аҳриман офаридаи худи Аҳурамаздо будааст, вале дар давраи Сосониён Аҳриман дар баробари Ахрумаздо дар эътиқоди мардумон ҷой гирифта парастиш карда мешуд.

Аз тарафи дигар афзудани нуфузи мӯбадон ва рӯҳониёни зардуштии аз ҳисоби бахшидани валодатҳо, издивоҷҳо, қурбониҳо, амлоки арзӣ аз тариқи ҷаримаҳои диниву ушрияҳо (даҳякҳо), садақоту ҳадяҳо ниҳоят баланд шуда буд, ки дар муносибат миёни инсон ва эътиқод нақши манфӣ мебозид. Ба андешаи Муртазо Мутаҳҳарӣ: «…мӯбадон тақрибан давлате дар миёни давлат эҷод карда буданд» [7]. Бинобар ин, норизоии мардум дар дараҷаи аввал мутаваҷҷеҳи дин ва рӯҳониёни динӣ гашта, наҳзатҳои мардуми он замон гироиш ба сӯи дини навинро доштанд [8].

Тамоми маҷбуриятҳои ба деши мардумон овардаи мӯбадон боиси ба вуҷудоии наҳзатҳо ва чараёну таълимотҳои нав мегардиданд, ки яке  аз чунин таълимотҳо таълимоти Монӣ махсуб мегардид. Мувофиқи маълумоти Монӣ: – Дар ҳар замоне анбиёе ҳукумат ва ҳақиқатро аз ҷониби Худо ба мардум арза кардаанд, гоҳе дар Ҳиндустон ба василаи пайғомбаре Буддо ва гоҳе дар Эрон ба василаи Зардушт ва замоне дар Мағрибзамин ба василаи Исо, оқибат, ки Монӣ пайғомбари Худои ҳақ ҳастам, маъмури нашри ҳақоиқ дар сарзамини Бобул гаштам» [9].

Таълимоти мазҳабии Монӣ аз динҳои буддоӣ, зардуштӣ ва насронӣ сарчашма гирифта, ҳатто аз ҷониби Худои ҳақ рисолат ёфтани худро эълом медорад. Асоси таълимоти Мониро муборизаи ду қувваи бо ҳам зид – нуру зулмот, ин ду қувва шаклҳои дигари рафторҳои инсонӣ ба монанди некиву бадӣ ташкил намояд ҳам, аз худи ӯ вуҷуд доштани қувваи дигари бузургеро қоил аст.

Идеологияи динии Мониро чун динҳои пешин парастиши ду қувваи бо ҳам зид нуру зулмот ташкил дода бошад ҳам, дар асл ба ирфон ва покии зоҳириву ботинии инсон аҳамияти махсус зоҳир намуда, ҳатто муҷаррад мондани инсонро муқаддас мешуморад. Монавия аз ду асл, яъне хайру шарр ва се давр, яъне ҳаёти гузашта, ҳозира ва оянда иборат буда, маълум мешавад, ки пайравони он дар мавриди олами рӯҳ, ҳаёти воқеӣ ва ҳаёти баъд аз маргӣ маълумоти муфассал доранд. Дар замони Сосониён мазҳаби дигаре бо номи зарвония мавҷуд буд, ки пайравони он Аҳурамаздо ва Аҳриманро офаридаи Зарвон медонистанд [10]. Онҳо муътақид буданд, ки Зарвон худои ягонаи аслии қадим ба хотири ёфтани фарзанд қурбониҳо мекард. Баъд аз ҳазор сол оқибат соҳиби ду фарзанд гардид, ки Аҳурамаздо ҳосили қурбониҳо ва Аҳриман ҳосили шакку тардиди Зарвон гардида буд [11]. Зарвон дар Суғд аз ҷумлаи худоёни олимартабаи мардум шинохта мешуд, ки он ба худои ҳиндуҳо Браҳма айният дошта, ба сифати аъзам ва ё шоҳи худоён дучор мешавад [12].

Маълум мешавад, ки пеш аз зуҳури ислом гузаштагони мо ба дину мазҳабҳо ва маросиму анъанаҳои фарҳангие чун зарвония, зардуштия, монавия ва насрония ошно буданд, ки дар раванди паҳншавии ислом ҳамчун динҳои хусусиёти ваҳдонӣ дошта заминаи муҳимтарин маҳсуб мегардиданд.

Яке аз заминаҳои гироиши мардумони Осиёи Марказӣ ба ислом дар ҳамбастагӣ ва эътироф намудани ислом аз ҷониби намояндагони динҳои дигари илоҳӣ ба шумор меравад. Яъне мардумоне, ки дар ин ҳудудҳо умр ба сар бурда муддатҳои зиёд ба динҳои мусавӣ ва исавӣ гаравида буданд ва аз хабари кутуби муқаддаси худ «Таврот» ва «Инҷил» дар бораи зуҳури ислом бархурдор буданд, ҳангоми зуҳури ислом ба зудӣ аз пайравони он мешуданд. Аз таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки масеҳиён ҳангоми футуҳоти исломӣ на танҳо ба ислом мегаравиданд, балки дар фатҳи дигар шаҳрҳо ба онҳо кумак мекарданд.

Мувофиқи гуфтаҳои диншиноси рус И.К. Крывелев –«…гироиши ислом дар миёни аҳолии фатҳшудае, ки то ин замон пайрави динҳои яҳудӣ ва насронӣ буданд, бе зиддияти қавие сурат мегирифт. Дар ин раванд нақши асосиро эътирофи таърихии динҳои яҳудӣ ва насронӣ аз ҷониби дини ҷадиди ислом бозид [13].

Парокандагии сиёсиву иҷтимоӣ, бархурдҳои мазҳабӣ ва истисмори аз ҳад зиёди рӯҳониёни зардуштӣ ҳангоми зуҳури ислом, империяи Сосониёнро ниҳоят заиф намуда буданд ва мардумони бумӣ дар интизори наҷотдиҳанда ва ё доие буданд, ки онҳоро аз ин мушкилЪ бираҳонад. Ногуфта намонад, ки заминаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ низ дар раванди паҳншавии ислом яке аз муҳимтарин омилҳо ба шумор мерафт. Пеш аз ҳама низоми шадиди табақаҳои иҷтимоие, ки пеш аз зуҳури ислом мавҷуд буд, ҳуқуқҳои баъзе табақаҳоро дар сатҳи олӣ ва ҳуқуқи табақаҳои поёниро дар сатҳи ниҳоят паст арзёбӣ мекард, мардум хостори раҳоӣ аз ин низомро меҷустанд.

Табақаи ашроф, ходимони дин, дабирон ва сипоҳиён асосан аз ҳисоби деҳқонону ҳунармандон ризқу рӯзии худро пайдо карда, ҳаргиз тавонгару доно шудани онҳоро намехостанд. Ин тафриқаи фарҳангии иҷтимоӣ оқибат мардуми фақиру нодорро бар зидди онҳо барангехт ва инқилоби шадиди динию иҷтимоии маздакиёнро падид овард [14].

Бо бавуҷудоии хушксолии ҳафтсола, қаҳтӣ ва андозҳои гарон, ки бори сангинро ба дӯши табақаҳои мазлум оварда буд, табақаҳои поёнии ҷамъияти эронӣ дар симои Маздак ягона наҷотдиҳандаи худро дарёфт намуда, ба мазҳаби ӯ мегаравиданд. Дар лаҳзаҳои кӯтоҳтарин маздакия аз ҳисоби мардумони мазлум тарафдорони зиёде пайдо намуда, аз ҳукумати марказӣ «баробарии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ» [15] -ро талаб намуданд.

Бояд гуфт, ки **тартиби табақабандии** иҷтимоии давлати Сосониён бисёр печида маҳсуб мешаванд. Дар ин замон тамоми аҳолӣ ба табақае мансуб буд, ба таври куллӣ боло рафтан ва аз табақае ба табақаи дигар шомил шудан мумкин набуд.

Мувофиқи таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ «Авасто», «Гоҳнома», «Китоб-ут-танбеҳ»-и Масъудӣ ва таҳқиқотҳои олимони муосир ҷомеаи аҳди Сосонӣ аз табақаҳои иҷтимоии зерин иборат буд:

**1. Бузург-фармадор-фармондеҳони бузург.**

**2. Рӯҳониён** (асурон), аз табақаҳои нисбатан хурди дигар ба монанди; а) додварон (додвар), б) уламои динӣ (пасттарин мартабаи уламои диннӣ синфи муғон буд), в) мӯбадон, ҳирбадон (рӯҳониёне буданд, ки шуғлу вазифаҳои гуногун доштанд), г) дастурон ва муаллимон (охирин намояндаи ин синфро андарзбад мегуфтанд) иборат буд.

**3. Ҷангиён** (артишдорон). Табақаи ҷангиён аз ду синф – савора ва пиёда иборат буда, вазифаҳои гуногуни муҳофизатиро ба уҳда доштанд ва раиси ин табақа «эрон-сипаҳбад» хонда мешуд [16].

**4.** Дабирон - «эрондабирбад», синфҳои дигареро ба монанди муншиён, муҳосибон, нависандагон, аҳкоми додгоҳҳо, таҳриркунандагон, иҷозатномадиҳандагон, қарордоддиҳандагон, муаррихон, пизишкон ва мунаҷҷимонро идора мекар [17].

1. **Шахрдорон**. **2. Бузургон. 3. Озодагон. 4. Деҳқонону кадхудоён. 5. Тӯдаи миллат.**

Маҳз дар даврони шоҳони охири хонадони Сосонӣ, ки буҳрони шадиди иҷтимоӣ саросари кишварро фарогир буд, аз хориҷи кишвар румиҳо ва туркҳо аз ҷониби дигар арабҳо хуҷумҳои аввалини худро ба империяи бузурги Сосонӣ равон намуданд. Ҳаштод дарсади мардуми шоҳаншоҳӣ, ки дигар ҳукмронии ин хонадонро намехостанд, ба ҳар ойини тозае, ки ин имтиёзҳои табақотиро аз миён бурда, баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодиро барои мардумони ноком ваъда мекард, ҳама бо шӯру ҳаяҷон бад-он мегаравиданд [18]. Бар хилофи дину ойинҳои қабл аз исломӣ, ки ҷанбаи нажодӣ ва табақотӣ доштанд, ислом ҳама пайравони худро, сарфи назар аз мансубияти қавмӣ, нажодӣ ва забонӣ як миллати бародар ва баробар эълон кард ва аз ҳуқуқи мискинон, занон ва ғуломон ҳимоят ба амал овард. Ба ҳамин тариқ ислом аз ҳамон лаҳзаҳои аввал ҷанбаи ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ дошт ва аз ин лиҳоз ба табъияти бумиёни Осиёи Марказӣ созгор буд, ки маҳз дар ҳамин асос заминаҳои паҳншавии он дар ҳудудҳо муҳайё мешуд.

Аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки баробари ба шоҳаншоҳӣ расидани Хусрав-Анӯшервони Одил (539-571) дар саросари империяислоҳот гузаронида шуд. Ин ислоҳот дар паст кардан ва ба танзим даровардани андозҳо равона шуда буд. Мувофиқи ин ислоҳот андози сарона бо назардошти вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз мардони 20-сола то 50-сола дар ҳаҷми 12, 8, 6, 4 дирҳам [19] ва аз дарахтони хурмо, зайтун ва ангур ба назардошти ҳосили онҳо андози сарона гумошта мешуд. Молиёти саронаи дарахтон аз 12 то 4 дирҳам муайян шуда буд [20]. Молиёти арзӣ аз ҳамаи намудҳои зироатҳо, яъне гандум, ҷав ва биринҷ аз ҳар ҷариб замин (даҳяки гектар) як дирҳам пули нуқра ва аз ҳар ҷарибИ боғот 7 дирҳам таъйин шуда буд [21]. Ба хазинаи давлатии Хусрави I на танҳо молиёти сарона, балки бахше аз молиёти арзӣ низ ба таври накдӣ дохил мешуд.

Маъмулан Хусрави Анӯшервон бо ислоҳоти гузаронидаи худ дар аввал барои мардумони маҳаллӣ ҳамчун шоҳи одил дастгирӣ ёфта, баъд аз чанд соле, ки мардум ба поёни кори ӯ сарфаҳм рафтанд, аз ислоҳоти ӯ даст кашиданд, ки хироҷу ҷизяи ӯ барои мардум бори сангине буд. Хироҷситонии ин замон ривоҷ ёфта дар охир хироҷ аз даҳяк то сеяки ҳосилро ташкил мекардагӣ шуд [22].

Ба вуҷуд омадани буҳрони дохилии иқтисодӣ ва сиёсӣ, кам шудани захираҳои иқтисодӣ, аз ҷиҳати ҳарбӣ камқувват будан ва тезутунд гардидани зиддиятҳои сиёсии Руму Эрон, нерӯ гирифтани туркҳо дар Осиёи Марказӣ омилҳои асосие мебошанд, ки ба арабҳо имконият доданд, ки ин кишварҳоро забт намоянд. Бештари исломшиносони рус, аз ҷумла П.А. Грязневич сабабҳои исломпазирии бумиёни Осиёи Марказиро дар солҳои 30-40-уми асри VII дар заминаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доштани он мебина [23].

Инчунин дар арафаи зуҳури ислом ҷамъоварии хироҷҳои мустақим ва ғайримустақим аҳволи иқтисодии мардумро ниҳоят вазнин карда буд, ки ба гуфтаи В. Буллет: «Падидаҳое монанди озору азияти пайравони як дин вазъи молиётҳои гуногун барои пайравони адёни мухталиф ва пардохти подошҳои молии мустақим ва ғайримустақим ба гаравандагон метавонад дар мизони гаравиш муассир бошад» [24]. Яке аз омилҳои асосии исломпазирии эрониён омилҳои иқтисодӣ ва раҳоӣ аз ҷизя маънидод мешавад.

Дар ин маврид Умар ибни Абдулазиз (717-720) ба волии худ дар Хуросон Ҷарроҳ менависад, ки; -«Бибин, ҳар ки сӯйи қибла намоз мегузорад, ҷизяро аз гардани ӯ соқит кун». …Пас аз расидани ин амр мардум ба пазируфтани ислом шитобиданд [25]. Пас аз чанде дар баробари амалӣ намудани ин омил иддае аз

сокинони қисматҳои Хуросон, бахусус сокинони Осиёи Марказӣ ба ислом мегаравиданд.

Ислом ба маънои баргардони ҳуқуқҳои иқтисодии кишоварзон, ки қисмати зиёди ҳосили ба дастовардаи худро ба заминдорону хироҷгундорони расмӣ ва ғайрирасмӣ тақдим мекарданд хизмат намуда, дар баробари эълом доштани «мумин бародари муъмин» дар рӯзҳои аввали гаравиши мардумон ба он ҳуқуқҳои иқтисодии онҳоро дар бобати доштани замин ва хироҷу андози ягона таъмин менамуд.

Бояд иброз намуд, ки дар марҳилаи аввали паҳншавии ислом дар миёни бумиёни Осиёи Марказӣ аз рӯйи ватандӯстии зиёд ба дифои кишвари худ барангехта, мушкилоти зиёдеро дар ин самт эҷод намуданд, ки боиси аз ҷониби аъроб иҷборан таҳмил намудани ислом бар онҳо гардид. Табиист, ки дар ин раванд лашкаркашиҳо ва муқовиматҳои зиёди аъроб алайҳи мардумони ғайримусалмон мушоҳида мешавад. Вале, дар раванди паҳншавии ислом дар Осиё Марказӣ заминаҳои динӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ иқтисодие дар боло зикр гардид омилҳои асосии исломпазирӣ маҳсуб мешаванд.

**АДАБИЁТ**


1. О. Набунист. Дини эронӣ. Тарҷумаи Баҳмани Саркоротӣ. – С.15.
2. Ҳасани Пирниё. Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон.– С.264.
3. Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказӣ. – С.261.
4. Абдуррафеи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён. – С.15.
5. Абдуррафеи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён. – С.15-16.
6. Таърихи Эрон. Аз Селевкиён то фурӯпошии давлати Сосониён. – Ҷ.III. – С. 268.
7. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобили Ислом ва Эрон. – С. 114.
8. Пигулевская Н.В, Якубовский О.Ю, Петрушевский И.П, Белинский О.М, Струева Л. В. Таърихи Эрон. Тарҷумаи Карими Кишоварз. – С. 85.
9. Артур Кристинсон. Эрон дар замони Сосониён. – С. 217.
10. Васильев Л.С. История Востока. – Том.1. – С.140.
11. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобили Ислом ва Эрон. – С. 152.
12. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. – С.383.
13. Крывелев И. А. История религий. Том II. – С.283
14. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм… – С. 121.
15. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм… – С. 121.
16. А. Ризоӣ. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. – Ҷ.II. – С. 89.
17. А. Ризоӣ. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. – Ҷ.II. – С. 89.
18. Назаров I. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон. – С. 131.
19. Всемирная история. – С. 99.
20. М. Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Ҷ.I. – С.680.
21. Пигулевская Н.В, Якубовский О.Ю, Петрушевский И.П, Белинский О.М, Струево Л. В. Таърихи Эрон. Тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон. «Паём», 1354. – С.105.
22. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм…2006. – С. 123.
23. Ислам религия, общество, государство. -М:. «Наука», 1984. – С. 10
24. Бульт В.Р. Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна. Тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Ваққор.–Теҳрон, «Таърихи Эрон», 1364. – С. 33-34
25. Ғ.Ғоибов. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. – С. 144-145


**РЕЛИГИОЗНО-КУЛЬТУРНЫЕ И СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАСПРОСТРАНЕНИЯ ИСЛАМА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ**


В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению история распространения ислама в Центральной Азии и ее религиозно-культурные и социально-экономические основы.



**Ключевые слова:** религия, ислам, Центральная Азия, распространение ислам, Хорасан, Сасаниды.


**RELIGIOUS-CULTURAL AND SOCIO-ECONOMIC BASIS, THE SPREAD OF ISLAM IN CENTRAL ASIA**


In this article, the author subjected to review and study the history of the spread of Islam in Central Asia and its religious, cultural and socio-economic framework.



**Key words:** religion, Islam, Central Asia, the spread of Islam, Khorasan, the Sassanids.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Т.М. Гуломов*** - соискатель Таджикского национального университета

# ТАЪРИХНИГОРИИ ФОРСӢ ДАР ИМПЕРИЯИ УСМОНӢ: «ШАРАФНОМА»-И БАДЛИСӢ

***Юсуфи Фахрӣ Ҳасан***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихнигорӣ ҳамчун нишонаи фарҳанг ва тамаддун аз аҳамияти хеле бузург бархурдор аст, зеро шинохт ва дарёфти чеҳраҳои гуногуни ҳар фарҳанг ва тамаддун бидуни баррасии таърих, донишу ҳунарҳое, ки дар он тамаддун зуҳур намуда, такомул ёфтаанд, имконнопазир мебошад. Ҳадаф ва таҳқиқ дар мавзӯи таърихнигорӣ ва зарур будани он танҳо фаҳмидани равиш ва андешаҳои таърихии муаррихон нест, балки мақсад аз он пайдо намудани роҳе ҷиҳати баррасии мунаққидонаи манобеи таърихӣ ва муаррихони ҳар давру замон мебошад, хусусан баъд аз ба миён омадани дигаргуниҳое, ки имрӯзҳо дар пажӯҳиш ва биниши таърихӣ рух дода истодааст. Яке аз навъҳои таърихнигорӣ ин таърихнигории маҳаллӣ мебошад, ки он аз ҳисси миллӣ ва ифтихори миллӣ маншаъ гирифта, тарзу усули зиндагии шаҳриро дар дили таърих тасвир мекунад. Таърихҳои маҳаллӣ дар мавриди чӣ гуна пайдо шудани шаҳрҳо, аҳли илму фазл (адаб) ва ҳунари онҳо, бино ва иморатҳо ва хусусиятҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ иттилооти фаровон ва ҳамаҷониба медиҳанд. Дар китобҳои таърихи маҳаллӣ гоҳо маълумоте мавҷуд аст, ки наметавон онро дар китобҳои таърихии дигар пайдо кард. Баён шудани ҳодисаҳо бо тамоми ҷузъиёташ дар чунин китобҳои таърихӣ барои таҳқиқ дар самти таърихи иҷтимоӣ фоидаҳои зиёд дорад. Ишора шудани баъзе аз санаҳои созмонҳои сиёсии давлат арзиши чунин китобҳоро баланд мебардорад. Ҳамин тавр ба туфайли боқӣ мондани чунин асарҳо маълумоти муҳим ва арзишманде дар бораи шаҳру минтақаҳои мухталиф ба мо расидааст, то мо аз тарзи зиндагӣ ва муҳиту шароити ҷуғрофӣ ва таърихии мардуми ин сарзаминҳо огоҳӣ пайдо намоем [1. -С. 4466.].

«Шарафнома» асари таърихие мебошад, ки муфассалан дар бораи амирон ва ҳокимони курд ва ба таври мухтасар дар бораи Сафавиҳо ва Усмониҳо то рӯзгори муаллиф маълумот дода, он аз ҷониби амир Шарафхон (Шарафуддин) -и Бадлисӣ бо забони форсӣ таълиф шудааст. Ӯ таълифи асари хешро соли 1597 дар замони подшоҳии Султон Муҳаммад [2. -С. 17 то -С. 264] ба поён расонидааст. Худи муаллиф ин санаро дар чанд ҷойи китоб ошкоро баён намудааст, вале муайян намудани санаи мушаххаси оғози таълифи асар ба таври дақиқ кори осон нест. Агар дар асоси гуфтаҳои худи муаллиф дар муқаддима қазоват намоем, метавон гуфт, ки муддати зиёде пеш аз ин ӯ орзуи таълифи ин китобро дар сар доштааст [3. -С. 278] Дар ҳар сурат ин маълумот тақрибан дар солҳои 1586-1594 вақте, ки Шарафхон баъд аз иштирок дар ҷангҳои Қафқоз ба Бадлис бар мегашт, ҷамъоварӣ шудааст ва соли 1597 таълифи китобро ба анҷом расонидааст [4. -С. 278].

Муаллифи ин китоб Амир Шарафхон ибни Шамсуддинхон амири Бадлис мебошад. Муаллиф дар соли 1542 дар навоҳии тобеи шаҳри Қум, ки дар ин солҳо падараш дар ин шаҳр зиндагӣ мекард таваллуд шудааст. Ӯ овони кӯдакияшро дар қасри шоҳ Таҳмосб [5] гузаронда, бо шоҳзодагон ва амирзодагон тарбия ёфт. Нахуст ӯ муқаддимоти илмҳои фиқҳ, тафсир, адабиёти форсӣ ва арабиро омӯхта, дар ҳунарҳои аспсаворӣ ва тирандозӣ низ маҳорат пайдо кард. Ӯ се сол надими махсуси Таҳмосб буд. Баъдтар бо фармони шоҳ Таҳмосб дар соли 1576 ӯ ҳокими Бадлис таъйин гардид ва пас аз вафоти шоҳ Таҳмосб аз ҷониби шоҳ Исмоили Сафавӣ [6. -С. 13 то 175.] амирулумарои минтақаҳои курднишин интихоб гардид, вале пас аз муддате аз кор барканор шуд. Ҳангоме ки султон Муроди Усмонӣ [7. -С. 1559 то 1600] аз ин амр хабар ёфт, ӯро дар соли 1578 ҳокими Бадлис таъйин намуд, ки то соли 1597 ҳукмронӣ кард. Ва дар ҳамон сол ҳукуматро ба фарзанди калониаш Абулмаолӣ Шамсуддин супурд, то худаш барои мутолиаи бештар, таълиф ва ибодат фароғати бештар пайдо кунад. Амир Шарафхон шахси адолатпеша, марди фозил ва донишманд буд. Дар замони ҳукумронии ӯ мардум дар осоиштагӣ ва фаровонӣ зиндагӣ мекарданд. Аз ӯ китобе бо номи «Шарафнома» боқӣ мондааст, ки он ҳамчун сарчашмаи асосии таърихи мардуми курд ва Курдистон ба шумор меравад. Соли 1602 ӯ аз дунё реҳлат кард [8. -С. 273-274.].

Китоби «Шарафнома» аз ду қисм иборат аст. Қисми аввали он дар бораи Курдистон буда, аз муқаддима ва чор боб иборат мебошад. Муқаддимаи он масъалаҳои куллии ҷуғрофия ва таърихи Курдистонро дар бар гирифта, муаллиф дар

он ба баёни насаби қабилаҳо ва ба шарҳи пайдоиши миллати курд ва вазъи онҳо дар замонҳои қадим пардохтааст.

**Боби якуми китоб.** «Дар баёни волиҳои Курдистон, ки парчами салтанат бардафрохтаанд ва муаррихон онҳоро шомили салотин кардаанд» номгузорӣ шуда, аз панҷ фасл иборат буда, ҳар як фасли он ба як минтақаи Курдистон бахшида шудааст, ки тартиби фаслҳои он ба таври зер аст:

**Фасли якум.** «Ҳокимони диёри Бакр, ҳокимони Ҷазира, ҳокимони Дайнур, ҳокимони Шаҳразур, салотини Миср ва Шом машҳур ба оли Айюб» номгузорӣ шудааст.

**Фасли дуюм.** «Дар зикри ҳокимони бузурги Курдистон, ки бо хоҳиши худ даъвои салтанат ва иродаи хуруҷ накардаанд, вале бо номи худ сикка сохтаанд» мебошад. Ин фасл дар навбати худ аз панҷ боб иборат аст, ки ҳар як фасли он бо номи минтақаҳои Курдистон номгузорӣ шудааст: «Умарои Ардилон», «Амирони Ҳакоро», «Амирони Ҷазира», «Амирони Азизон», «Амирони Куркил», «Амирони Фаник» ва» Амирони кайф».

**Фасли сеюм.** «Дар баёни тамоми амирон ва ҳокимони Курдистон» буда, дорои се фирқа ва ҳар фирқа шомили чанд фасл ва якчанд фасли он дорои зерфаслҳо мебошад. Фирқаи якум нуҳ фасл ва ҳар кадоми он бо номи яке аз ҳокимони минтақаҳои Курдистон номгузорӣ шудааст, монанди: «Ҳокимони Чашмакзан», «Ҳокимони Мардосӣ», «Ҳокимони Сосӣ» (ҳазв), «Ҳокимони Хизон», «Ҳокимони Калис», «Амирони Шервон», «Амирони Заркӣ», «Амирони Сувайдӣ», «Амирони Сулаймонӣ». Фирқаи дувум бошад, шомили дувоздаҳ фасл мебошад, ки онҳо низ бо номи ҳокимони яке аз қабилаҳои Курдистон номгузорӣ шудаанд: «Ҳокимони Саҳрон», «Ҳокимони Бобон», «Ҳокимони Макрӣ», «Ҳокимони Бародуст», «Амирони Маҳмудӣ», «Амирони Зарзо», «Амирони Истунӣ», «Амирони Тоснӣ», «Амирони Кулҳар», «Амирони Бона», «Амирони Тарзо» фирқаи сеюм «Дар баёни курди Эрон, ки ба Гурон машҳуранд» унвон шуда, аз чор зерфасл иборат аст: «Амирони сиёҳи Мансур», «Амирони Чангӣ», «Амирони Занга», «Амирони Позукӣ». [9. -С. 8 то 11.]

**Фасли чорум** низ «Дар баёни амирон ва ҳокимони Бадлис» унвон гирифта, аз чаҳор сатр ва як зайл иборат мебошад. Дар ин саҳифа дар мавриди чӣ гуна таъсис ёфтани шаҳри Бадлис ва сабаби номгузории он, инчунин дар бораи авлоди ружакӣ пардохтааст. Баъд аз он ӯ дар бораи ному насаби ҳокимони Бадлис ва муносибати онҳо бо салотин ва шоҳони муосири худ маълумот дода, дар хотимаи китоб доир ба ҳаёти худ аз таваллуд то соли 1597 маълумот додаст [10. -С. 11].

Қисми дуюми китоб хотима ном дорад, ки унвони пурраи он «Дар баёни аҳволи салотини ҳашматойини оли Усмон ва подшоҳони Эрону Тӯрони ҳамасри онҳо» бозгуйи муҳтавои он мебошад [11. -С. 399]. Хотимаи ин китоб барои таърихи курдҳо он қадар аҳамият надорад, чунки он ба таври умум дар бораи таърихи Осиё, хусусан таърихи Усмонӣ ва Эрон аст. Хотима дар асоси тартиби солҳо ва ҷадвалҳои таърихӣ аз зуҳури Усмониҳо то соли 1597, то ба поён расидани китоб тартиб дода шудааст.

**Аҳамият ва арзиши китоб.** Китоби «Шарафнома» аз аҳамияти зиёд бархурдор аст, ки бархе аз онро ба таври зер зикр мекунем:

1. Агарчи мо наметавонем Шарафхони Бадлисиро дар қатори таърихнигорони дарбори Сафавӣ қаламдод намоем, вале азбаски падараш дар дарбори Сафавиҳо буд ва Шарафхон низ дар он ҷо ба воя расида, муддати зиёде дар хидмати хонадони Сафавӣ буд. Асаре, ки ӯ бо номи «Шарафнома» таълиф намуд, барои мутолиаи таърихи Эрон, курдҳо ва кишварҳои хамсоя дар асри шонздаҳи мелодӣ манбаи пурарзише мебошад. Хусусан матолибе, ки дар бораи таърихи дохилии Эрон оварда шудааст, дар дигар асарҳои таърихӣ дида нашудааст. Муаллиф як қисме аз ин маълумотро ҳангоме, ки дар дарбори Сафавиҳо буд, ба даст овардааст «Шарафнома» инчунин дар бораи муносибатҳои марзии Эрону Курдистон ва дастгоҳи молиётӣ ва ғайра маълумотро дорост.

2. Дар ин китоб ӯ ҳодисаҳои асри шонздаҳи мелодиро ба таври муфассал баён кардаанд ва шомили он санадҳои асосие дар бораи ин давра мебошад.

3. Нишони бартарии ин асар навоварӣ мебошад. Дар он оид ба қабилаҳои курди муқими Курдистон ва умури давлат ва сипоҳ, ки ғолибан дар дасти хонадони Сафавӣ буд, маълумоти муфиде оварда шудааст.

4. Муаллиф масъалаи рақобати амирон, хонҳо ва дарбориёни маҳаллии Курдистон ва кашмакашиҳои онҳоро бо маҳорати том ҷамъоварӣ ва зикр намудааст.

5. Яке аз хусусиятҳои дигари китоб он мебошад, ки муаллиф ҷузъиёти марбут ба робитаҳои байни амирони Курдистон ва давлатҳои замонро баён намудааст, ки

барои таҳқиқи таърихи Курдистон аҳамияти зиёд дорад ва наметавон чунин матолибро дар дигар манобеъ пайдо кард.

6. Бартарии дигари китоб бетараф будани муаллиф дар баррасии ҳаводис ва иттифоқоти таърихӣ аст.

7. Тибқи гуфтаи шарқшиносон ва муҳаққиқони хориҷии Курдистон ин китоб барои аврупоиҳо манбаи асосӣ барои шинохти мардуми курд аст.

Китоби «Шарафнома» яке аз сарчашмаҳои муҳими таърихи мардуми курд ва сарзамини Курдистон ба шумор меравад. Азбаски муаллиф шоҳиди бисёре аз рӯйдодҳои он давра буд, китоб аз муҳимтарин сарчашма барои баррасӣ ва таҳқиқ дар бораи таърихи Эрон ва Усмониҳо мебошад. Дар ин асар дар бораи ҳодиса, тарзи ҳукмронӣ, дастгоҳ, молиёти девонӣ ва иттилооти ҷуғрофӣ, хусусан дар бораи ҷуғрофияи Бадлис маълумот оварда шудааст. Таърихи Курдистон ба давраи Сафавиҳо рост меояд. Амир Шарафхони Бадлисӣ бо таълифи «Шарафнома» асоси таърихнигории маҳаллии Курдистонро гузошт ва ин асари таърихии ӯ манбаи муҳиме барои таърихнависони курд гардид.

**АДАБИЁТ**


1. Бобо Марзухи Рӯҳонӣ (шево). Таърихи машоири курд. Ҷилди дувум, бо кӯшиши Муҳаммад Моҷиди Мардухи Рӯҳонӣ. –Теҳрон: Интишороти Суруш, чопи дувум, 1382 ш. 2003.
2. Бадлисӣ Шарафхон ибни Шамсуддин. Шарафнома (таърихи муфассали Курдистон) бо эҳтимоми Владимир Веляминов Зернов. –Теҳрон: Интишороти Асотир, чопи аввал, 1343 ш. 1964 м.
3. Бадлисӣ Шарафхон ибни Шамсуддин. Шарафнома (таърихи муфассали Курдистон) бо эҳтимоми Владимир Веляминов Зернов –Теҳрон: Интишороти Асотир, чопи аввал, 1377 ш. 1998 м.
4. Баёт Азизуллоҳ. Шиносоии манобеъ ва маохизи таърихи Эрон аз оғоз то сулолаи Сафавиҳо, -Теҳрон: Ширкати саҳҳомии интишор, чопи аввал, 1367 ш. 1988.
5. Порсодӯст Манучеҳр. Шоҳ Исмоили ду ва шоҳ Муҳаммад –Теҳрон: Ширкати саҳомии интишор, чопи аввал, 1381 ш.2002 м.
6. Пургашол Ҳомр. Таърихи империяи Усмонӣ, ҷ.1, тарҷумаи Мирзо Закии Алиободӣ, бо кӯшиши Ҷамшеди Каёнфар, -Теҳрон: интишороти Зарин, чопи аввал, 1367 ш. 1988 м.
7. Пеголовская Петровский ва дигарон. Таърихи Эрон аз оғоз то поёнии асри 18, тарҷумаи Карими Кишоварз, -Теҳрон: муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти иҷтимоӣ, 1346 ш. 1967 м.
8. Донишномаи адабиёти форсӣ (Адабиёти форсӣ дар Анатолия ва Балкан) ба сарпарастии Ҳасан Анӯша, -Теҳрон: вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, чопи аввал, 1375 ш. 1996 м.
9. Деҳхудо, Алиакбар, Луғтнома, ҷ.6, -Теҳрон:, муассисаи интишорот ва чапи донишгоҳи Теҳрон, чопи дуввум аз давраи нав, 1377 1998 м.


**ПЕРСИДСКАЯ ИСТОРИЯ ИМПЕРИИ ОСМАНОВ: ШАРАФНАМЕ БАДЛИСИ**


Шарафхан начал писать «Шарафнаме», чтобы разоблачать жизнь эмиров и великих курдских аристократических семей. По наблюдениям ученых прошлого, по собранным материалам он подготовил историю курдов. «Шарафнаме» состоит из предисловия о происхождении родины курдов, четырех страниц и заключения. Это не только первое историческое произведение, а его важность в том, что оно дает информацию об эмирах и разных курдских кланах на различных территориях Ирана, государстве Османа и много других полезных фактов.



**Ключевые слова:** «Шарафнаме», курд, происхождение, произведение, государство Осман, Иран.


**PERSIAN HISTORY IN OSMAN STATE SHARAFNOMA BADLISI**


Sharafkhon began to write “Sharafnoma” to expose the life of emirs and great aristocrat curd households. According to observation of the scientists in the past, to his own materials he prepared the curd’s history. “Sharafnoma” consists the preface about the origin of curd’s motherland, four pages and the conclusion. It is not only the first historical work but the importance of it is that it gives information about emirs and different curd’s clans in different territories of Iran, Osman state and many other useful facts.



**Key words:** Sharafnoma, curd, origin, work, Osman state, Iran.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Юсуфи Фахри Хасан***-соискатель Таджикского национального университета


## НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ ХVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПОЙДОР ГАРДИДАНИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ


***Муҳиддинова Савсан***

**Институти илмӣ-тадқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Иҷлосияи шонздаҳум заминаи нави эҳёи давлати мустақили халқи тоҷик гашт ва сиёсатмадорони замони муосирро ба миён овард. Маҳз бо шарофати ин иҷлосияи тақдирсоз истиқлолияти сиёсии давлати тоҷикон дар Созмони Милали Муттаҳид муаррифӣ карда шуд ва мамолики дунё ҷумҳурии моро ба расмият шинохтанд.

Қарорҳои иҷлосия барои ташкилотҳои байналхалқӣ ва намояндагиҳои кишварҳои мухталиф барои ҳамкории дутарафа ва ташкили базаҳои минтақавӣ, асоси сиёсӣ гузошт. Имзои Созишномаи умуми дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон таҷассумгари Ваҳдати миллии тоҷикон аст. Ва баракати ӯ ба ҳар як хонадони тоҷик дастрас аст. Аз ин рӯ таҷлили санаи ҷашнӣ хотири таърихии онро ба насли оянда мерасонад. Бар асари нописандӣ ва бегонапарастиву ғаразхоҳиҳои давлатҳои абарқудрат, ватани мо хеле кӯчак метофт, вале ҳоло ӯ яке аз давлатҳои шинохтаи олами муосир аст.

Нишонаи сиёсати ғасбкунона доштани давлатҳои абарқудрати дунё ҳоли табоҳи Афғонистони ҳамсояи мо, ки дар ин байн сиёсатмадор, муаррихи шинохта, Президенти мо Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора гуфтааст: «Худхоҳиву мағрурии инсоният, бераҳмиҳои ӯ нисбати кайҳони бузург, хашми вайро барангезиш дода сабабгори офатҳои табиӣ мегардад. Ҷаҳонишавӣ, ки раванди бебозгашт аст, ҷиҳатҳои хуб ва бад низ дорад, ва аз ин рӯ давлати моро зарурияти натиҷаҳои мусбии ӯро қабул кардан пеш меояд. Яке аз онҳо, ки хоси кишварҳои пешрафта аст ин ягонагии миллат ва давлат мебошад. Инсонӣ гардидани ҷомеа ва ҳаммаромии башарияту табиат даст медиҳад, ки инсоният лаззати ҳастии худро дарк намояд». [1]

Бо гуфти президенти мо дар Созмони Милали Муттаҳид, роҳи наҷоти инсоният аз нестӣ, ин воридшавӣ таҳти парчами сулҳ ва бо шакли оқилона зистан аст, инчунин бо гуфтушунид ва бе силоҳ ҳал намудани проблемаҳо, омӯхтан ва гӯш кардани андешаҳои рақиб, муросо дар асоси қонун. Ва ин фарҳанги сулҳ робитаи давлатҳоро ба вуҷуд оварда, сулҳи ягонаро дар курраи замин таъмин менамояд. [2]

Иҷлосияи XVI дар таърихи халқи тоҷик пас аз 1100 сол марҳилаи нави истиқлол ва эҳёи давлатдориро эҷод намуд. Пас аз 1100 сол тоҷикон соҳиби давлати мустақил ва марзу буми мушаххас гардиданд. Иҷлосия дар тайи қариб 70 соли охир ба инкишофи нобаробари минтақаҳо ва яккаҳокимиятии як минтақа хотима дод. Ин унсури манфӣ маҳз дар тӯли давраи Ҳокимияти Шӯравӣ мизони инкишофро нобаробар карда буд. Иҷлосия баъди арбобони бузурги миллат, шахсияти нави таърихӣ, сиёсатмадори замони навро ба вуҷуд овард, ки тавассути он Тоҷикистон аз тарафи тамоми аҳли башар шинохта шуд. Ба арсаи сиёсат ворид шудани Эмомалӣ Раҳмон ва дар ҷаласаи Созмони Милали Муттаҳид аз ҷониби ӯ муаррифӣ гардидани Тоҷикистон истиқлолияти сиёсии моро таҳким бахшид. Давлати тоҷикон дар симои сарвараш ҳомии сулҳро пайдо намуд. Бори аввал иҷлосия, қарору қонунҳои он собит намуданд, дар мақоми аввали роҳбарикунандаи ҷумҳурӣ танҳо кадрҳои собиқ мактабҳои олии ҳизбиро интихоб кардан зарур нест. Табақаи коргар ва деҳқон, сарвари ноҳия ва вилоят низ бо дониши мукаммал, таҷрибаи амалии истеҳсолӣ метавонад давлатро хеле хуб сарварӣ намояд. Иҷлосия барои эъмори давлати дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд заминаи мукаммал гузошт. Чун такондиҳандаи ҷомеа ба ташкил ва таъсиси аҳзоби мутараққӣ замина муҳаё кард. Таъсис ёфтани ҳизбҳои Халқии демократӣ, Сотсиалистӣ, Адолатхоҳ, ҷунбиши мардумии Ваҳдат ва эҳёи Тоҷикистон ба вусъати бисёрандешӣ чун фишанги рушди сиёсат мусоидат намуд. Сиёсати берунӣ ва муносибат бо Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ, мамолики Аврупо, ташкилотҳои байналхалқӣ заминаи пешрафт ва наҷот аз буҳрон аст. Маҳз иҷлосия ва муроҷиати раиси Шӯрои Олӣ давлати мустақили моро ба мамолики дунё муаррифӣ кард.

Иҷлосия сохти давлатдориро мушаххас намуд. Дар натиҷаи даргириҳо аз ибтидои соли 1991 пешорӯи Тоҷикистон се роҳ мавҷуд буд: Аввал, давлати исломӣ; дуюм, давлати нимисломӣ; сеюм, давлати дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд. Иҷлосия роҳи дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёдро интихоб кард. Иҷлосия ба вусъати матбуот ва васоити дигари иттилооти оммавӣ роҳи васеъ кушод. Дар ин замина оммаро аз марҳилаи диктатураи иттилоотӣ озод кард. Ба матбуоти ғавғоангез, моҷароҷӯӣ зарбаи қатъӣ зад, пас аз иҷлосия дар ҷумҳурӣ 175 нашрияю садою симои ғайриҳукуматӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Қонун ва қарорҳои иҷлосия барои ташкилотҳои байналхалқӣ, ҷамъиятҳо, намояндагиҳо аз ҷумла идораҳои Созмони милали Муттаҳид, САҲА, Иттиҳоди Аврупо, Бунёди Оғохон, Салиби сурх, агроаксияи Олмон, Юнеско, Юнисеф барои ҳамкории дуҷониба ва ташкили базаҳои минтақавӣ асос гузошт. Боз барои ба ҳифзи моликияти хусусӣ, сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам овард. Маҳз Тоҷикистон дар байни давлатҳои муштаракулманофеъ аз ҳама беҳтар марҳилаи хусусигардониро сипарӣ кард. Ислоҳоти системаи бонкӣ тибқи хусусияти хоси инкишоф ва базаи моддию техникии Тоҷикистон шурӯъ гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ғамхории Хазинаи

байналмилалии асъор, Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё, Бонки таҷдиди Аврупо системаи мукаммали институтҳои молия ва қарзро ташкил намуд. Ин иҷлосия яке аз рукнҳои асосии давлати соҳибистиқлол ислоҳоти пулиро бомуваффақият ба амал овард. Пули Тоҷикистон марҳилаи рубли русӣ, рубли тоҷикӣ ва пули нави миллиро бе буҳрони шадиди молиявӣ паси сар намуд.Имрӯз пули миллии Тоҷикистон аз нигоҳи қурб ва эталони муомилот дар Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ яке аз мақомҳои болоро дорост. Иҷлосия барои инкишофи шабакаи сеюм дар кишвари мо роҳи васеъ кушод. Имрӯз дар Тоҷикистон қариб 700 корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои ғайриҳукуматӣ ба ҳалли масоили иҷтимоӣ машғуланд, шабакаи сеюм чун воситаи тавонои ҳамкорӣ ва рақобат бо муассисаю ташкилотҳои давлатӣ, шуҳрат пайдо кардааст.

Муҳимтарин аҳамияти таърихии иҷлосия ин эҷоди модели ҳалли низоъ ва даргириҳо мебошад. Дар 50-соли охир ҷаҳон чунин даргирии шадидро , ки асоси низои мазҳабӣ, сиёсӣ, минтақавӣ ва таърихӣ дошт, бо роҳи гуфтугӯ мусбат ҳал накардааст. Модели музокироти тоҷиконро дастоварди беҳтарин асри XX номидан мумкин аст. Иҷлосия дар ташкили иттиҳодияҳо форумҳо ва коалитсияҳои минтақавию қитъавӣ, аз ҷумла Иттиҳоди ҳамкории Евро- Осиё, Иттиҳоди гумруки ягона, Форуми Шанхай, Конфронси мамолики исломӣ асоси стратегӣ гузошт. Тоҷикистон дар ин иттиҳодияҳо чун созмондеҳ ва ташаббускор шинохта шудааст. Иҷлосия дар таърихи давлатдории ҷаҳонӣ консепсияи ҳамзистӣ ва ҳамкорӣ бо мазҳабҳои гуногунро кор карда баровард. Дини мубини ислом дар Тоҷикистон дар асоси принсипҳои умумибашарии бархӯрди дину давлат, эҳтироми озодии имону виҷдон ва ҳамкории дуҷониба шинохта шуд. Тоҷикистон чун давлати осиёӣ ва муътақид ба дини ислом, ҳамкориро бо Конфронси мамолики ислом ва Бунёди хайриявии ҷаҳонии Оғохони IV шурӯъ кард. Натиҷаи ин ҳамкориҳо дар Тоҷикистон хеле назаррас аст. Иҷлосия дар ҳалли буҳрони экологии Осиё гардиши куллӣ ба амал овард. Тадбирҳои наҷоти баҳри Арал, пешгирӣ намудани хавфи фалокати кӯли Сарез, эмин доштани замин аз биёбоншавӣ, муҳити экологии водии Фарғона аҳамияти ҷаҳонӣ пайдо карданд. Сарвари давлат ба ҳайси Раиси бунёди Арал мақоми ҷаҳонӣ гирифт. Моҳияти ҷаҳонии иҷлосия, ки аз он тамоми ҷаҳон хулосаи мусбат баровард, он аст, ки ҳалли муноқишаи Афғонистон ва ташкили иттиҳодии дастҷамъии низомӣ алайҳи терроризми байналхалқӣ, экстремизми мазҳабӣ аз рӯзи аввали оғози кор ба мамолики дунё пешниҳод гардида буд.[4]

Дар ин ҷода ҳарчанд саъю талошҳо ҳанӯз аз сессияи таърихии XVI-ум маншаъ мегирифтанд, вале пурра он пас аз имзои «Созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» воқеият пайдо кард. Ва басо рамзист, ки ин санаи таърихи навини ҳаёти сиёсии ҷомеа ба унвони таҷассумгари Ваҳдати миллии тоҷикистониён шинохта шуда, ҳамасола тибқи тақвими идҳои умумимиллӣ бо шукӯҳ ва шаҳомати шоён дар саросари кишвар ҷашн гирифта мешавад. Агар то ин вақт гурӯҳҳои сиёсӣ муқобили ҳамдигар аз сангарҳои оштинопазир мубориза мебурданду мардуми бесилоҳ ва оддӣ дар гирдоби ин муноқишот азият мекашиданд, бо тасвиби ин мушоҳида гурӯҳҳои мазкур барои ҳалли масоили баҳсталаб атрофи мизи гуфтушунид нишастанд, мардумро ба ҳаёти осоишта раҳнамо сохтанд. Яъне, баракати ин неъмат баъдан ба хонадони ҳар як тоҷикистонӣ фурӯ рехт ва онҳоро мунаввару пероста намуд. Хисороти молию ҷонии таҳаммулкардаи ӯ ҳарчанд хеле сангину ҷуброннопазир буд, вале ба хотири аз байн бурдани имконияти такроршавии чунин зиддияти оштинопазир пайваста дар хотираи таърихӣ арзишҳои ин падидаро тавассути таҷлили санаҳои ҷашнӣ, пешбурди пажӯҳишҳои иҷтимоию сиёсӣ нигоҳ медорад ва ба ворисияти наслҳои минбаъда медиҳад.

Дар мавриди қонун, ки ҷумҳурии азизи мо андар миёни харитаи олам дар қиёси давлатҳои абарқудрати дунё чун донаи гандуме беш наменамояд, агар ба мухтавои сарнавишти он огоҳонаву соҳибмаърифатона чашмандозӣ намоем, он гуна набудааст, балки фарогири масоҳатҳои бузург бо доштани мӯҳтавои азими сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ будааст. Таърих гувоҳ аст, ки инсоният дар тӯли беш аз панҷ ҳазор солаи хеш 14520 ҷангҳои хурду бузургро аз сар гузаронид, яъне се ҷанг ба як сол рост меояд. Ин ҷангҳо аз калтак то ба ракетаҳои байни қитъавӣ расиданд. Агар мушаххастар ба амали зишти инсоният нигарем, мебинем, ки зимни ҷангҳои асри XVII Аврупо 3,3 миллион, асри XVIII 5,4 миллион асрҳои XIX- XX 5,7 ва дар ду ҷанги ҷаҳонӣ аз 10 то 50 миллион инсонро туъмаи худ намудааст. Акнун саволе пеш меояд, модоме, ки ҷанг сарчашмаи зояндаи мусибатҳову нобудиҳо

бошад, чаро махлуқи нотиқ –ИНСОН ба ин гуна иқдоми табоҳ тавачҷуҳ менамояд?! Ба хотири посухи ин чуну чароҳо сиёсатмадору муаррихи шинохташуда Э.Раҳмон ҳолати табоҳу толонгардидаи Афғонистони ҳамсояамонро мисол меорад. Дар воқеъ, муҷиби ҷангҳои чорякасраи ин сарзамини куҳанбунёд, ки яке аз марказҳои асосии давлатдории аҷдодони ориёии мост, агарчи зоҳиран ба ном ҷангҳои диниву мазҳабӣ унвон меёбад, вале сирати масъала ғаразҳои сиёсиву иқтисодӣ ва васеъ гардидани таъсири давлатҳои абарқудрати дунё дар ин мамлакати хокнишин мебошад. Имрӯз давлатҳои абарқудрати дунё ду сарчашмаи табоҳ: яке фурӯши яроқу аслиҳаи ҷангӣ бо қимати зиёда аз 60 миллиард, дигаре маводи мухаддир аз 60 то 65 миллиард доллари америкоиро бо гардиши ғайриқонунӣ меандозанд, ки зояндаи тамоми қабоҳату нобудиҳоро сабабгор аст. [4]

Имрӯз инсоният, ки навакак ба дарвозаи қарни ҷадид по ниҳод, дар баробари дастовардҳои беназиру кашфиётҳои бузурги соҳаҳои мухталиф ба табиат ба кайҳони бузург бисёр бераҳмиҳоро ба зуҳур мепайвандад. Агар дақиқан ва амиқан ба ин масъала тавачҷуҳ намоем, махлуқи нотиқ-Инсон баҳри нобудии хеш дар болои саманди ҷаҳл савор гардида, хашми ҳамниҳоди худ-кайҳони бузургро барангезиш медиҳад, ки зилзилаҳову обхезиҳо, туфонҳову ҷангҳо маҳз тавассути ҳамин гуна худхоҳиву мағрурии махлуқи нотиқ ба амал мепайвандад. Аз ин нигоҳ дар назди башарият ду роҳ: ҳастӣ ва нестӣ қарор мегирад. Бинобар ин хатари инсоният ба сӯйи нестӣ иборат аз ҳафт далел аст: аввал, истеҳсолу афзоиши яроқи ядрой; дуюм:, ихтилофҳои динию мазҳабӣ, зиддияти қавму нажодии тамоилҳои идеологӣ; сеюм, ҷинояткории муташаккилона, экстремизи динӣ, терооризми байналхалқӣ, гардиши маводи мухаддир; чорум, ихтирои навтарини компютерӣ; панҷум, фарқи давлатҳои бою камбағал, афзудани аҳолӣ ва аз назорат бурун мондани он; шашум, хатарҳои экологиву ҳифзи муҳити зист ва ҳафтум, оби нӯшокиву гуруснагиро бармешуморад.

Мо аз шарҳу тафсили ҳикмати фалсафӣ медонем, ки маҷмӯи қонунҳои умумитарини табиат, ҷамъият ва тафаккури инсониро фарогир аст. Аз ин нигоҳ инсону ҷамъият пораҳои ҷудонашавандаи ҳам буда, дар андаруни табиат- кайҳони бузург ҳамниҳоданд, ки раҳнамоиву ҳидоядгари эшон тафаккур аст. Пас инсонӣ гардидани ҷомеа ва ҳаммароминву ҳамниҳодии башарияту табиат дар сурате даст медиҳад, ки башарият аз кайфияти ҳастии хеш лаззати маънавӣ бурданро сабақи зиндагӣ қарор дода, аз лаззати гузарону лаҳзина, мисли ҷангу нифоқҳо гурез дошта бошанд. Дар билакси ҳол, яъне мавриде, ки шайтон ба гардани инсон савор мешаваду ӯро аз паси хоҳишҳои хурду реза мебарад, ба ҷуз аз шикасту хунҷигариҳо ва билохира ҳастӣ чизи дигаре ба даст намеояд. Гузашта аз ин Э.Раҳмон дар суханронии СММ иброз дошт ягона роҳи наҷоти инсониятро аз фарҳанги сулҳ бар асоси ҳафт далел:

1.Он фарҳанги Сулҳ таъкид менамояд, ки ба ҳама гуна ҷангҳо хотима гузорем ва ба асри XXI таҳти парчами Сулҳ ворид шавем.

2. Он шакли оқилона зистани инсон аст.

3. Он иродаи нек доштан ва мушкилотро дар сари мизи гуфтушунид ҳал намудан аст.

4. Он бидуни зӯроварӣ, бесилоҳ ҳал намудани проблемаҳост.

5. Он эҳтироми рақиб аст, бо сабру таҳаммул гӯш кардану омӯхтану андешаи ӯст.

6. Он муросою сулҳу созиш дар асоси қонун аст.

7. Он фарҳанги Сулҳ робитаи давлатҳову минтақаҳоро ба вуҷуд меоварад, шарҳу маънидод менамояд.[5]

Муттаҳидшавии миллӣ яке аз усулҳои муқаддимавии татбиқи ғояи ваҳдати миллист. Ин усулро пешвоёни ҳар як миллат барои дар заминаи умумиятҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва таърихиву сиёсӣ дар фазои ягонаи сиёсӣ бо ҳам муттаҳид кардани нерӯҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии миллати хеш ба кор мебаранд. Усули маҷбур дар давраи аввали татбиқи ғояи ваҳдати миллӣ истифода бурда мешавад, ки дар он давра якпорчагӣ ва ягонагии миллат ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд. Давраи тантанаи усули муттаҳидшавии миллӣ дар Тоҷикистон баъди хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳи амният сар мешавад. Аммо чи тавре ки муҳаққиқон таъкид мекунанд, истисноӣ сиёсатмадорон ва аҳли назар, он арзиш ва аҳамияти бузургеро, ки усули муттаҳидшавӣ барои ба манфиати миллат ва истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мувофиқ ҳал намудани аксари масоили мубрам ва «доғи рӯз» дошт, онро ҳанӯз ҳам дуруст ва ба таври амиқ дарк накардаанд.[6] Дар Тоҷикистон то имрӯз ба шарофати тадбиқи ин усул як қатор тағйиротҳои ҷолибу мусбӣ ба амал оварда шудаанд. Аммо чи тавре ки аксари муҳаққиқон қайд мекунанд,

ин тағиротҳо барои таъмини пурраи истиқлолияти миллии Тоҷикистон ҳанӯз нокифояанд. Масъалаи асосие, ки ҳалли назариявии он барои пурра таъмин кардани ваҳдат ва истиқлолияти миллии Тоҷикистон ниҳоят муҳим аст, ин масъалаи муайян кардани дар кадом марҳилаи муттаҳидшавии миллӣ қарор доштани Тоҷикистон мебошад. Масъалаи мазкур аз ҳам фарқ кардани мафҳумҳои «миллат-давлат» ва «умумияти қавмиву миллӣ»-ро тақозо менамояд. Мафҳуми «миллат-давлат» ифодакунандаи ваҳдати ҳудудии миллат буда, мутобиқи он ҳамаи шарҳвандони Тоҷикистон, новобаста аз мансубияти қавмиву минтақавии онҳо, дар идораи давлат баробарҳуқуқанд. Аммо мафҳуми «умумияти қавмиву миллӣ»- ваҳдати миллӣ аз рӯйи аломатҳои қавмист, ки аксаран дар истилоҳоти фарҳангиву таърихӣ инъикос меёбад. Муболиғони ғояи ваҳдати қавмиву миллӣ бештар ба ҳудудҳои фарҳангиву таърихии айниятёбии миллат таваҷҷуҳ мекунанд. Ҷонибдорони ваҳдати территориявӣ бошанд бештар ба ҳудудҳои сиёсиву марзии Тоҷикистони муосир диққат медиҳанд. Бояд тазаккур дод, ки дар гузаштаи начандон дур раванди айниятёбии миллати тоҷик аз сабаби пайдоиш ва шиддати бархе тамаюлҳои мустазод-эронсолорӣ, исломгароӣ, коммунистӣ ва либералӣ ба бухрони шадиде мубтало гашта буд. Яке аз сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон низ ба ҳамон бухрон вобаста буд.[7]

Соли 1997 барои барои таҳаввули раванди айниятёбии қавмиву миллӣ ва дар як маҷрои созанда муттаҳид шудани нерӯҳои миллатдӯсту исломгаро заминаи мусоид фароҳам оварда шуд. Созиши байниҳамии ин ду нерӯи бузург муҷиби қабул шудани рамзҳои милливу фарҳангӣ гардид. Дар натиҷаи ин дигаргуниҳо барои татбиқи усули муттаҳидшавии миллӣ дар ҷумҳурӣ шароити зарурӣ ба вуҷуд омад. [8]

Саволе ба миён меояд, ки то чӣ андоза Тоҷикистон метавонад истиқлолияти сиёсии худро касб намояд? То кадом дараҷа он барои гузариш ба умумияти қавмӣ ба тарзи нави умумияти иҷтимоиву сиёсӣ аниқтараш ба шакли «миллат-давлат» омода аст? Он кисмати ҷомеаи тоҷик, ки чунин умумиятро мепазирад, чанд фоизро ташкил медиҳад? Баъди сукути давлати Сомониён тоҷикон аз ҳам пароканда шуданд. Ягонагии қавмии онҳо танҳо ба шарофати умумияти фарҳангиву забонии онҳо маҳфуз монд. Таҷрибаи талху тӯлонии халқи тоҷик нишон дод, ки бе иштироки бевоситаи халқ дар идоракунии давлат, таъмини ҳеҷ гуна иттиҳоди қавмиву миллӣ мумкин нест.

Тавре ки воқеаҳои соли 1997 нишон доданд, дар он сол табақаи арбоби сиёсӣ ташкил ёфт, ки он яке аз омилҳои муҳими инкишофи раванди муттаҳидшавии раванди миллӣ дар Тоҷикистон гардид. Аммо аз он давра ва баъд ваҳдати миллӣ на аҳдофи фарҳангӣ, балки аҳдофи марзиро думболагирӣ мекард. Аниқтараш марз на ҳамчун ҳадаф, балки ҳамчун васила барои танзим ва ба ваҳдат овардани фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат менамуд. Гуфтан мумкин аст, ки барои миллат-давлат на танҳо ба муттаҳидӣ овардани қавму қабилаҳо ва нерӯҳои минтақавӣ, балки ба муттаҳидшавӣ овардани марзҳо низ муҳим буд. Тавре ки Эрнст Геллнер қайд мекунад, «барои миллат», «издивоҷи байни фарҳангу давлат» ба тавре зарур мебошад, ки он на арзишҳои фарҳангӣ, балки пеш аз ҳама ҳудудҳои марзии давлатро таъмин карда тавонад. Ин лаҳзаҳои хеле тақдирсоз аст. Назорат аз болои марзҳо зинаи аввали татбиқи ваҳдати миллист. Зинаи дуввуми сохтмони давлатӣ дар сафарбарии нерӯҳои ақлониву иқтисодии мамлакат ифода меёбад, ки дар заминаи онҳо ниҳодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва шаҳрвандии давлат устувор мешаванд. Он захираҳои бунёдиву рамзии фарҳангиву сиёсӣ, ки тавассути корбасти онҳо баъди соли 1997 зиддияти байни нерӯҳои дунявӣ (миллатдӯст) ва динӣ (исломгаро) аз байн бурда шуда буд, акнун дар тамоми миқёси мамлакат фаъолона мавриди тарроҳӣ ва корбаст қарор гирифтаанд. Бинобар ин бо итминони комил метавон гуфт, ки дар Тоҷикистон бухрони ҷангиву марзӣ муваффақона паси сар карда шуд.[9]

Барои баромадани Тоҷикистон аз бухрони роҳу нақлиёт нақшаҳои стратегӣ кашида шуда, барои раҳоӣ аз бӯхрони иқтисодӣ татбиқи ғояҳои марбут ба сохтмони нерӯгоҳҳои обии барқӣ кумак мерасонанд. Анъанаҳо бо воқеияти нави ҳаётӣ мутобиқ шуда истодаанд. Дар назари аввал нишондодҳои иқтисодӣ низ рӯҳбаландкунандаанд ва тибқи онҳо рушди иқтисодии кишвар умедбахш аст. Бо вуҷуди ин, бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ин ниятҳо ва умедвориҳо дар сурати татбиқ нашуданашон дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷомаи амал мепӯшанд. Гарчанде ки давраи банақшагирии захираҳои асосии рамзӣ, ки мавҷудияти табақаи арбоби сиёсатро ба ҳукми қонун даровард, аллакай паси сар гаштааст, тағйироте, ки баъдан ба амао омадаанд, дигар кардани номи Донишгоҳи омӯзгории пойтахт, боғи

марказӣ, театри опера ва балет ва ғайра, - бештар на ба омилҳои дохилӣ, балки ба омилҳои берунӣ вобастагӣ доранд. Ин нишон медиҳад, ки Тоҷикистон бо монеаҳо ва таҳдидҳои нав дучор шуда истодааст. Бешуҳа, омилҳои берунӣ алайҳи таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ тақвият меёбанд, аммо таъсири харобиовари онҳо, чун қоида, ба андозае суст шудани омилҳои дохилии низоми давлатии Тоҷикистон вобаста мебошад.

Дар аксари ҳолатҳо омилҳои дохилӣ ва воситаи зуҳуроти зерини иҷтимоӣ чун коррупсия, бекорӣ, заифии ниҳодҳои давлатӣ, сустии низоми маориф, вобастагии шадиди иқтисодӣ аз маблағгузориҳои хориҷӣ, қарзҳои зиёд, бунбасти ҷуғрофии дохили минтақаҳои кишвар байни ҳамдигар, канда будани Тоҷикистон аз шаҳрҳои асосии нақлиётӣ, (бунбасти нақлиётӣ) ва ғайра суст мешаванд. Масалан, тағйири вазъияти геопалитикӣ ва сиёсӣ, чи дар фазои ИДМ (масалан, Россия ва Ӯзбекистон), чи дар ҷаҳон (бухрон дар Ироқ ё зарбаҳои эҳтимоми ҳарбии ИМА ба Эрон) метавонад ба таври назаррас ба Тоҷикистон таъсир расонанд. Душвориҳои гирифтани виза ба Россия ва муносибати он бо муҳоҷирон метавонад бехатарии иқтисодиёти Тоҷикистонро хеле заиф гардонад. Ҷанг дар Эрон метавонад сабаби барҳам задани лоиҳаҳои стратегии иқтисодию нақлиётии Тоҷикистону Эрон гардад. Ғайр аз ин оқибатҳое чун якбора баланд шудани нархи маводи барқӣ ва дар натиҷа болоравии нархҳо дар бозори кишвар метавонанд пеш оянд. Ҳамаи ин на фақат барои ба вуҷуд омадани шароитҳои номусоид баҳри ташаккули лоиҳаҳои стратегӣ сабаб мешаванд, инчунин, шиддати иҷтимоӣ дар кишварро ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи ин омилҳоро пешакӣ ба назар гирифта, баҳри амалиётҳои босалоҳият тайёр бояд буд. Вуҷуд надоштани пешгӯиҳо ва набудани омодагӣ ба он нишон медиҳад, ки дар баробари гузоштани мақсадҳо ва лоиҳаҳои стратегӣ аз мадди назар шаклгирии тактикии онро набояд дур кард. Ҳар як лоиҳа ва идея бояд дуруст тартиб дода шавад. Яъне ба назар гирифтани зерматн. Матн (лоиҳа) дар зерматнҳои гуногун метавонад маъноҳои гуногун дошта бошад. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба пешрафтҳои азим дар таҳкими муттаҳидшавии ҷараёнҳои сиёсӣ ва амалисозии як қатор лоиҳаҳои трансмиллии иқтисодӣ, гидроенергетикӣ, ва нақлиётӣ пайомадҳои нав ба нави равандҳои ҷаҳоншумулият, ки на ба як самт, балки гуногунсамт, на бо роҳи таҳаввул, балки инқилобӣ, на бо роҳи осоишта, балки (аксаран) ғасбкорона; на чун ҳудудӣ, балки ба таври трансмиллӣ, сарҳадҳои миллиро пушти сар гузошта, ҳаракат мекунад, нуқоти зиёди заъф дорад. Ҷаҳоншумулият аз паси худ барои Тоҷикистон проблемаҳои зиёде чун босуръат баланд шудани гардиши маводи мухаддир ба воситаҳои ҳудуди Тоҷикистон, фаъол шудани шабакаҳои ғайри анъанавии радикалии динӣ, чи исломӣ, чи насронӣ ва ғайра. Ҳамзамон ҷиҳатҳои хуби он, ба монанди ташкили шароити мусоид барои баромадани Тоҷикистон аз бунбасти нақлиётӣ ва хабарӣ, ки бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон мувофиқанд, ҷангҳои глобалӣ зери шиори «Мубориза бо терроризм» барои Тоҷикистон, махсусан ҳангоми амалиёти ҳарбии ИМА бар зидди Толибон ва вазъияти баъди ҷанги Афғонистон, ки Тоҷикистон мақоми миёнарави сиёсӣ ва иқтисодиро сазовор гашт, лоиҳаҳои зиёде, махсусан лоиҳаи нақлиётӣ фақат пас аз он замоне имконниятпазир гаштаанд, ки Ғарб таҷдиди Афғонистон ва пайванди он бо Осиёи Марказӣ барои доду гирифти молӣ барқарор намудан бо шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ва аз байн бурдани истеҳсол ва интиқоли маводи мухаддирро ба миён гузошт.

Аз ҷониби дигар ҷанги эҳтимолии ИМА бар зидди кишвари дӯст ва ҳамсояи Тоҷикистон Эрон барои ҷумҳурии мо метавонад ногувор бошад. Зеро Тоҷикистону Эрон на фақат лоиҳаҳои иқтисодӣ доранд, балки байни онҳо муносибатҳои дӯстонаи дар асоси ягонагии фарҳангӣ ва забонӣ барқарор аст. Инчунин раванд мавқеи Тоҷикистонро дар Осиёи Марказӣ суст намуда, мувозинати иттиҳодияҳои форсу тоҷикзабонон ва туркзабонҳоро вайрон мекунад, ки ин аз паси худ пурзӯр шудани идеологияи пантуркистӣ дар минтақаро ба бор меорад. Инак, дар бардошт аз нуқтаҳои боло давраҳои зерини барқароршавӣ дар Тоҷикистонро метавон ҷудо кард: Давраи якум: 1991-1997; Давраи дуюм: 1997-2006; Давраи сеюм: аз соли 2006 то имрӯз.

Давраи якум, (1991-1997) бештар аз рӯйи эътирозҳои кӯр-кӯрона ва рӯяки оммаи зиёди мардум тавсиф дода мешавад. Нақшаи пешбарандаро дар ин раванд ҳаракати «Растохез» бозидааст, ки такя ба даъвати халқи тоҷик барои бозгашт ба сарчашмаҳои фарҳангии форсу тоҷик мекард. Ранҷи асосии ҳаракати панэронӣ симои Фирдавсӣ гашт ва ҳайкали ӯ ба ҷойи В.И. Ленин дар майдони марказии ш.Душанбе гузошта шуд. Дар ин лаҳзаҳо  сарҳадоти этникию миллӣ пурра шуста

шуда буданд. Шаклҳои асосоии сафарбаркунӣ аз ақлоният болотар меистанд. Ин вазъият ба он оварда расонид, ки табақаҳои баргузидагон аз уҳдаи идораи мамлакат баромада натавонистанд. Аксари ниҳодҳои давлатӣ барои идораи ҳаракатҳои стихиявии халқӣ тайёр набуданд. Дар ин давра дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҷараёнҳои мусолиҳатӣ, махсусан, таърих анъана ва фарҳанг мавқеи асосӣ пайдо кард, баргаштан ба сарчашмаҳои худ-ин аст шиори мавҷи аввалӣ элитаҳои фарҳангӣ.

Давраи дуюм: (1997-2006) хусусияти ин давра иборат аст аз шакли сохторӣ гирифтани рамзҳои миллӣ ва бунёди элитаи сиёсии Тоҷикистони муосир, ки раванди бунёди касбии рамзҳои фарҳангӣ ва махсусан, сиёсӣ дар ҳудуди Тоҷикистони муосирро оғоз намуданд. Аксари рамзҳое, ки мавҷи амалӣ аввалӣ элитаи сиёсӣ аллакай дар дохили Тоҷикистони муосир ҷустуҷӯ намудааст. Дар ин давра равиши конструктивӣ афзалият дошт. Шаклҳои сафарбаркунӣ чун давраи аввал на аз поён, балки аз боло муайян мегардиданд. Агар дар давраи аввал мусолиҳаи миллӣ аз ҷониби аксарият ба таври шуурӣ ва стихиявӣ қабул шавад, дар давраи дуюм, мусолиҳаи миллӣ фақат аз ҷониби баъзеҳо (элита) дарк мешуд. Вале дар ин давра нақши элитаи сиёсӣ, ки кӯшиши ҷараёни мусолиҳа аз болоро ба воситаи бунёди таърихи рамзии Тоҷикистон мекард, зиёд буд.

Давраи сеюм, (2006-то имрӯз) баёнгари пурзӯршавии ҷараёнҳои вобаста бо интихоби ақлонии худи фардҳо мебошад. Агар дар давраи аввал омма ё халқ аз болои элита ва ниҳодҳои сиёсӣ, дар давраи дуюм элита ва ниҳодҳои давлатӣ аз болои омма ё халқ бартарӣ дошта бошанд, дар давраи сеюм, нақши асосиро интихоби мустақилона ва оқилонаи ҳар як шаҳрванд мебозад. Давраи сеюм ва охирони сохтмони давлат бояд баёнгари ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, ки он раванди муттаҳидшавиро дар Тоҷикистон хотима бахшида, онро бо шохаҳои сифатан нави хоси кишварҳои пешрафта, ягонагии миллат-давлат, ки шакли асосии мутобиқ, на мутобиқати ҷомеавӣ, балки мутобиқати шаҳрвандӣ, ки он асоси ташаккули синфи миёна дар кишвар аст, ҷудо мекунад. То кадом ҳад Тоҷикистон барои амалӣ намудани вазифаҳои давраи сеюм наздик мешавад, хусусияти равандҳои муттаҳидшавӣ дар кишвар ба он вобастагӣ хоҳад дошт чунин мепиндорем, ки маҳз расидан ба мақсаду вазифаҳои давраи сеюм итмом мебахшад ва тамоми муқаддимаҳо барои тараққии минбаъдаи кишвар ҷавобгӯ ба даъвату хатарҳои ҷаҳони муосирро фароҳам меорад.

Иҷлосияи XVI хишти аввали давлати ҳуқуқбунёди тоҷиконро гузошта заминаи муттаҳидшавии миллиро фароҳам овард. Умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва фазои ягонаи сиёси, асоси ваҳдати миллист. Тоҷикистон ҳоло дар давраи аввали муттаҳидшавии миллӣ қарор дорад ва мақсади асосиаш сохтани давлатест, ки ҳамаи шаҳрвандони он новобаста аз миллат, мазҳаб ҷои зист ва қавмият дар идораи давлат саҳм гузоранд.

Чун ки умумияти фарҳангиву забонӣ нокифоя аст, ва бе иштироки бевоситаи халқ, дар идоракунии давлат, истиқлолияти сиёсии ӯро таъмин кардан мумкин нест.

Зинаҳои асосии Ваҳдати миллӣ, назорат аз болои сарҳади давлатист инчунин сафарбарии нерӯҳои ақлониву иқтисодии мамлакат ба устувории иқтисодиёт, ҳуқуқ ва шаҳрвандии он оварда мерасонад. Ба воқеияти нави ҳаёти муосир мутобиқ шудани анъанаҳои халқ низ дида мешаванд. Нишондодҳои иқтисодӣ низ умедбахшанд, ки рушди иқтисодии кишварро таъмин мекунанд. Вале баъзан омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба суст шудани низоми давлатӣ оварда мерасонанд. Сустии сохтори маориф, қарзҳои зиёд, бунбасти нақлиёт инҳо омилҳои дохилианд.

Омилҳои берунӣ бошанд, ин таъғйири вазъияти сиёсии минтақаҳои Осиёи марказӣ, Россия, фишори ИМА ба Эрон ва ғайраҳо, сабабгори пайдошавии шароити номусоид ба тараққиёти лоиҳаҳои стратегӣ гашта, шиддати иҷтимоиро дар кишвар рӯй мезанонанд. Ҳамаи ин омилҳоро бояд ба назар гирифт, умед аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешравиҳои худ дар таҳкими муттаҳидшавии ҷараёнҳои сиёсӣ, бо иҷрои лоиҳаҳои стратегӣ ба назаргирии шаклгирии тактикии онҳо ба давлати муттаҳидшудаи демократӣ мубаддал мегардад.

**АДАБИЁТ**

1. Раҳмонов Эмомалӣ Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди чорум.-Душанбе: «Ирфон», 2002, 40с.
2. Раҳмонов Эмомалӣ Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди дуюм.-Душанбе: «Ирфон», 2002, 150с.
3. Қурбон Восеъ Масъалаҳои таҳкими истиқлолияти миллии Тоҷикистон.-Душанбе, Дониш:- 2006 с-55

4. Қурбон Восеъ. Ваҳдат, давлат, президент. Ҷилди дуюм. Душанбе, «Деваштич»., 2007 с-18
5. Қурбон Восеъ. Ваҳдат, давлат, президент. Ҷилди чорум. Душанбе, «Деваштич»., 2007 с-18
6. Қурбон Восеъ, Ваҳдат // № 11 (32), ноябри соли 2002. с-8
7. Дар зери парчами Ваҳдат ва худшиносии миллӣ Э.Раҳмон дар Конференсия дуввуми умумиҷумҳуриявии Ҳаракат.- 13 июли соли 2002.
8. Э. Раҳмон. Дар зери парчами ваҳдат ва худшиносии миллӣ. – Душанбе, 2002, саҳ.10.
9. Э. Раҳмонов. Таджикистан на пороге будущего.-М., 1997- с 202

**РОЛЬ XVI СЕССИИ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА**

В статье рассматривается историческое значение XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в укреплении политической независимости, упрочения государственного устройства и роста международного авторитета Таджикистана на мировой арене.

**Ключевые слова:** шестнадцатая сессия, национальное единство, независимость, демократия, Таджикистан, экономика, человечество, мир, государство.

**ROLE XVI OF THE SUPREME SOVIET OF TAJIKISTAN IN STRENGTHENING NATIONAL UNITY**

In the article the historical value of the XVI session of Supreme Soviet of Republic Tadjikistan is examined in strengthening of political independence, strengthening state device and growth of international authority of Tadjikistan on a world arena.

**Key words**: Sixteenth session, National unity, independence, democracy, Tadjikistan, aconomic, humanity, friendship, state.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухиддинова Савсан*** - аспирантка Таджикского национального университета

# СОЙ САБАГ - УНИКАЛЬНОЕ СКОПЛЕНИЕ ПЕТРОГЛИФОВ В ВЕРХОВЬЕ ЗЕРАВШАНА

***Б.С. Бобомуллоев***
**Российско-Таджикский (Славянский) университет**

В Таджикистане, как и в других странах Центральной Азии, имеется значительное число пунктов с наскальными рисунками. В общем, на территории Таджикистана обнаружено более 130 пунктов петроглифов. Только на Памире зафиксировано свыше 50 пунктов скоплений петроглифов. По ландшафтно-географическому положению выделяются три зоны концентрации памятников: Восточный и Западный (Бадахшан) Памир; Гиссаро-Алай; Западная Фергана (горы Курама и Моголтау).

Исследования по выявлению и изучению петроглифов в долине реки Верховья Зеравшана начались в конце 30-х начале 40-х гг. XX века.

В Пенджикентском районе, во время своих краеведческих экскурсий, научный сотрудник Пенджикентского музея - охотник-краевед И. Ф. Ломаев в 1939-1940 гг. в бассейне р.Магиан-дарьи открыл группу наскальных изображений и надписей и собрал сведения о других местонахождениях наскальных изображений по Магиан-дарье.

Одним из первых археологов, открывших несколько пунктов петроглифов в районе Пенджикента является А. Н. Дальский. В 1947 году на территории Фанских Гор (северные разветвления Заравшанского хребта) им было выявлено и обследовано скопление петроглифов Нови Гуристон, Шинг, Вагаштон, Мосариф, Кулоли, Некнот, и Гурбик. Хотя общее количество рисунков не подсчитано, но в отдельных скоплениях они представлены многими десятками, в других случаях встречены единичные изображения.

В Пенджикентском районе А. Н. Дальский насчитывает 34 пункта петроглифов. Рисунки выполнены на скалах и отдельных крупных камнях как в долинах указанных выше притоков р.Зарафшан, так и в боковых ущельях. Значительное количество пунктов с наскальными рисунками обнаружено в районе Айни и особенно Пенджикента. Наиболее интересные петроглифы зафиксированы в Сойи Гурбик на р. Кштут, а также по долине р. Шинг, у поселка Вагаштон и в Сойи Мосариф [1].

В 1953 году при разведывательных исследованиях А. М. Мандельштама выше по течению реки Зарафшан, в районе Айни был открыт ряд пунктов скоплений петроглифов.

Местонахождение петроглифов в Дашти-Эйматк, урочище, расположенном западнее кишлака Урмитан. Рисунки здесь сделаны, в основном, на крупных, хорошо окатанных валунах и реже – на крупных, покрытых интенсивным скальным загаром плитах.

А.М. Мандельштам упоминает еще два пункта – у кишлаков Фатмовут и Шамтич. Здесь рисунков значительно меньше, менее они интересны и по своему содержанию. Можно отметить, вместе с тем, фигуру хищника, изображение большого и маленького козлов, идущих рядом (мать и детеныш). Имеются и фигуры людей с раскинутыми руками, стрелков из лука и очень редкий рисунок – горный козёл с огромными рогами, сливающимся со спиной животного [2].

А. М. Мандельштамом также были обнаружены значительные скопления петроглифов восточнее кишлака Шамтуч и в Дашти Гури Шаидон.

В 1955 В. А. Рановым был обследован ряд пунктов, которые уже посещал А. М. Мандельштам. Но ему удалось обнаружить несколько пунктов на озере Искандаркуль и по течению реки Икандардарьи – левого притока Фондарьи [3].

В 1964 году А. Л. Хромова обаружила два пункта петроглифов - Гарзой и Нахширак в долине реки Ягноб.

Однако, археологические работы, направленные на выявление наскальных изображений в районе Матчи не проводились, а петроглифы, описанные И. Ф. Ломаевым, А. Н. Дальским, А. М. Мандельштамом, В. А. Рановым и А, Л, Хромовой относятся к более зажиточному району долины между Пенджикентом и Айни.

Впервые петроглифы Сойи Сабаг описаны генетиками-эволюционистами Н. Н. Воронцовым, и Е. А. Ляпуновой [4] посетившими ущелье 13 июля 1973 года. Как признаются сами авторы, они изучали выбитые на скалах Сой Сабаг рисунки только с фаунистической точки зрения, думая, что это скопление петроглифов уже известно археологам. Они осмотрели и сфотографировали петроглифы на 18 камнях, а также скалькировали некоторую часть рисунков.

В своей публикации изданной в 1976г. авторы попытались дать датировку найденных рисунков на основе стилистических отличий и степени интенсивности «загара». Таким образом, они выделили три стилистических пласта: самый древний – реалистический стиль, средний по временны – линейные схематизированные рисунки, поздние изображения, выполненные петлевидным, геометрическим и прямоугольным стилями.

Состав новой экспедиции по выявлению наскальных изображений в районе Матчи состоял из четырех человек Бобомуллоева Б. С. (начальника), Исматова И. Р., Алибоева И. К. и Раззакова А. Р. (шофера). Полевые исследования были начаты 30 октября 2009 года. Работа экспедиции длилась 20 дней. 10 из них прошли в районе Матча над составлением базовой документации Сой Сабаг, остальные 10 дней велись поисковые работы в Айнинском районе.

Основная цель настоящего исследования заключалась в нахождении и обследования сравнительно нового и не изученного пункта скопления петроглифов в ущелье Сой Сабаг. Имеющаяся информация по петроглифам Сой Сабаг основывалась только на данных генетиков-эволюционистов опубликовавшим статью в 1976 году. Содержащиеся в статье фотографии вызывают большой интерес. Но до сих пор ущелье археологами не посещалось, поэтому можно сказать, что это местонахождение является не достаточно исследованным.

Другой целью исследований была разведка уже известных и выявление новых пунктов петроглифов и других видов памятников в районе Матча и Айни. В ходе экспедиции нам удалось обнаружить новые пункты петроглифов Падаск, Худгиф, Эсизи Поён и Дашти Мулло Тохириён. Петроглифы Падаск, Худгиф, Эсизи Поён совсем незначительны и не представляют особого интереса. Новым интересным пунктом являются, петроглифы к западу от кишлака Шамтич в местечке известном среди местного населения под именем Дашти Мулло Тохириён. Общее количество выбитых здесь рисунков около 300. Среди них много интересных сцен.

Скопление петроглифов Сой Сабаг находится на территории района Горная Матча, Согдийской области Республики Таджикистан.

Ущелье Сой Сабаг расположено на южном склоне Туркестанского хребта. Само ущелье тянется в субширотном направлении по середине, которой проложила себе путь горная речка Сабаг. Скопление петроглифов же находится у входа в ущелье, у подножья хребта к западу от современного одноименного кишлака Сабаг. Петроглифы Сой Сабаг располагаются на восточном берегу пустынного ущелья горной речки Сабаг (правого притока Зеравшана). Само название Сабаг является согдийским, как впрочем, и все наименования кишлаков, ущелий, рек, гор и древних крепостей на территории долины

Верховья Зеравшана. Сой Сабаг находится на высоте 2327м. над у. м. между 39 28 07.6 северной широты и 69 47 57.9 восточной долготы.

Наскальные рисунки располагаются у дороги ведущей в Сабаг, и в верхние кишлаки Матчинского района. Отдельные плоскости с петроглифами можно увидеть даже из проезжающей машины.

Петроглифы выбиты на поверхностях валунов корично-черного цвета. Все рисунки выбиты на гладкой поверхности скал, при этом на поверхности одних и тех же камней с одинаковой экспозицией по отношению к солнцу отчетливо видны различия в интенсивности пустынного «загара» выбитых изображений.

Петроглифы Сой Сабаг расположены очень компактно. Общая площадь распространения рисунков занимает территорию чуть более 0,5 га. Для подсчета плоскостей вся территория распространения петроглифов была условно распределена на три группы. В этих целях в качестве границы между группами петроглифов использовались имеющиеся на памятнике барьеры. Нумерация плоскостей велась снизу вверх и слева направо.

В первую группу входят петроглифы, находящиеся ниже дороги. Во вторую группу - сопка с рисунками, находящаяся между дорогой и трубой (водопроводная труба, подающая воду из кишлака Сабаг на поля кишлака Табушн). В третью группу входят петроглифы, которые находятся выше трубы на севере до обрыва. Таким образом, можно также легко сгруппировать с юга на север первую - нижнюю, вторую – среднюю и третью – верхнюю группы петроглифов. Мы подсчитали и зафиксировали 122 плоскости в трех группах. Общее количество изображений в Сой Сабаг - около 1000 рисунков.

Группа 1 (Нижняя группа). Первую группу петроглифов занимают скопление рисунков, находящихся в самой нижней части ущелья у горной речки Сабаг. Здесь было зафиксировано незначительное количество петроглифов по сравнению с другими группами. Все петроглифы этой группы подновлены в более позднее время. Всего 8 плоскостей (1-8), на которых нанесено 19 единичных изображения. Сюжет петроглифов в основном состоит из изображений горных козлов выполненных в «линейном» стиле.

На плоскости №1 помимо рисунка козла отчетливо просматривается изображение в виде креста и круг с лумкой в середине. Так на плоскости №8 есть изображение двух козлов, одной лумки и повозки.

Группа 2 (Средняя группа). Территориально вторая группа является самым большим по сравнению с другими группами. Но все же здесь меньшее количество изображений, чем в группе №3, хотя здесь имеются очень гладкие, хорошо окатанные валуны для нанесения рисунков.В этой группе петроглифов нами зафиксировано 45 плоскостей (9-54) с петроглифами. Общее количество рисунков в данной группе насчитывается около 150, из них 16 составляют композиции. Здесь также как и в первой группе петроглифов, основным объектом выбивания на валунах является горный козел. Встречаются фигурки людей, лучников, всадников с луком, сцены охоты, лошади и три раза изображения повозки эпохи бронзы. В трех случаях в одинаковой манере выполнены единичные фигурки людей, словно держащих лук над головой. Два раза встречается надпись арабским шрифтом. Обновленные рисунки встречаются редко.

Среди петроглифов этой группы очень привлекает внимание плоскость 19. Здесь на ровной поверхности камня выбито животное с длинными рогами и туловищем, пять лучников, две повозки. Все изображения выполнены в «линейной» манере, очень сходны по технике исполнения и цвету патины, что свидетельствует об их одновременности и общей идеи композиции.

Группа 3 (Верхняя группа). Необходимо отметить, что между 2 и 3 группой петроглифов есть ровная площадка 100х40 м. с отдельными камнями, на которых отсутствуют какие либо рисунки. Вероятнее всего, здесь и располагалось поселение людей, которые некогда жили и запечатлили рисунки на гладких поверхностях каменных глыб. Каких-либо артефактов на поверхности не обнаружено, так как в верхней части площадки проходит старая, а чуть выше новая дорога, при строительстве которой вероятнее всего завалами покрылась вся поверхность площадки. Здесь же проходит водопроводная труба завалами, которой покрыта поверхность площадки, что затрудняет нахождение свидетельств материальной культуры на поверхности.

Третья группа петроглифов занимает самую верхнюю часть памятника. Скалы данной группы располагаются в широтном направлении, образуя своеобразный коридор, около 150 м. в длину и всего 2-4 м. в ширину. Большинство валунов имеют полуовальную

форму. Южная сторона, на которую попадают прямые солнечные лучи покрыта интенсивным «загаром», а северная сторона в течении большего времени суток остается в тени и покрыта лишайниками. За скалами образовался крутой обрыв в 15-20 м. до глубины ущелья.

Данная группа петроглифов является самой многочисленной и архаичной. Мастера, изображавшие рисунки постарались использовать почти всю поверхность валунов в этой части памятника. Здесь обнаружены ряд привлекательных сцен. Очень часто рисунки образуют палимпсесты, т. е. перекрывают друг друга. Это несколько усложняет работу по разбору отдельных изображений и выявлению содержания композиций.

Для облегчения задач петроглифы третьей группы в свою очередь делятся на две подгруппы. Группа 3 а и группа 3 б. Общее количество плоскостей в обеих группах 68 (54-122). Общее же количество петроглифов в группе 540. Эта цифра исходит из подсчета всех рисунков, которые нам удалось подсчитать и зафиксировать на фотоаппарат. В самом же деле число изображений в этой группе значительно больше, но они находятся в северной части камней и покрыты лишайником.

Группа 3 а. В данной группе петроглифов зафиксировано 13 плоскостей (55-68) с изображениями. Всего рисунков в этой подгруппе 140 петроглифов, большинство из которых составляют сюжетные композиции. Здесь очень много изображений быка-тура, колеса, зеркала и волнообразных знаков, чего нет в петроглифах нижней группы.

Большой интерес представляет собой плоскость условно названная 65-66-67. Это один большой хорошо окатанный валун полуовальной формы, на котором с южной и северной стороны имеются рисунки. Длина валуна 5 м., а ширина 3 м. Южная сторона камня, на который попадают прямые солнечные лучи, покрыта интенсивным «загаром». Северная же сторона почти вся покрыта лишайником, и разглядеть изображение, крайне затруднено.

Самое центральное место среди изображений этой плоскости, да и вообще всего комплекса занимает фигура огромного быка-тура (Bos primigenios). Фигура быка выполнена в реалистическом, теневом стиле. Размеры быка-тура 35х40 см. Бык изображен в очень динамичной позе, у него длинные рога и хвост, кончик которой заканчивается округлой формой. Бык изображается в динамичном движении, в момент соприкосновения (нос к носу) с маленьким бычком - детенышем. Обе фигуры нанесены техникой точечной выбивки, острым металлическим предметом. На плоскости, помимо быка в центре, изображены фигуры множества козлов, быков и лучников. Подавляющее большинство животных изображены смотрящими в одно направление, что и бык-тур. Рисунки разновременные, отличаются по стилю и размерам. Присутствуют несколько композиций сцены охоты, фигурки людей, направивших лук в сторону животных.

Цилиндрическая печать с изображением быка обнаружена при раскопках древнеземледельческого поселения эпохи энеолита и бронзы Саразм [5]. В Саразме также найдены костяные останки, при анализе которых выяснилось, что это кости быка-тура. Выше, в глубь ущелья находится месторождение содалита. Результаты анализа показали, что содалит найденный при раскопках Саразма, идентично содалиту из ущелья Сабаг. По мнению археолога А. Раззакова [6] население Саразма добывало этот ценный камень именно из ущелья Сабаг.

Образ быка встречается во всех текстах древнеиранской и древнеиндийской литературы той эпохи. Особенно ярко культ быка отражен в Авесте в гимне о Вэртрагне – бога Войны и Победы. В гимне перечисляются десять воплощений (инкарнаций) божества Победы, последовательно предстающего перед пророком Заратуштрой в облике Вепря, Быка, Коня, Верблюда и так далее.

Явился Заратуштре
Второй раз Вэртрагна,
Создание Ахуры:
Быком золоторогим,
Прекрасным и могучим,
Таким, что над рогами
Вздымались мощь и сила, -
Явился так Вэртрагна,
Создание Ахуры…

Далее в этом же гимне говорится о жертвоприношении быку.

Промолвил тут Вэртрагна,

Создание Ахуры:
«Негодны недостойны
Все жертвы и молитвы,
Которые приносят
Душе Быка [7] те люди,
Что почитают дэвов,
Пролитием напрасным,
Что проливают кровь [8] ….

Группа 3 б. В этой подгруппе зафиксировано 53 плоскости (69-122) с петроглифами. На сравнительно небольшом участке, нам удалось подсчитать около 400 рисунков. Здесь много изображений козлов, быков, лучников, всадников, зеркал, волнообразных знаков, спиралеобразных знаков и знаков в виде круга. Рисунки часто перекрывают друг друга. Большинство рисунков составляют сюжетные композиции.

На плоскости 79 нанесены изображения пяти козлов одинакового размера и степени интенсивности «загара». Все козлы двигаются в едином направлении. Однозначно - по цвету патины и технике исполнения все фигуры создавались в одно время. Сюжет примечателен тем, что в одном случае изображение одного козла выполнено в «силуэтной» манере, а остальные изображения козлов даны в контурном исполнении.

Очень большой интерес вызывает изображение на плоскости 87. На плоскости имеется волнообразная фигура в виде змейки, две фигуры козла и антропоморфное существо. Все рисунки единичны и не составляют единой композиции. Обращает на себя внимание фигура последнего – антропоморфного существа или, скорее всего, божества или чудовища с большой головой и раскинутыми в стороны руками и ногами. Пальцы рук и ног отчетливо раскрытые и их размеры относительно велики по отношению к пропорциям изображения в целом. У фигуры подчеркнут признак пола. Фигура изображена вверх ногами по отношению к плоскости и к изображениям козлов. Можно с уверенностью утверждать, что фигура божества изображена вверх ногами и вниз головой намеренно, если только не допустить, что художник выбивал его, сидя на верхней части камня, наклонившись вниз. Но это маловероятно, так как в этом случае было бы крайне затруднено выбивать изображение, особенно голову божества. Позиция фигуры напоминает также и образ поверженных «людей-скелетов» из Ак-джилги [9]. Применительно к нашему изображению можно предположить, что перед нами фигура убитого или поверженного антропоморфного существа с раскинутыми в стороны руками и ногами. Отличие в том, что петроглифы из Ак-джилги выполнены в «линейно-схематизированной» манере, а наша фигура исполнена в «контурно-силуэтной» манере. Необходимо упомянуть, что у фигуры только голова выбита контуром, а остальные части тела выполнены в «линейно-силуэтном» стиле. В целом изображение носит некое сакральное содержание. Размеры фигуры относительно велики 35 см. Изображение сильно запатинировано, но благодаря глубокой выбивке оно различимо от цвета породы валуна. Все остальные рисунки, изображающие человека или антропоморфное существо, резко отличаются по технике исполнения, сюжету и размерам.

На плоскости 105 содержится изображение четырех быков, четырех козлов и трех очковидных знаков. Четыре одинаково исполненных фигуры быков, однозначно составляют единую композицию. Стилистически фигуры быков отличаются от быков на других плоскостях. Все фигуры исполнены в «силуэтной» манере, выбиты глубокими точечными ударами с использованием острого металлического предмета.

На плоскости 115 обнаружена еще одна очень интересная картина. Здесь на ровной поверхности высечены изображения разнообразных животных в основном козлов, среди которых центральным является фигура антропоморфного существа. Рисунок контурно-линейный. У фигуры большая голова, руки подняты вверх, обхватывают голову, тело - проведено одной линией, объемный таз, фигурирует и фаллос. Ноги параллельно повторяют изгибы друг друга, имитируя движение. От стоп исходят две параллельные волнообразные линии. Вероятнее всего рисунок носит сакральный характер. Загадочная фигура антропоморфного не есть человек, а какое то мифическое, сверхъестественное существо идущее по линии. Предположительно линии могут означать дорогу и или реку.

На плоскости 114 помимо рисунков животных имеются рисунки крупных по размерам волнообразных знаков.Чрезвычайно огромный интерес представляет плоскость. Эта плоскость с множеством рисунков перекрывающих друг друга. Здесь нанесены

изображения зеркал, лучников, различных животных, кругов. Трудно разобраться в переплетении линий перекрывающих одну другую. Но если присмотреться, то можно обнаружить удивительную по красоте композицию – сцену охоты. Семь лучников, натягивающих тетиву, направив лук в сторону убегающего быка (единорога?) и следующего за ним детеныша. Фигуры двух лучников отличаются особой изящностью. Чувствуется динамика и реалистичность во всей запечатленной сцене. Все изображения выполнены в «силуэтной» манере. Изображения наносились на поверхность камня техникой точечного выбивания, с использованием острого металлического предмета.

Древнейший пласт изображений Сой Сабаг относятся к эпохе бронзы. Многочисленные изображения колесниц, быка-тура, очковидных знаков, различные графические и волнообразные фигуры вполне соответствует к так называемому «Периоду колесниц и дикого быка» [10] III-II тыс. до н.э.

В связи с этим, можно утверждать, что петроглифы Сой Сабаг перекликаются с другими культурами наскального искусства эпохи бронзы Центральной Азии. Идентичные аналогии сюжетам рисунков Сой Сабаг можно видеть в комплексах Койбагар, Арпаузен, Тамгалы, Сармышсай и Саймалы-Таш. Связи с другими пунктами петроглифов, находящихся на территории Верьховья Заравшана и петроглифами Сой Сабаг не наблюдается. Имеется значительное количество рисунков раннежелезного века, выполненные в скифо-сакском «зверином стиле». Рисунки, относящиеся к средним векам единичны. Но присутствует много рисунков в группах 1 и 2 подновленных в средние века и этнографическое время.

Настоящая статья является первым шагом к более глубокому научному изучению памятника. На основе итогов проделанной работы экспедиции можно с уверенностью судить об огромном значении Сой Сабаг среди других памятников эпохи бронзы Центральной Азии. Отличительной особенностью петроглифов Сой Сабаг является то, что на сравнительно небольшой территории площадью 0,5 га., выбито около 1000 отдельных изображений и композиций. Плоскости с изображениями расположены очень компактно. Среди петроглифов имеется множество уникальнейших сюжетов.

Месторасположение Сой Сабаг с одной стороны, очень удобно для будущего привлечения туристов, так как находится в непосредственной близости от главной дороги. С другой стороны, это делает памятник уязвимым от человеческого фактора. Уже сейчас на некоторых плоскостях рядом с изображениями эпохи бронзы можно увидеть грубо выбитые современные инициалы любителей автографов. К сожалению много, плоскостей с рисунками покрыто лишайниками. Памятник остро нуждается в планомерном изучении, реставрации и консервации.

Скопление петроглифов в ущелье Сой Сабаг является новым и пока еще недостаточно изученным памятником наскального искусства. Сюжеты имеющихся здесь петроглифов уникальны для Таджикистана. Сой Сабаг обладает достаточным потенциалом для включения в список памятников республиканского значения. Необходимо предпринять меры по отводу земли и созданию паспорта Сой Сабаг. Этими же мерами обеспечит охрану памятника на государственном уровне. Вести разъяснительную работу среди местного населения для ознакомления значимости данного памятника.

**ЛИТЕРТУРА**


1.Дальский А. Н. Наскальные изображения в бассейне реки Зарафшан. – МИА, 1950, № 15, с. 232−240; его же Наскальные изображения Таджикистана. − ИВГО, 1949, т.81 вып.2, с. 183−197.

2. Мандельштам А. М. Несколько замечаний о наскальных изображениях бассейна верховьев Зерафшана. − ТИИАЭ АН Тадж. ССР,1956, вып.42, с. 195−201. Сб. статьей, посвященных искусству Таджикского народа, Душанбе, 1956, стр. 195−196.

3. Ранов В.А., Салтовская Е. Д. О работах Ура−Тюбинского отряда в 1959 г. , Тр. Инст. ист. АН Таджикской ССР, т 31, 1961.

4.Н. Н. Воронцов, Е. А. Ляпунова. Наскальные изображения Верховьев Зеравшана. «Природа» №5, 1976

5. Исоков А. Саразм – огози тамаддуни халки точик. Панчакенти Сугд. Худжанд 2005 стр.181.

6. Разоков А. Сангнигорахои саргахи Зарафшон. Петроглифы Верхобя Зеравшана. Дайри Мугон. №2-8. 1997. с. 24-25 // Саразм. Душанбе. 2008. с. 16.

7. Душа Быка, Душа Скота, авестийское Гэуш-Урван – божество, вбиравшее в себя души всех убитых с молитвой животных и заботившееся об изобилии полезных животных. (см. И. Стеблин-Каменский. Авеста. М. 1993 стр. 191).

8. И. Стеблин-Каменский. Авеста. М. 1993 стр. 131

9. Ранов В. А. Древные колесницы на Памире. «Памир» №11, 1974.

10. Кадырбаев М.К., Марьяшев А.Н. Петроглифы хребта Каратау. Алма-Ата. 2007.

**СОЙ САБАГ - УНИКАЛЬНОЕ СКОПЛЕНИЕ ПЕТРОГЛИФОВ В ВЕРХОВЬЕ ЗЕРАВШАНА**

Статья посвящена комплексу петроглифов - Сойи Сабаг расположенный в Горной Матче. В результате археолого-разведывательной экспедиции обнаружено около 1000 отдельных наскальных изображений, большую часть из которых составляют сцены со сложной композицией. Найдено множество изображений туров, горных козлов, зеркал, печатей, людей, сцен охоты, разнообразных геометрических фигур. Большинство изображений относится к эпохе бронзы (III-II тыс. до н. э.).

**Ключевые слова:** петроглиф, эпоха бронзы, тур, колесница.

**SOY SABAG - A UNIQUE CONGESTION OF PETROGLYPHS IN VALEY OF UPPER ZERAVSHAN**

Article is devoted a complex of petroglyphs - Soi Sabag located in the Matchai Kuhi region. As a result of archeological-prospecting expedition it is revealed about 1000 separate rock drawings the most part from which make scenes with a complex composition. The set of images of rounds, mountain goats, mirrors, the seals of people, scenes of hunting, and various geometrical figures is found. The majority of images concerns a bronze epoch (III-II thousand BC).

**Keywords:** petroglyph, Bronze Age, round, chariot.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Бобомуллоев Б.С.*** - аспирант II-го года обучения кафедры отечественной истории РТСУ. Телефон:**(+992) 988 37 88 88**.**bobo_bobomullo@yahoo.com**

## ТАЛОШҲОИ ДАВЛАТ ВА АНДЕШАМАНДОН БАРОИ ТАЪСИСИ АРХИВИ МИЛЛИИ ЭРОН

***Ғуломҳусайни Низомӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба тавсеаи ниҳодҳои ҷадиди идорӣ аз авосити давраи Қоҷор ва идомаву афзоиши он дар давраи ҳукумати Талҳавӣ (1850 – 1935) авроқу мадорики зиёде ба вуҷуд омад. Ин мадорик ҳамвора мавриди ниёзи нав буд, вале назми хосе надошт. Аз тарафи дигар қисмати умдае аз ин мадорик бемасраф буд. Аммо қонуне барои чигунагии расидагӣ ба онҳо аз назари ҷудосозии мадорики архивӣ, аз ғайри архивӣ ва бемасраф набуд. Бинобар ин, дар даҳаи с. 1950 давлат ба фикри чораҷӯӣ афтод. Аз тарафи дигар, андешамандони донишгоҳӣ низ ба фикри таъсиси архиви миллӣ афтоданд. Аз ин ба баъд аз ёздаҳ сол иқдоми амалӣ ва тадвини барассии мутуни мухталифи қонуни пешниҳодӣ, саранҷом архиви Эрон дар соли 1970 ташкил шуд.

Дар Эрон фаъолиятҳои ташкили архиви миллӣ таҳти унвон комиссиюни миллии тарбиятӣ ва илмиву фарҳангии Милали Муттаҳид (ЮНЕСКО) шакл гирифт ва барои таъсиси архиви миллӣ вориди амал шуд.

Аз тарафи дигар, давлати Эрон ҳам ба ин натиҷа расида буд, ки мебоист дар эҷоди бойгонии миллӣ ё архиви миллӣ иқдоми ҷиддие ба амал оварад.

Бинобар ин, дар 2-02 1338 (23. 04. 1959 ба дастури нахуствазир муқаррар гардид, ки як комиссиони панҷнафара аз муовинони вазоратхонаҳо, ки аз тарафи шурои муовинон интихоб шуда буд, тарҳи «Қонуни бойгонии кулли кишвар»-ро таҳия намоянд. Ҳадаф ин буд, ки бойгонии идорот ба шакли модерн тағйир кунад ва савобиқи марбут ба кормандон дар корти шиносоии онҳо мунъакис шавад. Ҳамчунин таъкид шуда буд, ки системаи бойгонии вазоратхонаҳои давлатӣ бисёр куҳна ва аризу тавил аст ва ин боиси кундии кор шудааст. Бинобар ин, давлат эҷоди як системаи модерни бойгониро дар дастури кори худ қарор дод.

Билохира, пас аз ҳафт моҳ кори тадвини бойгонии кишвар ба поён расид ва дар таърихи 17.9.1338/9.012-1959 тавассути шурои муовинон мавриди тасвиб қарор гирифт. Муқаррар шуда буд, ки ин созмон аз нахуствазирии вазир назари мустақими нахуствазир ташкил шавад. Барои он ду бахш дар назар гирифта буданд, ки як бахши шомили асноди муҳими таърихӣ ва маҳрамона ва бахши дигар марбут ба мушаххасоти кормандони давлат мебошад. Вазоратхонаҳо мувазaф мешуданд, ки мушахассоти комили кормандони худро ба бойгонии кул ирсол намоянд.

Ҳадаф аз ташкили бойгонии кул дарвоқеъ костан аз ташрифоти коғазбозӣ ва тамаркузи куллияи аснод ва мадорики таърихӣ, савобиқи тарҳҳо ва пружаҳо дар як созмони марказӣ қаламдод шуда буд.

Шоёни зирк аст, ки ба ҷуз муовинони вазоратхонаҳо ва намояндаи онҳо аз афроди андешаманди академикҳо ва огоҳ ба масоили оршив ва асноди таърихии монанди: доктор Муҳсини Сабо, низ даъват ба амал ояд. Доктор Эраҷи Афшор, Илоҳиёри

Солеҳ, Абдулҳусайн Мифтоҳ ва Ҳасани Шаҳшаҳонӣ низ дар қолаби комиссиюни тарбиятиву илмӣ ва фарҳангии ЮНЕСКО дар даймоҳи 1338/1958 дар толори китобхонаи миллии Эрон гирди ҳам оваранд, то дар тадвини нахустин матни архиви миллии Эрон бо унвони «Лоиҳаи қонуни бойгонии кулли кишвар» мушорикат намоянд.

Ин матн билохира таҳия шудаву дубора мавриди ислоҳ қарор гирифт. Ҳарчанд, ки матн дар соли баъд ба каноре гузошта шуд ва матни дигаре аз тарафи Вазорати кишвар матраҳ шуд, бо ин ҳол пояе барои шаклгириву тадвини мутуни дигари қонуни бойгонии миллӣ дар Эрон гардид.

Як сол баъд дар таърихи 22. 09. 1339 / 13. 12. 1960 вазир кишвар тайи номае ба нахустинвазир ба инзимоми матни пешниҳодии тасвибномаи он хостори таъсиси созмоне ба номи «Созмони архиви умумӣ», ки вобаста ба вазорати кишвар пешбинӣ шуда буд, гардид. Як моҳ баъд аз он ин матни пешниҳодӣ дар шурои олии муовинони вазоратхонаҳо ва созмонҳои давлатии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифт ва тавассути муовини нахуствазир барои эълони назар ба Вазорати гумрукот ва инҳисорот фиристода шуд.
Матни ирсолӣ пас аз мутолиа мавриди таъйид қарор нагирифт ва посух дода шуд, ки чун ахирин ду матни қонуни пешниҳодӣ таҳти унвони «Лоиҳаи қонуни имҳои авроқи занд» ва «Лоиҳаи қонуни ташкили бойгонии миллӣ ё бойгонии марказӣ» дар дасти баррасӣ аст. Бинобар ин, дар сурате ки бойгонии миллӣ ташкил шавад, дигар ниёзе ба тасвиби тарҳи пешниҳодии «Архиви умумии кишвар» нест ва агар ҳам тарҳи бойгонии миллӣ ба тасвиб нарасад, тасвибномаи пешниҳодии «Созмони Архиви умумӣ» кофӣ ба назар мерасад ва пешниҳод мешавад, ки беҳтар аст ҳамон бойгонии миллӣ ё марказӣ ташкил шавад, то ин вазоифро анҷом диҳад. Агар ҳам феълан эҷоди бойгонии миллӣ мақдур набошад, тарҳи «Созмони Архиви умумӣ»-и кишвар муфид аст, ба шарти ин ки унвони архиви умумӣ надошта бошад.

Бо нигарише бар матн ва маводи қонунии тасвибномаи пешниҳодии «созмони» Архиви умумӣ» метавон дарёфт, ки ин орган ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист вазоифи маркази бойгонии миллӣ ё марказиро анҷом диҳад ва дарвоқеъ дунболае аз вазорати кишвар ба шумор мерафт, ки дар мавориде метавонист анҷоми бархе аз умури онро тасҳил намояд. Табиист, ки ин тарҳ наметавонист мавриди қабули касоне бошад, идеяи архиви миллиро аз солҳои пеш дунбол мекарданд ва чунин низ шуд ва ин тарҳ ба марҳалаи амал нарасид. Аз тарафи дигар, вазоифе, ки барои ин созмон дар назар гирифта буданд, вазоифи архиви миллӣ набуд, балки бахше аз он ба вазорати кишвар ва бахше низ мутааллиқ ба шаҳрдорӣ буд. Монанди, таҳияи шиносномаи шаҳрҳо, ҳамкорӣ бо шаҳрдорӣ дар тазйини амокини умумӣ ба монанди, майдонҳо ва паркҳои умумии кишвар, ки иртиботе бо вазоифи илмии архиви миллӣ ба монанди он чӣ дар кишварҳои пешрафта даҳҳо сол пеш аз он шакл гирифта буд, надошт.

Дар соли 1341 (1962) шурои олии идории ниҳодӣ, тасмимгирандаи байни давлат ва дар раъси идороти расмии давлатӣ буд, ташкил шуд. Яке аз вазоифаш ин ниҳод баррасии тарҳи тадвини қонуни пешниҳодии маркази бойгонии кишвар буд ва касоне, ки дар ин бахш аз шурои олии идорӣ машғул ба кор шуданд, ашхоси матлаъ ва ботаҷриба битавонанд, ки мебоист дар ибтидо вазъияти бойгонии идорати давлатиро бо зикри омор ва арқом мушаххас созанд. Бинобар ин, фирмаҳое, ки дар бойгонии вазоратхонаҳо ва созмонҳои давлатӣ буданд омада ба органҳои давлатӣ ирсол гардиданд.

Омори бадастомада як вазъияти номатлубро нишон медод, ки мебоист ҳарчи сареътар ба он расидагӣ шавад. Аз тарафе бидуни такягоҳи қонунӣ, яъне органе, ки бо як қонуни мусавваб ба вуҷуд омада бошад, низ чунин кор имконпазир набуд. Давлат ба фикри чораҷуи баромад, аммо ин кор ду сол баъд шуруъ шуд.

Ин солҳо ҳукумати Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ дар сади анҷоми истилоҳоти куллие дар мамлакат бо кумаки Ғарб, бивижа Амрико буд, ки давлати мардони Эрон бар анҷоми он пой мефишурданд. Дар ҳоли як ҷунбиши мазҳабӣ ба роҳбарии Имом Хумайнӣ, ки дар ин сол ба маруаъияти шииён низ расида буд, шуруъ шуд ва даргирии сахту ҳамаҷонибаеро бо режими Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ оғоз кард. Ба тавре ки ҷунбиши густарда дар Эрон ба муддати ду сол ҳукумати шоҳро ба мубориза талабид. Эътирозот ва тазоҳуроти густурдаи мардумӣ барои тағйироти дигар ғайримумкин месохт ва дар ин ду сол амалан кишвар дар илтиҳоб ва буҳрони сиёсӣ қарор дошт. Бинобар ин, то ду сол баъд андешаи эҷоди бойгонии миллӣ дар Эрон

маскут монд ва дигар пешниҳоди ҷадиде матраҳ нашуд. Бо ин ҳол давлат дар пайи роҳои аз буҳрони ҷадид буд. ҷунбиш саркуб шуд ва Имом Ҳумайнӣ ба Туркия табъйид гардид.

Дар соли 1343 (1964) бо фурӯкаш кардани мавҷи эътирозоти мардуми Ҳукумати Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ анҷомиислоҳот ва навсозиро дар сохтори идорӣ ва ташкилотии давлат ва ҷомеа оғоз кард. Дар заминаи Архиви миллӣ аз сӯи давлат ин кор бар уҳдаи шурои олии идорӣ гузашта шуд. Бо шикасти торҳҳои панҷ соли гузашта дар тадвини мутуни қонунӣ ташкили архиви миллӣ ё бойгонии марказӣ ин бор бо шурои олии идорӣ бо мутолиаи бештар аз шахсиятҳое назири доктор Сируси Пурҳом ва хонум Мунира Розавӣ даъват ба амал овард.

Афроди дигаре назири доктор Кударзӣ, доктор Пирназар, доктор Хушбин ва оқои Росил Формад коршиноси Созмони милал, ки бознишастаи архиви миллии Англия ва фарди бо таҷриба буд, низ ба дастгири кор шуданд. Илова бар он, Вазорати фарҳанг ва омӯзиши олӣ, ки кори идора ва назорат бар донишгоҳҳо ва марокизи омӯзиши олии кишварро бар уҳда дошт, низ кори таъсиси архиви миллиро дунбол кард. Вазири ин вазоратхона дар 19.05 – 1343 8.10.1994 тайи ирсолномаи расмие ба муовини худ зимни тавзеҳ дар бораи аҳамияти ҳифзи асноди таърихӣ, пешниҳоди ташкили бойгонии миллӣ ё архиви миллиро матраҳ кард.

Вай ишора намуд, ки ин аз вазоифи Вазорати фарҳанг аст, огоҳӣ аз охирин техникаҳо ва улумро дар ин замина лозим шумурд ва тақозо кард, ки комиссия ташкил карда шавад ва аз доктор Муҳсин Сабо низ даъват ба амал омад. Дар ҳамин замон шурои олии идорӣ бори дигар ба таҳқиқ дар мавриди вазъияти бойгонии вазоратхонаҳо ва идорати давлати Эрон пардохт ва натиҷаи онро инчунин мунташир сохт. Дар ҳоли ҳозир ин табақа аз авроқ ва савобиқ мутаҷовиз мебошанд, 250 утоқ аз вазоратхонаҳо ва созмонҳои давлатии Эронро ишғол намудаанд, ки иҷораи тақрибии онҳо дар худуди 7 700000 риёл ва ҳазинаи нигаҳдории онҳо 44000000 риёл дар сол болиғ мегардад. Ин омори хушоянде барои давлат набуд, бинобар ин, дар шурои идорӣ тарҳе барои эҷоди «Маркази бойгонии рокид» пешниҳод шуд. Дар ин тарҳ барои авроқ ва савобиқи давлатӣ се марҳала ташхис шуда буд: Марҳалаи ҷорӣ. 2.Марҳалаи рокид. 3. Марҳалаи ниҳоӣ.

Дар марҳалаи ҷорӣ авроқ ба таври рӯзмарра мавриди истифодаи мустанад, вале дар марҳалаи рокид гоҳ-гоҳ истифода мешавад ва дар марҳилаи ниҳоӣ ба нудрат мавриди истифода қарор мегиранд. Бинобар ин, мебоист пай аз тасвияи ниҳоӣ авроқи зиёд ва бефоида имхоъ гарданд ва асноди боарзише, ки қобилияти истиноди таърихӣ доранд, ба архиви миллӣ мунтақил шаванд.
Пешниҳод шуда буд, ки авроқи марҳилаи 2 ба бойгонии рокид мунтақил шаванд. Тибқи омор шомили он асноде дохил мешуд, ки 50% он дар ҳоли нобудӣ буд. Давраи таърихии авроқи рокид дар ин тарҳ аз соли 1111 (1732) то соли 1343 (1964), яъне ҳудуди 266 сол тахмин зада мешавад ва масоҳати болиғ бар 20000 метри мураббаъ мешавад. Бештари ҳаҷми авроқ марбут ба замони машрута 1285 (1905) то соли 1344 – (1965) яъне як давраи шаступанҷсола буд. Барои эҷоди архив замине ба масоҳати 20000 метри мураббаъ дархост шуд, ки ними бахши идорӣ ва рифоҳӣ ва ними дигар ба махзани бойгонии рокид ихтисос ёбед. Албатта дар бахши дигар гузориш омада буд, ки агар 15000 метри мураббаъ барои замини бойгонии рокид дар назар гирифта шавад, беҳтар аст, зеро масоҳати камтар боиси диққати бештар дар ғирболгирии аснод мешавад ва аз анбоштану ҷамъоварии беҳудаи онҳо ҷилавгирӣ мекард.

Оқои Пурҳом зимни мутолиа ва омӯзиши амалӣ дар архивиҳои Англия ва Амрико гузориши муфассалеро ба шурои олии идорӣ дар ин маврид ироа кард. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар гузориши вай, диққат ва хушёрӣ дар тарҳ ҳамзамон эҷод «маркази бойгонии рокид» мадди назар буд, ки ба фаврият барои рафъи мушкили камбуди фазои идории дастгоҳҳои давлатӣ эҷод шавад ва баъдан таъсиси «Архиви миллӣ», ки дарвоқеъ маркази сонавия ва такмилкунандаи маркази аввал ба барои ҷудосозии асноди муҳими таърихӣ ва нигаҳдории он буд, пешниҳод шуд. Он чи мусаллам аст, таъсиси маркази бойгонии рокид муқаддимаи архиви миллӣ буд ва эҷоди онро иҷтинобнопазир месохт. Ҳамроҳ бо рушду тавсеаи маркази бойгонии рокид ва интиқоли анбӯҳи авроқ ва мадорики идороти давлатӣ, ки болиғ бар миллонҳо парванда мешавад, архиви миллӣ низ аз мадораки тасфияшудаи муҳими таърихӣ шакл мегирифт.

Тарҳи тасвибномаи таъсиси «маркази бойгонии рокиди кишвар» дар ҷаласа расидагӣ ва таъйид қарор гирифт ва тайи номаи шумораи 2915 муаррихи 7.013. 1343 тавассути номаи Вазири мушовир ва дабири кулли шурои олии идории кишвар, барои тарҳ дар ҷаласаи ҳайати вазирон барои нахуствазир ирсол шуд. Ин тасвибнома, ки дар як муқаддима ва панҷ модда тадвин шуда буд, дар сурати тасвиб дар ҳайати давлат роҳро барои эҷоди амалии маркази бойгонии рокиди кишвар боз мекард. Охирин ҳайати вазирон дар тасвибномаи шумораи 40162 дар таърихи 1.10.1343 – 22.12.1964 тарҳи пешниҳодии панҷ моддаи шурои олии идорӣ барои эҷоди маркази бойгонии рокиди кишварро тасвиб кард ва барои шурои олии идорӣ иблоғ намуд. Бинобар ин, талошҳои суратгирифта ба самар расид. Ҳоло навбат ба тадвини матни Қонуни лоиҳаи пешниҳодӣ дар мавриди қонуни маркази бойгонии рокиди кишвар расида буд. Илова бар ин, талошҳое барои гирифтани замини муносиб барои сохтмони бойгонии рокиди кишвар шуруъ шуд. Мукотиботе бо созмонҳо сурат гирифт ва фаъолиятҳое барои таҳияи нақшаву тарҳи сохтмоне ҳам сурат пазируфт. Дар натиҷа 22000 метри мураббаъ замин дар Теҳрон барои анҷоми пружаҳои сохтмонӣ ихтисос ёфт ва дар матбуоти кишварӣ мунъакис шуд. Дар ин замон суолоти зиёде дар мавриди вазоиф ва коркарди ин марказ оинномаи интиқоли аснод ва бойгониву чигунагии иртибот бо идороти давлатӣ матраҳ шуд, ки оқои Пурҳом дар 25.10.1343 / 15.01 1965 тайи як гузориш бо ташкилоти архиви миллӣ дар ин маврид посух дод. Бо гузашти чанд моҳ баъд аз тасвибномаи муҳими давлат дар амри таъсиси маркази бойгонии кишвар ҷиҳати суръат бахшидан ба интиқоли аснод ва авроқи давлатӣ аз бойгониҳои рокид ба он марказ номае ба вазоратхонаҳои мухталиф монанди, Вазорати ободонӣ ва маскан, умури хориҷа, роҳ, фарҳанг ва ҳунар, шурои идории олӣ баррасии бойгонии онҳо ба вазоратхонаҳои мазкур иблоғ шуд.

Нуктаи муҳим ин аст, ки пас аз таҳвили ин лоиҳа ба давлат дубора мавриди таҷдиди назар қарор гирифт ва пас аз тасвиб барои расидагии ниҳоӣ дар ихтиёри маҷлиси шурои миллӣ қарор гирифт. Ин лоиҳа се сол дар маҷлиси шурои миллӣ ва баъд дар маҷлисҳои дигари давлат ва дар комиссияҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар ниҳоят ин матн, ки дар ибтидо дар шурои олии идорӣ шомили 22 мода буд, дар ҳайати давлат бо тағйир ба 17 модда таҳлил ёфт ва саранҷом пас аз сад соли баррасӣ дар ду маҷлиси Эрон ба 8 модда ва 6 табсара таназзул ёфт. Ба далели таҳаввулоти идорӣ дар давраи Қоҷор ва Паҳлавӣ авроқ ва мадораки зиёде тавлид шуд, ки бойгонии онҳо матраҳ гардид. Аммо бо гузашти замон рӯз ба рӯз ҳаҷми онҳо афзуда шуд, то ҷое ки ба муликилии бузурге барои давлат мунҷар гардид, зеро фазои зиёдеро ишғол карда буданд ва моҳонаи ҳазинаи зиёде барои нигаҳдории онҳо мавриди ниёз буд. Аз тарафи дигар андешамандони донишгоҳии Эрон ки бо маркази архиви кишварҳои пешрафтаи дунё ошно буданд, дар садад баромаданд ва дар Эрон архиви миллӣ ба вуҷуд биёваранд. Ҳарчанд ибтидо аҳдофи онҳо яксон набуд, вале пас аз муддате ҳарду ба тавофуқ расиданд, ки барои ин созмоне бо номи «Созмони аснод ва китобхонаи миллӣ» ба вуҷуд биёваранд.

**АДАБИЁТ**


1. Рӯзномаи Кайҳон. 2.02.1338.
2. Рӯзномаи Кайҳон 17.09.1338.
3. Эраҷи Афшор. Лоиҳаи Қонуни бойгонии кулли кишвар. Ганҷинаи асноди шумораи 67, соли 1386.
4. Созмони аснод ва ганҷинаи миллии Эрон. Санади шумораи 240027626.
5. Созмони аснод ва ганҷинаи моллии Эрон. Санади шумораи 240027626.


**УСИЛИЯ ГОСУДАРСТВА И УЧЕНЫХ В СОЗДАНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО АРХИВА ИРАНА**


Данная статья рассматривает и изучает историю создания национального архива Исламской Республики Ирана, а также усилия государства и вклад ученых Ирана в данном процессе.



**Ключевые слова:** Исламская Республика Иран, национальный архив, история, государство, вклад ученых в создании национального архива.


**EFFORTS OF THE STATE AND SCIENTISTS FOR THE NATIONAL ARCHIVES IRAN**


This article reviews and examines the history of the National Archives of the Islamic Republic of Iran, as well as the efforts of the state and the contribution of scientists of Iran in the process.



**Key words:** Islamic Republic of Iran, the National Archives, the history, the state, the contribution of scientists for the National Archives.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Гуломхусайн Низоми*** - соискатель Таджикского национального университета

# РАВОБИТИ ШОҲ ИСМОИЛИ I БО ӮЗБЕКОН

*Ҳусейн Баҳманӣ*
**Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Ромҳурмуз, Эрон**

Зуҳури давлати Сафавия дар таърихи Эрон тавъам бо таҳаввулоте ҳамчун ваҳдати сиёсӣ, расмият ёфтани мазҳаби ташаюи дувоздаҳимомӣ ва тараққии саноат ва хунар ҳамроҳ буд. Аммо дар ин замон шоҳ Исмоили Сафавӣ фармонравоёни маҳаллӣ ва муддаиёни подшоҳӣ дар Эронро яке пас аз дигаре аз миён бармедошт (Ғулом Сурур, 1374.-52).

Дар марзҳои шарқии Эрон (Мовароуннаҳр) низ ҷангу хушунат даргирифта буд. Шайбонихон бунёдгузори силсилаи ӯзбекон дар Мовароуннаҳр бисёр қудрат ёфта буд ва пас аз он ки шоҳ Исмоил дар ҷанги Марв дар 916 ҳ. Шайбонихонро шикаст дод, фарди қудратманди дигар ба номи Абдуллоҳхон боиси ноороми дар марзҳои шарқии кишвар шуд, то ин ки ҷангҳо ба Ғарб, яъне Усмонӣ кашида шуд, то суқути давлати Сафавия, ҳамучнон ин ҷангҳо идома ёфт ва ҳадаф аз ин мақола огоҳӣ ёфтан аз ихтилофот, ҷангҳо ва ноороmиҳои марзҳои шарқии замони шоҳ Исмоил бо Шайбонихони ӯзбек аст.

**Иллати буҳрон дар марзҳои шарқии Эрон.** Аз ибтидо ба қудрат расидани Сафавиён дар Эрон аз соли 907 ҳ.қ. ба баъд бо таъмими мазҳаби ташаюи дувоздаҳимомӣ тавассути шоҳ Исмоил аз аввал ва расмият додани он ба сифати мазҳаби расмии Эрон тавассути шоҳ Исмоили аввал ихтилофоти сарҳадӣ ва мазҳабии марзҳои шарқӣ ва ғарбии Эрон оғоз гашт. Усмонӣ аз сӯйи ғарб ва ӯзбекон аз ҷониби шарқи Эрон шурӯъ ба дастандозӣ, азият ва озори шиаён намудаанд ва ин меросе буд, ки Сафавиён ба унвони қонуни ҳамешаи буҳроне барои давлатҳои оянда боқӣ гузоштаанд, албатта, ҳадаф аз ин гуна азият ва озорҳо мағшуш кардани мутафариқоти шоҳи шиамазҳаби Эрон ва сӯзи истифода аз оби гилолуди авзои дохилии Эрон ба нафъи Усмониҳо буд. [1].

Ба дунболи таҷовузоти сарҳадӣ ва қатлу ғорати ӯзбекон дар Хуросон ба роҳбарии Шайбонихони ӯзбек ба ҳангоме ки шоҳ Исмоили аввал кам-кам ирода мекард, то бар мухолифони худ чира гардад ва навоҳии ғарбии Эрон шоҳиди тахрикот ва мудохилоти султони усмонӣ ва қисмати шарқии Эрон ҳам ба табиат ва таҳрики давлати мазкур дучори беназмӣ ва ихтилол гардид.

Шоҳи ҷавони Сафавӣ қабл аз таҳияи созу барги ҷанг, бо наводаҳои наберагони Ҷингиз, яъне ӯзбекон ба мулоимот рафтор мекард ва сиёсати ӯ дар ибрози муддат ва дӯстӣ дар ин буд, ки шиаёни Хуросонро аз шарри ӯзбекон наҷот диҳад ва дар як замон бо шарқу ғарби муттассарифони худ даргир нагардад, дар пайи ин сиёсат сафирҳои миёни ду тараф раду бадал шуд, ки натиҷаи он ҳифзи сулҳу оштӣ то қабл аз соли 916 ҳ.қ. буд. [2].

**Муқаддимоти ҷанги Марв.** Шоҳ Исмоил аз Шуштар озими Шероз шуд, то зимистонро дар он ҷо бимонад. Вақте дар Шероз зиндагӣ мекард, ҳукоми Ҳурмуз ва Лор изҳори итоат карданд. Шоҳ Исмоил дар оғози тобистони 915 ҳ.қ. ба Исфаҳон ва аз он ҷо ба Ҳамадон рафт ва сипас аз Табрез ба Хева азимат кард. Дар оғози зимистони 915 ҳ.қ. барои саркӯбии Шайхшоҳ намояндаи Ҳусен Бегуллоҳ рафт, яъне Гилдиоғоро аз Шарвон берун ронда, худ ҳукуматро ба даст гирифта буд. Шайхшоҳ чун аз ҳаракати шоҳ Исмоил огоҳ шуд, ба ҷониби қалъаи Дарбанд гурехт, талоядорони сипоҳи Қизилбоши Шамохӣ, Боку, Шопурон ва қалъаҳои Зегро мутасарруф карданд ва шоҳ шахсан қалъаи Дарбандро муҳосира кард ва бо вуҷуди истеҳкоми камназир қалъа мавқуф ба тасхири он шуд, шоҳ Гилдиоғо дубора ба Ҳукумати Шарвон мансуб шуд. Шоҳ Исмоил дар баҳори 916 ҳ.қ. ба Табрез омад ва дар тобистони ҳамон сол ба Хуросон лашкар кашид. [3].

Аз миёни ҷангҳои шоҳ Исмоил метавон ба ду ҷанги бузург ва машҳур ишора кард, ҷанги Марв бо ӯзбекон ва ҷанги Чолидорон бо Усмонӣ.

Ҷанги Марв марзҳои Эронро то рӯдҳои Ҷайҳун, марзи бостонии Эрон расонид, вале дар ҷанги Ҷолдорон Диёрбакр барои ҳамеша аз дасти Эрон хориҷ шуд.

**Ҷанги Марв.** Таъсиси давлати Сафавӣ ва дубора эҳё шудани ташаюи дувоздаҳимомӣ дар Эрон ба соли 907 ҳ.қ. мунозиотеро байни шииён ва суннимазҳаби шарқ, ғарб ва ҷануби Эрон ба вуҷуд овард, ки дар ниҳоят боиси ташдиди иғтишошот ва ноамнӣ дар минтақаи Хуросон гашт, зеро давлатҳои суннимазҳаби минтақа, ки таъсиси давлати ҷавони шиамазҳаби сафавиро мутобиқ бо хостаҳои худ ва

идеологии мазҳаби худ намедиданд, шурӯъ ба ихтишош ва ошӯб карда, ба азият ва озори шииёни бегуноҳи марзҳои шарқ ва ғарби Эрон пардохтанд. Дарвоқеъ ҳадафи ин давлати суннимазҳаб ҳамоно барандозии қудрати навбунёди Сафавӣ ва ҷилавгирӣ аз густариши ташаюи дувоздаҳимомӣ дар минтақа худро ба ҷаҳони тассануни шарқии Эрон қатъшуда медиданд. Кӯшиш доштанд то бо таҳрик ва тавтеаи муттаҳидони суннимазҳаби шарқ, яъне ӯзбекон алайҳи давлати Сафавӣ ноамнӣ ва ошуб дар марзҳои шарқии Эрон ба вуҷуд оварданд ва ошкоро сабт намоянд, ки қудрати тозаи таъсисшудаи сафавӣ ёрои идораи кишварро надошта, сабабҳои аслии ин гуна ошӯб ва иғтишошот ва ноамниҳо дар минтақа аст.

Дар ин аср дар шарқи Эрон, Хуросони бузург Муҳаммад Шайбонӣ, ки доияи тасаллут ва ҳукумроние бар ғарби наздики худро дошт, ба тадриҷ бар бозмондагони Темур дар Хуросон ғалаба ёфт ва бахши аъзами Хуросони бузургро аз Бастом ва Домғон то интиҳои нуқоти Туркитсони он рӯз дар тасарруфи хеш даровард. [4].

**Хуросон дар даврони оромиш ва амният.** Давлати қудратманди Усмонӣ дар ғарби Эрон низ бо роҳабрии Султон Боязиди дувум ва сипас Султон Салими аввал, ки иртиботи худро ба ҷаҳони тасаннуни шарқи Эрон қатъшуда медиданд, кӯшиш доштанд, то бо таҳрик ва тавтеаи муттаҳидони суннимазҳаби шарқ, яъне ӯзбекон, алайҳи давлати Савафӣ, ноамнӣ ва ошӯб дар марзҳои шарқии Эрон ба вуҷуд оварданд ва ошкоро сабт намоянд, ки қудрати тозаи таъсисшудаи Сафавӣ ёрои идораи кишварро надошта, мусабаби аслии ин гуна ошӯб ва иғтишош, номанӣ дар минтақа аст.

Аз тарафи дигар, дар ин аср дар шарқи Эрон, яъне дар Хуросони бузург, Муҳаммад Шайбонихон, ки доияи тассалут ва ҳукмравоӣ бар ғарби наздики худро дошт, батадриҷ бар бозмондагони Темур ва Хуросон ғалаба ёфт ва бахши аъзами Хуросони бузургро аз Бастом ва Домғон то ақсии нуқоти Туркманистони он рӯз дар тасарруфи хеш даровард. [5].

Дарвоқеъ харҷу марҷҳои қудратталабони Темурӣ аз байн бурдани амният ва оромише, ки Темур, Шоҳрух ва Улуғбек тавониста буданд дар минтақа фароҳам кунанд, боис гашт, то ӯзбекон аз заъф ва танпарварии давлатмардони авохири Темурӣ суйистифода карда, бар минтақа ғалаба кунанд ва давлати нерӯмандтареро дар Мовароуннаҳр ба вуҷуд оваранд.

Албатта, яке аз авомили даргирӣ ва эҷоди ошӯб ва куштори мусалмонони шиаи бегуноҳ дар Хуросон, ҳамоно тундравиҳои мазҳабии ҳаводорони савафимаслаки Савафӣ ва рӯҳониёни мутаассибу ноогоҳ дар бораи шоҳи ҷавони Савафӣ буд, ки қасд доштанд мазҳаби инқилобии худро ба хориҷ аз марзҳои Эрони асри Савафӣ содир намоянд, лизо ба куштори бераҳмонаи мухолифони суннӣ ва ҳатто шиамазҳаби худ пардохтанд ва минтақаи Хуросонро дучори ошӯб ва ноамнӣ сохтанд.

Хони ӯзбек, ки марди мутаоосиб ва хунхор буд, дар муқобили ин иқдомоти Қизилбоши Сафавӣ- куштори мухолифони дин ва давлати худро- ҳамчун Сафавиҳо-вазифаи шаръии динии худ дониста, саъйи ӯ ва ҳам паймонааш бар ин буд, ки шииёни тарафдори Сафавиро аз миён бардоранд ва дар ин роҳ аз ҳеҷ фоҷеаҳое дареғ намедошт.

Аз ҷониби Сафавиҳо ҳам шоҳ Исмоили аввал, ки пайваста бо мухолифини дин ва давлати тоза ба қудратрасидаи худ сахт дар ситез буд, пас аз фатҳи Шарвон дар соли 906 ҳ.қ. ва қатли оми сунниёни минтақа ва набиши қубур.Бузургон ва шоҳони Шарвон ва дар ниҳоят бо фатҳи Табрез ба соли907 [6]. ҳ.қ. ва тағйири хутба ба нафъи шиаи дувоздаҳимомӣ ва қатли оми сунниёни тоифаи Оққиюнулу, ки аз вобастагони модари ӯ ба ҳисоб меомаданд- ба куштори мухолифони суннии худ идома дода, дар соли 910 ҳ. ба баҳонаи андаке, ҳафт то даҳҳазор тан аз мардуми суннимазҳаби бехабар аз сиёсати Табасро ба қатл оварданд. [7].

Гӯянд: «Ғозиёни аъзами Сафавӣ аз гирди роҳ дар шаҳри Табас тохта, ҳар касро дар он билода ёфтанд ба теғи бедареғ гузарониданд ва ғанимати бениҳоят гирифта, осори камоли иқтидори зоҳирӣ гардониданд. Он гоҳ сурати ғазаби подшоҳи Аҷаму Араб самти таскин пазируфта, ба фатҳи қалъа илтифот нанамуд ва инони мурочиат инъитоф дода, ба савоби Язд таваҷҷуҳ фармуд ва дар Язд андак таваққуфе карда, аз он ҷо ба Исфаҳон шитофт». [8].

Пас аз қатли оми мардуми суннимазҳаби Табас, шоҳ Исмоили аввал тасмим гирифт то дар таъқиби Султон Муродоқо Қуюнулу ба Бағдод ҳамла кунад, ки ин кор ҳам дар соли 914 ҳ.қ. саранҷом ёфт. Муаррихони шиамазҳаби он аср бо обу тоби [9].фаровон аз он ёд кардаанд ва ҳатто ҳурмат ба муқаддасоти соири фарқи исломиро аз ифтихороти шиа донистаанд, дар ҳоле ки ҷаҳони тасаннун дар кинаи интиқом

пойи сабурӣ мефишурд ва мунтазири фурсате ҷиҳати зарба задан ба ҷаҳони ташаюъ буд. Дар мабонеи муътабари шиаи ин аср омадааст, ки шоҳ Исмоили аввал бо ҳамла ба Бағдод дар соли 914 ҳ.қ. ва пас аз қатли оми мухолифони суннимазҳаби хеш дар минтақа, дастури хароб кардани гунбади имоми аъзами ҳанафиён Абӯҳанифа Нӯъмон бини Собити Куфӣ (вафоташ 150ҳ.қ.)-ро содир кард, ки ба қавли нависандаи шиамазҳаби асри Сафавӣ он мақбараи бошукӯҳ ба мазбалае табдил гардид ва шуарои шиамазҳаби аср дар васфи он шеърҳо сурудаанд. [10].

Ба фарҷом, ҳаракати Сафавиёни Қизилбош боиси хашми ҷомеаи тасаннуни он аср, хусусан, суннниҳои машриқ ва ғарби Эрон гардид ва ғорати амвол ва куштори шииёни бегуноҳи Хуросон, ки ҷиддан даст бар оташи ин амали Қизилбошашон надоштанд- муҷаддадан шиддат гирифт ба ҳадде, ки назири онро таърих камтар суроғ дорад. [11].

Хондамир, ки худ шоҳиди айнии воқеаи зер аст, дар «Ҳабиб-ус-сияр» менависад, ки: «Шоҳ Исмоил пас аз дарёфти шикояти мардуми шиамазҳаби Хуросон, хусусан мардуми Машҳади муқаддас ва Ҳирот, сафирҳое ба назди хони ӯзбек, Муҳаммад Шайбонихон фиристод, то шояд марҳаме бар захмҳои лоилоҷи шииёни Хуросон гузошта бошад, ки мутаассифона нӯшдорӯи пас аз марги Суҳроб буд.

Ӯ менависад, ки шоҳ Сикандар баъд аз иттилоъ бар атвори адвоти осори Муҳаммадхон ду-се навбат қосидони сухандоне мисли Шайх Муҳаммаддини Аҳмад ва Қозӣ Зиёуддини Нуруллоҳро назди Шайбонихон фиристод ва ӯро аз иртикоби умури нолоиқ, ки боиси аз байн рафтани осоиш ва амнияти мардуми Хуросон буд, бар ҳазар дошт, аммо насиҳатҳои ӯ фоидае набахшид, балки кори мардум ҳар рӯз бадтар мегашт[12].ва сафирҳо ҳам аз эъзом шудан ба маъмурият узрҳо хоста, баҳонаҳо метарошиданд.

Нақл аст, ки дар яке аз ин сафоратҳо Қозӣ Зиёуддини Руҳуллоҳ, ки хатарро эҳсос карда буд, номае ба шоҳ Исмоил навишт ва аз ӯ тақозо намуд, ки барои сафорати мазкур фарди дигаре интихоб кунад. Ӯ дар ин нома, ду байти танзомези зерро суруда, ба хидмати шоҳ фиристода буд:

Шоҳо ба Хуросон чу манеро мафирист,<br>Дар маъракаи ялон занеро мафирист.<br>Ҷое, ки бувад маъракаи ҳушёрон,<br>Тарёкии пинакзанеро мафирист. [13].

Ҳадафи аслии шоҳ Исмоили аввал дар ибтидо дар ибрози дӯстӣ ва маваддат бо хони ӯзбек ва ҳамоно заъфи қудрати давлати Сафавӣ дар ибтидо амр ва касрати душманони дин ва давлати ӯ дар шарқ ва ғарбу ҷануби Эрон буд. Ҳарчанд ки теъдоде аз мухолифини худро дар шимоли Эрон нобуд сохта буд.

Агарчи [14]. натоиҷи он ҳама мадоро ва тавзеи шоҳ Исмоили аввал нисбат ба душманони шарқу ғарбии худ, ҳосиле ҷуз дарёфти номаҳо ва таҳдидҳои тавҳиномез набуд, вале пайваста шоҳи ҷавони Сафавӣ кӯшиш дошт, то ҳамалоти ӯзбаконро ба дохили Эрон, хусусан, ба Кирмон ва қатли оми мардуми ин минтақа сарзаниш намуда, ӯро аз ҳамалоти баъдӣ ва эҷоди ноамнӣ ва ошӯб барҳазар дорад ва авоқиби шуми онро ба вай гӯшзад намояд.

Шоҳ Исмоили аввал, ки худро муҷрии аҳкоми Илоҳӣ ва шариатгарои Муставфӣ ва намояндаи Ҳазарти Маҳдӣ Соҳиб-уз-замон (аҷ) медонист ва ба ин амр ва қабули он ба мардуми мухолифи худ пофишорӣ ва исрор меварзид, таҳаммули ин таҳқирҳоро ҷоиз намедонист, то он ҷое ки пас аз фатҳи Ироқи араб, дар соли 915 ҳ.қ. ба Исфаҳон ворид шуд ва бидуни ин ки душманон аз ҳаракати баъдиаш огоҳ гарданд ба ҷамъоварии сипоҳ пардохт.

Дар баҳори соли 916 ҳ.қ. шоҳ Исмоил ба баҳонаи зиёрати Машҳадризо (ас) имоми ҳаштуми шииён - ба сӯйи Хуросон ҳаракат кард ва пас аз зиёрати марқади мутаҳҳари имоми ҳаштум (ас) ва чира шудан бар мухолифони ҷанг алайҳи Шайбонихон, ки пайваста аз ҷанг эҳтироз менамуданд, дар ҳоле ки ба қавли нависандаи «Оламорои шоҳ Исмоил» катибан аз имоми ҳаштум иҷозаи ҳамларо дарёфт карда буд ба сӯйи Марв ҳаракат кард.

Ба фарҷом, дар даргирии шадиде, ки байни ӯзбекон ва Қизилбошон дар қарияи Маҳмудобод дар рӯзи ҷаҳоршанбеи бисту ҳаштуми соли (916 ҳ.ш.) рух дода буд, хони ӯзбек шикаст хӯрда, фирорӣ гашт, ки дар ҳангоми ақибнишинӣ ва фирор дар зери дасту пойи фирориёни ӯзбек ба қатл расид. Менависанд, ки пас аз се рӯзи ҷустуҷӯ ҷасади мутаафин ва бӯгирифтаи ӯро ёфтанд ва пас аз буридани сару дасту пойҳояш ба амри шоҳ Исмоил ва ирсоли он ба ҳузури муттаҳидонаш ғозиёни Қизилбош аз бақоёи ҷасадаш тағзия карданд.

Дар натиҷа қатли оми ӯзбекон ва муслиҳ кардани ҷасади роҳбари онон ва ифрот дар куштори сунниёни минтақа ба дасти Қизилбошон, ки тамоман ба фармони шоҳ Исмоили аввал ва ба таҳрики амирои мутаассиби Қизилбоши ӯ анҷом пазируфта буд, монеъ аз эҷоди ошӯб ва ноамнӣ дар минтақа нагашт, ки мухолифини дин ва давлати Сафавӣ пайваста мекӯшид, то амният ва осоиши аз даст рафтаи Хуросони бузургро бо эъзоми нерӯ ба минтақа фароҳам кунад.

Ҳамон гуна ки тасаввур мерафт, аз ӯзбекон бо гузашти нерӯҳои Қизилбош аз минтақа ба куштор ва ғорати амволи шииён идома доданд, то он ҷое, ки фитна ва фасод, қатлу ғорат саросари Хуросонро фаро гирифт. Дар соли 918 ҳ.қ. шоҳ Исмоил Аҳмадбеки Сафавии Авғолӣ ва Шоҳрухбеки Афшорро ба минтақа эъзом дошт ва таъкид намуд, ки ба ёрии Зуҳриддини Муҳаммадбобур ӯзбеконро сари ҷояшон бинишонанд ва тавозуни қудратро дар минтақа барқарор созанд.

Ин лашкаркашиҳои баъдии Қизилбош ба минтақа дар асари адами короии сипоҳиён ва ихтилоф байни сарони сипоҳ бо Зуҳриддини Муҳаммадбобур ва муттаҳид шудани ӯзбекон дар муқобила бо Қизилбошон ва ғурури беҳади Наҷмиддини Сонӣ бо Амир Ёраҳмади Хузонӣ, ки ӯзбекон ӯро «калби асғар» [15]. меномиданд, ки домоди шоҳ Исмоили аввал буд, самаре надошт, зеро ки аз ибтидо ба иллати ифрот дар хушунат ва куштори содоти бегуноҳ ва бепаноҳи қалъаи Қаршӣ мухолифати сипоҳ ва муттаҳидони Қизилбош, шикастро насиби Қизилбошон сохта буд. Ин аҳмолот табиатан баъд аз шикасти шоҳ дар ҷанги Чолдорон ба соли 920 ҳ.қ. шадидтар шуд, то он ҷое ки куллияи манотиқ ва шаҳрҳои Хуросон дучори ноамнӣ ва ошӯб гашт, қаҳтӣ ва ғорат дар Ҳирот, ин шаҳри ҳамешаободи Хуросони асри Темур, рух дод, ки ба қатли мардум, аз ҷасади мурда ва рабудашудаи бепаноҳон ва мазлумон ва маҳкумон тағзия мекарданд.

Дар ин робита Хондамир, ки худ шоҳиди айнии ин қаҳтӣ дар солҳои 919 ҳ.қ. ва 920 ҳ.қ. дар Ҳирот буд, менависад: « Дар авохири санаи тисъа ашара ва тасъама» дар билоди Хуросон, дар дор-ул-салтанати Ҳирот қаҳтие дар ғояти шадид ва асарате дар ниҳояти суубат рӯй намуд ва оташи гуруснагӣ ҷуъ дар конуни даруни базӣ ва шариф, амир ва вазир иштиғол ёфт рӯз ба рӯз шуюъи он офатҳо меафзуд ва аз субҳ то шом ғайр аз оҳи дардолуди гуруснагон дар ҳеҷ дудмоне муре намегашт ва аз шом то боми фиғони нола ва нафири сағиру кабир ва пир аз зарваи чарх асар мегузошт аз нони ҷав ва гандум ҳеҷ кас аз табақои мардум нишон намедод ва ба хӯрдани гушти сагу гӯрба ҳар касро муйясар мешуд, даҳон мегушод. Баъзе аз аҳли танаум анбони пӯсида ва сахтиёни ҷӯшида менӯшиданд ва зумрае ба мағзи пунбадона ва нони арзан ва заррат авқот мегузориданд. Аксар дарвешон ва муҳтоҷон ағзияи латифаро низ ба гадоӣ намеёфтанд ва ҳар рӯз ҷамъе касир дар саводи Ҳирот фавт шуда, ба олами адам мешитофтанд ва гадоёнро аз фақидон қути мафқутгашта пой дармеафтоданд ва тавонгаронро аз гаронии матъумоти ваҷҳи маош ба итмом расида, дар мақоми гадоӣ меистоданд» .

Шоҳ Исмоили аввал, Таҳмосбмизро, фарзанди аршӣ ва валиаҳди худро ҷиҳати бозгардонидани оромиш ва амният бо ҳамроҳи Аллоиш- Амирхони Мусулу ба Ҳирот фиристод. Иқомати шоҳзода Таҳмосбмирзо дар Ҳирот то соли 928 ҳ.қ. идома ёфт ва чун боршиддат ноаманӣ ва ҳамалот дар минтақа афзуда мегашт ва шоҳ Исмоил эҳсоси хатар барои ҷони фарзанд ва валиаҳди худ мекард. Тибқи фармоне Таҳмосбмирзоро ба Табрез фаро хонд ва ба ҷои ӯ Соммирзо писари дигарашро ба ҳамроҳи хоҳарзодаи худ Дурмешхон Шомалу, ки аллоиши Соммирзо буд, ба Ҳирот эъзом дошт. Нақл аст, ки Дурмешхон дар барқарории назм ва эҷоди ободии Хурсон кӯшишҳо намуд ва то соли 933 ҳ., ки соли марги ӯст дар ин амркушо буд. Ҳарчанд ки сунниёни минтақа аз рафтори ӯ норозӣ ва шикваҳо [18]. доштанд, шииёни Хуросон то поёни умри Дурмешхон дар амният ва рифоҳ зиндагӣ мекарданд ва пайваста саногӯи ӯ буданд.

Исмоили аввал ва шоҳ Таҳмосби аввал дар барқарории назм ва амният дар Хуросони бузург ва мунҳасир шудани Хуросон ба пайравони ташаюи дувоздаҳимомӣ дар тӯли муддати ҳукуматашон дар ниҳоят ба натиҷаи мусбате нарасид. Чи, ӯзбекон дар саросари ҳукумати ин ду подшоҳ ва подшоҳи баъдии ин силсила, шаҳрҳои Хурсони бузург, хусусан, минтақаи шианишинро мавриди таҳдид ва ғорат қарор медоданд ва аз ҳеҷ қатлу ғорате дареғ намедоштанд. Шииёни аҳли байти Паёмбари акрам (с) дар ин минтақа ба ҷурми ҳамкорӣ ба авомили Сафавӣ ба баҳонаҳои мухталифе ба қатл мерасиданд ва авомилашон мусодира мешуд, аммо ин кушту кушторҳои ношӣ аз инҳисорталабии Сафавиҳо ва ӯзбекон дар Хуросон дар замони шоҳ Аббоси аввал дар натиҷаи лашкаркашиҳои мутаадидаш ва мудирияти

мудаббиронааш коҳиш ёфт, то он ҷойе ки шоҳон ва қудратмандони ӯзбек- ба иллати ихтилофоти хонаводагӣ, ба дарбори Сафавӣ паноҳанда мешуданд ва мавриди ҳимояти Сафавиҳо қарор мегирифтанд ва дар мавориде ҳам ба кумаки Сафавиҳо қудрати аз даст додаи худро муҷаддадан бозмеёфтанд.


**АДАБИЁТ**

1. Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии шоҳ Исмоили аввал.-С. 344.
2. Ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва мазҳабии шоҳ Исмоили аввал.- С. 345.
3. (Ҳабиб-ул-сияр, 4 с- 499-503-Таърихи муғул, Аббосӣ Иқбол.-с-57)
4. (Оламорӣ Аббос, с.-280.)
5. Оламорӣ, с. 276.-280.
6. Ҳамон ҷо с.132-138.
7. Ҳабиб-ус-сияр, ҷилди чаҳорум, саҳ. 480 ва Ҷаҳоноро.-С. 269 ва Таърихи Ҷаҳонгушои Хоқон, нусхаи хаттӣ, варақи 110.
8. Ҳабиб-ус-сияр, ҷилди чаҳорум,саҳ. 480.
9. Хуршоҳ бини Қубоди ал- Ҳусенӣ, Таърихи Элчии Низомшоҳ, нусхаи аслии музеи Британия ба шумораи 521 Add варақи 15б ва Оламорои шоҳ Исмоил ба кӯшиши Асғар Мунтазир ал-Қоим (Теҳрон, 1349 ҳ.ш.) интишороти Баногоҳ тарҷума, чопи аввал, сафҳаи 169, Муҳаммад Ҳусен бини Карамалии Исфаҳонӣ, Такааллимаи Оламорои Аббосӣ, нусхаи хаттии мӯзеи Британия, ба шумораи 4566 Add варақ 128 алиф, Таърихи Элчии Низомшоҳ, враққои 14 б ва Ҳасан Рӯмалу (1342 ҳ.қ.) Аҳсан-ут-таворих ба кӯшиши Чорлиз Нуриман Саид, интишороти китобхонаи Садр, с. 226-233.
10. Аҳсан-ут-таворих.-С.226-233, Элчӣ варақ 14 б ва 15 б, такаллумаи Оламорои Аббосӣ варақи 127 а ва Мирзобек бини Ҳасану Ҳусени Гунбодӣ, Равза-ус-сафавия, нусхаи хатии мӯзеи Британия бо шумораи 8833 Or варақи 66 б.
11. Ҳабиб-ус-сияр.-с. 504 ва Юсуфи Ҷамолӣ, Муҳаммадкарим (1379 ҳ.ш.) зиндагонии шоҳ Исмоили аввал, интишороти муҳташами Кошон, чопи аввал.-с. 321-323.
12. Ҳабиб-ус-сияр, ҷилди чаҳорум,с.504 ва зиндагиномаи Исмоили аввал, с.322-321.
13. Ҳабиб-ус-сияр, ҷилди чаҳорум,с.504 ва зиндагиномаи Исмоили аввал, с.322-321.

Яҳёи Қазвинӣ. Луб-ут-таърих (Бамбе 1314 ҳ.шҳ) с. 398 ва Элчи Низомшоҳ варақ, 1б ва Ҷаҳонгушои Хоқон варақ 104 б.ба Ҳабиб-ус-сияр.-с.504.

14. Ҳабиб-ус-сияр.-с.513, Луб-ут-таворих.-с.252 ва Оламорои шоҳ Исмоил.-с.384.
15. Ҳабиб-ус-сияр.-с.552-553. Ва Таърихи инқилоби Ислом.-с.320-321.


## ОТНОШЕНИЯ ШАХА ИСМАИЛА I С УЗБЕКАМИ


Данная статья изучает историю религиозных и политических взаимоотношений Шаха Исмаила с узбеками в период правления Шейбанихана. Падение государства темуридов и переход его во власть узбеков совпали с провозглашением в Иране шиизма господствующей религией, тогда как узбеки были поборниками суннизма, и это обстоятельство порвало узы, тесно связывавшие родственные по языку, религии и общей культуре народы. Неприязненные отношения между двумя ревностными последователями двух непримиримых толков ислама зашли слишком далеко, чтобы можно было все закончить миром. В качестве поборника суннизма и потомка Чингисхана Шейбанихан призывал сефевидского шаха Исмаила I отречься от шиизма и покориться истинной вере.



**Ключевые слова:** Шах исмаил, Шейбанихан, Иран, религия, ислам, суннизм, шиизм, противоборство, религиозные и политические взаимоотношения Шаха Исмаила с узбеками.


## SHAH ISMAIL'S I RELATIONS WITH UZBEKS


This article studies history of religious and political relationship of the Shah Ismail with Uzbeks in the period of Sheybanikhan's board. State falling темуридов and its transition to the power of Uzbeks coincided with declaration in Iran of a Shiism dominating religion whereas Uzbeks were advocates of a sunnizm, and this circumstance tore the bonds which were closely connecting related on language, religion and the general culture the people. Aversions between two jealous followers of two irreconcilable rumors of Islam went too far that it was possible to finish everything the world. As the advocate of a sunnizm and descendant Genghis Khan Sheybanikhan called Ismail's I sefevidsky shah to renounce a Shiism and to obey true belief.



**Key words:** The shah исмаил, Sheybanikhan, Iran, religion, Islam, a sunnizm, a Shiism, an antagonism, religious and political relationship of the Shah Ismail with Uzbeks.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хусейн Бахмани*** - соискатель АН РТ

# ТАЪРИХИ АРДАБИЛ

***Қамбаралӣ Хушоина***
**Академияи миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон**

Вилоят ва шаҳри Ардабил аз гузаштаҳои дур то кунун бо номҳои, Ортовил, Ордовил, Ордувил, Бозонпирӯз, Бозонфирӯз, Фирӯзгард сарои роҳнамои Дор-ул-аршод ва шаҳри муқаддас хонда шудааст. Бархе аз муҳаққиқин Ардабилро вожаи рустоӣ донистаанд, ки дар асл «Артовил» буда, аз ду вожаи куҳани эронӣ «Орто» ба маънии муқаддас ва «бил ё вил» ба маънии ҷойгоҳи обод ва шаҳр таркиб ёфтааст. Бинобар ин, Ортобил ба маънии шаҳри муқаддас ё сарзамини муқаддас аст. Дар замони Сафавӣ низ ба муносибати ин ки ниёгони онон дар Ардабил дафн буданд, шаҳри муқаддас хонда мешуд.

Ардавил ё Ардабил аз ду пора «**ард**» ва «**вил**» ташкил шуда, Ард номи рӯде аст. Инчунин ва ба маънии ғаюр, хашмгин низ истифода ва ҳамчунин яке аз номҳои фариштагон дар оини зардуштӣ ба маънии муқаддас аст, чунонки дар вожгони урдубиҳишт ва Ардавираф омадааст. Ин ҳам решаи куҳани ориёӣ дорад ва акнун низ дар забонҳои аврупоӣ корбурд дорад ва маънии он шаҳр аст. Пас Ардабил ба маънии шаҳри муқаддас мебошад ва дар замони Сафавия низ ба муносибати ин, ки ҷадди онон дар Ардабил мадфан буданд, боз шаҳри муқаддас хонда мешуд. Ҳамчунин, изҳор карданд, ки ин шаҳрро Фирӯзшоҳи Сосонӣ дар таърихи 489-457-ум бино карда, онро Нодонпирӯз номидааст. Мирхонд, нигорандаи китоби «Таърихи Равзат-ус-сафо» (садаи 9 ҳ.қ) аз ин шаҳр бо номи Ардабил ёд карда, онро аз биноҳои Каюмарс, подшоҳи Пешдодӣ хондааст.

Ба ҳар ҳол, баъзе аз пажӯҳишгарон ва нависандагон Ардабилро минтақаи куҳан ва таърихӣ медонанд ва вуҷуди онро бештар аз замони Зардушт муқаддас мепиндоранд, ки шояд рушд ва таквини нахустин оини Зардушт дар он сурат гирифтааст.

Устод Козими Раҷвии Фаҳрихтаи чакомае дар ин бора суруда, байтҳои зеро дар бораи номи Ардабил гуфтааст:

Ортовили вилояти Канзакӣ дерин буд,
Чун муқаддас буд ин шаҳр аз замони Зардушт.

Ардабил ва Ганза ҳолои Озарбойҷон,
Он гарои бихарад донои Озарбойҷон.

Ортвил ва Ганзақи пешин, замоне пойтахти қисмати болои Озарбойҷон буданд.

**Таърихи Ардабил пеш аз Ислом.** Мӯсои Хуран, яке аз нависандагони қадими арманӣ аст, ки дар қарни чаҳоруми мелодӣ мезист ва навиштаҳои ӯ назди таърихнависон аз асноди мавриди эътибор мебошад. Ӯ феҳристе аз вилоятҳои Эрон дар аҳди Сосониён боқӣ гузошта, ба қавли муаллифи китоби «Эрони вилоят» Марк Ворт донишманди олмонӣ, онро тарҷума ва ба номи «Эроншаҳр» чоп ва мунташир кардааст. Тибқи ин феҳрист Эрон дар ин давра ба чаҳор иёлоти бузург ё «позказ» тақсим мешавад ва назар ба аҳамият ва эътиборе, ки дошт ба вилоятдорони онҳо тахти нукра аз тарафи подшоҳ эътом мегардид. Қисмати савуми ин вилоятҳо дар феҳристи мазкур «Бохтар» зикр шуда, шомили Озарбойҷону Эрон ва Арманистону вилояти ҷанубӣ ва ғарибии дарёи Хазар будааст.

Ба қавли Хуран, Озарбойҷон ду пойтахт ё ду курсӣ дошт, яке Ордобил ва дигаре Канзак ё Шиз, ки дар қуруни исломӣва имрӯз ба номи тахти Сулаймон хонда мешавад. Бал- Сакон ё Балосиҷон низ, ки маҳалле дар 14 фарсахи Ардабил буд аз нуқоти бисёр муҳими ин вилоят ба шумор меомад. Чунонки Сисгон ё Сиҷон дар канори рӯди Арс ҳам аз маркази ҳассоси ин қисмат маҳсуб мешавад.

Осори ин вилоят аз садаи 12- 16 қ. м, тавассути вилоятшиносон дар ковишҳои навин дар 18 километри шаҳри Ардабил ба даст омад. Ҳамчунин санги навиштаи Уротроӣ, садаи 7-9 қ. м дар қарордод баёнгари деринагии фарҳангӣ аст, ки дар давронҳои гузашта дар минтақаи Ардабил вуҷуд доштааст. Ҷарлз Бернӣ дар тайи гардиши илмии худ дар ноҳияи Мушкиншаҳр дар тобистони 1978-ум дар ғарбии ин шаҳр мутаваҷеҳи вуҷуди бақоии ду қароргоҳи низоми муҷовири ҳам шуда, таслим кардааст, ки онҳо ба ҷанговарони Уротроӣ тааллуқ доштаанд. Зимнан, аз боздидаҳои худ ба ин натиҷа расидааст, ки домони нуфузи низомии Уротрой ба Ардабил низ расидааст, аммо дашти Мушкин хориҷ аз қаламрави доираи нуфузи Уротрой қарор доштааст.

Дар замони Руссои аввал (713-730 қ м) подшоҳи Уротрой як иттиҳоди зидди Ошурӣ дар минтақаи Озарбойҷон бо ширкати шоҳ Мононойи ва Шоҳгон Зикриту, заминҳои байни миёна ва Ардабили феълӣ шакл гирифт, ки гӯё ҳамзамон бо Диего дар Мод буд. Пайдоиши озарҳои мусо ва мафуруғӣ дар заминҳои Ардабил ва атрофаш, ки дар мавзеи вилояти Эрон нигаҳдорӣ мешаванд, ҳокӣ аз маскун будани ин сарзамин дасти кам дар асри мафуруғ аст. Кристи Вилсон ин абзорҳоро чунин арзёбӣ Мекунад

«Ашёи мусо ва мафуруғӣ», махсусан аслиҳа ба воситаи деҳотиҳои атрофии Ардабил ба даст омадааст. Ғолиби ин ашёи содатар аз мафуруғҳои Луристон мебошад ва шояд аз ҳисси қудрати замон бар онҳо бартарӣ дошта бошад аз навъи табарие, ки дар Луристон пайдо шуда ва таърихи онро вилоятшиносон қариб се ҳазор сол қабл аз милод муайян кардаанд дар ноҳияи Ардабил ба даст омадааст.

Бо ин ҳама, то кунун ковиши илмӣ дар Ардабил ва атрофаш сурат нагирифта аст. Бобо Сафарӣ, ки китоби се ҷилдаи «Ардабил дар гузаргоҳи таърихӣ»-ро дар бораи гузаштаи зодаи худ таълиф кардааст, аз Содиқи Ҳидоят дар зернависи фақраи 56 тарҷумаи рисолаи паҳлавии шаҳристонҳои Эрон чунин тавзеҳ медиҳад: «Шояд мақсуд аз ҳокимнишини Ортурактакон, Ардабил бошад, ки ба забони арманӣ Ортват меномад. Исми Эрони Гашна аз оташкадаи машҳури Ганҷаи Озаргишнаб гирифта шудааст».

Метавон тахмин кард, ки пас аз Ганзак Ардабил муътабартарин маркази низомӣ ва сиёсии Озарбойҷон будааст. Ва аз ҳамин рӯ аъроб дар ҷараёни кушодани Озарбойҷон мутаваҷҷеҳи Ардабил шуданд ва бо сокинони ин шаҳр паймон бастанд. Ин шаҳр дар заминҳои шимол ва ҷануби Арс аз мавқеияти хосе бархурдор будааст.

Дар сафарномаи худ, ки дар аввалҳои нимаи дуюми садаи ҳабдаҳум мунташир кардааст, дар бораи собиқаи таърихии ин шаҳр менависад: «Бархе муътақиданд, ки Искандар низ ҳангоми лашкаркашӣ ба Эрон барои муддати тӯлонӣ дар Ардабил боргоҳ ва дарборе доштааст.

Таърихи бинои шаҳри Ардабил қадимтар аз замони Сосонӣ ба салтанат расида, қабл аз ин таърих Баҳроми 5 дар муқобили ҳамлаи Ҳайтолиён аз роҳи Ардабил ба амал оварда, аввал ба Гургон сипас ба Хуросон рафта дар он ҷо аз тарафи ҳокими Ҳайтолӣ кушта шудааст.Гузашт аз роҳи Ардабил ба муҷиби санади муътабари дигар ба замони Ашкониён мерасад, зеро ки номи Ардабил дар «Вис ва Ромин», ки аз осори замони Ашкониён мебошад, омадааст:

Чу Баҳрому Раҳоми Ардабилӣ
Гашаб Дабили Шопур гилӣ.

Дар қарни 4 то 6-и мелодӣ тоифаи шимол ба номи Ҳум дар чанд вақт як бор хокӣ Эронро мавриди ҳамла қарор медоданд.

Дар замони салтанати Фирӯз ҷангҳои ин подшоҳ бо тоифаи Ҳум тӯлонӣ шуд. Шаҳри Ардабил дар ин замон ба иллати наздикӣ бо Қафқоз, Гурҷистон ва Арманистон аз мавқеияти муҳиме бархӯрдор будааст. Дар ин замон подшоҳи Ардабил мамлакатро, ки ба асари ҳамлаи тоифаи шимол харобшуда буд, обод кард. Аз ин таърихи бинои шаҳр ба Фирӯзи Сосонӣ нисбат дода шуда, ба номи Пирӯз маъруф шудааст.

Дар бораи таърих ва бинои Ардабил чандин афсона вуҷуд дорад. Яке аз ин афсонаҳоро Бобо Сафарӣ аз забони мардуми шаҳр нақл кардааст ва хулосааш аз ин карор аст: Дар замони бисёр қадим ҷойи Ардабил дарёчае будааст. Рӯзе фармонравон, ки аз манозири атрофи он ҷо хушаш омада буд, фармон дод,то он обро холӣ карда, дар ҷояш шаҳре эҳдос кунанд. Ду паҳлавон ба номҳои Арда ва Бил ҳар кадом ба кандани маҷрои барои таҳлили оби дарёча пардохтанд.

Арда пеш аз поёни кор ба Бил пайғом фиристод, ки маҷроро канда, мусобиқаро бурдааст. Бил бо шунидани ин хабар ғуссамарг шуд. Арда вақте аз саргузашти ӯ огаҳӣ ёфт аз шиддати азоби виҷдон худро аз кӯҳ поён афканд. Ва шаҳре, ки дар он ҷо бино гардид ба ёди он ду паҳлавонӣ ноком Ардабил номида шуд.

Афсонаи дигарро ки шабоҳат ба афсонаи аввал дорад, Ҷамшед Ибодуллозода Маликӣ нақл кардааст: «Дар замонҳои қадим, ҷойи Ардабил дарёчае будааст. Ду паҳлавон бо номҳои Арду ва Бил аз ҷуди ситами маъшуқ, шикоят пеши Ҳазрати Сулаймон бурданд. Ҳазрат ваъдаи васли ҷононро ба шарти холӣ кардани оби дарёча ба он ду дод. Он ду аз уҳдаи он муҳит баромаданд. Ҳазрати Сулаймон дар он шаҳр эҳдос карду ба поси заҳматҳои ду кас номашонро ба шаҳр дод».

Марҳум Саид Ҷамолиддини Сафавӣ мақолае, бо унвони «Ду гӯша аз таърихи даймоҳ» соли 1328 интишор кард. Ардабил аз ду калима Арду ва ил ташкил шуда, ки Ард номи рӯзи 25 аз ду моҳ ва инчунин номи яке аз фариштагони Зардушт аст ва маънии он қонуни муқаддас аст. Чунончи, дар калимаи урдубиҳишт, Ардашер, Ардуироф омада ва вил риштаи бисёр куҳани ориёӣ дорад ва ҳанӯз ҳам дар забони аврупоӣ ба маънии шаҳр истеъмол мешавад. Аз ин рӯ, Ардабил бо таърифе аз Ардуил ба маънии шаҳри муқаддас хоҳад буд. Ин гуфторро маҷаллаи «Теҳрон акунумият» низ дар шумораи 581-уми таърихи 4-уми урдубиҳишти соли 1344 ба ҳамин аз ҳудуди олам иқтибос намудааст.

В начале ноября после встречи главы военного ведомства США Д.Рамсфельда с президентом Таджикистана Э.Рахмоновым, Таджикистан также дал согласие предоставить свое воздушное пространство для пролета самолетов ВВС США, участвующих в антитеррористической операции в Афганистане. Вслед за этим президент Таджикистана Э.Рахмонов заявил, что если понадобится, его страна предоставит свою территорию для военных баз Международной антитеррористической коалиции.

5 ноября 2001 г. в Таджикистан прибыла группа американских военных специалистов с целью проведения инспекции военных аэродромов республики на предмет их пригодности для использования американской военной авиацией. Вопрос шел о технических возможностях трех военных аэродромов на юге республики. Эти базы позволили бы американским летчикам поражать цели быстрее, используя при этом меньше горючего и экономя время на замену боекомплектов.

В середине декабря Совет безопасности Республики Таджикистан опубликовал заявление, в котором говорилось, что Таджикистан считает необходимым введение в Афганистан миротворческих сил под эгидой ООН для обеспечения реального политического урегулирования ситуации. В нем также говорилось, что единственным необходимым условием введения голубых касок является формирование миротворческого контингента только из представителей стран, в той или иной мере причастных к Афганистану, кроме Пакистана. По словам секретаря Совета безопасности республики А.Азимова, грубое вмешательство извне в дела Афганистана является смертельно опасным делом, поскольку преследование своих собственных политических интересов, а не интересов афганского народа, что иногда уже явно прослеживается, означает на деле продолжение гражданской войны[7].

Несколько раньше в республиканских СМИ было опубликовано также заявление МИД РТ, в котором говорилось, что Таджикистан полностью поддерживает договоренности, достигнутые в столице Германии Бонне представителями различных политических сил Афганистана, и подписание соглашения о создании временного правительства Афганистана. Впервые за многие годы политические силы Афганистана на состоявшейся под эгидой ООН встрече договорились о создании временных органов власти с последующим образованием переходного правительства и созывом в дальнейшем всеафганского законодательного собрания. Таджикистан на протяжении всех лет военно-политического противостояния в Афганистане занимал принципиальную позицию в отношении непризнания «Талибан» и оказания поддержки Северному альянсу, и считает, что нынешний состав временного правительства Афганистана является вполне закономерным, отражающим действительное соотношение военно-политических сил в стране[8].

Хотя руководством республики не делалось никаких заявлений относительно того, насколько Таджикистан готов участвовать в военных действиях против «Талибан» в Афганистане, в Душанбе и Кулябе были размещены американские десантники и французские морские пехотинцы. Ежедневно совершали посадку французские и американские военно-транспортные самолеты с военными специалистами на борту. Таким образом, Таджикистан, имеющий общую границу протяженностью 1434 км с Афганистаном, также присоединился к странам антитеррористической коалиции Запада во главе с США против движения «Талибан» в Афганистане.

Республика Казахстан не граничит непосредственно с Афганистаном, однако, как ведущая страна Центральной Азии играет большую роль в обеспечении безопасности всего региона. Руководство республики Казахстан еще в первые дни после трагического дня 11 сентября 2001 г. в американских городах резко осуждало действия террористов и предложило свою помощь Соединенным Штатам. Президент Казахстана Нурсултан Назарбаев на пресс-конференции в Астане говорил, что Казахстан полностью поддерживает акции против международных террористов и их покровителей всеми имеющимися в его распоряжении средствами.

Следует отметить, что еще до трагедии 11 сентября между Казахстаном и США сложились очень близкие отношения. Специалистами двух стран был разработан «План военного сотрудничества», в соответствии с которым осуществлялись конкретные программы обучения казахстанских военнослужащих в США, подготовка инструкторов для частей спецназа казахской армии, проведения совместных учений вооруженных сил двух государств.

В разгаре антитеррористической кампании в Афганистане 18 декабря 2001 г. состоялся визит Н.Назарбаева в США. По сообщениям официальной прессы, основным содержанием беседы между руководителями двух государств было обсуждение вопросов взаимодействия в рамках политики обеспечения безопасности и стабильности в Центрально-азиатском регионе в свете военной операции США в Афганистане. По завершении визита было подписано совместное заявление, получившее название «Новые взаимопонимания», в котором говорилось о намерениях укреплять долговременное стратегическое партнерство как в военно-политической сфере, так и в области экономики. Таким образом, Казахстан наращивал военное сотрудничество с США и другими странами Западного блока в рамках программы Североатлантического альянса «Партнерство во имя мира».

В это же время в СМИ появились первые официальные комментарии из уст правительственных чиновников США, касающиеся сроков пребывания американской армии на территории стран Центрально-азиатского региона. Так, помощник госсекретаря Элизабет Джонс, выступая в Комитете по международным отношениям Сената США, говорила: «Когда афганский конфликт завершится, мы не уйдем из Центрально-азиатского региона. Мы хотим поддержать страны Центральной Азии в их стремлении реформировать экономику и общество так же, как они поддержали нас в войне с терроризмом. Это долговременные отношения»[9].

Таким образом, стало ясно, что Соединенные Штаты намерены не только закрепиться в регионе, но и вытеснить оттуда всех конкурентов и в первую очередь Россию, имеющую дружеские, добрососедские отношения со всеми странами Центральной Азии. Восстановив отношения с Узбекистаном и обещая гарантированную безопасность, военную, финансовую и экономическую помощь другим странам региона, США удалось разместить свои военные базы в Центрально-азиатском регионе.

**ЛИТЕРАТУРА**

1.РИА «Новости»-Вашингтон.2001, 13 сентября
2. РИА «Новости»- Душанбе.2001, 13 октября
3. РИА «Новости-Ташкент.2001, 28 декабря
4. ИТАР-ТАСС-Бишкек. 2001, 24 сентября
5. Кабар - Бишкек.2001,28 ноября
6. Красная звезда- Москва.2003, 15 июля
7. Азия Plus –Душанбе.2001, 20 декабря
8. Азия Plus –Душанбе.2001, 7 декабря
9. Справка, подготовленная отделом по делам Центральной Азии Госдепартамента США-2002, 22 ноября. Nowember 22. http //usinfo.state.gov/ruski/

**АНТИТЕРРОРИСТИЧЕСКАЯ КАМПАНИЯ ЗАПАДНОЙ КОАЛИЦИИ ВО ГЛАВЕ С США В АФГАНИСТАНЕ И ПОЗИЦИЯ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ**

В статье рассматриваются факты использования афганского кризиса для воздействия на страны ЦА со стороны США и их союзников по Североатлантическому альянсу, анализируется позиция государств региона после начала антитеррористической кампании стран Западного блока во главе США против движения «Талибан» в Афганистане.

**Ключевые слова:** Североатлантический альянс, Центрально-азиатский регион, США, Антиталибский альянс, Талибан, Российская Федерация, Пакистан.

**ANTI-TERRORIST CAMPAIGN OF THE WESTERN COALITION LED BY THE USA IN AFGHANISTAN AND POSITION OF THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA**

In article the facts of use of the Afghan crisis for impact on TsA countries are considered from the USA and their allies on North Atlantic alliance, the position of the states of the region after the beginning of anti-terrorist campaign of the countries of the Western block at the head of the USA against movement "Taliban" in Afghanistan is analyzed.

**Key words:** North Atlantic alliance, Central Asian region, USA, Anti-talib alliance, Taliban, Russian Federation, Pakistan.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Исмоил Рахматов*** - доцент заведующий кафедрой всеобщей истории РТСУ

# АҚЛ ВА ИШҚ АЗ ДИДГОҲИ ХОҶА АБДУЛЛОИ АНСОРӢ

*Маҳини Фароҳонӣ*
**Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хатти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Шайхулислом Абӯисмоили Абдулло ибни Муҳаммади Ансории Ҳиравӣ аз нависандагони соҳибзавқу соҳибсабки форсӣ аст. Вай ба соли 396ҳ./ 1005 м. валодат ёфта, аз хурдӣ забони гӯё ва табъи равон дошт, чуноне ки шеъри арабию порсӣ нек месуруд ва ҷавдати зеҳни ӯ чандон буд, ки ҳам дар ҷавонӣ дар улуми адабию динӣ ва ҳифзи ашъори араб шуҳрат дошт ва алалхусус дар ҳадис тавоно ва соҳиби иттилооту имлои касир буд ва дар фиқҳ аз равиши Аҳмад ибни Ҳанбал пайравӣ мекард. Хоҷа Абдуллои Ансорӣ дар тасаввуф аз Шайх Абусаиди Абулхайр низ фоидаҳо баргирифтааст. Иқоматаш бештар дар Ҳирот буд ва дар он ҷо ба таълиму иршод иштиғол дошт, то ба соли 481\1088м. даргузашт. Шуҳрати ӯ аз бобати кутубу рисолати ирфоние, ки аз ӯ дар даст дорем мебошад. Дар кутубу рисолоти ӯ тамоми мутазамини масоилу таълимоти сӯфияю зоҳидона ва ҳамроҳ бо мавоизу андарзҳои ҳакимона аст ва аз боби илмӣ аҳмияту интишори фаровоне дорад.

Яке аз масъалаҳои ирфоние, ки Хоҷа дар кутубу рисолоти худ мавриди баҳс қарор додааст, ин мавқеи ақл ва ишқ дар шинохти Худованд мебошад, ки мо дар ин мақола ин ду мавзӯъро аз нигоҳи Хоҷа мавриди баҳс қарор додаем.

**Маърифати ақл аз дидгоҳи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ.** Адеша ва тафаккур аз вижагиҳои инсон аст ва тафовут миёни инсон ва ҳайвон буда, дар омӯзишҳои исломӣ омадааст, ки инсонро паёмбари дарунӣ ба номи ақл ва фитрат паёмбари берунӣ аст.

**Назари «Қуръон» дар бораи таақул.** Дар Қуръони маҷид ҳудуди бист оят ба масъалаи таақул ихтисос дорад. Аз назари «Қуръон» ақл дар ҳарими қудрати Илоҳӣ ва дар тасарруфи ӯ ва бартарин махлуқаш буд ва бузургтарин муҳаббати Худованд бар навъи инсон ва танҳо василаи зинадагии ӯст ва ба наҳве, ки такомули рӯҳӣ ва ҷисмии инсон бидуни вуҷуди он имконпазир намебошад. Ақл модоме, ки ба нопокиҳои нафсӣ ва заияти моддӣ олуда нагардад, дучори иштибоҳ намешавад, балки машғули фурӯзонӣ барои ҳидояти инсон то расидани ӯ ба камол лоиқи хеш мебошад.

Ақл аз назари «Қуръон» мутақун ва муътабар буда, дорои ҷойгоҳи арзишӣ ва вуҷуди бас волост ва вониҳодани он ба ҳар баҳона сабаби дур афтодан аз масири ҳидоят хоҳад шуд.

Донишҳои башарӣ аз ақлҳои ҷузъӣ сарчашма мегиранд ва ақлҳои ҷузъӣ ва сатҳӣ ҳамеша дар таориз мебошанд. Чунки дарёфтҳои онҳо, дарёфтҳои ниҳоишуда нест. Бар хилофи улуме, ки аз ақли куллӣ ва фитрӣ сарчашма мегирад, ақл мавриди тарбият ва таҳти сарпарастии ваҳӣ қарор мегирад. Ҳарфи ниҳоӣ ва дарёфтҳои ниҳоишударо дигар мавриди ихтилоф нест, зеро мабдаи онҳо ақли куллии мусовӣ бо маъсум аст.

**Ақли нурӣ аз дидгоҳи пири тариқат.**Хоҷа эътиқод дорад, ки дар ниҳоди ҳар инсонӣ як ақл нуре аст, ки даст баста ва асири ҳиҷоби мо ва ҳавасҳо, ислоҳоти тахаюлот, туҳамот мебошад ва Хоҷа таъкид мекунад, ки ақл бояд аз ин асорат даромада, озод, фаъол гашта, аз тамоми тавоноиҳои он истифода гардад. Ҳанӯз дар ҳеҷ як аз мактабҳои илмӣ фалсафии башарӣ аз тамоми тавономандиҳои ақли истифода нашуда, башар ба аъмоқи ақлӣ худ нарасидааст ва муваффақ ба истифодаи комил аз ин нерӯи фавқулода ва пурэҷози худаш - он тавр ки Қуръон ва маъсумин бар истифода аз он таъкид кардаанд – нашудааст.

Озодсозии ақл аз назари пири тариқат танҳо аз роҳи тасфияи нафс ва тазкияи он бар асоси дастурҳои шурӯъи муқаддас ва аз навъи ибодати он, на саної мумкин буда, ба ин рукни аслӣ ба сахтӣ таъкид мекунад ва ба ҳамин далел тавсия бар тарки маҳрамот ва анҷоми воҷибот дорад.

**Ақли ақол дил аст.** Ақли ақол дил аст [1], яъне ки дилро аз ғайри маҳбуб дар банд орад ва аз ҳавасҳои носазо боздорад ва ақл ба мазҳаби аҳли суннат нур аст ва ҷойи вай дил аст, на димоғ ва шарти хитоб аст на муҷиби хитоб ва дар маърифати айн олат аст на асл ва моя ва фоиди ақл он аст, ки дил ба вай зинда гардад «Линзар мун кона ҳайян» Эй оқилан- пас ҳар киро ақл нест, дар шумори зиндагонӣ нест на бинӣ ки бо девона хитоб нест, чуноне ки бо мурда нест аз он аст, ки вайро ақл нест. Ақл се ҳарф аст аъйн аст, яъне ҳарфул ҳақ минал ботил – қоф аст, яъне қаблулҳақ-лом аст, яъне- лазмулхайр. Ин ақл бандаи муҳибатулиллоҳӣ аст ва атоӣ Раббонӣ тоати бандаи муктасиб аст. Тоат бе муҳаббат рост нест ва он муҳаббат бетавфиқ ба

кор нест, чуноне ки дар хайр аст, ки Раб ақлро биофарид гуфт ӯро ки бархез, бархост, гуфт: бинишин, бинишаст, гуфт: биё, биёмад, гуфт: бирав бирафт, гуфт: бубин бидид, он гаҳ гуфт ба иззат ва ҷалоли ман ки аз ту шарифтар ва гувоҳитр наёфаридем. Пас ақлро аз ин навохости аҷибе падид омад дар худ. Рабулоламин он аз вай дарнагузашт гуфт: «Эй ақл бознигар, то чи бинӣ бознигарист. Сурате дид аз худ некӯтар ва баҷамолтар. Гуфт: Ту кистӣ? Гуфт: ман онам, ки туйӣ: - ту ба ман ба коре наоӣ ман_ тавфиқам.

Дар «Қуръони маҷид» сураи муборакии «Анъом» ояи 6 мефаморяд: Эй паёмбар! Ман ба шумо намегӯям, ки ганҷҳои Худо назди ман аст ва на ин ки аз ғайб (Иллоҳӣ) огоҳам ва намегӯям, ки ман фариштаам ва ман аз он чи ба ман ваҳй шуд, пайравӣ мекунам, бигӯ магар кӯру бино баробаранд, оё таақл намекунед. Дар «Қуръони маҷид» тасреҳ мекунад, ки кӯрӣ ва биноӣ бо якдигар баробар нестанд ва манзур аз биноӣ дар ин ҷо ҳамон маърифати ваҳӣ аст, ки Худванд ба паёмбараш марҳамат фармуда ва ба таақл дар ин тафовут миёни ӯ ва дигар мардумон, супориш карда ва ҳамоно худ Қуръон ба унвони китоб ваҳӣ аст, ки ба мардум арза шудааст ва ин китоб ҳаётбахши Иллоҳӣ, мардумро ба таақл дар достонҳо ва масалҳои Қуръон фаро хондааст. Ва пири тариқат мефармояд таақл дар хилқати осмонҳо ва замин аст, ки Худованд инҳоро беҳӯда ноёфаридааст. Назари Хоҷа ин аст, ки таалуқ, яъне пайгирӣ ва талоши бисёри хирад, ки барои дил чунон чашм, барои нафс аст. Аз хостаи худ барои дарк ва дарёфти он ва ин ки таалуқ дар латоифи офариниш ва дидани хубиҳо ва ҳам хониҳои офариниш ва офаридаҳои Худованд аст.

Лозим ба зикар аст, ки пири тариқат мефармояд: баростие, ки таалуқ дар асли тавҳид дар инсон ба дарёи инкор аст [2]. Ақл нотавон дар шинохти Ҳақ, чаро ки ақл ҳилати василаест, ки ба дарди корҳои ин ҷаҳонӣ мехӯрад ва ақл муҷарради роҳ ба шинохте наметвонад барад, зеро ки ақл махлуқ аст ва ҳади аксари тавоноии ӯ шинохти ҳамчун худаш аст ва ба ҳамин сабаб вай муридони хешро аз пазируфтани сухани касоне, ки дар шинохти Худованд аз ақл ва қиёси худ мегӯянд бар ҳазар медорад [3].

Инчунин мефармояд: Моро дидаҳои фонӣ ва ақлҳои матбӯъ дарнаёяд, ки шинохт дар зоти паймона ақл ақлоъ нест, ҳам ва фаҳми аз мо чи нишон диҳад, ки маншури сифоти моро тавқеъи ҷуз «лайса камислиҳи шайин» нест [4] ва аз назари ӯ ин аст, ки то ба кашф дарёбад, он чи фикрро тоқати идрок нест. Ва фақат бо чанг задан ба нури кашф аз шаҳват раҳои тавон ёфт ва тавҳиди кашфӣ фақат махсуси бандагони хос аст ва дониши ладуни доранд, ки монанди паёмбар ва ҳазрати Алӣ (а) ва ақал дар ин майдон фақат то даргоҳ тавон дорад, аммо вуруд ба боргоҳ ва дарёфт ва шинохти исмҳои Худо эътилонӣ нест, балки имоне аст ва танҳо аз паёмбарон илқо мешавад ва ин маърифатро ба чашм наметвон дид, балки чароғ мехоҳад, яъне чашми хирад дар маърифати асмоъ ва сифоти хақ, корсоз нест ва ин чароғи ҳидоят аст, ки нақши аслиро бозӣ мекунад ва ба маърифати мабдо ва муод, танҳо аз тариқи ваҳӣ ҳидояти анбиё ба инсон мунтақил мешавад. Касе, ки нури ҳақиқатро бар қадами истидлол талаб кунад, аз барои ӯ даъвои футуват ҳалол нест. Далели он ба «ақл» ва истидлол ба адлияи ақалия аст, ва муфарриқул қалб аст, ки ғолибан қалбро бар Худои таоло ва нур кашф ва таърифи Иллоҳӣ ҷамъ мекунад. Пас бинобар ин, мутамасик шав ба ҳар чизе, ки ҷамъ мекунад туро барои Худои таоло ва тарк кун ҳар чизеро, ки муфариқи туст ва омехта накун иҷобати худро аз барои доии ҳақ ба иваз [5].

**Маърифати шуҳудӣ бартар аз ақл аст.** Хоҷа мефармояд: Дили худро ба ақл дармабанд, ки ақл посбонест, роҳабарест, то инон бад-ӯ диҳӣ ва раҳои нест, то рӯй дар рӯй орӣ он чи талаб кунӣ, аз ақл талаб макун. Аз набувват талаб кун, ақл ғошиякаши аҳкоми дин аст, иззат ва кибирёи дин дар мизони ақл нағунҷад ва дар ҳйизи ҷавҳари араз наёяд. Дини мо ҳамон дине аст, ки сад ҳазор ва бистучаҳор ҳазор анбиё ва расулро будааст [6].

Дар истилоҳ Хоҷа ақлро марбут ба илм мекунад, аммо маърифатро аз он қалб ва ақл ҳосили истидлол ва томилот аст, аммо маърифат дар пайи таҷаллиёти иллоҳӣ даст медиҳад ақл аз сунхи илм аст ва маърифати нур ва ишроқ ва пайдост, ки дар ин фараз, маърифати фавқ ақл аст, тавре варои тавр ақл хоҳад буд.

Пири тариқат мефармояд: Дил агар гӯяд чаро? Гӯйи ман амрро сар афкандам, ақл агар гӯяд, ки чун? Посух деҳ, ки ман бандам, зоҳир қабул кун ва ботин биспор [7] ва шайх мегӯяд дар тавҳид таслим пеша кун, ҳар ақл аз ақл равад бок нест, дар хидмат тоат пеша кун [8].

Эй моҳи ақл ту дар зери мех худро мазан бар теғ. Агар туро аз ҷаҳл торикест илм азалро чун рӯйи теғ борикиест [9].

**Оҷиз будани ақл дар ҳақиқати зоти Худованд.** Инчунин боз шайх мефармояд: ақл моғул ва занҷиринад ва саргарм шудан ба паноҳгоҳҳо ва манзилҳо, дарди сар ва зиён, улум, ахлоқ, равишҳо, одоб ҳама бонги сафир аст, ки туро аз бистари ғофилон бедор мекунад [10], вале шинохти Ҳақ дар ҳитаи ӯ нест ва ақл нотавон дар расидани зоти тавҳид ба хотири ин ки дар пардаи ҳиҷоб таъниёт аст. Ва ҳангоме, ки ақл ҷузъ мешавад дар ҳақиқати зоти Худованд, сипас ақл раҳо мешавад ва ба огоҳии худ пай мебарад ва мутаваҷҷеҳ мешавад, ки Ҳақ ва ҳақиқат хеле болотар аз он аст, ки ақл битавонад онро дарёфт кунад [11]. Сипас натиҷа мегирад, ки ба ресмони таъзими Ҳақ даровезад ва бо мутаваҷҷеҳ шудан ба иззат ва ҷалоли Худованди мутаол аз андеша дар зоти ӯ халос мешавад.

**Ишқ аз дидгоҳи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ.** Худои мутаол мефармояд: «Ҳар касе, ки дини хешро рӯ баргардонад (бидонад) ки ба зуди Худо гурӯҳеро хоҳад овард, ки эшонро дӯст медорад ва онон низ дӯстдори ӯянд» [12].

Аз дидгоҳи Хоҷа нахустин манзили боби аҳвол, манзили ишқ ва муҳаббат аст, ки яке аз мубоҳиси аслӣ ва меҳварӣ ва мабнову мутакории ирфони ислом дар назар ва амал ба шумор меравад. Ирфони назарӣ ва ҷаҳонбинии орифон, мубтанӣ бар ишқ ва муҳаббат аст ва ирфони амалӣ ва сайру сулук низ бар ҳамин асл мутаккӣ аст.

Хоҷа мефармояд: Мабнои ирфони назарӣ ва зербинову ҷавҳарӣ тафаккури ирфонӣ, ҳаракти ҳубия аст, ки ганҷи ниҳон будам ва дӯст доштам шинохта шавам, пас офаридагонро офаридам, то шинохта шавам. Аз лиҳози амалӣ низ арзиши ҳама корҳо, ибодатҳо ва хидматҳо бо мизони алоқа ва муҳаббат санҷида мешаванд. Дар ривоят аст, ки «хушо ба ҳоли онон ки бо муҳаббат маро ибодат мекунанд» [13].

Пири тариқат дар таърифи муҳаббат мефармояд: Охирон водиро ҳиммат, ки бар бинои касб аст, ки ин нисбат дар нури ҷазб аст ва ин ки бояд ҳама сӯйи муҳаббат бошанд. Ба хотири ин ки расидан ба матлуб ва нури таҷаллӣ маҳбуби охарин хоҳони он унс ба маҳбуб аст.

Ҳамин тавр, назари эшон ин аст, ки муҳаббат «дил бастан» аз ҳама тараф ба маҳбуб фақат миёни ҳиммат ва унс аст [14].

Инчунин ошиқ барои подшоҳ музд ва барои маъшуқ коре анҷом намедиҳад ва амали худро дар холис барои Худо анҷом медиҳад ва ошиқ барои маъшуқ беқарор ва бехобу хӯрок ва зарду пажмурда аст.

Пири тариқат аз забони ишқ мефармояд: Ман муҷрами ҳарами висолам ва маро аз ҳарду олам фароғ аст ва девонаи ҷуръаи завқам ва бароварандаи шуълаи шавқам ва ҳақро бар дил фармоне ва шуълае аз ишқ дармоне ва бе ишқ дили бандаро боронӣ ва ин ҳар ду ҷуз ба фармон ҷуброне.

Мефарояд: ва аз ду ҷаҳон ишқро баргузидем ва ҷома боло буридем ва пардаи ком ва ниёз даридем пас ҳиҷобҳо аз пеши мо бардор ва моро ба мо вогузор [15].

Эй азизи нозанин, агар хоҳӣ, ки ишқ дар дили ту кора кунад ва туро талаби он ёр кунад, аввал дар худ назар кун, ки кистӣ ва ба нисбати он ҳазрат чист? Ва ин ки ишқ ҳам оташ аст ҳам об, ҳам зулм аст ҳам офтоб, ишқ дард нест, вале ба дард орад, бало нест, валекин бало ба мадад орад. Ҳамон тавре, ки иллат ҳаёт аст, ҳамон тавр сабаб мамот аст, ҳарчанд мояи роҳат аст, пероями офат аст, муҳаббат муҳибро сӯзад ва на маҳбубро ва ишқ ҳам толибро сӯзад ва ҳам матлубро [16]. Боз мефармояд: ишқ он аст, ки ғарқаи ҷамоли маъшуқ бошад ва он ишқ ки аз хулқат хезад бар дил фурӯд ояд ва дилро нест кунад. Нишони ишқ он аст, ки дӯстдор чун дар сифоти дӯст ояд дил аз дигарон бипардозад ва ҳама зикри дӯст кунад, ҳама саноӣ ӯ гӯяд, аз зикр ва мадҳи ӯ сер нашавад ва хомӯш натавонад [17]. Ҳамин ишқ аст, ки «ҳалқаи пайванд бо Худост», ки бо он убудият ва рубубият ва бо дӯст доштан ва дӯстдор будан шакл мегирад ва бандаро ба саҷдаи зоте, ки ба маънои фанову натиҷаи он қурби ҳақ аст вомедорад. Ишқи Худо нури номунтаҳӣ аст [18].

**Манъ ва базл чист?** «Манъ ва базл» ҳар ду таҷаллӣ мебошанд ва таҷаллӣ аз фаное аз худ ва бахшидани ҷон ба маҳбуб ҳукм мекунад, аз ин ҷиҳат висол аз муҳаббат рушд мекунад ва ҷазба бахшидани рӯҳ мумкин нест ва ин ҷон бахшиш ва ошноӣ ҷамоли маҳбубро ба дунбол дорад ва қалбро аз ғайри маҳбуб манъ мекунад ва ин ки «дар базл ва манъ», яъне бахшидани ҷон ба маҳбуб ва манъ кардани қалб аз бастагӣ ба ғайр. Пири тариқат мефармояд: Муҳаббати муҳиб ба маҳбуб, ҳар чизе, ки ба ӯ маҳсуб аст аз афъолу сифот ва зот дар маҳбуб фонӣ созад ва аз суит ва дутои фосила бигирад [19].

Оташи ишқ кудурутро аз ошиқ гирад ва ӯро аз ҳама алоиқ ва дилбастагиҳо озод мекунад [20] ва аз чаҳор девори мулку улуми табиат хориҷ мекунад ва ба манозили маҳвӣ, яъне водиҳои фано сарозер мешавад. Фанои афъол ва сифотро «маҳв» мекунад. Водии фано, яъне маҳв феъл дар ҳақ аст ва дувумини он манзил маҳви сифотӣ ва дар ниҳояти манзил маҳви зот аст ва ин се манзил, аз куллиёти манозили водии фано ҳастанд.

Хоҷа мефармояд: баъзе аз авом, ки ҳанӯз дар дури маҳбубанд ва дар савум худро аз ҳақ омиланд, вақте ки ҳиммати наздикӣ ба Худоро пайдо кунанд, дар партави муҳаббат «яҳбаҳум» барои эшон асар гузошта осори «яҳбуна» дар дили эшон зоҳир мешавад, муҳаббат дар дили онҳо лона мекунад ва аз пуштибонии он авом мешавад [21] ва касоне, ки аз маҳбубашон дур мешаванд, аз муҳаббат ва ишқ боз мемонанд дилашон нузул ва ироти таҷҷалиёти шоиста нестанд ва ақибмондагони роҳи сайру сулук ҳастанд.

**Маротиб ва дараҷоти ишқ.** Дараҷаи аввал: Хоҷа мефармояд: ки ишқ он аст, ки васвасаҳоро аз байн мебарад ва дар мақоми шаётин меистад ва хидматро гуворо кунад ва дар муқобили маъшуқи худ тавозеъ дорад, ки ин натиҷаи ишқ аст ва аз бӯсидани қадамгоҳи маъшуқ лаззат мебарад.

Ба ҳамин хотир ишқ маҷозӣ, аммо афиф, нерӯмандтарин омил дар латофат бахшидан ба даврони инсонӣ ва омода сохтани ӯ дар пазируфтани ишқи ҳақиқӣ аст. Чунин ишқе, ки фикрҳои ошуфта ва тафриқаи ботинро аз миён мебардорад, хидматгузорӣ ба маҳбубро ширин ва дилпазир мекунад ва фармонбардорӣ ва пайравӣ аз маъшуқу тастуроти ӯро осон мекунад.

Хоҷа мефармояд: Ин рушду рӯйи «Ин ишқ аз нигоҳи неъматҳои ҳақ аст» ки Қуръон мефармояд: «Восеун ъалайкум ниъман зоҳиран ва ботинан». Худованд неъматҳои ниҳон ва ошкори хешро бар шумо сарозер месозад ва ин решаи ишқ ва дӯст доштани афъол ва осори ҳақ аст, ки аз мушоҳида некӣ ва бахшишҳо ва неъматҳои ошкор ва ниҳони Худованд аст.

Ҳамчунин эътиқод дорад, ки он ишқ ки аз иллат хезад, дар нафс нузул кунад ва нафсро пӯст кунад ва он чи аз хилқат хезад дар дил бошад ва бо пайрави басти набавӣ устувор гардад, яъне маҳкам ва мустақари он ба итоат аз суннати Худоро ва роҳу равиш ва улуми паёмбар ва дунболарав ва ба аҳволу иқбол, то ботини ӯ бо ботини паёмбар яке шавад ва қалби ӯ нуронӣ шавад.

Ба ишқи ӯ мушоҳида кунад маҳбуби худро ва муҳаббат рушд мекунад. Барои иҷобат аз барои фақр ва ин фақр ҳоҷати лозима аст. Барои имкон ва ин имкон шурӯи фақр аст, ки ниҳояти он адам аст. Пас аз ин дафтари зотӣ аст ва соликро ба сӯйи эҳсос ниёз ва ногузирӣ дар ҳастӣ ва сифоту афъоли хеш ба Ҳақ фаро мехонад. Агар солик ин фикри зотии худро ҷавоб диҳад, яъне дар феълу васф ва зоти хеш фано дар Ҳақ гардад, пас таҷалли мекунад барои ӯ Ҳақ бо афъол ва сифоти зебои худ ва пас зиёд мешавад муҳаббати ӯ ба Худо ба андозаи анвори зебоии Ҳақ, ки бар ӯ ошкор мешавад, ҳар чӣ иҷобат ӯ ба ин эҳсос ниёзи ҳамешагӣ ба ҳақ бештар шавад, бахше аз ӯ дар Ҳақ фонӣ мегардад ва дар натиҷа бар таҷаллии партавҳои зебоии ҳақ зиёд мешавад ва муҳаббати ӯ бештар мешавад.

Дараҷаи дувум: Ишқе аст, ки соликро бар исори Ҳақ бар ағёр бармеангезад. Ба хотири ин ки ишқи ҳақиқӣ барои дигаре ҷуз маҳбуб ҳеҷ муҳаббате боқӣ намегузорад. Ин бисёр сахт аст, ки инсон битавонад хотираи Ҳақро аз ёд берӯн набарад. Бояд моҳҳои инсон иллоҳӣ бошад ва ҳар коре мекунад, барои ризои Худо бошад, ҳатто нафас кашидан ва хобидану ғизо хӯрдан ва ибодат кардан ва қалбаш фақат барои Худо битапад.

Дил бастан ба шуҳуд он аст, ки инсон шефтаи шуҳуди Худо шавад. Албатта, эҳсоси дурӣ ва дардмандӣ нисбат ба Ҳақ, ки заминасози ин шуҳуд аст, барои ҳама махсус набуда, ба сифоти зебо ва таҷаллиёти онҳо, реша мегирад ва соликро ба дархости шуҳудзот ва партави ҷамоли он мекашонад ва бо таваҷҷуҳ ба оёт, яъне аломатҳое, ки бар камоли зот шаҳодат медиҳанд, сарчашма мегирад. Мақомоте, ки дараҷаи камтар аз ишқ дорад, масалан, мақоми ризои муҷиби маҳви ирода дар иродаи ҳақ мешавад ва мақоми таслим муҷиби маҳви илми солик дар илми ҳақ мешавад.

Дараҷаи саввум: Ишқ ба ҷое мерасад, ки муҳиб дар тифи кашиши ишқи Худо қарор мегирад ва ишқ аз ҳавзаи ихтиёри шахс хориҷ мешавад ва ин муҳаббат, муҳиби ҳақро аз водии парешони сифот ба ҳазрати ҷамъи зот мерабояд ва ақлу фаҳмро аз ӯ мегирад ва падидор шудани ҷалоли сифот аз нури ҷамоли зот аст, барои дигарон, на айнӣ ва на асаре боқӣ намегузорад ин ишқ ишораро дақиқ мекунад,

аммо монанди иборат ба кулли онро аз байн намебарад, чаро ки гоҳ ишора тавҳиди аз тариқи Ҳақ, таҳқиқ меёбад, ки аз дарёфти мо дақиқтар ва латифтар аст ва ин ишоротҳо, шинохти ҳақро барои аҳли ҳақ, ба худ ҳақ муаррифӣ мекунад ва дарк намекунад ҷузъаи маҳбуб ва муҳиби дигаронро.

Ин навъ ишора дар ҳақиқат яке аз нишонаҳои таърифи зоти Иллоҳӣ бар дили орифон аст ва пас барои ғайр муҳиби вуруд дар ин соҳат ва дарёфти чунин ишора мумкин нест ва ин муҳаббат ба сифоти мунтаҳӣ намешавад ба хотири ин ки ишқ мофавқи сифот ва таъриф аст. Бинобар ин, ҳар тавсифе аз дастёбӣ ба жарфҳои чунин муҳаббате оҷиз аст.

**Ишқи дараҷаи саввум болотар аз ақл ва хирад аст.** Пири тариқат мефарояд: «Ин муҳаббат», яъне ишқ зотест, дар дараҷаи савуми муҳаббат ва меҳвари ирфон аст, яъне сайру сулук ба сӯйи Худо аст ва мадоре аст, ки ирфон бар гирди он мегардад, ба хотири ин ки бинои сулук ва роҳпаймои ба сӯйи Худо роҳи сохтанҳо ва аҳдофҳо барои ба даст овардани ризои ӯ ва ваҷҳуллоҳ аст ва фақат чунин муҳибе аст, ки ба дунболи ҳақиқат маҳз аст. Дурахшиши партавҳои ин муҳаббат ӯро ба сӯйи охирин марз хоҳад расонид, аммо дараҷоти поин аз ин, яъне муҳаббатҳое, ки дар ду дараҷаи аввал аз онҳо гуфтугӯ кардем, дӯстиҳое ҳастанд, ки эътиборӣ ҳастанд ва ба ақлу ва хирад вобаста мебошанд. Ниёз ба фанои муҳаббат дар маҳбуб надорад, иқтизои он аст, ки вуҷуд дошта бошад ва дар онҳо манфиатталабӣ ва лаззатҷӯйи вуҷуд дорад ва барои дигарон вуҷуд дорад ва дар онро қабул дорад.

**Вижагиҳо ва алоими ишқ.** Ҳазрати хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мефармояд: Муҳаббат иборат аз таъаллуқи қалб ба маҳбуб аст, миёни ҳайбат ва унс ва дар ин ҳол шуун ва хоси ҳақиқати муҳаббат дар қалбу сар ва нафси солик зоҳир мешавад, зеро ҳиммат ниҳоят шудани талаб аст ва ниҳояти талаб бо вуҷуд ба матлуб аст, то бақоёи қиюди ҳар як аз сари қил ва сари соликро бо авсофи мухтасои он аз байн бубарад ва зуҳури шуун ва хоси муҳаббат, ки муҷиб аз байн рафтани қиюд ва алоқи сарӣ ва қалбӣ ва рӯҳии солик мешавад ва алоими ишқ ғайрат, шавқ, қилиқ, атш, ваҷҳ, даҳшат, ҳирҷон, барқ, завқ ва чунончи асоси ҷамеи мақомоти муҳаббат аст.

**Муҳаббат бар ду қисм аст:** 1. Муҳаббати омӣ ва он тамоили қалб ба мутолиаи ҷамоли сифот аст. 2. Муҳаббати хос, ки майли рӯҳ ба мушоҳидаи ҷамоли зот, муҳибони зот шароби айни ишқро дар қадаҳи рӯҳ хӯрданад ва фазилаи онро ба қалб ва нафс резанд ва лаззати онро дар ҳама аҷзои вуҷуд резанд ва ҷоми рӯҳ аз ғоиби сафо ва латофат дар ранги ин шароб маҳв шавад ду сурати ваҳӣ падид ояд.

Пас, метавон натиҷа гирифт, ки ҷуз зоти камол мутааллиқи шоистаи маҳбуб шудан нест ва ӯст, ки поктарин ишқҳоро бояд нигориш кунад ва мусаламан чунин ишқ ва муҳаббате натоиҷе ва самараҳоеро ба бор меоварад.

Назарияи ақливу ишқии Ансорӣ ирфонӣ, исломӣ ва зоҳидона аст. Ӯ ақида дорад, ки ақл яке аз гавҳарҳое аст, ки Худованд офарида ва барои мо инсонҳо додааст, аммо азбаски ӯ халқ шудааст, танҳо он чизеро дарк мекунад, ки офарида шудааст, барои дарки қудрати Иллоҳӣ ишқ қодир аст. Ӯ муътақид аст, ки муҳаббат бидуни маърифат мумкин нест, инсон танҳо метавонад он чиро, ки ба он маърифат дорад дӯст дошта бошад. Инчунин Ансорӣ эътиқод дорад, ки ишқ динӣ аст, зеро маътуф ба Худо аст. Ақлонӣ аст, зеро тақарруб ба Худовандро як арзише талаққӣ мекунад. Инсон набояд дар интизори лутфи Худованд бимонад, балки бояд дар ҷиҳати шинохти ҷаҳон ва падидаҳои он, ки бо шарти лозим шинохти Худованд ва аз ин раҳгузар, ишқ варзидан ба ӯст, талош кунад ва фаъол бошад.

### АДАБИЁТ


1. А. Ансорӣ. Кашф-ул-асрор ваъда-ул-аброр. Сураи Бақара. Аҳмад Рашидиддини Мабдӣ. - Теҳрон:Ношир Амиркабири 1371.- с. 442.
2. А. Ансорӣ. Маноз-ул-соирин. Шарҳи Абдурразоқи Қошӣ. Таҳқиқи Муҳсини Бедор. Ношир: Бедор.- с. 1372 ,с. 49.
3. А. Ансорӣ. Табақот-ус-суфия. Мутарҷим Сарвари Мавлоӣ.- с.86.
4. А. Ансорӣ. Насим-ул-муқаррабин. Тарҷумаи Табоконии Тӯсӣ. Тасҳеҳи Муҳаммади Таботабоӣ. Ношир: Муаззаҳ ва Маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ. –Теҳрон: 1382.- С. 114.
5. Торомӣ Сафиюуддин. Анис-ул-маориф. Тасҳеҳи Алии Уҷабӣ. Ношир: Рӯзона.- 1377. с. 262-263.
6. А. Ансорӣ. Кашф-ул-асрор ваъда-ул-аброр. Рашидуддини Мабдӣ. Алиасғари Ҳикмат. –Теҳрон: 1388. –с. 91.
7. А. Ансорӣ. Тафсири адабӣ ва ирфонии Кашф-ул-асрор. Тарҷумаи Рашидаддини Мебдӣ. Интишорот: Иқбол.- 1368.с. 80.
8. А. Ансорӣ. Чароғи роҳи маърифат нури Иллоҳӣ. Ҳабибуллои Ҷовидон.- Теҳрон: 1372._ С. 60.
9. Тобанди Гунободӣ. С. Ҳусайн. Расоили Хоҷа Ансорӣ. Ношир: Армуғон.- 1319, с. 63.

10. К. Қосим. Ғоёссиддин Мансури Дашнакӣ ва фалсафа ва ирфон. Ношир: Фарҳангистони ҳунар.- 1387,с. 158.
11.Барзгор Масеҳо. Оташу болу парвонаи орифонаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. Ношир: Хонаи маъно, 1384, с. 56.
12. А. Ансорӣ. Канз-ул-соликин. Тасҳеҳи Муҳаммад Сурури Мавлоӣ. Ношир: Тӯс.- 1372,с. 55.
13. А. Ансорӣ. Чароғи роҳи маърифати нури Иллоҳӣ.(муқаддимаи Ансорӣ). Ҳабибуллоҳи Ҷовидон.- Теҳрон: 1314қ. 1372 ш.
14. А. Ансорӣ. Рисолаи ақл ва ишқ. Ношир: Нури Фотима.- 1361.-С. 93.
15. А Ансорӣ. Мақомоти маънавӣ. Тарҷумаи Манозил-ул-соирин. Ношир: Бедор. – 1354,с. 97.
16. А. Ансорӣ. Насим-ул-муқаррабин. Тарҷумаи Тобуконии Тӯсӣ. Шайхи Муҳаммади Таботабоӣ. Ношир: Мавзеи маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ.- Теҳрон: 1382,с. 335.
17.Куръон. Сураи муборaки Моида. Ояти 54.
18.Баҳори Анвори Ҳоҷ. 5 ва с. 467.
19.А. Ансорӣ. Манози-лу-соирин. Шарҳи Камолиддини Абдурразоқи
Кошӣ. Таҳқиқи Муҳсини Бедор. Ношир: Бедор, 1341 қ., 1372 ,с. 385.

**РАЗУМ И ЛЮБОВЬ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ХОДЖЫ АБДУЛЛА АНСАРИ**

Автор в своей статье подробно исследует мето разума и любви в поэзии персидского поэта-митсика Абдулла Ансари. Она подробно останавливает на разновидности разума, и показывает немощь разума перед истиной Всевышного, и нконец, излагает точку зрения Ансари о разуме и любви.

**Ключевые слова**: умственное познание, мудрость, мышление, познание, истина, разум света

**REASON AND LOVE IN TERMS OF HODGE ABDULLAH ANSARI**

The author of the article explores in detail the method of reason and love in the poetry of the Persian poet Abdullah Ansari mitsika. It dwells on the variety of reason, and shows the weakness of the mind before the truth of God, and nkonets, describes the view of the mind Ansari and love.

**Key words**: cognitive knowledge, wisdom, thinking, knowledge, truth, reason of light

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Махин Фарахани*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

## ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР БАЙНИ КИШВАРҲОИ ҒАЙРИ ФОРСИЗАБОН
***(Узбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, Киргизистон )***

***Ҳасани Бегуноҳ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АИ ҶТ**

**Нигоҳе ба баргузории иди Наврӯз дар Ӯзбекистон.** Мардуми Ӯзбекистон пас аз фурӯпошии Шӯравӣ (1991 мелодӣ) ва аз байн рафтани низоми сотсиалистӣ, 21 моҳи марти мелодӣ, ҳар сол аввали фарвардинмоҳи ҳиҷрии хуршедиро ба унвони иди Наврӯз, ҷашн мегиранд.

Онон ҳам монанди мардуми соири кишварҳои Осиёи Марказӣ 21 мартро боҳузур дар паркҳо ва марказҳои фарҳангӣ ба шодмонӣ пардохта, пас аз он бо пӯшидани либосҳои суннатӣ ба дидори бузургтарҳои худ рафта, ба якдигар шодбош мегӯянд. Ақвоми мухталиф аз қабили тоторҳо, озариҳо, русҳо ва дигарон низ дар канори узбекҳо ба баргузории ҷашнҳои суннатии Наврӯзи ҷилваи хосе мебахшанд. Тайи чанд рӯзи охири сол бо зойиши дубораи табиат, Тошканд пойтахти Ӯзбекистон ҳолу ҳавои тозае ба худ мегирад. Барафрохта шудани парчамҳои рангоранг оинбандии кӯю барзанҳо, ғуборрӯбӣ аз сатҳи гузаргоҳҳо ва хиёбонҳо, ҳама ҳикоят аз шӯрӯ шавқи мардум барои ҷашни иди Наврӯзро дорад. Ба ростӣ дар ин ид ва дигар суннатҳои бостонӣ чӣ чизе нуҳуфта аст, ки солҳои мутамадӣ, сиёсатҳои гуногун, идеологияи марксистӣ ва ленин барои зудудани он бетаъсир шуд.

Иттиҳоди Сотсиалисти Шуравӣ ба нобудии масҷидҳо ва беаҳамият сохтани дин дар назди мардум, дар садад буд, то одоб ва суннатҳои гузаштаи ҷумҳуриҳои Осиёӣ ба таври комил ба фаромушӣ супурда шавад. Акнун аз чанд рӯз монда ба иди Наврӯз, расонаҳо ва матбуоти Тошканд пойтахти Ӯзбекистон, одобу русуми иди бостонии Наврӯзро ташреҳ мекунанд. Раиси Ҷумҳурӣ, бархе масъулон ва ришсафедон низ аз тариқи барномаҳои телевизионӣ, фаро расидани иди Наврӯз ва оғози дубораи рӯиши табиатро ба мардум табрик ва таҳният мегӯянд. Ислом Каримов раиси ҷумҳури Ӯзбекистон дар паёми Наврӯзии соли қаблӣ хитоб ба мардум гуфт, ки дар Наврӯз «нерӯи наҳуфта аст, ки ҳар инсонро бо ҳар гироиши динӣ ва миллӣ нисбат ба ҳам муттаҳид ва меҳрубон мекунад. Иди Наврӯз аз чунон ҷойгоҳи вижае дар Ӯзбекистон бархурдор аст, ки давлат ба муносибати ин ид, як

рӯзро дар ин кишвар таътили расмӣ эълон кардааст. Шавкат Усмонов устоди забони форсии Донишгоҳи тарбияти муаллими ба номи Низомии Ганҷавӣ мегӯяд: «Низоми сотсиалистӣ мехост қадосат ва таровати исломро аз батни ҷомеаи миллатҳои Осиёи Марказӣ бизудояд. Мардум бо вуҷуди беш аз 70 – сол талоши динзудоӣ аз сӯи ҳизби коммунист ва мамониатҳои политсиягӣ, аз дин ҷудо нашудаанд». Вай изҳор дошт: Низоми коммунистӣ таҳти ливои густариши савод, аммо бо ҳадафи қатъӣ робитаи мардум бо гузаштаи худашон муддати 20 сол ҳарфҳои алифборо аз арабӣ ба лотинӣ ва сипас ба сириллик тағйир дод…». Раҳматулло Ахбаров -як корманди бознишаста, ки солҳои мутамодие дар системаи давлати Шӯравии собиқ машғул ба кор буда, гуфт: «Идҳои исломӣ дар назди мардуми мусалмони Ӯзбекистон низ аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст ва дар ин рӯз мо бо қурбони кардани гӯсфанд ва чидани суфраҳои моломол аз хӯрокӣ ба истиқболи ин иди бузург меравем. Яке аз ин одоб ва суннатҳои гузашта, эҳтиром ба бузургон, ки дар аввалин рӯзи иди Наврӯз кӯчактарҳо ба эҳтироми бузургтарҳо ба дидори онҳо мераванд. Ба гуфти вай иди Наврӯз дар ҳамаи кишварҳои Осиёӣ баргузор мешавад ва ин амр боиси инсиҷом (ягонагӣ) ва ҳамбастагии миллатҳои ин қитъаи замин мешавад.

Дар Ӯзбекистон низ Наврӯз бидуни суманак, рангу бӯе надорад. Саману барои онон, ёдовари Наврӯзӣ аст. Ҳамчунин оини чаҳоршанбеи сурӣ дар бисёре аз шаҳрҳо ва навоҳии гуногуни Ӯзбекистон бо шӯру ҳоли тамом баргузор мешавад, бахусус дар Бухоро ва Самарқанд аз шукӯҳ ва истиқболи бисёре бархурдор аст. Аммо паёмовари оғози баҳор дар шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро, Макка ва Мадинаи форсзабонон, турнаҳо ва лаклакҳо ҳастанд, ки дар Наврӯз аз сарзаминҳои гарм ба он сӯй кӯч мекунанд.

Пирони корозмуда ба тамошои парвози ин парандагон менишинанд ва аз баландии парвози онҳо пишбинӣ мекунанд, ки соли нав то чӣ ҳад пурбаракат ва пурмаҳсул хоҳад буд. Кадбонуҳо ба ҷуз суманак, нон ва кулчаҳои бисёр мутафовите мепазанд, ки дар Осиёи Миёна шуҳрат доранд. Яҳудиёни ин ду шаҳри Ӯзбекистон, ки аксаран форсзабон мебошанд, дар канори дигар бошандагон Наврӯзро дар фазои самимиву шӯрангез ҷашн мегиранд. Наврӯз нажод ва оину марзҳои сиёсӣ намешиносад (7). Ин ҷашн нишонаи пайвастагӣ ва вобастагии инсон бо табиат аст.

Дар Ӯзбекистон ҷашни Наврӯз ҷашни давлатӣ аст, аммо расман соли нав тибқи тақвими аврупоӣ баргузор мешавад. Аз чанд рӯз монда ба иди Наврӯз, мардуми ин кишвар хонатаконӣ мекунанд ва хонаҳои худу шаҳрҳо ва рустаҳоро меороянд, зеро ин амри табиӣ аст, ки дар либоси зебо ва хонаҳои зебо ба истиқболи соли нав бираванд. Тибқи русум, пеш аз оғози соли нав бояд тамоми корҳои марбут ба омода кардани ғизо ва васоили пазироӣ, поён биёбанд.

Ғизои фаровон ва гуногун, рамз ва намоди умедворӣ ба бардошти маҳсулоти бисёр дар ин сол аст. Дар рӯзи Наврӯз суфраи идӣ, ки дар Ӯзбекистон «дастурхон» номида мешавад, паҳн мешавад ва бар рӯи он ғизоҳои рангоранге аз ҷумла палав, гӯшти гӯсфанд ва ё гӯшти гови обпазшуда, пирашкӣ бо пиёзча ва саману (суманак) қарор мегирад. Суманакпазӣ аз русуми дерина дар Ӯзбекистон аст, ки хонумҳо ба он мепардозанд ва дар ҳангоми пухти он шеърҳо мехонанд, мерақсанду афсона тариф мекунанд ва шӯхӣ мекунанд. Ӯзбекҳо танҳо як бор дар сол ва он ҳам дар Наврӯз суманак мепазанд, ки ҷавонаи гандуми он рамзи зиндагии абадӣ аст. Яке аз ақоиди ғолибе, ки дар мардуми Узбекистон вуҷуд дорад, ин аст ки мегӯянд, агар дар самануи меҳмон санги кӯчаке бияфтад, нишони хубе аст ва ба ин маъност, ки то Наврӯзи дигар ӯ шоду муваффақ ва тандуруст хоҳад буд.

Илова бар ин, дар майдонҳои шаҳрҳо низ шодӣ ва сурур оғоз мешавад ва чеҳраҳои суннатӣ, ки намоди иди Наврӯз ҳастанд «Баҳорхонум», «Деҳқон–бобо» ва «момойир» (ба маънои замин), падидор мешаванд.

Онҳо савор бар мошин мешаванд, ки бо гул ороста шуда, мардум ва меҳмононро ба майдонҳои шаҳру русто даъват мекунанд ва дар он ҷо Наврӯзро ба ҳама табрик мегӯянд.

**Наврӯз дар Қазоқистон.** Мардуми Қазоқистон Наврӯзро эътидоли баҳорӣ медонанд ва бар ин бováранд, ки дар ин рӯз ситораҳои осмонӣ ба нуқтаи ибтидоӣ мерасад ва ҳама ҷо тоза мешавад ва дар рӯи замин шодмони барқарор мешавад. Ҳамчунин қазоқҳо муътақиданд, ки Наврӯз оғози сол аст ва дар миёни онон иборати зебое дар бораи Наврӯз вуҷуд дорад. Наврӯз рӯзе аст, ки як сол мунтазираш будаанд. Наврӯз рӯзе аст, ки хайр бар замин фуруд омада, билохира Наврӯз рӯзе аст,

ки санги нилгуни Самарқанд об мешавад. Мусобиқоти маъруфе низ дар ин айём дар Қазоқистон баргузор мешавад, ки муҳимтарини онҳо «қултузоқ» аст, ки байни гурӯҳҳои марду зан баргузор мешавад. Агар баранда занҳо бошанд, қазоқҳо муътақиданд, ки он сол хубу пурбаракат аст, агар мардҳо пирӯз шаванд, он сол номусоид хоҳад буд. Аз дигар мусобиқот метавон ба кукпор бардоштан, буз аз маконе мушаххас тавассути саворон, авдор яспоқ, қизқувҷу ва олтибоқон ишора намуд. Ҳамчунин пухтани ғизое ба номи Наврӯзӣ гужа (ош), ки таҳияи он ба маънии худоҳофизӣ ба зимистон ва ғизоҳои зимистони аст ва аз ҳафт навъ моддаи ғизоӣ таҳия мешавад, дар ин айём ҷузви оину русуми ин сарзамин мебошад. Дар Наврӯз мусобиқаи ойтиз оғоз мешавад, ки мусобиқаи шеър ва шоирӣ аст.

Дар шаби соли таҳвил то шаби қазир соҳибхона ду адад шамъ дар болои хонааш рӯшан мекунад ва хонаашро хонатаконӣ карда, бовар бар ин доранд, ки тамиз будани хона дар оғози соли нав боис мешавад, афроди он хона дучори беморӣ ва бадбахтӣ нашаванд, онон бар ин имон доранд ва онро ҳарсола риоят мекунанд.

Дар шаби Наврӯз духтарони рустоии қазоқ ба охирин гӯшти боқимонда аз гушти асп, ки суким ном дорад, ғизое ба номи уйқиотор ҳамроҳ бо овиз мепазанд ва аз ҷавонҳоеро, ки дӯсташон доранд, пазироӣ мекунанд. Ононро ба духтарон оина, шона ва атр ҳадя мекунанд, ки онро салтокитер меноманд.

Дар иди Наврӯз ҷавонон як аспи саркашро зин карда, арӯсаке, ки сохтаи дасти худашон аст, бо овези зангулае ба гарданаш дар соати 3 субҳ ки соате муаян аз шаби қазир аст, раҳо намуда, то аз ин тариқ мардумро бедор намояд. Арусак дар ҳақиқат намоде аз соле нав аст, ки омадани худро савор бар асп, ба ҳама эълом мекунад.

Қазоқҳо низ дар ин Иди Наврӯз илова бар баргузории маросими кулл дорои маросими хос ва вижаи худ ҳастанд. Наврӯз барои қазоқҳо бисёр муқаддас буда, агар дар ин рӯз борон ё барф биборад, онро ба фоли нек гирифта, муътақиданд, ки соли хуб пеши рӯ хоҳанд дошт. Дар иди Наврӯз мардум либоси нав ва сафед ба тан мекунанд, ки нишонаи шодмонӣ аст. Дид ва боздиди ақвом дар ин айём бо задани шонаҳо ба якдигар аз ойину русуми мардуми қазоқ дар айёми иди Наврӯз мебошад.

Ин ҷашн нишонаи пайвастагӣ ва вобастаги инсон ба табиат аст. Маруми Қазоқистон, ки зиндагиашон бо асп пайванди ногусастанӣ доранд, ҳатто барои пухтани «кунҷа» номи «Наврӯзбек» медиҳанд, то арвоҳи хабисаро аз хона ва кошонаи худ дур нигаҳ доранд. Дар Қирғизистон фаро расидани Наврӯзро ба занон ва мардон пир мужда медиҳанд ва сипас деҳқоне ба сурати рамзӣ (символикӣ) бо гове ба шахм ва кишти замин мепардозад.

**Наврӯз дар Туркманистон.** Решаи Наврӯз дар дини Зардуштӣ аст. Наврӯз бостонитарин ҷашни кишоварзон аст, ки падидор шудани он муртабит бо эҷоди тақвими кишоварзӣ аст. Фирдавсӣ ва Умари Хаём, ки дар замони Маликшоҳи Салҷуқӣ дар хоки кунунии Туркманистон хидмат мекарданд, Наврӯзро муртабит бо подшоҳони афсонавии эронӣ, аз ҷумла Ҷамшед ва Каюмарс медонистанд. Тибқи суннат, то пеш аз фаро расидани соли нав, мардум бояд хона ва ҳаётҳои (ҳавлиҳои) худро тамиз карда, бадеҳиҳои (қарзҳои) худро бипардозанд. Туркманҳо рӯйи мизи Наврӯз, нон ва пирошкиҳое аз орди гандум, арзан, зурат, лубиё, лапа, наск, биринҷ, кунҷид ва нахуд мегузоранд.

Пас аз истиқлол Туркманистон ба фармони раиси ҷумҳурии ин кишвар ба манзури эҳёи расми дерини кишвар соли навро «Наврӯз» эълом карда, ҳарсола дар 21 март ҷашн гирифта мешавад. Дар ин кишвар тибқи расми қадим ва ҷадид, ду бор дар як сол ҷашни соли нав гирифта мешавад. Яке ба истиноди тақвими мелодӣ ва дигари Наврӯз ба нишони эҳёи дубораи одоб ва русуми деринаи мардуми Туркманистон. Дар Туркманистон Наврӯз ҷашни кишоварзоне аст, ки озуқаи мардумро таъмин мекунанд ва ба ҳамин далел кишоварзони доманаҳои кӯҳи Капитдоғ ва канораҳои Омударё бо азамати хосе Наврӯзро ҷашн мегиранд. Ба эътиқоди мардуми Туркманистон, замоне ки Ҷамшед ба унвони чаҳорумин подшоҳи пешдодиён бар тахти салтанат нишаст, он рӯзро Наврӯз номид.

Рақс ва сурудҳои маҳаллӣ ҷузви ҷудоинопазири маросими суннатии туркманҳо дар истиқбол аз таҷдиди ҳаёти табиат аст. Мусобиқоти аспсаворӣ, ки дар миёни туркманҳо ҷойгоҳи хос дар ҳама давраҳо дорад, дар Наврӯз бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад ва аз ҳамин рӯ ҷашнҳои Наврӯзии туркманҳо бо мусобиқоти аспсаворӣ тавъам аст ва ин мусобиқаҳо аз аркони аслии ҷашнҳои Наврӯзии туркманҳост.

Занони туркман аз рӯзҳои қабл аз Наврӯз ба пухтани навъҳои ширинӣ ва хӯрокҳои ширин, ки суманак яке аз онҳост, оғоз мекунанд ва ин шириниро ба хона меоваранд. Аз ғизоҳо ва шириниҳои суннатӣ ва маҳаллии туркманҳо Наврӯзкача, Наврӯзбома ҷойи хос дар суфраҳои Наврӯзии туркманҳо доранд. Мардуми Туркманистон дар ин рӯзҳо бо пухтани ғизоҳои маъруфи Наврӯзӣ монанди, Наврӯзгача, Наврӯзбома, суманак ва иҷрои бозиҳои мухталиф тавассути ҷавонони туркман таровати дигаре ба ин ҷашну шодӣ медиҳанд. Оинҳои умумии Наврӯзӣ дар Туркманистон, маъмулан дар майдонҳои аслии шаҳрҳо ва рустоҳо баргузор мешавад.Пӯшидани либосҳои нав, дид ва боздид, паридан аз рӯи оташ аз дигар русуми туркманҳо дар айёми Наврӯз аст.

**Наврӯз дар Қирғизистон.** Иди Наврӯз дар Қирғизистон танҳо як рӯз – ҷашн гирифта мешава. Қабл аз фурӯпошии Шӯравии собиқ ин маросим ба дасти фаромӯшӣ супурда шуда буд, вале ҳар сол бо шукуҳу шаҳомат баргузор мешавад.

Маросими ҷашни ин рӯзро дар шаҳрҳо давлат тадорук мебинад ва дар рустоҳо бузургон ва мӯйсафедон дар баргузории он сахми зиёд доранд. Дар шаҳрҳо дар майдонҳои бузург ва дар рустоҳо дар биёбонҳои атроф, ин ҷашн баргузор мешавад.

Дар Қирғизистон рӯз пухтани ғизоҳои маъруфи қирғизӣ мисли бешбармоқ, мантабарсик ва котмо марсум аст, ки ба сурати роёгон байни ҳозирон дар ҷашн тақсим мешавад. Онҳо дар ғизои Наврӯзии худ аз гушти асп истифода мекунанд. Шир ва ҷурғотро, ки намуди сапедӣ ва некӣ аст, дар суфраи Наврӯзӣ мегузоранд. Ба навзодҳое, ки дар аввали баҳор зода мешаванд, номи Наврӯзбек медиҳанд. Дар Қирғизистон фаро расидани Наврӯзро ба занон ва мардони пир мужда медиҳанд ва сипас деҳқоне ба сурати рамзӣ бо гове ба шахму кишти замин мепардозад.

Дар Қирғизистон дар ин рӯз афзун бар ҷашн, баргузории аксари мусобиқот аз қабили саворкорӣ ва ғайра низ марсум аст (6).

Калимаи Наврӯз дар миёни мардуми Қирғизистон, ки бо забони қирғизӣ суҳбат мекунанд ва ба хати кириллӣ менависанд, вожаи ошно аст. Иди Наврӯз барои онон аз муқаддастарини идҳо аст ва онҳо ойинҳои Наврӯзро бо шукӯҳи тамом баргузор мекунанд. Ҳеҷ яке аз маросими миллӣ ва мазҳабии онон ҷилва ва ҷалоли Наврӯзро надорад. Наврӯз дар ин сарзамин танҳо як рӯз, бисту якуми моҳи март (аввал то дувуми фарвардин) баргузор мешавад.

Хонаводаҳои қирғизӣ аз нахустин соатҳои рӯзи ид аз хонаҳояшон берун меоянд ва дар майдонҳои бузурги шаҳр ҷамъ мешаванд.

Дар ин майдонҳо бозорҳои муваққат эҷод мешаванд. Дар он навъҳои гуногуни порчаҳо, хурданӣ, пӯшиданиҳо, асбобу бозичаҳо арза мешаванд. Ин маросим дар шаҳрҳои бузург соатҳо ба тул меанҷоманд ва маросиме аз қабили намоишҳои саворкорон бо либосҳои қабилавӣ ва ҷангӣ, силоҳҳое назири шамшер, ханҷар, найза, сипар, тиру камон бо худ ҳамл мекунанд, Идҳо аз як тараф мунакискунандаи вазъи таърихӣ, табиӣ ва фарҳангии як ҷомеа буда, аз сӯи дигар нақши муҳимеро дар эҷод ва ҳифзи ҳамбастагии иҷтимоӣ иҷро менамоянд. Дар даврони бостон идҳо ва ҷашнҳои аксари ақвом ба таҳаввул ва тағйири фаслҳо вобастагӣ дошт. Дар қарнҳои пешин шароити иқлимӣ ва обу ҳаво таъсири қотеътаре ба зиндагии аксари мардум дошт ва мардум дар иртиботи наздиктаре бо табиат ҳаёт ба сар мебурданд. Баҳор аз чандин ҷиҳат барои инсон бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муҳимтарини онҳо таҷдиди ҳаёти табиат мебошад. Дар Қирғизистон ба монанди дигар ҷамоҳири Осиёи Маркакзии собиқ Шӯравӣ, баргузории ҷашни Наврӯз дар тӯли ҳукумати коммунистиҳо ва то охирин солҳои ҳаёти Шӯравӣ мамнӯъ буд ва дар ин кишвар ба баракати истиқлол мардум фурсат ёфтанд, то Наврӯзро ба монанди аҷдоди худ ҷашн бигиранд. Наврӯз дар Қирғизистон Наврӯзбайрам хонда мешавад. Мардум аз ҳафтаҳо ва рӯзҳо пеш аз поёни зимистон ва қабл аз он ки сармо рахт барбандад ва ҷойи худро ба сабзию хуррамии баҳор бидиҳад, ба истиқболи он меравaнд. Аз рӯзҳои пеш аз Наврӯз хонумҳои қирғиз ба рӯёндани сабза ки нишонаи ҳаёт ва баракат аст, Наврӯзро пешвоз мегиранд. Қирғизҳо ба монанди дигар дӯстдорони Наврӯз бо густурдани сурфаи ҳафтсин дар охирин шаби зимистон, баҳорро истиқбол мекунанд ва пухтани саману ки Қирғизҳо ба он сумолоқ мегӯянд аз суннатҳои вижаи Наврӯзӣ аст. Дар суфраи ҳафтсин қирғизҳо ҳафт хӯроке, ки номи онҳо бо ҳарфи син (С) шурӯъ мешавад, ҳатман ҷой дорад ва сомолоқ ё суманак, самса ё самбӯса ғизое, ки аз орд

тақия мешавад ва сузма ё мост, чакидае аз ҷузъҳои аслии суфраи ҳафтсини қирғизҳост.

Тайи солҳои истиқлолият баргузории ҷашни Наврӯз, мутаасифона бисёре аз суннатҳои зебои қирғизҳо дар истиқбол аз соли нав ва баҳор ба фаромӯшӣ супурда шуда, камранг гардидаанд. Дар пайи истиқлоли Қирғизистон дар соли 1991 бо эҳтимомии вижаи масъулин ва дастандаркорони умури фарҳангӣ, бархе аз суннатҳои қирғизҳо дар айёми Наврӯз эҳё шудааст ва раиси ҷумҳур ва дигар шахсиятҳои Қирғизистон ба ин муносибат паёмҳои шодбош барои мардум мефиристанд. Дар гузашта, ки зиндагии қабилавӣ дар Қирғизистон роиҷ буд, Наврӯз то он ҳад эҳтиром мешуд, ки шурӯи соли тоза маҳсуб мегардид ва ба ин муносибат назоъҳои қабилавӣ мутаваққиф мешуд ва анҷоми бисёре аз умури нек монанди издивоҷ, тарҷеҳан ба ин айём мавкул мегардид.

Бо истиқлоли Қирғизистон давлати ин кишвар рӯзи аввали фарвардинро ба унвони Наврӯзбайрам таътили умумӣ эълон кард ва аз он сол қирғизҳо ҳарсола бо баргузории иҷтимоии бузурге дар майдони марказии шаҳр ва ё рустои худ ва барпо доштани мусобиқаҳои варзишӣ ҳамзамон бо ҳунармандии ҳунармандон аз Наврӯз ва расидани соли нав истиқбол мекунанд. Дар Қирғизистон рӯзи аввали фарвардин ҳамчунин рӯзи гардиши миллӣ хонда мешавад ва дар ин рӯз қирғизҳо ҳамчун сездаҳбадар дар миёни эрониҳо ба кӯҳу саҳрову дашту даман меравoнд ва зимни гузаронидани рӯзи пурнишот дар домани табиат ба сарфи ғизо мепардозанд. Барпоии чодарҳои қирғизӣ мавсум ба юртама ва пазирой аз мардум бо шарбату ширинӣ дар миёни шаҳрҳо ва рустоҳо аз суннатҳои эҳёшудаи Наврӯз дар Қирғизистон тайи солҳои охир аст. «Наврӯзбайрам қувват бусун» - ки ба форсӣ «Иди Наврӯз муборак бошад» маънӣ мешавад, иборае аст, ки дар айёми Наврӯз муқаррар қирғизҳо дар дидор бо ҳам баён мекунанд ва ба ин тартиб орзуҳои худро дар ҳаққи дигарон иброз менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Осор-ул-боқия. саҳ. 282 ба баъд.
2. Наврӯзӣ Ҷамшедӣ. -Лондон, 1996, саҳ. 10-11.
3. Баҳор Меҳрдод. Наврӯз: Ҷашни боззойӣ Дар маҷмӯаи мақолоти вай ба номи «Аз Устура то Таърих».-Теҳрон: Нашри Чашма, 1376=1997,саҳ 339-360.
4. Мақолаи доктор Айнуллоҳи Мададлӣ – кордори сафорати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Теҳрон. Сайти маркази илмӣ ва пажӯҳишии фарши Эрон.
5. Аҳмади Фаромарз Қаромаликӣ. Сайти рӯзномаи «Сиёсати рӯз».
6. Сайти расми рӯзномаи «Ахбор» вобаста ба рӯзномаи «Ахбор».
7. Наврӯз дар кишварҳои мухталиф. Муовинати Интишороту таблиғоти соли 1379, чопи Фарзонагон.


## ПРАЗДНОВАНИЕ НАВРУЗА В НЕПЕРСЕЯЗЫЧНЫХ СТРАНАХ

***(в Узбекистане, Туркменистане, Казахстане и Киргизии)***


Навруз считается одним из самых распространённых праздников у народов Ирана, Таджикистана и Афганистана - объединенных одной языковой системой. В других государствах мира Навруз отмечают, но как второстепенный праздник. В данной статье особое внимание уделено истории возникновения и празднования Навруза в Узбекистане, Туркменистане, Казахстане и Киргизии.



**Ключевые слова:** Навруз, государство, праздник, культура, тюркоязычное население, празднование Навруза в Узбекистане, Туркменистане, Казахстане и Киргизии


## NAVRUZ'S CELEBRATION IN THE NEPERSEYAZYCHNYKH THE COUNTRIES (IN UZBEKISTAN, TURKMENISTAN, KAZAKHSTAN AND KYRGYZSTAN)


Navruz is considered one of the most widespread holidays at the people of Iran, Tajikistan and Afghanistan - united by one language system. In other states of the world Navruz note, but as a minor holiday. In this article the special attention is paid to history of emergence and Navruz's celebration in Uzbekistan, Turkmenistan, Kazakhstan and Kyrgyzstan.



**Key words:** Navruz, the state, a holiday, culture, the Turkic population, Navruz's celebration in Uzbekistan, Turkmenistan, Kazakhstan and Kyrgyzstan.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хасан Бегунох* -** соискатель Института философии АН РТ

# САЙРЕ ДАР МАФҲУМҲОИ СУЛҲ ВА МИЁНҶИГАРӢ

*Алӣ Ризо Рафеӣ*
**Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои сиёсии башар ин ормони сулҳхоҳӣ ва зиндагии мусолиматомез аст, ки ҳамвора дар аксари ҷомеаҳои дорои фарҳангҳои гуногун матраҳ шуда аст. Дар канори ин воқеият, ҷанг низ ҷузъи ҷудонопазири зиндагии башар ба шумор меравад. Дар мавриди ин ки барои рафъи хатари ҷанг ва ё мамониат аз хуруҷи он чӣ бояд кард, то кунун андешаҳо ва иқдомҳои фаровоне сурат гирифтааст, вале ин амр ба иқдоми хосе ва коромаде, ки монеъ аз густариши ҷанг шавад, натиҷагирӣ нашудааст.

Дар ин миён талош барои ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофот миёни кишварҳо, ҳам ба унвони як иқдоми амалӣ барои коҳиши ҷанг ва ҳам ба унвони мавзӯъ барои назарияпардозӣ мавриди таввачуҳи хосае қарор гирифт. Бо густариши равобити байналмилалӣ ва вусъат ёфтани он, усулҳои ҳаллу фасли ихтилофот низ таҳвилнопазир шуда, афрод ва созмонҳои байналмилалии давлатӣ ва ғайридавлатӣ низ вориди ин раванд шудаанд. Барои мисол, Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Созмонҳои минтақавии Анҷумани милали Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН), Созмони ваҳдати Африқо (СВА) ва ғайра талошҳои бисёреро ҷиҳати пешбурди сулҳ ва ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофоти байналмилалӣ иқдомҳо нишон додаанд.

Имрӯз бештари донишмандон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ усули ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофотҳои байналмилалиро яке аз усулҳои сохтори ҷомеаи байналмилалӣ медонанд. Нахустин бор дар паймони 27 августии Бэриён-Клуг даст ёзидан ба ҷанг ба унвони абзори сиёсати миллӣ маҳкум шинохта шуд. Баъдтар банди чаҳоруми моддаи 2 Ойинномаи СММ низ амали таҳдид ва истифода аз зуровариро манъ кард. Натиҷаи мантиқии ин мамоният дар банди савуми Ойинномаи мазкур чунин зикр ёфтааст: «Аъзоёни Созмон ихтилофоти байналмилалии худро бо шеваҳои мусолиматомез бо роҳе, ки сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, инчунин адолат осеб набинад ҳаллу фасл мекунанд».

Ғайр аз Ойинномаи СММ, инчунин Маҷмааи умумӣ низ то кунун дар чаҳор навбат доир ба зарурати ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофот таъкид кардааст:

1.Эъломияи принсипи ҳуқуқи байналмилалӣ нозир бар равобити дӯстона ва ҳамкории давлатҳо бар асоси принсипи Ойинномаи СММ, аз давлатҳо даъват ба амал меорад, то ихтилофоти баамаломадаро бо истифода аз усулҳои мусолиматомез аз миён баранд, то кафолати сулҳу амнияти байналмилалӣ ва адолат таъмин гардад.

2. Эъломияи Манила дар бораи ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофот. Вижагии эъломия Манила дар он аст, ки истофодаи қувва ва зуровариро дар ҳама ҳол ва ба таври мутлақ инкор менамояд, ва аз кишварҳо даъват менамояд, ки дар сурати даст наёфтан бо роҳи ҳалли мусолиматомез, аз музокирот истифода баранд.

3. Дар Қатъномаи дигар, Дабири кулли СММ вазифадор шудааст, ки чигунагии истифодаи мазмуни Эъломия Маниларо омӯзад ва гузориш диҳад ва кӯшиш намояд кишварҳо мазмуни ин Эъломияро бештар риоя кунанд.

4. Қатъномаи нозир бар ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофҳои байналмилалӣ [1,10-11]

Дар ҳамин ҳол Стефан Гудоспид мегӯяд, бо тамоми таъкиде, ки Ойинномаи СММ барои ҳаллу фасли мусолиматомез дорад, ҳаргиз маънои онро надорад, ки ҳамаи ихтилофҳо бояд барои ҳалли фаврӣ ба Созмони Милали Муттаҳид оварда шаванд, балки ҳадаф он аст, ки ҳалли мусолиматомези ихтилофҳо расму қавоиди ҷаҳонӣ бошанд ва ҳамаи аъзони СММ дар равобити байналмилалиашон бар он амал намоянд ва аз тарафи дигар ҳадафи СММ он аст, ки давлатҳо битавонанд бо истифода аз усулҳои дипломатӣ ихтилофотҳои худро бидуни дахолати ин созмон ҳаллу фасл намоянд [2, 171].

Мавзӯи ғайриқонунӣ сохтани ҷанг ва таваҷҷуҳ ба роҳҳои мусолиматомези ҳал ва рафъи ихтилофҳо таърихи тӯлонӣ дорад. Баррасии ин пешина бо дарки беҳтари кӯшишҳое, ки саранҷом ба таърифи таҷовуз анҷомиданд, кумак мекунад.

Такрибан чаҳорсад сол пеш аз мелод Мути файласуфи чинӣ таъкид мекард, ки таҷовузӣ доимӣ ва ҷанг ҳамчун бузургтарин ҷиноят ва ғайриқонунӣ эълон шавад.

Дар рӯзгори қадим мутафаккирони ҳуқуқ ва сиёсат тавсия мекарданд, ки дар ҷанги ноодилона бояд ба давлати шикастхӯрда кумак кард, сарфи назар аз он ки

кадоме аз тарафҳо ҷангро оғоз карда бошад. Ба назари Ҳуго Гарсиас миллатҳо ҳақ доштанд ба манфиати давлате, ки дар ҷанги ноодилона худро дифоъ кардааст, мудохила кунанд. Аммо пас аз пайдо шудани мафҳуми ҳокимият ин назария канор гузошта шуд ва давлатҳое, ки даргири ҷанг набуданд бояд мақоми бетарафиро интихоб менамуданд ва дар ҷанг мудохила намекарданд ва сарнавишти ҷанг дар ҳамон саҳнаи ҷанг таъйин мешуд. Илова бар ин, Гарсиас таъкид мекунад, ки ҷангҳои доимӣ, ки Аврупоро ба шикаст ва нотавонӣ оварда буданд хотима дода шаванд. Ихтилофот бояд тавассути мақомоти судӣ ва доварони мустақил ҳаллу фасл карда шаванд.

Бархи дигаре аз мутафаккирони барҷаста ба баррасии тарҳи як низоми беҳтар пардохтаанд. Вилям Пин (1664-1718) узви фирқаи мазҳабии Кукер Бритониё чунин назар дошт, ки барои расидагӣ ба ихтилофоти миёни давлатҳо бояд додгоҳе бо ихтиёроти том эҷод гардад. Жан Жак Руссо(1712-1778) дар соли 1761 пешниҳод кард, то як федератсияи байналмилалӣ ташкил гардад, то аз ҷанг ҷилавгирӣ намояд ва ба ҳаллу рафъи ихтилофот кумак расонад.

Иммануэл Кант( 1724-1809) дар гуфтораш дар хусуси сулҳи абадӣ ба эҷоди маҷмааи миллатҳо таваҷҷуҳи хосае нишон дод. Ҷерми Бентам (1748-1832) пешниҳод кард, ки барои тасмимгирӣ дар бораи ихтилофоти миёни миллатҳо як додгоҳи умумӣ зарур аст. Дар ҳамон солҳо Вилям Лэддии (1778-1841) америкоӣ дифоъкунандаи сулҳ, тавсия намуд, ки барои табодули назари миллатҳо дар бораи ҷанг ва сулҳ Конгресси миллатҳо ташкил шавад [3, 3-5].

Дар «Қуръони карим» таъкиди бисёре дар мавриди оштӣ ва сулҳ дар ҷомеа шудааст, ки бархе аз онҳо дар поён ишора мешавад. Дар сураи «Ҳаҷарот» ояти 10-ум омадааст: «Муъминон бародари якдигаранд, пас ду бародари худро сулҳ ва оштӣ диҳед». Дар сураи «Анфол» ояти 1 гуфта мешавад: «Аз (Мухолифат ба дастуроти Худованд) бипарҳезед ва ба хусуматҳое, ки дар миёни шумост, оштӣ диҳед». Ҳамчунин дар сураи «Анфол» ояти 61 омадааст: «Агар душманон ба мусолиҳа тамоюл доштаанд, ба сулҳ моил бош ва бар Худованд таваккал кун» [4,175]

Бар ин асос, аз назари ислом метавон миёнҷигариро дар се маврид қобили зикр донист: миёнҷигарӣ миёни ду гурӯҳ аз мусалмонон, миёнҷигарӣ миёни мусалмонон ва ғайримусалмонон ва миёнҷигарӣ миёни ду гӯруҳ аз ғайримусалмонон, ки ҳатто метавон онро аз тавсияҳо ва таъкидоти ислом низ донист. Дар ин ҷо чанд оятҳо ва ривоятҳо дар ин заминаҳо ишора мешавад. Ояти 9 сураи «Ҳаҷарот» мефармояд: «Ва ҳар гоҳе ду гӯруҳ аз муъминон бо ҳам ба низоъ ва ҷанг пардозанд, онҳоро оштӣ диҳед». Ин оят марбут ба миёнҷигарӣ миёни ду гурӯҳ аз мусалмонон аст. Дар ояти дигаре мисли сураи «Нисо» омадааст: «Касе, ки шафоат (ташвиқ ва кумак) ба кори нек кунад, насибе аз он барои ӯ хоҳад буд». Ин оят зимни он ки миёнҷигариро иҷозат медиҳад, далолат бар умумият(мусалмонон ва ғайримусалмонон) низ дорад ва дар айни ҳол ба миёнҷикунанда ваъдаи подош ва савоб медиҳад.

Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба матолиби марбут метавон гуфт, ки роҳёфти сулҳ на танҳо мақулаи назарӣ – арзишӣ аз нигоҳи ислом аст, балки бо таваҷҷуҳ ба таълимоти Ислом ва оятҳои «Қуръони маҷид» як раҳоёфти амалӣ низ ба шумор меравад. Даъвати Ислом ба сулҳ танҳо мутавоҷеҳи мусалмонон нест, балки умумӣ мебошад ва афроди ғайримусалмонро низ дар бар мегирад, яъне арсаи амали васеъ ва густурдаро дорост.

Ба унвони натиҷаи ин баҳс метавон гуфт, ки Ислом мабноро бар сулҳ ва дӯстӣ ва равобити мусолиматомез қарор дода, ҷангро истисноӣ шуморидааст [5,197-198].

Пажӯҳишгарон Курт Шпилмэн, Томас Барнер, Ҷорҷ Габриел, Андреас Венгер муътақиданд, ки ҷаҳон пас аз даврони «ҷанги сард» шоҳиди афзоиши чашмгири амалиёти байналмилалии ҷонибдорӣ аз сулҳ будааст. Амалиёти ҷонибдорӣ аз сулҳ ба абзори зарурӣ барои ҷомеаи байналмилалӣ дар ҷиҳати посух ба буҳронҳо ва бозгардондани субот ба минтақаҳои ошӯбзада, мубаддал гаштааст. Бозингарони арсаи байналмилалӣ пас аз фурӯпошии низоми дуқутба дар ҷаҳон дар бархӯрд бо афзоиши низоъҳои дохилӣ дар кишварҳо мувоҷеҳ шуданд, ки ба далели тағйири моҳияти низоъҳо, назариёти суннатӣ дар иртибот бо ҷонибдорӣ аз сулҳ дигар корбурде надорад.

Бо иҷрои амалиётҳои бисёр душворе, ки дар даҳаи 1990 ба манзури таъмини сулҳ дар минтақаҳои ошӯбзадаи ҷаҳон ба анҷом расид, доктринаҳои собиқ дар заминаи постдорӣ аз сулҳ, мавриди кӯшиш ва талоши ҷиддӣ қарор гирифтанд. Шароитҳои ҷадиди ҳоким бар ин минтақа ба маротиб печидатар буданд ва барои

тахти омӯзиш қарор додани дастаи васеътар аз рӯйкардҳои (подход) ҷадид ниёз доштанд.
Бинобар ин, амалиёти ҷонибдорӣ аз сулҳ дар интиҳои қарни XX бозингарони дастандаркорро маҷбур сохт, то ба шароити ҷадид одат кунанд ва назариёти худро дар хусуси посдорӣ аз сулҳ ба манзалае, ки ҳанӯз такомул наёфтааст, ҳарчи бештар тавсеа диҳанд.

Дар модели ҷонибдорӣ аз сулҳ дар даврони ҷанги сард, судури иҷозатномаи Шӯрои амнияти СММ барои тарафҳои даргир ба хотири танзими вазъият ва истифода нашудани зуроварӣ ҳатмӣ буд. Ҳадаф аз иҷрои амалиёти ҷонибдорӣ аз сулҳ, назорат бар оташбас буд ва усули муҳим марбут ба бетарафии комил ва маҳдуд сохтани истифодаи қувва ба дифоъ аз ҳамин ҳадаф амал кардан аст.

Бо поёни «ҷанги сард», навъи ҷадиди аз мудохила зуҳур ёфт. Ба зудӣ ошкор шуд, ки амалиёти суннатии ҷонибдорӣ аз сулҳи СММ қодир ба нишон додани вокуниши саҳеҳ ба анвои ҷадиде аз низоъҳо намебошад. Набудани хатҳои мушаххаси ҷуғрофӣ дар набардҳо ва дахолати гурӯҳҳои мусаллаҳ ба шиддати сахт ва мутафовит шароити ҷадиди ҳоким бар низоъҳоро таъйин мекарданд. Наслкушӣ ва поксозии қавмӣ сабаби қурбонӣ шудани теъдоди зиёде аз ғайринизомиён гардид. Аз он ҷо ки иҷрои оташбас ё имзои мувофиқатномаи сулҳ ба хушунатҳо хотима намедод, зарурати эҷоди як рӯйкарди муфассалтар эҳсос мешуд. Истифода аз зурӣ ва қувва ногузир гардид, аммо Созмони Милал аз абзори лозим барои барқарории сулҳ бархурдор набуд. Мувофиқатномаи  Дейтон дар соли 1995–ро метавон нуқтаи гардишӣ дар раванди табдили амалиёти ҷонибдорӣ аз сулҳ ба амалиёти барқарор сохтани сулҳ маънидод кард.

Дарвокеъ,  андешаи амалиёти истиқрори сулҳ аз сӯи НАТО ва бо манзури тавсифи миссияҳои печида дар асри ҳозир пешниҳод гардид. Ин иддае аз иқдомоти сиёсӣ, низомӣ ва башардӯстонаро дар бар мегирад. Ба гуфтаи намояндагони созмони НАТО амалиёти истиқрори сулҳ иборат аст аз чанд  ҳадаф ба шеваи бетарафона ва дар ҳимоят аз пешниҳодҳои содиршуда тавассути СММ ё Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бо ширкати нерӯҳои низомӣ ва ниҳодҳои дипломатӣ ва башардӯстона ба мақсади дастёбӣ ба як созиши сиёсии тӯлонӣ ё аъ моли дигари мутобиқ дар ин пешниҳод анҷом мешавад.

Ин амалиёт шомили ҷалбдорӣ аз сулҳ, истиқрори сулҳ, пешгирӣ аз низоъҳои ошкоро, миёнҷигарӣ, барқарории сулҳ ва амалиёти башардӯстона мегардад [6, 92-95].

Федерико Майор собиқ Дабири кулли ЮНЕСКО ақидаҳояшро дар робита ба масъали мазкур чунин иброз медорад:

«… Пас аз поёни «ҷанги сард» ва фурӯпошии низоми Шӯравӣ, дубора даргириҳо ва носозгориҳои гузашта ҷон гирифтанд ва ба иловаи даргириҳои ҷадиде сар баровobserverанд, ки ба хушунат оварда расонид. Танҳо сулҳ аст, ки арзиш касб кардан ва ба даст оварданро дорад, аммо касби сулҳ фақат ба маънии дур шудан аз даргирии мусаллаҳона нест, балки ба маънои ёфтани роҳи ҳал аст, ки аз байн бурдани иллатҳои хушунати фардӣ ва ҷамъиро имконпазир созад, ба монанди илатҳое ҳамчун беадолатӣ, зулм ва ситам, ҷаҳл ва тиҳидастӣ, адами сустӣ ва поймолкунии ҳуқуқ. Бояд маҷмӯае аз арзишҳо ва рӯйкардҳои навинро бино кунем, то ҷойгузини фарҳанги ҷанг, ки қарнҳост сайри рақам задаст, бишавад» [7,237].

### АДАБИЁТ

1.Нуриён Ардашер. Мунозира ва ҳамкорӣ дар равобити байналмилал: нақш ва қудрат дар ҳифзи сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ. Фаслномаи сиёсати хориҷӣ. -№1 -Теҳрон: Маркази чоп ва нашри Вазорати умури хориҷа, 1388 (2009).
2. Good speed Stephen. «The Nature and Function of International Organization», New York: Oxford University press, 1967. P.171.
3 Мусафо Насрин ва дигарон. Мафҳуми таҷовуз дар ҳуқуқи байналмилал. Теҳрон:Маркази мутолиоти олии байналмилалӣ. Донишгоҳи  ҳуқуқ ва улуми сиёсии донишгоҳи 1365 (1987).
4. Ҳамидуллоҳ Муҳаммад. Сулуки байналмилалии давлати исломӣ, Тарҷумаи Мустафо Муҳаққиқи Домод. -Теҳрон: Маркази нашри улуми исломӣ 1374 (2005).
5. Воиз Маҳмуд. Миёнҷигарӣ дар назария ва амал. Теҳрон: Маркази чоп ва нашри Вазорати умури хориҷа. 1387ш/2007м.
6. Амалиёти посдорӣ аз сулҳ: Омӯзаҳо ва чашмандозҳои оянда».Гӯзидаи пажӯҳишҳои ҷаҳон. -Теҳрон: Нашри 2.Муасисабарори муосир. 1371 (2002).
7. Адиби Сида Маҳдӣ. Ҷомеъашиносӣ ҷанг ва нерӯҳои низомӣ. Теҳрон: Нашри Самт, 1375 (2006).

### ВЗГЛЯД НА ПОНЯТИЯ МИР И МИРОТВОРЧЕСТВО

Миротворчество - это совокупность операций по поддержанию мира. Операции по поддержанию мира - особый вид социального действия. Можно сказать, что он был изобретен Организацией

Объединенных Наций. Миротворчество сохраняется в качестве одного из главных приоритетов данной организации и остается универсальным и безальтернативным элементом в сложившейся системе международных отношений. Организация создает условия для коллективного поиска решения проблем, включая и возможность применения силы. Без этого пока что наш мир существовать не может. Статья посвящено изучению понятий мир и миротворчество.
**Ключевые слова:** мир, миротворчество, Организация Объединенных Наций, международные отношения, Коран.

**VIEW OF CONCEPTS WORLD AND PEACEMAKING**

Peacemaking is a set of peacekeeping operations. Peacekeeping operations - a special type of social action. It is possible to tell that it was invented by the United Nations. Peacemaking remains as one of the main priorities of this organization and remains a universal and uncontested element in the developed system of the international relations. The organization creates conditions for collective search of the solution of problems, including and possibility of use of force. Without it meanwhile our world can't exist. Article it is devoted to studying of concepts the world and peacemaking.
**Key words:** world, peacemaking, United Nations, international relations, Koran.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Ризо Рафеи*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

## ДИН ВА ҶОМЕА

***З. Д. Ҳукмишоев***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дин таҷассумкунандаи талаботҳои ботинӣ - маънавию рӯҳонии инсон буда, ҷустуҷӯи саодати абадӣ ва роҳҳои расидан ба он заминаи воқеии пайдоиши дин дар ҷомеаи башарӣ гардидааст. Ҷомеаи башариро таззод ва ихтилофу рақобат дар худ фаро гирифта, ба вуҷуд овардани созиш ва сулҳу субот дар олам, орзуи деринаи ҷомеа мебошад. Сабабгори ихтилофу моҷароҳо дар раванди ҳаёти ҷомеа омилҳои иҷтимоӣ ва нерӯҳои сиёсие мебошанд, ки аз лиҳози шумора ақаллият буда, аз ҷаҳолати аксарият истифода бурда, манфиатҳои худро ҳимоя менамоянд.

Феълан дар фазои геополитикии олам бархӯрдҳое вуҷуд доранд, ки заминаи онҳо манфиатҳои сиёсию иқтисодӣ буда, нерӯҳои сиёсӣ кӯшиш менамоянд, ки ин низоъҳоро тобиши динию мазҳабӣ бубахшанд. Ҳукуматҳо дар фазои сиёсати ҷаҳонӣ баҳри ҳимояи манфиатҳои сиёсию иқтисодии худ бо ҳам бархӯрд намуда, аз ғояи бархӯрди тамаддунҳо самаранок истифода мебаранд. Ҳол он ки ҳеҷ тамаддуне аз ҷумла буддоия, яҳудия, насрония ва ислом дар ҷаҳон ихтилофу низоъ ва ҷангро тарғибу ташвиқ наменамояд. Дар маҷмӯъ адёни мазкур фарогири арзишҳои олии инсонӣ буда, ҷомеаи башариро ба сулҳу созиш ва иттиҳоду ваҳдат даъват менамоянд. Аз ҷумла дини мубини ислом оиди ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

«Ай мардум ҳамоно офаридем шуморо аз як марду (Одам) як зан (яъне Ҳаво) ва шуморо мунқисм сохтем ба қабилаҳову ҷамоаҳо, то якдигарро аз наздик бишносед. Албатта, гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Ҳамоно Худо донову мӯшикоф аст» Қуръон; 49:13.

Ҳадафи Худованд аз миён бурдани тафриқаю ихтилоф ва ба вуҷуд овардани ваҳдат дар олами башарӣ мебошад.

«Ва чанг занед ба дини Худо ҳама якҷову муттаҳид ва пароканда машавед». Қуръон; 3:103.

Имрӯз бархӯрди манфиатҳо дар фазои геополитикӣ миёни кишварҳои олам вуҷуд дошта, ҳадаф ҳимояи манфиатҳо мебошад. Дар ҷомеаи башарӣ мубориза барои ҳимояи манфиатҳо хосияти табиӣ дорад. Яъне мубориза барои ҳимояи манфиатҳо дар раванди таърих вуҷуд дошта, имрӯзу фардо низ вуҷуд хоҳад дошт. Нерӯҳои сиёсӣ дар раванди муборизаи сиёсии худ кӯшиш менамоянд, ки нерӯҳои диниро низ вориди саҳнаи мубориза созанд. Зеро дар сурати хосияти динию сиёсӣ пайдо намудани бархӯрд, муборизаи сиёсӣ хосияти оммавиро дар худ касб намуда, нерӯҳои сиёсиро муташаккил мегардонад. Воқеан ҳам, ихтилофи назар дар баъзе аз масоили ҷузъӣ миёни адёни ҷаҳонӣ вуҷуд дорад, вале набояд он сабаби ба вуҷуд омадани моҷарои динию мазҳабӣ гардад. Зеро динҳои ҷаҳонӣ хосатан динҳои яккахудоӣ дорои мақсад ва вазифаҳои муштарак буда, ҳадаф имон доштан ба Худои ягона, расулони ӯ, китобҳои ӯ ва ба рӯзи қиёмат мебошад. Бояд элитаҳои динӣ ва донишмандони олам таваҷҷуҳ  дар масоили куллӣ дошта бошанду аз тафриқаҳои

чузъӣ миёни башарият оташи ихтилоф наангезанд. Зеро ин амал нишонаи хирадмандӣ ва инсонгароӣ нест. Он бархӯрди манфиатҳое, ки миёни ҳукуматҳо вуҷуд дорад, бархӯрди ислом ва насрония эълон намудан дур аз воқеият мебошад. Ҳамчунин бархӯрди сиёсии нерӯҳои Исроилу Фаластинро тобиши динӣ додан моҳиятан таҷассумкунандаи ҳақиқат нест. Ҷанг хосияти истиқлолиятхоҳӣ дошта, эътирози мардуми мазлуми Фаластин дар нисбати зулму истибдоди яҳудиҳо буда, тобиши динӣ додани он аз рӯи зарурат аст. Зеро мардуми Фаластин ба кумаки дигар кишварҳои мусалмонӣ эҳтиёҷ дошат, мехоҳанд, ки Ҷаҳони Ислом дар ҳалли ин моҷаро дар канор набошад. Яҳудиҳо дар ин набард аз ғояи бархӯрди тамаддуни Ғарбу Ислом моҳирона истифода мебаранд. Яъне амали мазкур дар раванди мубориза и сиёсӣ аз идеологияи дин истифода бурдану дар ҳалқаи худ якчанд давлатро муттаҳид сохтан ва бар муқобили рақиби худ сафарбар намудан мебошад. Кишварҳои абарқудрати Ғарб ва Амрико дар зери ливои тамаддуни ғарбӣ амал намуда, муташаккил гардида, манфиатҳои худро дар кишварҳои рӯ ба инкишофи мусалмонӣ ҳимоя менамоянд. Дар баробари ин кишварҳои мазлуми мусалмон дар зери идеологияи ислом муттаҳид гардида, барои озодии хеш бар муқобили зулму истисмори давлатҳои абарқудрат мубориза мебаранд. Моҳиятан бархӯрдҳо хосияти сиёсӣ дошта, тобиши динӣ додани онҳо тактикаи сиёсӣ мебошад.

Тамаддуни ғарбиро наметавон таҷассумкунандаи тамаддуни насрония донист. Зеро тамаддуни ғарбӣ хосияти дунявӣ дошта, дар заминаи таназзул ёфтани диктатураи дини насрония дар Аврупо ба вуҷуд омадааст. Барои тамаддуни Ғарб ва дини насрония марзи муштарак сохтан дур аз воқеият мебошад. Дини мубини ислом дар нисбати динҳои яккахудоӣ, яъне яҳудия ва насрония ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мусалмононро ба таҳаммулпазирӣ даъват менамояд.

Дин ҷомеаи башариро ба иттиҳоду ваҳдат, дӯстию бародарӣ, сулҳу субот, адлу инсоф ва раҳму шафқат даъват намуда, зербинои ин арзишҳои олиро дар пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек мебинад. Дин имони комилро сарчашмаи андешаи нек дониста, маърифати комил, яъне худшиносию худошиносиро нуқтаи ниҳоии камолоти инсонӣ медонад. Худованд тавассути таълимоти малакутии худ инсонро вориди манзили имон сохта, ишорат ба манзили маърифат намуда, ҳадафаш саодати дунявӣ ва ухравӣ бахшидан барои башарият мебошад. Амру наҳйи Худованд таҷассумкунандаи гавҳари инсонӣ буда, он меъёрест, ки рисолати инсон дар он муайян мегардад. Ҳадаф дар партави таълимоти Худованд бо нерӯи ақлу имон мағлуб сохтани сифатҳои ҳайвонӣ - дарандагию газандагӣ ва пирӯз гаштани сифатҳои инсонӣ - адлу инсоф ва раҳму шафқат дар ҷомеаи башарӣ мебошад. Амру наҳйи Худованд маҳкумкунандаи озодии инсон набуда, ҳадаф созмон додани зиндагии шоиста барои башарият аст. Худованд барои инсон озодии ирода эҳдо намуда, ҳама гуна маҷбурнамоиро маҳкум месозад.

«Нест маҷбур кардан дар дин» Қуръон; 2:256.

«Бигу (ай Муҳаммад (с) ба мушрикон):Ин Қуръон суханест омада аз ҷониби парвардигори шумо, пас ҳар кӣ хоҳад имон орад ва ҳар ки хоҳад кофир шавад» Қуръон; 18:29.

Амру наҳйи Худованд дар доираи тоқат ва қудрати инсон тарҳрезӣ шуда, Худованд зулмро бар бандагони худ раво намебинад.

«Худованд воҷиб намекунад бар ҳеҷ кас магар миқдори тоқати ӯ магар ӯрост он чи амал кард ва бар вай бошад он чи гуноҳ кард». Қуръон; 2:286.

Моҳиятан амру наҳйи Худованд муайянкунандаи суду зиён буда, огоҳ сохтани инсон аз натиҷаи амали хайру шар мебошад.

«Ҳар кӣ некукорӣ бикунад, албатта ба фоидаи худ кардааст, ҳар ки бадкорӣ кунад, пас бар зарари ӯст» Қуръон, 45:15.

Инсон метавонад дар фазои беканори озодӣ ва дар заминаи ҷаҳолат амале содир намояд, ки аз он худи ӯ ва ҳам ҷомеа зарар бубинад. Озодии беканор хоси олами маънӣ буда, инсон танҳо дар олами ҷон метавонад озоди мутлақ бошад. Инсон набояд озодиро қурбони сарватманд гаштани худ ва мазлум гаштани дигарон созад. Зеро ин тарзи амал хилофи амру наҳйи Худованд мебошад. Худованд дар баробари озодӣ бахшидан барои инсон, меъёрҳоеро муайян менамояд, ки дар он манфиати шахс ва ҷомеа дар паҳлӯи ҳам гузошта шудаанд. Ҳадафи Худованд дар заминаи таъмини озодии инсон, созмон додани зиндагии шоиста барои ҷомеаи башарӣ мебошад. Худованд он озодиеро, ки дар ботини инсон ва дар ҷомеаи башарӣ нерӯи Аҳриманӣ меофаринад маҳкум месозад.

Озодии беканор бахшидан барои инсон ин баробар сохтани олами ҷисмонӣ бо олами рӯҳонӣ буда, дур аз воқеият аст. Зеро инсон ҷузъи ҷудонашавандаи табиат ва ҷамъият буда, озодии ӯ нисбӣ мебошад. Гарчанде, ки муборизаи инсон дар зиндагӣ моҳиятан ба хотири озодӣ мебошад, вале озодии мутлақ ба даст овардан танҳо дар олами ҷон муяссар хоҳад шуд. Он озодии мутлакеро, ки инсон дар ботини худ эҳсос менамояд, мехоҳад дар зиндагии заминӣ воқеӣ созад, вале ин амал дур аз имкон буда, танҳо василаи такон додани инсон ба сӯйи озодии мутлақ мебошад. Ҳукумат ва сарватро инсон нерӯи озодибахш медонад, вале чун онро ба каф меорад, ин дуро маҳдудкунандаи озодии худ мебинад. Он озодие, ки сабаби коҳиш ёфтани ахлоқ ва ҷавҳари инсонӣ мегардад, зиён меорад на суд. Озодӣ бахшидан ба инсон ба хотири эътирофу эҳтироми мақому манзалати ӯ дар ҷомеа мебошад. Инсон маҳкум шудани озодии худро бо коҳиш ёфтани мақому манзалати хеш баробар мегузорад. Яъне озодиро таҷассумкунандаи эътирофу эҳтироми худ дар ҷомеа медонад. Инсон шаъну шараф ва мақому манзалати худро дар фазои озодӣ мехоҳад ҳифз ва ҳимоя намояд. Воқеан ҳам инсон бузургтарин махлуқ дар олам буда, Худованд ӯро халифаи худ дар замин хондааст.

«Мо қарор додем дар замин ҷонишин ва халифаи худро» Қуръон; 2:30.

Худованд инсонро сирри худ ва худро сирри инсон мегӯяду пайғамбари Ислом худшиносиро заминаи худошиносӣ медонад. Яъне ба ҳақиқат шинохтани инсонро бо худошиносӣ баробар гузоштан шаҳодати бузургии инсон мебошад.

«Ҳар ки шинохт нафси худро, пас ба таҳқиқ шинохт ӯ Худои худро» (Муҳаммад (с)).

Суханони мазкур шаҳодати он мебошанд, ки дин эътироф ва эҳтиромкунандаи мақому манзалат ва озодии инсон буда, амру наҳйи Худо на маҳкумкунандаи озодии ӯ, балки муайянкунандаи меъёри озодие мебошад, ки дар он суду зиёни шахс ва ҷомеа тарҳрезӣ гардидааст. Инсон дар заминаи маърифати комил метавонад дарк намояд, ки амру наҳйи Худованд на маҳкумкунандаи озодӣ, балки дар заминаи маҳдуд сохтани ахлоқи зишт ва аз миён бурдани нерӯи Аҳриманӣ, дар ҷомеа васеъ сохтани фазои озодӣ барои ӯ мебошад. Яъне маҳдуднамоие, ки дар он ҳадаф васеъ сохтани фазои озодӣ барои инсон мебошад, бояд эътироф ва эҳтиром намуд.

Дар олами башарӣ наметавон кишвареро пайдо намуд, ки дар он қонун вуҷуд надошта бошад. Қонунҳои амалкунанда муайянкунандаи меъёрҳои интизомӣ дар ҷомеа буда, ҳадаф дар заминаи воқеӣ гаштани онҳо таъмини амният, оромӣ ва васеъ сохтани фазои озодӣ барои инсон мебошад. Дар давлатҳои демократие, ки арзишҳои олии инсонӣ, аз ҷумла озодии инсон қадр карда мешавад, аз усули маҳдуднамоӣ ба хотири таъмини озодии инсон дар заминаи амният ва оромӣ истифода мебаранд. Дин дар масъалаи озодибахшӣ фурӯтар рафта, ҷаҳолат ва андешаи манфиро маҳдудкунандаи озодии инсон медонад. Озодии инсон аз ҷаҳони андешаи ӯ маншаъ гирифта, дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ нақши бузург мебозад. Озодӣ нерӯи созандагии инсонро дар раванди ҳаёт ташаккул ва инкишоф дода, метавонад баҳри рушду нумӯи ҷомеа мусоидат намояд.

Мақом ва нақши дин дар раванди ҳаёти ҷомеа барҷаста буда, омӯхтану оқилона истисфода намудани он шарт ва зарур мебошад. Дин таълимотест, ки андешаи зиёда аз 90%-и сокинони сайёра дар зери таъсири он қарор дошта, ҳар як шахси муътақид мехоҳад аз он баҳраи маънавӣ бигирад. Дар ҷаҳони андешаи инсон масъалаи худшиносию худошиносӣ яке аз нуктаи марказиро ишғол намуда, дин ба тариқи асроромез ба ин пурсишҳо ҷавоб мегӯяд. Аз он хотире, ки худшиносию худошиносӣ яке аз масоили мураккаб дар фарҳанги дин мебошад, аксарияти мардум дар пояи имон боқӣ монда, ақаллият дар маҷрои такомули маънавӣ ҳаракат менамоянду рӯ ба манзили ҳақиқат ва маърифат меоранд. Аз ин хотир мақом ва нақши имон аз маърифат дар ҷомеа нерӯмандтар мебошад. Зеро имон аксариятро ва маърифат ақаллиятро фаро мегирад. Аввалан ҷойгоҳи имонро дар ҷомеа мебояд шинохт ва баъдан дар нисбати он метавон роҳҳои муносибат намуданро тарҳрезӣ намуд. Имони мардумро дар заминаи тарбия ва парвариш тавассути таълимоти динӣ метавон тадриҷан ба манзили камол наздик сохт. Имоне, ки ҷавҳари он илм аст, ба маънӣ малак асту офаридгори хайр. Инсоне, ки имони комил дорад, яқинан таҷассуми пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек мебошад. Ҳар қадаре ки фарди муъмин аз маърифати динӣ дур мегарадад, ӯ бештар дар ҷаҳолат фурӯ меравад. Дар заминаи фурӯ рафтан дар ҷаҳолат, ду ҳолат имонро дар худ фаро мегирад:

а) имон ноқис ва заифу нотавон гашта, қудрати созандагиро аз даст дода, наметавонад дар раванди ҳаёт барои шахс ва ҷомеа хизмат намояд. Дар чунин ҳолат

имон мавқеи бетарафиро ишғол намуда, на нақши мусбӣ мебозад ва на нақши манфӣ. Шахс дар ҳолати заиф гаштани имон пойбанди эҳсосот гашта, метавонад аъмоли зиштро содир намояд;

б) имони ноқис дар таассубу ҷаҳолат фурӯ рафта, василаи истифода гардидани нерӯҳои иртиҷоӣ гашта, қудрати сӯзандагӣ пайдо намуда, дар раванди ҳаёти шахс ва ҷомеа нақши манфӣ мебозад.

Мисоли равшан он масъалаи терроризм ҳамчун падидаи манфӣ ва зиддиинсонӣ дар ҷомеаи башарӣ мебошад. Гарчанде ки дин тарғибгару ташвиқгари инсонгароӣ ва мутлақо зидди худкушӣ ва қатли бародари муъмин аст, вале нерӯҳои сиёсие дар олами башарӣ вуҷуд доранд, ки аз нерӯманд будани имону заифии маърифати динии баъзе аз афроди муъмин самаранок истифода мебаранду эшонро қурбони манфиатҳои худ месозанд. Худкушӣ, ки яке аз амалҳои террористӣ мебошад, дар заминаи ду омил ба вуҷуд меояд:а) иҷтимоӣ - қашшоқию бенавоӣ ва нокомию ноумедӣ;б) идеологӣ.

Нерӯҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар Ҷаҳони Ислом аз ин падидҳои манфӣ, яъне терроризм ва экстримизм моҳирона истифода мебаранд. Қувваҳои хориҷӣ тавассути нерӯҳои дохилии исломӣ манфиатҳои сиёсии худро амалӣ сохта, бо як тир ба ду нишон мезананд: а) тавассути таҳдидҳои террористӣ ҳадафҳои сиёсии хешро амалӣ менамоянд; б) дини мубини исломро ҳамчун падидаи манфӣ, зиддиинсонӣ ва ғайриақлонӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда, обурӯ ва эътибори онро коҳиш медиҳанд.

Нерӯҳои дохилӣ ва хориҷӣ аз ҷаҳолати мардум моҳирона истифода мебаранд. Агар маърифати солими динӣ ҷоёгоҳи ҷаҳолатро бигирад, маърифат бар ҷаҳолат, некӣ бар бадӣ ва адолат бар зулм пирӯз гашта, шаффофияти дин ҳифз карда хоҳад шуд.

Идеологияи дин аз он хотире, ки хосияти мадҳушкунанда дорад, нерӯҳои иртиҷоӣ афроди муъминеро, ки аз моҳияти дин бехабаранду маърифати солими динӣ надоранд ба худкушӣ ва қатли мардуми бегуноҳ равона месозанд. Дини мубини Ислом худкушӣ ва қасдан қатли мардуми бегуноҳро мутлақо маҳкум месозад (Қуръон;4:29,30:93).

Ҷаҳолат дар ҷаҳони андешаи инсон таассубро тавлид менамояд, ки дар заминаи он моҷарои динию мазҳабӣ ба вуҷуд хоҳад омад. Таассуби динию мазҳабӣ ҳамчун падидаи манфӣ миёни қалбҳои мардум девор сохта, садди роҳи ба вуҷуд омадани ваҳдати башарӣ мегардад. Барои маҳдуд сохтану аз миён бурдани таассуби динию мазҳабӣ ду омил шарт ва зарур мебошад: а) аз мазмуну моҳияти дин ва мазҳаби хеш огоҳ будан; б) аз мазмун ва моҳияти дигар адён ва мазоҳиби олам воқиф гаштан.

Агар башарият аз мазмун ва моҳияти дин воқиф шаванд, хоҳанд дарёфт, ки адёни ҷаҳонӣ дорои ҳадафҳои муштарак буда, моҳиятан ихтилофе миёни онҳо вуҷуд надорад. Зеро ҳадафи ҷумла адёни ҷаҳонӣ такомул додани олами маънавию ахлоқии инсон буда, саодати дунявӣ ва ухравӣ бахшидан барои башарият мебошад.

Дар сурате ки шахс аввалан аз моҳияти дини хеш бехабар аст ва дуюм маълумоте дар бораи дигар динҳои ҷаҳонӣ надорад, дар симои ин гуна ашхос комилан метавон таассубро дид ва ё таассубро дар ҷаҳони андешаи эшон тавлид сохт. Зеро дар олами андешаи ин гуна афрод ҷаҳолат ҳукумат дорад. Пайравони адён ва мазоҳиби олам ҳамеша дар заминаи ҷаҳолат ва таассуб вориди саҳнаи моҷаро мегарданд. Бинобар ин то замоне, ки ҷаҳолат ва таассуб дар ҷаҳони андешаи инсон ҳукумат дорад, ҷомеаи инсонӣ аз дин самаранок истифода бурда наметавонад.

**АДАБИЁТ**


1. Жданов Н.В., Игнатенко А.А. Ислам на пороге XXI веке.-М.: Политиздат, 1989.-349с.
2. Жданов Н.В. Исламская концепция миропорядка.: международные правовые, экономические и гуманитарные аспекты. –М.: международные отношения. 1991.-214с.
3. Зафар Диловар. Диншиносӣ. –Душанбе: ҶДММ «Сармад- Компания». 2010, 260с.
4. Муртазо М. Знакомство с исламскими науками. Муртазо Мухтари.-Душанбе: Деваштич, 2004.-220с.
5. Муртазо М. Адли илоҳӣ. –Теҳрон: Интишороти исломӣ, 1341.-372с.
6. От нетерпимости к согласию. –М., 1999.-320с.
7. Рыжов К.В. Кто есть кто в мире религий /К.В. Рыжов.-М.: Вече. 2008.


## РЕЛИГИЯ И ОБЩЕСТВО

Религия существует много веков и предстает в качестве необходимой, составной части общественной жизни. Она выступает как фактор возникновения и становления социальных отношений. Религия как определённая мировоззренческая система, включающая обязательные общественно-нравственные

установки, определяет настроения своих последователей, их жизненные устремления, социальное поведение, политические действия. В данной статье автор рассматривает взаимосвязь религии и общества на основе учения Корана.
**Ключевые слова:** религия, общество, Коран, религия и общество, взаимосвязь религии и общества.

**RELIGION AND SOCIETY**

The religion exists many centuries and appears as necessary, a component of public life. She acts as a factor of emergence and formation of the social relations. The religion as the certain world outlook system including obligatory public and moral installations, defines moods of the followers, their vital aspirations, social behavior, political actions. In this article the author considers interrelation of religion and society on the basis of the Koran doctrine.
**Key words:** religion, society, Koran, religion and society, interrelation of religion and society.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хукмишоев З.*** - кандидат политических наук, старший преподаватель кафедры политические процессы Таджикского национального университета

## МАБОНИИ СИЁСАТ БО ТАКЪИД БАР ДИДГОҲҲОИ МУХТАЛИФ БО ТАКЯ БАР СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

***Ҳамиди Қосимӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АИ ҶТ**

Сиёсати хориҷӣ, муҳимтарин ваҷҳи зиндагии иҷтимоӣ-сиёсии миллатҳо ва кишварҳо ба шумор меравад, чун ки бақо ва ҳаёти онҳо ба сиёсати хориҷӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ талош барои дарк ва фаҳми моҳият ва рафтори сиёсати хориҷии кишварҳо яке аз машғулиятҳои фикрӣ ва зеҳнии маҳфилҳои илмӣ ва донишгоҳӣ аст, ба гунае, ки ҳавзаи мутолиотии таҳлили сиёсати хориҷӣ ҷиҳати ҷавобгуи ба ин кунҷкобӣ ва далели нигаронӣ таъсис ва тавсеа ёфтааст. Таҳаввул ва такомули ин риштаи мутолиот густарда ва рӯйкардҳои назари мутанаввеъ ва мутааддидеро дар матн ва батни худ парварда ва пардохтааст. Ҳадаф ва мақсади ҳамаи талошҳои фикрӣ ва кунишҳои маърифатӣ ва моҳият ва вогӯйи рафтори кишварҳо дар арсаи байналмилал аст.[1] Омилҳои мухталиф чун, манбаҳои хориҷӣ ё байналмилалӣ, манбаҳои миллӣ, манбаҳои ҳукуматӣ, манбаҳои нақшгароёна ва манбаҳои шахсиятӣ ва фардӣ дар қолаби хусусияти нухбагон, роҳбарон ва сиёсатгузории хориҷӣ, ки сиёсати хориҷии кишварҳоро ташкил медиҳад.[2] Мафҳуми сиёсати хориҷӣ реша ва чорчӯби ғарбӣ яъне аврупоӣ ва амрикоӣ доштааст ва мафҳумҳои манфиатҳои миллӣ ва доктуринаи амниятӣ дар тӯли таърихи муосир бо густариши сиёсатҳои истеъморӣ ва ҳадафҳои султагароёна ҳамроҳ будааст. Дар луғатномаи сиёсӣ, дипломатӣ ва сиёсати байналмилалӣ қудратҳои бузург дар як қарни охир, дар ҳақиқат чизе ки ба номи сиёсати хориҷӣ вуҷуд дошта, таҳти ин унвон дар китобҳои дарсӣ ва дар мактабҳои сиёсӣ байналмилалӣ марсум шудааст, дар ҳақиқат сиёсати ҷаҳон ва ё сиёсати султагарӣ ва тавсеаталаби ин давлатҳо буда аст.[3] Давлатҳо дар арсаи сиёсати байналмилалӣ таҳти таъсири мухтасоти сохторҳои хеш ва низ кайфияти сохтори низоми байналмилал аз намунаҳои рафтори хос пайравӣ мекунанд, ки миёни иттиҳод ва эътилоф, ҳамкорӣ, рақобат ва таориз дар навасон ҳастанд. Дар ҳақиқат ҳарчи аз қарнҳои пешин ба пеш ҳаракат кунем аз равобити расмӣ ва хушки давлатҳо дур ва ба густариши робитаҳо миёни миллатҳо наздиктар мешавем. Дар сатҳи васеи ин таҳаввулро мебояд мадюни дигаргуниҳои амиқӣ донист, ки дар арсаҳои технологӣ, иқтисодӣ ва иртиботҳо рух додаанд.[4] Он чи мусалам аст мавқеияти тамоми бозигарон дар арсаи сиёсати байналмилал ба як шакл нест. Зеро имрӯзҳо мо бо давлатҳои моқабл модерн ва фаромодернӣ мувоҷеҳ ҳастем, ки ниёзҳо ва хостаҳои ҳар як аз онҳо ба куллӣ бо якдигар фарқ мекунанд, таҳти таъсири раванди ҷаҳонишудан бо хеле азми аз давлатҳои норозӣ ва гурӯҳи андаке аз давлатҳои розӣ мувоҷиҳ мешавем. Чун сохтори кишварҳои ҷануб наметавонанд бо низоми ҷаҳонӣ ҳамроҳи кунад бояд ба як ҳамгароии бисёри миёни кишварҳои ҷануб мунҷар шуд. Аз тарафи дигар иртиботи мантиқитари миёни шимол ва ҷануб барқарор намоянд.[5] Давлатҳо аз замони қадим бо якдигар равобити гуногуни аз навъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ доштаанд ва имрӯза шабакаи робитаи байналмилалӣ бисёр густарда ва печида гардидааст. Ин гуна робита муштамал бар эъзом ва пазириши намояндагони сиёсӣ, ақди муваффақиятномаҳои тиҷоратӣ, дарёфт ва пардохти вом (кридит), баргузории конфронсҳои байналмилалӣ мусобиқаҳои варзишӣ ва мубодилаҳои фарҳангӣ мебошад. Вале сиёсати хориҷиро бояд аз ин шева робитаи ҷудо кард. Дар

ҳоле ки байналмилал шомили робитаи байни ҳукуматҳо, гурӯҳҳо ва афроди мухталиф мебошад. Сиёсати хориҷӣ фақат он даста аз равобитро дар бар мегирад, ки ибтикори он бо ҳукуматҳо буда, аз тарафи онҳо тассадӣ дошта аст. Дар ин маънӣ сиёсат фармони расмӣ аст, ки ҳидояти он ба уҳдаи ҳукуматҳо буда, аз равобити гурӯҳӣ ва афродӣ, ки ғайрирасмӣ ҳастанд ҷудо мегардад.[6] Дар сиёсати хориҷӣ монанди дигар илмҳо интихоби биниш ва дидгоҳ ва мафрӯзаҳои даруни он ба саволҳое, ки тавассути донишмандон матраҳ мешавад, шакл ва ҷиҳат мебахшад. Яке аз масъалаҳои мавриди тавофуқи тамоми донишмандон ин аст, ки бояд муҳит ва зоти сиёсати хориҷӣ мушаххас шавад. Имрӯза суҳбат дар бораи ин илм аҳамияти бисёр дорад. Зеро дар дунёи имрӯза масъалаҳои марбута ба равобити байналмилалӣ ниёзманди тахассуси ( ҳунар ва илм бақои насли башар) мебошад.[7] Сиёсати хориҷӣ ба монанди як фармони умуми бар тамоми ҳавзаҳои асли зиндагии иҷтимоӣ, яъне аҳамияти милли, тавсеӣ ва рафоҳи иқтисодӣ, ҳамчунин арзишҳо ва боварҳои фарҳангӣ таъсири мустақим дорад. Рӯз ба рӯз пайванди байни сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар сар то сари ҷаҳон бештар мешавад.[8]

Сиёсати хориҷӣ маҷмӯаи тадбирҳо, равишҳо, ва интихоби мавзӯе аст, ки як давлат дар бархӯрд бо фармон ва масъалаҳои хориҷӣ дар чорчӯби ҳадафи тамоми ҳоким бар низоми сиёсӣ амалӣ менамояд. Бинобар таърифи фуқи сиёсати хориҷӣ шомили ду қисмати муҷазо мебошад:

А) ҳадафҳои миллӣ, ки ҳар кишвар дар саҳнаи байналмилал таъқиб ва дар садади таҳсили онҳо мебошад.

Б) сиёсатҳо ва равишҳое ки барои расидан ба ҳадафҳои мазбур итихоз ва аъмол мегардад.

Ба ибораи дигар, сиёсати хориҷӣ бозтоби ҳадафҳо ва сиёсатҳои як давлат дар саҳнаи равобити байналмилалӣ ва дар иртибот бо сайри давлатҳо, ҷомеаҳо, созмонҳои байналмилалӣ, наҳзатҳо афроди бегона, ҳаводис ва иттифоқҳои ҷаҳонӣ мебошад. Яъне сиёсати кишварҳо мутаассир аз тағйирот ва таҳаввулот ва бартарӣ яке аз гуфтумонҳои сиёсати хориҷӣ мутаҳаввил гардидааст. Ба ин тартиб бар сар дарк ва фаҳми моҳият ва ҳатто чигунаги эъмол ва корбурди сиёсати хориҷӣ лозим аст бо гуфтумонҳои мухталиф ва гуфтумони мусаллат бар ҷомеаҳо ошноӣ дошта бошем. Маҷмӯаи тавоноиҳо, қобилиятҳо, муконисматҳои як воҳиди сиёсӣ ба номи давлат, миллат ҷиҳати афзоиши баҳраварӣ тavварумҳои мавҷуд дар иртибот бо воҳидҳои дигар созмонҳои байналмилалии ғайридавлатӣ ва давлатиро сиёсати хориҷӣ мегӯянд. Баъзе бар ин боваранд, ки сиёсати хориҷӣ ҳамон равобити байналмилалӣ мебошад. Аммо эҳтимолан манзари таърифҳо фарқ мекунад. Агар бипазирем, ки унсури аслӣ дар равобити байналмилалӣ давлатҳо ҳастанд он вақт метавонем рафтори як давлат дар равобит бо рафторҳои дигарро сиёсати хориҷӣ таъбир намоем.

Дар ҳоле ки равобити байналмилалӣ шомили равобит байни ҳукуматҳо, гурӯҳҳо, созмонҳо ва афроди кишварҳои гуногун мегардад. Сиёсати хориҷӣ танҳо он даста аз равобитро дар бар мегирад, ки ҳукуматҳо мутасаддии он бошанд. Ба таъбири дигар сиёсати хориҷӣ иборат аст аз: як стратегия ё як риштаи эъмол аз пеш тарҳрезишуда тавассути тасмимгирандагони ҳукуматӣ, ки мақсади он дастёбӣ ба ҳадафҳои муаяйне дар чорчӯбаи манфиатҳои миллӣ ва дар муҳити байналмилалӣ аст. Ба таври хулоса метавон гуфт, ки сиёсати хориҷӣ шомили таъйин ва иҷрои як силсила ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ аст, ки дар саҳнаи байналмилалӣ аз тарафи давлатҳо анҷом мепазирад. Сиёсати хориҷӣ метавонад ибтикори амали як давлат ва ё вокуниши он дар қолаби куниши дигар давлатҳо бошад. Илова бар ин, пиндори ҷудои сиёсати хориҷӣ бисёр мушкил аст. Падидаи дувум нақши умда дар фароянди тасмими давлатҳо дорад. Ба таври куллӣ ҳарчи давлат қудратмандтар бошад, масоии ва манбаҳои бештареро барои сиёсати хориҷӣ лозим медорад.

**Сиёсати хориҷӣ.** Сиёсати хориҷиро бояд ба унвони як система дар назар гирифт. Тағйир дар як бахш аз ин кул ба ҳам пайваста мутағайирҳои сохтори сабаб мешавад, то система ба манзури татбиқи худ бо шароити нави таҳаввулоти дар хеш падид оварад. Изофа бар ин, замоне ки як бозигар амалеро дар пеш мегирад муҳит ба он вокуниш нишон медиҳад. Мутақобилан кишвари мазбур низ ночор аст, ки дар баробари вокуниши муҳити худ аксуламале аз хеш нишон диҳад. Ин таомулот ҳеҷ гоҳ ба сурати тасодуфӣ сурат намепазирад. Балки ҳосили тасмимгириҳои сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ аст. Лизо он чи ки бояд дар хусуси сиёсати хориҷӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад мубориэаи сиёсӣ аст. Мубориэае, ки ҳам дар даруни як ҳукумат ва ҳам миёни давлату миллатҳо ба вуқӯъ мепайвандад. Чунин воқеияти мубориза миёни

муҳит ва фарояндҳои сиёсӣ, дохилӣ бозигаронро низ дар бар мегирад. Сиёсат « равиши» чи дохилӣ бошад ва чи хориҷӣ навъи амал аст, ки аввалан интихоби ҳадафҳо, сониян гирдоварӣ ва басиҷи имконот ва абзорҳои лозим ҷиҳати дастрасӣ ба ҳадафҳо ва солисан бо баъле мусоӣ ва манбаҳои мавҷуд ба манзури расидан ба ҳадафҳои интихобиро шомил мешаванд. Бо ин ҳол ба унвони як иштибоҳи мутадовил, сиёсат бо интихоби ҳадафҳо ва тасмимгирандагон мутарадиф фарз шудааст. Бозигар ба шахсияти ҳақиқӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки қодир аст ҳар се марҳила сиёсатро анҷом диҳад. Албатта, дар сиёсати хориҷӣ тамаркузи мутолиа бештар марбут ба давлатҳост. Ба илова, дар маъқулаи байналмилалӣ тибиқи таъриф, бозигар ба шахсияте гуфта мешавад, ки дар муҳити байналмилали маншаи таъсир ва нуфуз бошад.

Сиёсати хориҷӣ ҳадафдор  ва ҳадафи ниҳоии он талош ба манзури ба ҳаддиақал расондани набудани таодули системаи сиёсӣ мебошад. Сиёсати хориҷӣ аз аҳамияти ҳаётӣ бархурдор аст, зеро ҳадафҳои таъйиншуда барои як кишвар ҳамроҳ бо стратегияҳои этихозшуда барои расидан ба он ҳадафҳоро дар бар мегирад. Сиёсати хориҷии муваффақ метавонад муҷиби иттилои як ҷомеа ва кишвар ва билъакс.Сиёсати хориҷии номуваффақ метавонад муҷиби уфул ва ҳатто нобудии он гардад. Бадеҳӣ аст, ки барои таҳаққуқи ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ зарурати шинохти воқеъияти ҷаҳони хориҷӣ, яъне равобити мавҷуди байналмилалӣ ва таъйини самтҳои гуногуни ниҳодҳои мавҷуд дар системаи байналмилалии давлатҳо, миллатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ мавриди таваҷҷуҳ мебошад, элзомӣ аст. Тақсимбандии ҳар як аз ниҳодҳои мазбур дар пешбурди ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ бо ҳар як аз он ниҳодҳо чи гуна бояд бархӯрд кард амри зарурӣ ва асосӣ аст ва ҳамчунин манбаҳои миллӣ қудрат дар таҳаққуқи ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ зарурати асосӣ дорад, аз ҷумла манбаҳои миллии қудрат метавон манбаҳои иқтисоди, низоми, ҷуғрофияви ва сиёсию фарҳангиро номбурд.

**Назарияҳои мукотиби фикрӣ ба сиёсати хориҷӣ: назарияи ормонгароӣ.**

Ормонгароӣ, ба унвони як мактаби фикрӣ реша дар асри рӯшангари **қарни 18 мелодӣ**, либерализми **қарни 19 мелодӣ,** идеализми Вилсуни **қарни 20 мелодӣ** дорад. Ба назари ормонгароёни сиёсат иборат аст аз: ҳунари хуб ҳукумат кардан ё ҳукумати хуб. Сиёсатмадори хуб касе аст, ки амалкард ва рафтораш мутобиқи ахлоқ ва арзишҳои инсонӣ бошад. Ормонгароён эътиқод доранд, ки инсонҳо қобилияти ёдгирӣ дошта, таълимпазиранд ва дар натиҷа метавонанд рафторҳои худро тағйир диҳанд. Ин назария решаи ҷанг ва хушунатро дар сохти ҷомеаи дохилӣ ва воҳиди сиёсӣ ба номи давлат медонад. Бинобар ин, ҷанг маълули вазъи хоси ҷомеаи дохилӣ ва байналмилалӣ аст ва агар ин вазъи хоси мутаҳавил ва ислоҳ шавад низ аз миён хоҳад рафт. Ормонгароён муътақиданд шароити муҳит, рафтори инсониро тағйир медиҳанд ва муътақиданд, ки инсон зотан навъдӯст ва хайрхоҳ аст ва дар сурати фароҳам шудани муҳити муносиб ва мусоиди ҷанг ва хушунатро пеша нахоҳанд кард. Ормонгароён ба шохаҳои гуногун, монанди сулҳгароӣ, федеролизм, ҳуқуқгароӣ, ахлоқгароӣ ва инсонгарои тақсим мешаванд.

**Рӯйкарди ормонгароёнаи сиёсати хориҷӣ.** Мубтанӣ бар усул ва меъёрҳои интизои суннатӣ аст, ки ҳинҷорҳо қавоид ва мавозини ҳуқуқӣ ва арзишҳои ахлоқиро дар бар мегиранд ва ҷиҳатгири  таҷвизи ва сиёсат гузорона дорад. Аз манзари ин назария сиёсати хориҷӣ мубтанӣ бар усули ахлоқӣ, мавозини ҳуқуқӣ ва арзишҳои инсонӣ муассиртар ва коромадтар аст. Зеро ин усул ва арзишҳо ба ҷойи рақобатситезӣ ва ҷанг, ваҳдат, ҳамкорӣ ва ташрики мусои миёни кишварҳоро афзоиш ва густариш медиҳанд ва мутааққиданд қудрати ахлоқӣ, арзишӣ ё ба ибораи дигар қудрати нармафзорӣ, аз қудрати моддӣ ва физикӣ таъсиргузор ва коромадтар аст.

**Сулҳи  демократӣ.** Назарияи сулҳи демократӣ дидгоҳе дар сатҳи таҳлили хурд, системаи миллӣ ё аз навъи тасвири дувум аст, ки сиёсати хориҷиро тобеи моҳият ва сиришти низоми сиёсӣ кишварҳо медонанд. Ин назария реша дар орои фалсафӣ ва андешаи сиёсии Имануил Кант, философи олмонӣ дорад, ки дар китоби «Сулҳи абадӣ» таҳлил мекунад, ки ҷумҳуриҳо ё ба маънои имрӯзи либералӣ-демократӣ ба нудрат ё  аслан бо ҳам меҷанганд.  Ба назари Кант аввалин шарти сулҳи пойдор миёни миллатҳо, ки ба сурати эмҳои амали ҷанг эҳтимоли таъриф мешавад. Истиқрори низоми ҷумҳурӣ дар даруни кишварҳо бар асоси озодӣ аст, агар ризояти шаҳрвандон барои тасмимгирӣ дар мавридаи масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ба эълом ё адами эъломи ҷанг зарурӣ бошад. Бисёр табиӣ аст, ки онҳо дар хусуси мувофиқат ё шуруи ҷанг муҳтот бошанд. Зеро тасмим ба ҷанг ба маънои таҳаммул ва пардохти

куллияи ҳазинаҳо ва хисороти ҷанг тавассути худи шаҳрвандон аст. Кант муътақид аст байни сохтори дохилии кишвар ва сиёсати хориҷӣ он пайванди амиқ вуҷуд дорад.Бинобар ин, кишварҳои либерал ва демократӣ бар асоси ин ҳинҷорҳо идроҳ мешаванд ва ин ҳукуматҳоро одил медонанд ва ҳукуматҳои ғайридемократиро машрӯӣ ва одил намедонанд, чун ки онҳо ба ҳуқуқи шаҳрвандони худ таҷовуз мекунанд.

**Либерализми иқтисодӣ.** Ба назари либералҳои иқтисодӣ бозор ва тиҷорати озод мусталзим ва мутазамини манфиат ва суди дуҷониба аст. Илова бар ин, кишварҳоро қодир месозад то бар асоси нисбии худ тахассусӣ шавад ва бо баҳравари бештари суди худ тиҷоратро афзоиш диҳанд. Ҳамчунин мардумсолорӣ низ ба ду иллати муҷиби рафтор ва сиёсати хориҷӣ мусолиматомез мешавад. Нахуст дар як низоми демократӣ, шаҳрвандоне, ки бояд ҳазинаҳои таҷовузгарӣ ва ҷангнро бипардозанд нақши зиёде дар тасмимгириҳо саҳм мегузоранд. Дар натиҷа аз сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна ҳимоят мекунанд. Дувум, шаҳрвандони кишварҳои мардумсолор ҳуқуқи демократии соири мардумсолориҳо эҳтиром гузошта, ба ҷангҳамтоён худризоят намедиҳанд. Ва чун мардумсолор ҳастанд ва рафтор ва сиёсати хориҷӣ мусолиматомез мешавад, шаҳрвандон аз сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна ҳимоят мекунанд.

**Воқеагароӣ.** Воқеагароӣ назарияи фарогир ва калони равобити байналмилалӣ аст, ки дар садади табъйини кулли сиёсати байналмилалӣ ва падидаҳои гуногуни байналмилали бар асоси вижагиҳои собити инсонҳо ва кишварҳо мебошад.

**Назарияи робитаҳои байналмилал ва ҷануб.** Барои дарки сиёсати хориҷӣ мебояд ба авомили фарҳанги дохилӣ ва минтақавӣ таваҷҷуҳ дошт ва зимнан набояд аз узр ва баррасии ҳанҷорҳо ва сохторҳои низоми байналмилал ва таъсири сиёсати соири давлатҳо бар кишварҳои ҷануб ғофил буд. Ба таври куллӣ, дар фароянди назарияпардозӣ дар робитаҳои байналмилал таъкид бар пародигмҳои хос ва ироаи моделҳои гуногун натавонист ба далели камаҳамият тасаввур кардани кишварҳои ҷануб тасвири воқеӣ аз сиёсати байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии давлатҳо ироа диҳад. Нашри мафҳумҳое, ки то кунун дар назарияпардозии байналмилалӣ ба кор рафта аз рушди иқтисодӣ то тавсеаи сиёсии ҳуқуқи башар, ҳифзи сулҳ, назорати таслиҳот ва харобиҳо, ҷумлагӣ гуфтумонҳои ғарбиро ташкил медиҳанд. Мусаллам аст Ғарб яке аз анвои фарҳангҳои мавҷуди ҷаҳон ба шумор меравад ва бо таваҷҷуҳ ба вижагиҳои, ки дар мавриди кишварҳои ҷануб ишора кардем ба содагӣ наметавон намунаи фарҳангии ғарбро бо соири нуқоти ҷаҳон баробар кард.

**Ҷаҳонишудан.** Ҷаҳонишудан фарҳанги умумии миллатҳоро дастхуши дигаргуниҳои ногаҳонӣ қарор медиҳад. Куллияи фарҳанги сиёсии онҳоро низ таҳти таъсиргароишҳои умда қарор медиҳад. Шояд низоми навини ҷаҳони худ ба унвони тамаддуни навин ҷойе барои фарҳангҳои хурд боқӣ гузорад.

**Сиёсати хориҷӣ ба монанди бозтобӣ аз фарҳанг ва хулқ ва хуи милли.** Стонли Ҳофмен муътақид аст, ки ҳар миллат сабк ва шеваи миллии худро дошта, ин сабк ва шева дар сиёсати хориҷии онҳо бозтоби шаффоф ва комил пайдо мекунад ва барои мисол Амрикоиҳо худро миллати баргузида тасаввур мекунанд. Дар қиболи соирин барои худ рисолат қоил ҳастанд ва ҳатто мепиндоранд, ки рӯи ҷазираи субот қарор дошта, соири миллатҳо дасти ниёз ба ҷониби онҳо дароз кардаанд.

**Моҳияти сиёсатгузории хориҷӣ:** Дар сиёсати хориҷӣ дарки ду муҳит дохилӣ ва хориҷӣ зарур аст. Ба қавли Рузино: «Кори сиёсатгузории хориҷӣ аз ҳассоситарин иқдомоти сиёсист, бавижа ки ин иқдом дарбаргирандаи бесуботтарин робитаҳои сиёсӣ аст. Ҷонлок дар мавриди сиёсати хориҷӣ мегӯяд: Қудрати ҷанг ё сулҳ, иттиҳодияҳо ва иттифоқҳо ва ҳамаи мубодилот бо ашхос ва ҷомеаҳои ғайримуттаҳид заруратан дар салоҳияти тасмимгирии афроди қарор гирад, ки масъулияти анҷоми умури умумӣ ба уҳдаи онҳост. Ҳар гоҳ ки онҳо тасмим мегиранд дар саҳнаи байналмилалӣ ба ҳадафҳои худ ҷомаи амал пӯшонанд аз қудрат истифода мекунанд. Мумкин аст ҳадафи сиёсати хориҷӣ таъмини хостаҳои дохили низом ва ё баръакс таваҷҷуҳ ба хостаи саҳнаи байналмилал бошад. Онҳо тадвини сиёсати хориҷиро ба унвони ҷилвае аз сиёсати байналмилали мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд. Аввалан, қисмати аз таваҷҷуҳи онҳо маътуф ба пешгирӣ аз пахши масъалаҳоест, ки мебоист пӯшида боқӣ бимонад ва эҳтимолан қисмате аз дигар аз ҳадафи сиёсати хориҷӣ маътуф ба саҳнаи дохилист. Ба ҳар ҳол саҳнаи дохилӣ яке аз омилҳои заминасозӣ тасмимгирии сиёсатгузори мебошад. Воқеият ин аст, ки ҳеҷ ҳукумат наметавонад аз иттилооти комилан қобили эътимод ва мустанад, иттилооти дақиқ истифода барад. Дар тавсифи дастгоҳи сиёсати хориҷии Эрон ин системаи сиёсатгузории хориҷӣ бояд

ҳамчун компютер кор кунад. Иттилооти бисёреро бояд дарёфт ва сипас ин иттилоотро бо дастабандиҳои аз пеш таъйиншуда арзёбӣ намуд. Ва ниҳоятан натиҷаҳои эҳтимолии ҳазинаҳо ва воқеии қобили пешбиниро танзим ва мавриди муқоиса қарор дод.

Бо шаклгирии бозигарони нав дар қолаби миллат, давлатҳо дар соли 1648-мелодӣ ба баъд дар арсаи байналмилал улгӯҳои иртиботӣ ва таомил миёни ин воҳидҳо, вориди фароянди навин шуда, барномаҳо, ҳадафҳо, манфиатҳо ва равишҳои ин воҳидҳо дар ҳавзаи хориҷ аз марзҳои миллӣ дар чорчӯби сиёсати хориҷии ин бозигарон қарор гирифт. Аммо собиқаи мутолиоти пажӯҳишҳои илмӣ перомуни баҳси сиёсати хориҷӣ ба аввалҳои қарни бистум бармегардад. Донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ-пажӯҳишӣ дар Амрико ва Аврупо батадриҷ даргири мутолиоти сиёсати хориҷӣ шуданд ва адабиёти ин мавзуъро тақвият намуданд. Фазои умумии ҷаҳон пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, рақобатҳои давраҳои ҷанги сард, муборизаҳои истиқлолталабона дар мустамирот, шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии байналмилалӣ, шаклгири созмонҳои байналмилалӣ ва ҳамаи таҳаввулоти дигар масъалаҳо сиёсати хориҷиро тахти таъсир қарор медод. Давлатҳо дар арсаи сиёсати хориҷӣ ва сиёсати байналмилалӣ тахти таъсири сохторҳои хеш ва низ кайфияти сохтори низоми байналмилал аз улгӯҳои рафтории хосе пайравӣ мекунанд, ки миёни иттиҳод ва эътироф, ҳамкорӣ, рақобат ва таоруз дар навасон аст. Бо таваҷҷуҳ ба тавоноӣ барои густариши робитаҳо бо дигарон ва имконоти дохилӣ, ҳар давлат боис мешавад, ки дар таомулот бо якдигар аз худ тасоҳили бештаре нишон диҳанд. Дар ин шароит робита миёни воҳидҳои сиёсӣ аз шакли таърифҳои худ хориҷ ва заминаи гуфтугӯ ва тафоҳуми бештар миёни миллатҳо фароҳам мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Деҳқонӣ Фирӯзободи Саидҷалол. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон, -Теҳрон: Интишороти созмони мутолиа ва тадвини китобҳои илмҳои инсонии Донишгоҳҳо ( самт), маркази таҳқиқ ва тавсеаи илмҳои инсонӣ. с.1388, с. 1.
2. Деҳқонӣ Фирӯзободи Саидҷалол, ҳамон с. 68.
3. Мавлоно Ҳамид, Муҳаммади Манучеҳр. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон, дар давлати доктор Муҳмуди Аҳмади Нажод. Интишороти Додгустар, чопи аввал с. 1387 чопи сеюм тобистони с. 1388, с.8.
4. Қавом Абдулалӣ. Усули сиёсати хориҷӣ ва сиёсати байналмилал. Интишороти Созмони мутолиа ва тадвини китобҳои илмҳои инсонии Донишгоҳҳо ( самт) маркази таҳқиқ ва тавсеаи илмҳои инсонӣ. Чопи аввал с. 1370 ч. 15-ум тобистони с.1388 с.1.
5. Мавлоно Ҳамид, Муҳаммади Манучеҳр, ҳамон с. 11.
6. Борбар Ҷеймз, Смит, Майкл, Моҳияти сиёсатгузории хориҷӣ дар дунёи вобастагии мутақобили кишварҳо. тарҷумаи доктор Ҳусейн Сайфзода. Нашри қумс, чопи чаҳорум с. 1384, с. 9.
7. Саҷодпур Саидмуҳаммад Козем. Сиёсати хориҷии Эрон. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. Интишороти Вазорати Умури хориҷа, чопи аввал с. 1381, ч. сеюм с. 1386. с.
8. Муҳаммади Манучеҳр. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон. Усул ва масъалаҳои нашри додгустар. ҷ. аввал зимистони с. 1377.


## РАЗЛИЧНЫЕ ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ОБ ОСНОВАХ ПОЛИТИКИ С АКЦЕНТОМ НА ВНЕШНЮЮ ПОЛИТИКУ


Национальная политика относится к теоретическим и актуальным практическим проблемам современности. Национальная политика включает стратегические задачи жизнедеятельности государства и обеспечивает реализацию интересов всей нации. Внешняя политика неразрывно связана с внутренней политикой государства. Внешняя политика регулирует отношения данного государства с другими государствами и народами в соответствии с его принципами и целями, достигаемыми применением различных средств и методов. В данной статье автором рассматриваются различные точки зрения об основах политики с акцентом на внешнюю политику государств.



**Ключевые слова:** политика, внешняя политика, основы политики, международные отношения, национальная политика, внутренней политикой государства.


## THE VARIOUS POINTS OF VIEW ABOUT POLICY BASES WITH ACCENT ON FOREIGN POLICY


The national policy belongs to theoretical and actual practical problems of the present. The national policy includes strategic problems of activity of the state and provides realization of interests of all nation. The foreign policy is inseparably linked with domestic policy of the state. The foreign policy regulates the relations of this state with other states and the people according to its principles and the goals reached by application of various means and methods. In this article the author considers the various points of view about policy bases with emphasis on foreign policy of the states.



**Key words:** policy, foreign policy, policy bases, international relations, national policy, domestic policy of the state.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хамиди Косими***-соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# СРАВНЕНИЕ РАЗВИТИЯ ЖЕНЩИН РАЗВИТЫХ СТРАН И ИРАНА

***Шахарбану Чатри***
**Институт философии, политологии и права АН РТ**

Программа ООН по развитию (доклад 1993 года), в общей сложности была посвящена разработке концепции развития человека. В данном случае развитие означает инвестирование в человеческие возможности, эффективность образования и формирование навыков, дать возможность проявить себя и внести свой вклад (UNDP - 1993).

Для определения индексов развития были предложены различные толкования: благоприятные условия человеческого общества, роста, разработка и эксплуатация всех аспектов, а именно, другими словами, индексы изменения в развитии человека и перспективы развития.

"Трудовые ресурсы являются одним из основных источников развития. Женщины составляют только половину ресурсов развития. Эта информация непосредственно взята из статистики. Данное исследование проводилось по двум частям этого источника. Действительно ли женщины могут планировать развитие на основе человеческого фактора? Роль женщин может быть важной в случае, когда она может быть положительной или отрицательной к условиям фактора. (Из Киа, 1386). Наша цель состоит в том, чтобы на основе сравнения данных по менее развитым странам и с развитыми странами показать состояние иранских женщин по оценкам Организации Объединенных Наций.

По двум показателям по политическому и социальному статусу женщинам уделяется особое внимание:

1-Если общество не использует возможности участия женщин в творческом развитии, то более половины населения считаются пострадавшими.

2-Работающие женщины имеют эмоциональное удовлетворение от своей идентичности, это объясняется тем, что они принимают участие в созидании, они знакомы с внешними проблемами, в результате чего, они оказываются более бдительными, чем мужчины.

2-1-У работающих женщин развито чувство ответственности и в отношении целей общества, имеет для них огромное значение потому, что они участвуют в создании этого общества.

2-2-"Работа даёт возможность женщинам, способствует принимать решения, планировать своё время, программировать жизнь . "( Abbott, 1380).

Необходимо отметить, что каждое ранее предпринимаемое решение относительно вопроса, в будущем может принимать более глубокий оборот. Далее мы замечаем, что женщины фактически являются создателями культурных преобразований и воспитателями. Если женщина знает о реальных своих возможностях, то её усилия будут направлены на воспитание и усовершенствование, что в свою очередь влияет на динамическое развитие общества и на активизацию процесса развития. Ясно, что осведомленная женщина будет играть более конструктивную роль в развитии своего общества.

«Роль женщин в развитии науки и технологии, в естественнонаучном образовании и в других областях привела ко многим изменениям, возникшие в сознании людей, женщины предлагают новые реалии. Идеальные основополагающие ценности и качество имеющие проявляться в практической работе и в их интеллектуальном развитии. Для достижения этой цели в стране начались фундаментальные изменения (Согласно статистике Министерства образования). На основе прав человека, в рамках семьи, школы и т.д. были построены различные центры развития. Интеллектуальная деятельность женщин оценивается в отрасли промышленности» (Гидденс,1386).

Роль женщин в культуре, в основном с целью развития, в исследование выявили факторы, влияющие на развитие новой науки. Женщины рассматриваются как инициаторы развития культуры. Женщины как фактор, влияющий на создание новой цивилизации, повысили значимость моральных действий и норм. Правда заключается в том, что женщины всегда считают планирование будущего своей обязанностью. Для женщины большое значение имеет её происхождение и сохранение корней. Эти значения

могут показать потенциальное превосходство женщин во многих областях деятельности. Истинная обязанность женщины всегда состоит в том, чтобы рассмотреть будущее (Джорнал, 1388).

Образование имеет особое положение. Способность человеческих ресурсов, развивается благодаря образованию, благодаря условиям, знаниям и навыкам. Благодаря образованию появляется уверенность, увеличивается доход человека от любого вида активного участия и повышается эффективность человеческих ресурсов в обществе.

Косвенная роль женщин в усовершенствовании общества:

1-Женщины приносят себя в жертву своей семьи для создания комфорта и уюта в доме.

2-Женщина координирует и связывает членов семьи. Поддерживает мир и спокойствие в семье, раскрывает скрытые таланты членов и способствует их проявлению.

3-Как известно глубокая и продолжительная работа, по воспитанию молодого поколения также лежит на плечах женщин. Она создаёт соответствующую инфраструктуру для эффективности воспитательной работы, хотя не достигает расцвета в своей жизни.

4-Женщина имеет малую экономическую мотивацию для своей деятельности.

5-Для женщин всегда наибольшую ценность имеют традиции и защита человеческого достоинства.

6-Если успех мужской части населения продемонстрирован в области борьбы и технологии, то женщины, как партнеры по жизни создают благоприятные условия для достижения успеха.

7-Женщина создаёт чувственную и духовную связь между членами семьи. Культурные факторы могут играть здесь особую роль. Таким образом, в совокупности данных факторов, женщины имеют практическое равенство с мужчинами.

Сравниваются по намеченным результатам случайно выбранная страна "Швеция", одна из 15 стран, из первой таблицы развитых стран с развивающейся страной Иран. По сравнению результатов развития Организацией Объединенных Наций из доклада 2011 года было исследовано:

1 - Роль женщин в экономическом развитии общества: Женщины-предприниматели: в Швеции 62,5%, в Иране 29%.

2 - Роль женщин в политическом развитии общества. Места, занятые женщинами в законодательных органах - Швеция 45,3%, Иран 4.1%

3 - Роль женщин в социальном развитии общества.Продолжительность жизни - при рождении: Швеция 83% Иран 71,2%

4 - Роль женщин в культурном развитии общества.Регистрация критериев в начальном школьном, среднем и высшем образовании - Швеция 95,3%, Иран 72,8%.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Азкия Мостафи и Гаффари, Галем Реза. Социология и развитие. Тегеран, Издательство Кейхан.
2. Аббот, Памела и Уоллес. Социология женщины.Перевод Манджех Наджм. Тегеран (1380).
3. Джордж Ритжер. Современные социологические теории, научные триады.Тегеран.1384.
4. Сархани.Культура социальных наук (четвертое издание), Тегеран. 1380
5. Сайфуллах Сайфуллах. Социальные проблемы в Иране. Тегеран.1381.
6. Журнал социально-культурных женщин - 1388 (том 17 и 18)
7. Гидденс, Энтони М. Сабури.Социология.Тегеран. 1386.
8. Доклад о развитии человека 2011 года (перевод Шахрбани- Чатри)

1. Дэвис, А. и Г. Квинливан (2006), Панельные данные анализа влияния торговли на развитие человека, Социально-экономический журнал.
2. Выступление премьер-министра Жана Кретьена в Национальном форуме.
3. Доклад о развитии человека 2011


## СРАВНЕНИЕ РАЗВИТИЯ ЖЕНЩИН РАЗВИТЫХ СТРАН И ИРАНА


В данной статье сравниваются показатели занятости, законодательных органов,образования, науки и технологии, здравоохранения между женщинами развитых стран и Ирана. Используется таблица сравнения Организации Объединенных Наций отраженная в докладе о развитии. Задача данного исследования заключается в том, чтобы определить статус иранских женщин среди стран, которые мы изучали. Первое, что было учтено в данном исследовании это устойчивое развитие и необходимость в рассмотрении всех аспектов развития, а именно: экономический, социальный, политический, культурный и платёжеспособность. Результаты, полученные в индексах развития человеческого потенциала среди 187

стран в 2011 году Исламская Республика Иран находясь на 88 месте (среди развивающихся стран), а Швеция на 10-ом месте (среди развитых стран).

**Ключевые слова:** развитие, индикаторы человеческого развития, экономическое развитие, политическое развитие, социальное развитие, культурное развитие, высокое развитие человека, средний уровень человеческого развития.

**COMPARISON OF DEVELOPMENT OF WOMEN OF THE DEVELOPED COUNTRIES AND IRAN**

In this article indicators of employment, legislature, educations, sciences and technologies, health care between women of the developed countries and Iran are compared. The table of comparison of the United Nations reflected in the report on development is used. The problem of this research consists in defining the status of the Iranian women among the countries which we studied. The first that this sustainable development and need for consideration of all aspects of development was considered in this research, namely: economic, social, political, cultural and solvency. The results received in indexes of human development among 187 countries in 2011 the Islamic Republic of Iran being on the 88th place (among developing countries), and Sweden on the 10th place (among the developed countries).

**Key words:** development, human development index, economic development, political development, social development, cultural development, high human development, medium human development

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ш. Чатри***-соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# МУРУРЕ БА НАВЪҲОИ НАЗАРИЁТИ ФЕМИНИСТӢ

***Олдузи Табрезӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ ҶТ**

Шояд дар тӯли таърих ҳамеша як чашмандози феминистӣ вуҷуд доштааст. Ҳар куҷо, ки занон таҳти зулму фишор будаанд, заноне низ будаанд, ки ин мавқеиятро ташхис дода, ба сурате онро мавриди эътироз қарор додаанд [1].

Дар ҷаҳони Ғарб таърихи расмии шурӯи феминизм бо осоре, ки дар эътироз ба мавқеияти занон мунташир шуданд, мушаххас мешавад. Ба истиснои як-ду мавриди якчин нахустин осори феменистӣ дар 1630 мунташир шуданд ва ба унвони як ҷараён то 150 соли баъд идома дошт. Аз соли 1870 навиштаҳои феминистӣ беш аз пеш ба сурати як кӯшиши муҳими дастаҷамъӣ даромад ва теъдоди мушорикаткунандагон дар ин ҷараён ва доманаи танқидҳояшон рӯз ба рӯз густардатар шуд [2].

Дар байни ҳамин фарозу нишебҳо, занон назарияи феминистиро халқ карданд. Назарияи феминистӣ бахше аз як риштаи пажӯҳиш дар бораи занон аст, ки ба таври зимнӣ ё расмӣ низоми фикрии густурдаеро дар бораи хусусиятҳои аслии зиндагии иҷтимоӣ ва таҷрибаи инсонӣ аз чашмандози як зан ироа мекунад [3]. Ва ҳадафи он ин аст, ки бо ташхиси нобаробарии ҷинсӣ ва беадолатиҳое, ки бар занон ба хотири зан будан таҳмил мешавад на танҳо нобаробарӣ миёни зан ва мардро аз байн бибарад, балки тамоми сохторҳои иҷтимоиро, ки дар ҷиҳати нобаробарии афроди ҷомеа амал мекунанд, шиносоӣ карда, нобуд ё тасҳеҳ созанд [4].

Нерӯи муҳаррики назарияи феминистӣ ду пурсиши ба зоҳир сода, аммо бунёдӣ аст: дар бораи занон чӣ медонем? Чаро вазъи занон ба ин сурат аст? Пурсиши нахуст мусталзами тавсифӣ аз ҷаҳони иҷтимоӣ аст ва пурсиши дувум ба табйине аз ҷаҳони иҷтимоӣ ниёз дорад. Тавсиф ва табйини ҷаҳони иҷтимоӣ ду рӯйи сиккаи ҳамаи назариёти ҷомеашиносиaнд ва кӯшиши феминистҳо барои посух додан ба ин ду пурсиши бунёдӣ, анвоъи назариёти феминистиро ба бор овардааст.

Барои саволи нахуст се посух вуҷуд дорад. Аввалин посух ин аст, ки ҷойгоҳ ва таҷрибаи занон дар бештари мавқеиятҳо бо ҷойгоҳ ва таҷрибаи мардон дар ҳамон мавқеиятҳо тафовут дорад. Посухи дувум ин аст, ки ҷойгоҳи занон дар бештари мавқеиятҳо на танҳо бо мардон мутафовут, балки аз он камарзиштар ва бо он нобаробар аст. Посухи севум ин аст, ки занон дар мавқеияташон таҳти ситам қарор доранд, яъне таҳти зулму фишор, тобеият, таҳмил, сӯистифода ва бадрафтории мардон ба сар мебаранд. Бар ин мабно, анвои гуногуни назарияҳои фемистиро метавон ба се даста назарияи тафовут, нобаробарӣ ва ситамгарӣ табақабандӣ кард [5].

Дар даруни ҳар як аз ин дастаҳо бар мабнои наҳваи посух ба пурсиши табйинӣ ва муҳим, яъне чаро вазъи занон ба ин сурат аст, табйинҳо ва назариёти гуногунеро метавон аз якдигар ҷудо кард. Дар зермаҷмӯа назариёти тафовут, табйинҳои иҷтимоӣ-зистӣ, табйинҳои ниҳодӣ ва табйинҳои иҷтимоӣ-равоншинохтии тафовути

занон бо мардон қарор доранд, назариёти нобаробарӣ шомили табйинҳои феминизми либералӣ, феминизми марксистӣ аз нобаробарӣ мешавад.

Ва дар ниҳоят табйинҳои равонковона, феминизми радикал ва феминизми сотсиалистӣ дар зермаҷмӯаи назариёти ситамгарӣ ҷой мегирад.

Аз он ҷо ки пуштибонии назарии ҳар кори пажӯҳишии ҷомеашинохтӣ, пояи аслӣ ва сутуни фақароти он пажӯҳишро ташкил медиҳад, шинохти дақиқ ва комили назариёти мавҷуд дар ҳар замина ва ҳавзаи қабл аз иқдом ба пажӯҳиш дар он ҳавза аз заруриёт аст. Бинобар ин дар ин навиштор кӯшиш мешавад, то аз миёни назариёти фемиистии фавқ чаҳор назарияи-феминизми либерал, марксистӣ, радикал ва сотсиалистӣ, ки табйинҳои ҷомеашинохтии масъалаҳои занонро ироа кардаанд ё назарияпардозони он ҷомеашинос будаанд, ба ихтисор баррасӣ ва муаррифӣ шаванд.

**Феминизми либералӣ (ислоҳталаб).** Феминизми либералӣ, ки ба далели робитаи мутақобил бо ҷараёни аслӣ писандтарин навъи назарияи феминистӣ аст. Ин равия умдатан аз занони табақаи миёна ва таҳсилкарда ташкил мешуд [6]. Ба ҳамин далел дастрасӣ ба раъйҳои дақиқ ва сохтаву пардохташудаи онҳо ҷуз аз тариқи матолибе, ки дар суханрониҳо ва нашриёташон ба онҳо ишора кардаанд, қобили истихроҷ нест, аммо дар кулл метавон гуфт, ки онҳо ворисони аслии идеологияи баробар ҳуқуқии ҳизби занони Амрико ҳастанд.

Ин гурӯҳ, ки мутаваҷҷеҳи тазоди мавҷуд миёни омӯзаҳои ҷаҳоншумули либералӣ ва ҳазфи занон аз мафҳумҳои он шуда буданд, дар ҷиҳати эҳқоқи ҳуқуқи баробар барои занон, яъне бархурдории занон аз ҳуқуқи шаҳрвандии баробар бо мардон талош ва алайҳи қавонин ва суннатҳое мубориза кардаанд, ки ҳақро ба мардон медиҳанд ва ба занон намедиҳанд ё бо иддаои ҳимоят аз занон вазъ мешавад [7]. Бар мабнои тафаккури онон зан мавҷуди инсонӣ аст ва ҳамон ҳуқуқи табиӣ ва салб нашудании мардонро дорад. Ҷинсияти зан рабте ба ҳуқуқи ӯ надорад, чунки нуқсе дар қувваҳои ақлӣ ва моҳияти инсонии ӯ эҷод намекунад, ки ба он далел вайро аз ҳуқуқи комили инсонӣ маҳрум намояд.

Албатта, либералҳо лузуман тафовутҳои миёни ду ҷинсро рад намекунанд, балки бовар доранд, ки ин фарқиятҳои зотӣ набуда, баргирифта аз тафовути тарбияти писару духтар, тафовути рафтор бо онон аз ибтидои таваллуд ва ҳамунин баргирифта аз фарқияти интизороти ҷомеа аз онон ва вуҷуди қонунҳои табъизомез ва ба таври хулоса, натиҷаи ҷомеапазирӣ ва ҳамгунсозии ҷинс ва нақш аст [8].

Табйини феминистии либералӣ аз ҳамон ҷойе оғоз мешавад, ки назарияҳои тафовути ҷинсӣ мутаваққуф мемонанд. Назарияҳои тафовути ҷинсӣ ба баёни далелҳои монанди, тақсими кори ҷинсӣ, вуҷуди ду арсаи умумии мардона ва ҳусусии занона ва иҷтимоӣ кардани кӯдакон барои нақшҳои мутаносиб бо ҷинсияташон дар бузургсолӣ иктифо мекунанд, аммо феминистҳои либералӣ арзишгузорӣ мекунанд ва арзиши чандоне барои арсаи хусусӣ, ки занон бештар дар он ҳузур доранд, қоил намешаванд, чунки ин арса риштаи бепоёне аз талаботҳо, вазифаҳои хонадорӣ, ки бе аҷру музд ва бидуни арзиш ва беаҳамият талаққӣ мешаванд, муроқибат аз кӯдакон ва хидмати амалӣ, отифиву ҷинсӣ ба мардонро барои занон ба ҳамроҳ дорад ва онҳоро аз подошҳои ростини зиндагии иҷтимоӣ монанди пул, қудрат, манзалат, озодӣ, фурсатҳои рушду иртиқои шахсӣ, ки ҳама дар арсаи умумӣ ёфт мешавад, маҳрум месозад. Онҳо муътақиданд, ки бар хилофи тасаввури мутаориф ва маъмул ҳатто зиндагии заношӯӣ ҳам барои занон ва мардон мазоёи баробаре надорад. Марди издивоҷкарда пас аз издивоҷ алорағми муқайяд шудан ва қабули бори масъулиятҳои хонаводагӣ аз ихтиёроте мисли иқтидор, истиқлол, ҳаққи бархурдорӣ аз хадамоти отифӣ ва ҷинсии ҳамсараш бархурдор мешавад. Дар ҳоле ки танҳо насиби занон аз зиндагии заношӯӣ бекудратӣ, вобастагӣ ва ба таври хулоса махрумият аз озодиҳои нисбии таҷарруди духтарона ва зери бори масъулиятҳои сангини зиндагии хонаводагӣ рафтан аст, [9] ки табаоти манфии рӯҳӣ ва ҷисмӣ барои занон ба ҳамроҳ дорад, онҳоро аз шукуфо кардани истеъдодҳояшон маҳрум мекунад ва дар қолаби шахсиятҳои инъитофнопазир маҳбус месозад. Онҳо бар онанд, ки занон бояд аз таллуқи худ ба хона бикоҳанд ва бо ин бовар, ки хона ҷойгоҳи муносибе барои занон аст, муқобила кунанд [10].

Феминистҳои либерал бовар доранд, ки низоми тақсими кори, занон ба арсаи умумӣ ҷилавгирӣ мекунад ва бори масъулияти арсаи хусусиро ба дӯши онҳо меандозад, ҳамон низоме аст, ки нобаробарии ҷинсиро ба бор меоварад [11]. Ин низом маншаи табиӣ ва ҷабрӣ надорад ва бо иттако ба идеологияи фарқияти ҷинсӣ, ки аз пешдовариҳо ва урфҳои табъизомез алайҳи занон ва боварҳои пазируфташуда

дар бораи фарқиятҳои табиӣ миёни зан ва мард сохта мешавад, сарнавиштҳои иҷтимоии гуногунеро барои ду ҷинс рақам мезанад ва ҳатто ба ақидаи бархе аз феминистҳои ин гурӯҳ, аз ҷумла Ҷессӣ Барнорд занонро аз инсонияти комил маҳрум месозад [12].

Аммо феминистҳои либерал мехоҳанд, ки бо мардон баробар бошанд. Дар нигариши онон худи ниҳодҳо ва нигаришҳои мардона ба мубориза кашида намешаванд, балки эътиқод бар ин аст, ки модели либерал аз фард, ки фақат дар мавриди мардон ба кор гирифта мешавад, бояд дар мавриди занон ҳам иҷро шавад [13].

Онҳо ҳукумати демократӣ, низоми ҳуқуқӣ ва қазоии ҳокими хонавода ҳастаи низоми омӯзишӣ, низоми корӣ ва ҳирфаӣ ва дар кул ҳамаи ниҳодҳо, арзишҳо ва рӯйкардҳои мардонаро пазируфтаанд ва фақат мехоҳанд занон дар ин арзишҳо ва ниҳодҳо мушорикати комил ва баробар дошта бошанд ва аз анвои фурсатҳо барои расидан ба мавқеият баҳра баранд ва аз эътибори умумӣ, ки мардон доро ҳастанд, бархурдор шаванд. Аз он ҷо ки мақсади ҷаноҳи либерал ҷазби комили иҷтимоӣ ва сиёсии занон дар ниҳодҳо ва сохторҳое мавҷуд буд, ислоҳталаб ва ва муҳофизакор талаққӣ шуд [14].

Бархе аз онҳо бо истинод ба ҷумлаи маъруф шиори худро «на барда, на озод, на музаккар, на муаннас, зеро ҳамаи шумо дар Исои Масеҳ (а) яке ҳастед» қарор дода, ба баробарии зану мард таъкид мекунанд.

**Феминизми марксистӣ.** Ин чашмандоз, ки бо кори Маркс ва Энгелс оғоз мешавад ва сипас аз тариқи маҷмӯаи осори нави марксистӣ тадовум меёбад. Қасди ироаи назария дар бораи ситамгарии иҷтимоӣ дорад, аммо ба навъе нобаробарии ҷинсиро низ эълом менамояд. Асосгузорони ин назария, яъне Маркс ва Энгелс хонаводаро қонуни парвариши идеологии табақаи ҳоким, тадовуми моликият ва заминасози инқиёд ва тасаллут бар занон медонистанд. Хонаводаи падартаборона, падарсолорона ва якҳамсарӣ барои занон дар ҷиҳати тасаллут бар занон ва тобеи мардон сохтани онҳо амал мекунад ва онҳоро монанди бардагон ҷузъи дороиҳо ва амволи шахсии мардон сохта, аз ҳуқуқи шоистаи инсонӣ маҳрум месозад [15]. Ҷомеа бо ин иддао, ки ин шакл аз хонавода ниҳоди аслии ҳамаи ҷомеаи башарӣ аст, ба он ҳуқуқмандӣ мебахшад.Ҳол он ки шавоҳиди таърихии бостоншиносӣ ва инсоншиносӣ нишон медиҳад, ки дар бештари давронҳои моқабли таърих, аз ин навъ сохторҳои хонаводагӣ ҳеҷ асаре нест. Дар ин давронҳо хонаводаҳо модарсолорона ва модартаборона буданд ва ҳам занон ва ҳам мардон ҳаққи гузиниши озодона ва фоқиди маҳдудияти шарики ҷинсӣ ва ишқиро доштанд. Энгелс мегӯяд, ки хонавода ҳастаи буржуазӣ барои рафъи ниёзҳои низоми сармоядорӣ ва мушаххасан ба далели хости мардон барои интиқоли мероси хеш ба ворисони машрӯъ шакл гирифт. Ба назари Энгелс мардон барои ин кор бояд бо издивоҷ занонро идора мекарданд, то аз ҳуввияти ворисони худ боварӣ дошта бошанд. Ба таъбири Энгелс омилҳое, ки ин навъ низоми иҷтимоиро нобуд карданд, яъне куллияи омилҳое, ки ба эҷоди моликият мунҷар шуданд, шикасти таърихӣ ва ҷаҳонии ҷинси занро ба бор оварданд [16]. Энгелс муътақид аст, ки танҳо аз тариқи нобудии ҳуқуқи моликият дар инқилоби коммунистии оянда, занон озодии амалии иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва шахсиашонро ба даст хоҳанд овард.

Феминистҳои марксист бо дунбол кардани роҳи фикрии Энгелс, марксизмро густариш доданд ва назарияе падид оварданд, ки мекӯшад, то тавзеҳи қобили қабул барои фурӯдастии занон ва мушкилҳои баҳракашии табақотӣ ба даст диҳад.

Феминистҳои марксист мепазиранд, ки марксизм ба шакли аввалияи худ наметавонад тавзеҳи қобили қабуле ироа диҳад, чунки занон аз қаламрави умумӣ ҳазф шуда дар қаламрави хона бахши бештари коргарони бидуни муздро ташкил медиҳанд. Зимнан онҳо медонанд, ки бояд бо ин воқеият, ки фурӯдастии занон ба пеш аз даврони ғалабаи сармоядорӣ бозмегардад ва ҳамчунин бо тардиде, ки нисбат ба имкони раҳоии занон пас аз фурӯпошии шеваи тавлиди сармоядорӣ вуҷуд дорад, рӯ ба рӯ шаванд. Дигар аз мушкилоти муҳими феминистҳои марксистӣ ин аст, ки Маркс худ ба ҷойгоҳи занон дар ҷомеаи сармоядорӣ таваҷҷуҳе надошта, баробарии ҳуқуқ аз назари вай аз ақидаҳои буржуазӣ ва бинобар ин, радшуда будааст. Мафҳумҳое, ки Маркс ба кор мегирад ба зоҳир хунсо, аммо дар воқеъ кӯрҷинс аст. Ӯ ситамвижаеро, ки занон дар ҷомеаи сармоядорӣ дар маърази он қарор доранд ташхис намедиҳад ва тафовутҳои ҷинсиятиро таҷзия ва таҳлил намекунад. Илова бар ин, Маркс бо ин эътиқод, ки занон бояд тимордори қаламрави хонагӣ бошанд,

нисбат ба хонавода рӯйкарди табиатгароёна иттихоз кардааст ва дар таҳлили вай ин эътиқод, ки мардон бояд барои кори худ беш аз занон музд бигиранд, бо қабули ин фарз, ки ба мардон бояд дастмузди хонавор пардохт шавад, бо ҳеҷ мухолифате рӯ ба рӯ намешавад, бинобар ин лозим аст, ки дар ин назария навовариҳое сурат гирад.

Феминистҳои марксист мехоҳад бо гунҷонидани тавзеҳе барои фурӯдастии занон ба таҳлили марксистӣ аз ҷомеаҳои сармоядорӣ вафодор бимонанд ва осори Энгелс ин нуктаи шурӯи муваҷҷаҳро барои феминизми марксистӣ месозад.

Дар назари онҳо ҳам монанди Энгелс сарнахи ситам бар занон низоми хонавода аст. Яъне ин маҷмӯа шомили сохтори иҷтимоӣ ва як идеологияи муайян, ки ҳамон хонаводахоҳӣ аст, мебошад. Ин идеология аст, ки хонаводаи ҳастаиро шакли табиӣ ва ҷаҳоншумул муаррифӣ мекунад ва навъи тақсими кор ба ин тартиб, ки мард таъминкунандаи манобеи моддӣ ва зан ироадиҳандаи хадамоти ройгони хонагӣ аст, дар он ҷорӣ месозад. Ба ин тартиб, бо маҳдуд шудани нақши занон ба модарӣ ва ҳамсарӣ занон ҳақир мешаванд. Ин идеология ва ин низоми тақсими кор ҳарчанд ваҷҳи иҷтинобнопазири ҷомеаи сармоядорӣ нестанд ва маншаи онҳо дар тасаввуроти роиҷи пеш аз сармоядорӣ дар бораи ҷойгоҳи занон аст, аммо ба далели ҳамхонӣ бо муносиботи хонаводагии буржуазӣ густариш ёфтанд ва малакаи зеҳнии ҳар ду табақа мусаллат ва коргар шуданд [17].

Ин феминистҳо муътақиданд, ки нобаробарии миёни зану мард дар даруни табақаи мусаллати сармоядорӣ аз ҳама ҷо ошкортар ва машҳуртар аст. Дар ин табақа мардон моликияти манобеи тавлидро дар ихтиёр доранд, аммо занони ин табақа на танҳо моликияте надоранд, балки худашон ҳам милки мардон, яъне ҳамсарон ва мутааллиқоти мардони сармоядор ба шумор меоянд, ки дар ивази ироаи хадамот ба мардон як зиндагии муҷаллал, аммо бардавом насибашон мешавад [18].

Албатта, нобаробарии ҷинсӣ дар табақоти поини музд бигир ҳам ҳаст, аммо аз сӯи сармоядорон эъмол мешавад, то занонро ба хотири манзалаташон ба қабули дастмузди кам ва ироаи хадамоти ройгон водор карда, аз онҳо ба унвони захираи нерӯи кор истифода намуда, ба иборае онҳоро ба манбаи бедарди сари фоида барои сармоядорӣ табдил намояд [19].

Назари ин гурӯҳ аз феминистҳо ба таври хулоса ҳамон аст, ки Энгелс гуфта буд «ҳамаи занон ситам мебинанд хоҳ ба мардони буржуазӣ шавҳар кунанд, хоҳ ба мардони табақаи коргар» [20].

**Феминизми радикалӣ (инқилобӣ).** Гурӯҳи радикал, шомили гурӯҳҳои озоди бахши занон буд. Фаъолони ин гурӯҳ бештар занони ҷавонтар ва радикалтаре буданд, ки аксаран дар ҷунбишҳои донишҷӯйи чапи нав, ҳуқуқи маданӣ ва сулҳ фаъол буданд. Ин гурӯҳ аз он ҷиҳат радикал талаққӣ мешавад, ки роҳи ҳалли мушкили нобаробарии ҷинсиро танҳо тағйири инқилобӣ медонист [21].

Албатта, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки истифода аз унвони радикал каму беш мушкилофарин аст. Чунки дидгоҳҳо ва кунишҳое, ки аз манзари як нозири хориҷии радикал пиндошта мешаванд, мумкин аст аз назари ширкаткунанадагон дар ҷунбиши оддӣ ва ҳатто муҳофизакорона талаққӣ шаванд. Ҳамчунин бисёре аз хостаҳо ва аъмоле, ки замоне радикал талаққӣ мешаванд, мумкин аст дар замоне дигар пазируфтанӣ бошанд [22].

Ҳастаи марказии ақидаҳои феминистҳои радикалӣ (инқилобӣ) ин аст, ки нобаробариҳои ҷинсиятӣ маҳсули як низоми муқтадири мардсолор ва муҳимтарин шакли нобаробарии иҷтимоӣ аст. Ба назари ин гурӯҳ, ҳар низоми ҳукуматӣ мардонаро ҳамвора нави низоми тақсими кори ҷинсӣ тақвият ва таҳким мекардааст. Мардсолорӣ низоме ҷаҳоншумул аст, ки дар он занон зери тасаллути мардон қарор доранд.

Аз назари онҳо ҳар ниҳоде дар ҷомеа низоме аст, ки бо он бархе инсонҳо инсонҳои дигарро таҳти тасаллут дармеоваранд ва ҳеҷ робитае нест, ки дар он як тарафи робита дар садади тасаллут бар тарафи дигар набошад. Аммо боризтарин намуди он дар робитаҳои миёни зан ва мард аст ва асоситарин сохтори ситамгарӣ ба ҷинсият тааллуқ дорад ва ҳамон падарсолорӣ аст, ки нахустин, ҳамаҷонибатарин ва мондагортарин низоми нобаробарӣ аст, мардҳо аз тариқи ширкат дар ин низом ёд мегиранд, ки одамҳои дигарро бо таҳқир нигоҳ кунанд ва онҳоро ҳаммонанди мавҷудоти ғайриинсонӣ таҳти назорати худ дароваранд. Онҳо мегӯянд, ки мардон дар ҳамаи қаламравҳои зиндагии занон тасаллуте низомманд аъмол мекунанд ва тамомии равобити миёни мардон ва занон равобити қудрат аст. Бар ин асос, мақсади феменистҳои радикалӣ ошкор кардани шеваҳои аъмоли иқтидори мардона дар ҳамаи

ҳавзаҳои зиндагӣ, аз ҷумла равобити шахсии монанди бачадорӣ, хонадорӣ ва издивоҷу ҳамаи анвои равобити ҷинсӣ аст.

Феминистҳои радикалӣ тасвире аз падарсолорӣ ироа мекунанд, ки аъмоли хушунати мардон алайҳи занон чи ба сурати ошкор ва ҷисмонӣ монанди таҷовуз ба унф, бадрафториҳои ҷинсӣ, бадрафторӣ бо ҳамсар ва ғайра ва чи ба сурати пинҳон ва печида, мисли тарвиҷи ормонҳои модарӣ ва ҳамсариву покдоманӣ, эъмоли назарот бар занон, адами пардохти ҳуқуқ ба хадамоти хонадорӣ, русуме мисли духтаркушӣ, бастани пойи духтарони чинӣ, хатнаи занони африқоӣ, худкушии иҷбории занони беваи ҳиндӣ ва ғайра дар конуни он ҷой дорад. Тасвири зан дар фемензми радикал, тасвири зане аст, ки бар асари падарсолорӣ кушта ва ғарқа ба хун шудааст [23].

Албатта, феминистҳои радикал муътақиданд, ки хушунати ҷисмонӣ охирин ҳарбаи дифоъ аз падарсолорӣ ва ҳифзи он дар баробари муқовимати фардӣ ё гурӯҳии занон аст ва қабл аз бакоргирии он мардон аз дигар манобеи қудрати моддӣ ва ҷисмониашон барои эъмоли назарот бар занон истифода мекунанд, чунки ин низом манофеи бисёре барои мардон ба ҳамроҳ дорад. Мардон аз тариқи ин низом занонро водор месозанд, то ба сурати афроди мутеъ ба онҳо хидмат кунанд, ниёзҳои ҷинсӣ ва отифии онҳо ва ниёзи равониашон ба доштани фарзандро бартараф созанд, ба илова занон нерӯи кори муфиде ҳастанд ва аз онҳо метавон ба унвони нишонаҳои манзалат ва қудрати мардона истифода кард ва ғайра. Албатта, шароити мухталифи иҷтимоӣ ба ин коркардҳо силсилаи маротиби мутафовуте мебахшад ва дар улгуи падарсолорӣ дар фарҳангҳои гуногун фарқиятҳое эҷод мекунад, аммо дар кул ҳамин коркардҳои судманди занон боис шудааст, ки мардон ҳама ҷо ба дунболи мутеъ сохтани занон бошанд [24].

Феминизми радикалӣ бар хилофи феминизми либералӣ роҳи ҳалли мушкили занонро дар баробарии онон бо мардон намедид, балки худ мардонро ба маънои як гурӯҳи ситамгар ва ҳатто гоҳе ононро ба унвони мавҷудоти воқеии мушкил мешинохт, бинобар ин, радикалҳо ҳаммонанди либералҳо дар пайи ҷазби занон дар арсаи умумӣ ва такя бар равишҳои қонеъкунанда ва қонунӣ дар ин роҳ набуданд, балки мехостанд сомонеро, ки мардон эҷод карда, мардсолориеро, ки дар ҳар ҳавза аз он нуфуз карда буд, барҳам зананд [25]. Ба ибораи дигар, онҳо ба дунболи шикасти падарсолорианд ва мӯътақиданд барои шикаст додани падарсолорӣ нахуст бояд зеҳни занонро ба гунае бозсозӣ кард, то ҳар зане арзиш ва тавоноиашро ташхис диҳад ва дигар худро заиф, вобаста ва дасти дувум напиндорад. Баъд аз он бидуни таваҷҷуҳ ба тафовутҳои худ бо дигар занон бо онҳо муттаҳид шуда, робитаи хоҳариро барқарор созад ва баъд ду стратегияро ба кор бандад, яке муқобилаи шадид бо ҳар гуна таҷаллии истилоҳи падарсолорӣ ва дигарӣ ташкили иҷтимоооти занона [26].

**Феминизми сотсиалистӣ.** Феминистҳои сотсиалист ин ҳадафи расмиро худ таъйин кардаанд, ки назарияҳои феминистии мавҷудро дар ҳар идғом кунанд ва албатта, гоме ҳам ба пеш бардоранд. Онҳо бештар аз ҳама дар садади онанд, то он чи ки худ густурдатарин ва боарзиштарин суннати феминистӣ мехонанд, яъне феминизми марксистӣ ва феминизми радикалро дар якдигар идғом кунанд. Зимнан феминизми сотсиалистӣ бар он аст, то ҳама суратҳои ситамгарии иҷтимоӣ ғайр аз ҷинсӣ, табақотӣ, нажодӣ, қавмӣ ва ғайраро тавсиф ва таъйин кунад. Феминистҳои сотсиалист ҳама навъ таҷрибаҳои ситамгариро чи аз сӯи мардон ва чи аз сӯи занон мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Онҳо ҳатто ин мавзӯъро баррасӣ мекунанд, ки чӣ гуна бархе аз занон бо вуҷуди таҳти ситам будан, метавонанд дар ситам ба занони дигар мушорикати фаъолона дошта бошанд. (монанди ситами занони сафедпӯст ба занони сиёҳпӯст). Дарвоқеъ яке аз барномаҳои феминисти сотсиалистӣ мубориза бо ситамгариҳои даруни иҷтимои занон аст [27].

Аз назари онҳо дар ҷомеаҳои имрӯзӣ ҳар як аз афроди башар ба як табақаи иҷтимоӣ ва як ҷинсияти муайян таалluқ доранд ва ҷинсият, табақа, нажод, син ва миллият ҳамагӣ метавонанд иллати ситам бар занон бошанд, аммо ҳеҷ як аз ин анвои ситам аз дигарӣ асоситар нест [28].

Аз назари феминистҳои сотсиалист, мардсолорӣ мақулае фаротаърихӣ таллаққӣ мешавад, аммо онҳо мепазиранд, ки мардсолорӣ дар ҷомеаҳои сармоядорӣ шакли мушаххасе ба худ мегирад ва ин имкон вуҷуд дорад, ки назарияе дар бораи сармоядорӣ шакли мушаххасе ба худ мегирад ва ин имкон вуҷуд дорад, ки назарияе дар бораи сармоядорӣ ба василаи истилои мардона сохта шавад.

Феминизми сотсиалистӣ мекӯшад таҳлили мубтанӣ бар вуҷуди ду низоми иқтисодӣ ва ҷинсиятӣ ироа диҳад. Ҳарчанд бархе вазифаҳои занон монанди тавлид мисли ҳамеша дастрасии эшон ба баъзе корҳоро маҳдуд мекардааст ва ин идеология, ки вазифаи аслии занро издивоҷ ва модар шудан медонад, ин равандро табиӣ ҷилва додааст, аммо сармоядории санъатӣ тағйироте дар вазъияти занон падид овардааст. Дар ин даврон занон аз баъзе анвои корҳо, бахусус аз корҳои тахассусӣ манъ шудаанд ва бархе ҳуқуқи қонунии пешини худ дар заминаи моликиятро аз даст доданд. Аз сӯйи дигар, мардон ба имтиёзоти тоза даст ёфтанд ва дар қаламрави умумӣ мабнои иқтидори фаровон барои худ эҷод карданд, ки занонро ба онҳо роҳе набуд. Бинобар ин, фурӯдастии занон дар ҷомеаҳои сармоядорӣ, маҳсули мантиқии сармоядорӣ ё мардсолорӣ нест, балки натиҷаи ҷобаҷойии имконоти иқтидори мардона аст, ки ба далели густариши сармоядорӣ ва хурд шудани иқтисоди хонагӣ рӯй медиҳад. Илова бар ин, фарқияти миёни арсаи умумӣ ва хусусӣ на танҳо ба суди сармоядорӣ аст, балки ба мардон низ фоида мерасонад, чунки аз кори ройгони занон ҳам мардон ва ҳам сармоядорон фоида мебаранд [29]. Табақаи ҳоким ва мардон ҳарду занонро зери идораи худ доранд [30]. Бинобар ин, раҳоии занон танҳо дар сурате таҳаққуқ меёбад, ки тақсими кори ҷинсӣ дар ҳамаи қаламравҳо аз миён биравад ва ин ба маънои поён додан ба шакле аз робитаҳо аст, ки мардумро ба коргар ва сармоядор ва ба зану мард тақсим мекунад [31].

Ба ин тариқ феминистҳои сотсиалист тасвире аз созмони иҷтимоиро тасвир мекунанд, ки дар он сохторҳои иҷтимоии калон мисли иқтисод, сиёсат ва идеология бо падидаҳои иҷтимоии сатҳи хурд мисли инсон, умури хонагӣ, ҷинсият ва зеҳният барои ҳифзи як низоми тасаллути чандҷониба куниши муқобила барқарор мекунад, барои ҳамин феминистҳои сотсиалистӣ дар садади таҳлили ҳар ду сатҳ ҳастанд [32]. Барномаи онҳо барои дигаргунӣ ин аст, ки гурӯҳҳои ситамдидаи мавриди баррасиро дар ин кашф шарик созанд, то худи онҳо амал дар ҷиҳати озодсозии дастаҷамъиашонро ёд бигиранд [33].

Аз миёни навъҳои назароти феминистӣ чаҳор навъи назарияе, ки дар ин навиштор мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, рӯйкарди ҷомеашиносона ба масоили занон доштааст ва ба омилҳои иҷтимоӣ муассир бар вазъияти занон таваҷҷуҳ кардаанд, аммо ҳар кадом аз манзари мутафовут ба табйини вазъият пардохтанд ва омилҳои мухталиферо муҳим донистаанд. Мутолиаи дақиқи ин назариёт ба пажӯҳишгарони масоили занон кӯмак мекунад, то бо интихоби як чорчӯби назарии муносиб, фарзиясозии дақиқ, омилҳои муассири матраҳшуда дар ин назариётро дар ҷомеаҳои омории мутафовуте озмун намоянд ва роҳкорҳои муассире дар ҷиҳати беҳбуди вазъияти занон ироа диҳанд.

## АДАБИЁТ


1. Ҷорҷ Ритзер. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. Теҳрон: Интишороти илмӣ,1374, саҳ. 464.
2. Ҳамон ҷо, саҳ. 464.
3. Ҳамон ҷо, саҳ. 460.
4. Ҳамон ҷо, саҳ. 514.
5. Ҳамон ҷо. Сах. 469.
6. Ҳумайро Муширзода. Феминизм аз ҷунбиш то назарияи иҷтимоӣ. Теҳрон: Интишороти мутолиоти занон, 1376, чопи аввал, саҳ.239
7. Клейр Волос ва Помло Убут. Ҷомеашиносии занон. Тарҷумаи Манижаи Наҷмӣ ироқӣ. _ Теҳрон: Нашри най, 1387, чопи панҷум, саҳ.287
8. Ҳамонҷ, саҳ.28
9. Ҳамон ҷо, саҳ.239
10. Ҳорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Салосӣ. Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374, саҳ. 520.
11. Engels, Friedrich. The origions of the family. Private property and the state. New York. International Publishers. 1884, p.87.
12. .Ҷорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374, саҳ. 475-476.
13. Ҳумайро Маширзода. Феминизм аз ҷунбиш то назарияи иҷтимоӣ. Теҳрон: Интишороти мутолиоти занон. 1376, чопи аввал, саҳ. 247.
14. Ҷорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374, саҳ. 475.
15. Ҳамон ҷо, саҳ. 474-475.
16. Ҳумайро Маширзода. Феминизм аз ҷунбиш то назарияи иҷтимоӣ. Теҳрон: Интишороти мутолиоти занон. 1376, чопи аввал, саҳ. 240.

17. Ҳамон ҷо, саҳ. 239.
18. Ҷорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Салосӣ. Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374, саҳ. 520.
19. Engels, Friedrich. The origions of the family. Private property and the state. New York. International Publishers. 1884, p.87.
20. Клейр Волс ва Помела Абот. Ҷомеашиносии занон. Тарҷумаи Манижаи Наҷми Ироқӣ. -Теҳрон: Нашри най, 1387, чопи панҷум, саҳ. 291-292.
21. Luxemburge. Rosa. Women`s suffering and class struggle. In D.Howard (ed), Selected Political Writings. New York: 1971, Monthly Review Press, pp. 219-220.
22. Mackinon Catherine. Feminism, Marxism, method and state: An Agenda for theory. In N.O. Keohane et al. (eds) Feminist Theory: A Critique of Idelogy. Chicagoo University of Chicago press. 1982, p. саҳ. 8.
23.Клейр Волс ва Помела Абот. Ҷомеашиносии занон. Тарҷумаи Манижаи Наҷми Ироқӣ. -Теҳрон: Нашри най, 1387, чопи панҷум, саҳ. 290.
24.Ҳумайро Муширзода. Феминизм аз ҷунбиш то назарияи иҷтимоӣ. Теҳрон: Интишоротии [1]Carden M.L. The new Feminist Movement. New York: Russet sage. 1974, p. 46.
мутолиоти занон. 1376, чопи аввал, саҳ. 266
25.Ҷорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374, саҳ. 489-490.
26.Ҷорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374, саҳ. 490.
27.Ҳумайро Муширзода. Феминизм аз ҷунбиш то назарияи иҷтимоӣ. -Теҳрон: Интишоротии мутолиоти занон. 1376, чопи аввал, саҳ. 267.
28.Ҷорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Салосӣ. -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374,саҳ. 491.
29.Ҷорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374, саҳ. 492.
30.Клейр Волс ва Помела Абот. Ҷомеашиносии занон. Тарҷумаи Манижаи Наҷми Ироқӣ. -Теҳрон: Нашри най, 1387, чопи панҷум, саҳ. 297.
31.Ҷорҷ Ритзар. Назарияҳои ҷомеашиносӣ дар даврони муосир. Тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374, саҳ. 492.
32.Клейр Волс ва Помела Абот. Ҷомеашиносии занон. Тарҷумаи Манижаи Наҷми Ироқӣ. -Теҳрон: Нашри най, 1387, чопи панҷум, саҳ. 297
33.Клейр Волс ва Помела Абот. Ҷомеашиносии занон. Тарҷумаи Манижаи Наҷми Ироқӣ. -Теҳрон: Нашри най, 1387, чопи панҷум, саҳ.299.

**ВЗГЛЯД НА КАТЕГОРИИ ФЕМИНИСТКОЙ ТЕОРИИ**

Среди теорий, которые представлены в области женских исследований: либеральная, марксистская, радикальная и социальная имели социологический подход к проблемам женщин и их эмансипации, и являлись социально эффективными факторами, влияющими на положение женщин. Именно в поисках ответов на реальные вопросы, касающиеся статуса женщин в обществе, теоретики феминизма, не удовлетворенные традиционной социальной наукой, стали формулировать и свои теоретические претензии к традиционному западному знанию, и новые теоретико-методологические подходы к анализу культуры. Статья посвящена изучению данной проблемы.

Ключевые слова: феминизм, эмансипация женщин, теории феминизма, либеральный феминизм, радикальный феминизм, марксиситский феминизм, социалистический феминизм.

**LOOK AT THE CATEGORY OF FEMINIST THEORY**

Among the theories, which are presented in the field of women's studies: liberal, Marxist, radical social and had a sociological approach to the problems of women and their emancipation, and were socially efficient factors affecting the situation of women. It is in search of answers to real questions relating to the status of women in society, the theorists of feminism, not satisfied with the traditional social science, began to formulate and their theoretical claims to the traditional Western knowledge, and new theoretical and methodological approaches to the analysis of culture. The article is devoted to the study of this problem.

**Key words:** feminism and emancipation of women, the theory of feminism, liberal feminism, radical feminism, марксиситский feminism, socialist feminism.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Олдуз Табрези*** –соискатель Института философии АН РТ

# ПОЛИТИЧЕСКАЯ СОЦИАЛИЗАЦИЯ ЖЕНЩИН И НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПОСТРОЕНИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Д. Джонназарова, Р.Салихджанов***
**Институт экономики и торговли ТГУК**

Любое теоретическое исследование начинается с определения позиции автора по интерпретации ключевых понятий, с помощью которых раскрывается содержание рассматриваемой проблемы. Следуя этой логики, прежде всего, определимся понятиями, которыми, мы оперируем в рамках данной статьи. Как вытекает из заглавия статьи, ключевыми понятиями в данной статье являются «социализация», «политическая социализация» и «гражданское общество». Попытаемся через призму этих категорий выявить особенности процесса политической социализации женщин в трансформирующемся таджикском обществе во взаимосвязи с некоторыми вопросами построения гражданского общества в Республике Таджикистан.

Термин «социализация» многозначен, и его интерпретация многими авторами не совпадает. История данного термина в разных источниках предстает в разных вариациях. В общепринятом варианте **социализация** (от лат. socialis — общественный), *процесс усвоения человеческим индивидом определенной системы знаний, норм и ценностей, позволяющих ему функционировать в качестве полноправного члена общества; включает как целенаправленное воздействие на личность (воспитание), так и стихийные, спонтанные процессы, влияющие на ее формирование.* [1]

Политическая социализации является одной из сторон общей социализации личности. Понятие «политическая социализация» был введен в социально-политическую науку в конце 50-х гг. XX века американским политологом Г.Хайменом. Данный автор, понятие «***политическая социализация»*** *определяет как многоуровневый процесс усвоения человеком ценностей и норм, ведущих к формированию у него качеств и свойств, позволяющих ему адаптироваться в конкретной политической системе и выполнять политические роли и функции.* [2]

Исследователи, в целом дополняя друг друга в определениях, вместе с тем расходятся во мнениях о процессе политической социализации. Расхождение, прежде всего, возникает в выборе объекта исследования. Большое внимание уделяется исследованию специфики процесса политической социализации в отдельных странах, на разных этапах их экономического, социально-политического и духовного развития.

Анализ литературы показывает, что процесс политической социализации осуществляется двумя основными путями. **Первый путь** состоит в передаче новым поколениям сложившихся образцов политического сознания и политической культуры, т.е. в передаче политического поведения старшего поколения к подрастающему поколению. В этом случае процесс политической социализации носит отчасти консервативный оттенок, ибо в сознание молодого поколения внедряются те ценности, нормы и образцы поведения, которые уже освоены опытом прошлого. Как подчеркивает М. Штирнер: "Самых юных, толпами гонят учиться, с тем, чтобы они смогли выучить наизусть старые ритуалы, и когда они усваивают многословие старших, их объявляют взрослыми" [3]**.** В качестве основных агентов политической социализации в данном случае выступают такие социальные институты, как семья, школа, религиозные организации и т. д.

**Другой путь** политической социализации связан с приобретением личностью новых, ранее неизвестных политических знаний, с усвоением нового политического опыта. Это происходит в процессе участия индивида в политической жизни страны, а также под воздействием разных факторов. Оба этих пути политической социализации в реальной жизни тесно переплетаются, взаимодополняют друг друга, обеспечивая стабильность политической системы. В условиях кризисного, переходного состояния общества, при смене типов политической культуры возникают серьезные проблемы сохранения и передачи политического опыта, преемственности политических институтов, норм и ценностей. Именно эта тенденция наблюдается сегодня в Таджикистане. В стране одновременно изменились и политическая, и экономическая системы, возник идеологический вакуум, подверглись глубокой коррозии базовые социокультурные ценности. Таджикистан существует теперь в новых границах, ее экономический

потенциал после распада СССР заметно изменился. Это ложится тяжелым бременем на плечи миллионов таджикистанцев. Обнищание значительной части населения, ослабление законности и правопорядка, рост преступности, произвол и коррупция чиновников в значительной степени подрывают уважение граждан к существующим политическим институтам и лидерам.

Эти и другие проблемы переходного периода значительно затруднили процесс политической социализации населения республики, особенно женщин. Процесс усвоения качественно новых политических ценностей особенно актуализируется в условиях трансформации общества, ибо происходящие здесь изменения сопровождаются, не только ломкой старых политических отношений, но и установлением качественно новых ценностей и «правил игры», которые существенно меняют роль и место человека в системе политических отношений. Новые политические реалии, предоставляя человеку свободу выбора, вместе с тем, требуют от него высокого уровня политического сознания, политической и общей культуры, гражданской ответственности и патриотизма. По существу человек, освободившийся от «тисков» политического единообразия, заново учится жить в условиях политического плюрализма, т.е. проходит школу адаптации к новым социально – политическим условиям. В этом отношении общественно – политическая жизнь трансформирующегося таджикского общества не является исключением. В Таджикистане эта проблема особенно актуализировалась применительно к участию женщин в общественно – политической жизни страны. Видимо, актуальность связана с тем, что традиционно в странах Центрально Азиатского региона, в том числе в Таджикистане, очень долгое время на женщин смотрели как на хранительницу домашнего очага (домохозяйки), где она в буквальном смысле была отключена от участия в общественно – политической жизни социума. В условиях независимости и суверенитета сложившаяся новая политическая ситуация привела к ликвидации монополия государства на обеспечение гендерного равенства, и женщины оказались в открытой среде совершенно иными условиями в отношении равенства в пространстве, богатыми возможностями, но и не лишенных опасностей. Переходный период лишил женщин части их прежних достижений в сфере занятости и социального обеспечения.

Достижение реального равноправия участие женщин в политической жизни - это долгосрочный процесс, в ходе которого должны претерпеть существенные изменения - социальные, культурные, политические и экономические нормы общества. В связи с этим необходимо активное подключение науки к разработке таковой политики, т.к. женщины, работающие в государственном управлении, как реальность современного общества не стали предметом пристального социологического анализа. На наш взгляд, такой анализ крайне важен сейчас, когда общественно-политическая ситуация в стране требует консолидации всех прогрессивных сил нации, классов, социальных групп и слоев общества

Президент Республики Таджикистан в своих выступлениях и научных трудах[4]. постоянно акцентирует на культурно-исторические особенности статуса женщин в таджикском обществе. Высоко оценивая их место и роль в политической жизни общества, он подчёркивает: «Общество, которое заботится о женщине-матери, обеспечивает своё будущее. Государство, которое не заботится о женщине - продолжателей жизни, - не имеет будущего. Важнейшим условием решения гендерных проблем в обществе является активный диалог и социальное партнёрство государственных структур, общественных объединений и неправительственных организаций, так как они являются связующим звеном между государством и гражданским обществом» [5].

Однако исследование вопросов теории и практики роли женщины в государственном управлении ещё не получило должной научной разработки. В социологической и политической литературе проблемы участия женщин в политической жизни общества и женского предпринимательства рассматривались лишь в самой общей постановке вопроса. В таджикской социологической и политической литературе изучение социальной группы женщин в политической жизни общества, а также предпринимателей только начинается. Хотя следует заметить, что существует ряд работ, в которых рассматриваются некоторые аспекты роли женщин в обществе. К таковым можно отнести работы Т. Р. Абдушукуровой и Т. Н. Бозриковой [6], Г. Бобосадыковой [7], М.К.Гафаровой [8], Л. Додхудоевой [9], Р. Зоирова [10], А. Куватовой [11], Ш. Хакимова [12], Ш. Шоисматуллоева [13], З. Исаевой [14], А. Касымовой [15] и ряда других.

Однако, в большинстве этих работах проблема женщин рассмотрена в основном в контексте занятости, безработицы, миграции и бедности. Что касается вопроса политической социализации женщин в условиях построения правового, демократического и гражданского общества, то она остается не достаточно исследована.

Трансформация таджикского общества определила качественно новые задачи теоретического осмысления и конкретизации важнейших аспектов деятельности по социализации и адаптации женщин к новым политическим реалиям. В рамках данной статьи, перед собой авторы поставили задачу анализировать данную проблему именно в ракурсе адаптация женщин к новым политическим условиям.

Очевидно, что достижение гендерного равенства является важной частью той стратегии развития, которая призвана дать возможность и право всем людям - будь то женщины или мужчины - избежать нищеты и повысить жизненный уровень. Сегодня во всех сферах общества, с учетом частного сектора, работают 1 млн. женщин и девушек, что составляет 45 %. Сейчас в сфере здравоохранения работают 55 тысяч человек, из них 44 тысяч женщин, а в сфере образования трудовой деятельностью заняты 52 тысячи женщин. Увеличилось число женщин пользующихся банковскими кредитами. Если в 2006 г. их число составляло 55 тысяч женщин, и они получили кредит на сумму 168 млн., то в 2011 году эти цифры соответственно составили 103 и 521млн. [16] Этому процессу содействует и выделение президентских грантов. Так, только за 5 месяцев 2012 года банковскими кредитами воспользовались более 21 тысяч женщин ,а также около 20 тысяч других женщин прошли краткосрочные курсы [17].

Мушовири фанни география Ғуломнабиев Д. нақши методикаи таълимдиҳиро дар инкишофи шахс мавриди таҳлил қарор дод. Рисолаи эшон дар мавзӯи "Ташкили дарсҳои ғайримуқаррарӣ ҳамчун омили инкишофи шахс дар дарсҳои география" чун маводи методӣ барои омӯзгорон химат карда истодааст.

Кормандони Донишкада Аҳмадбекова А., Парпишоев К. мавзӯъҳои хешро ба рушди маърифатҷӯии хонандагон бахшидаанд. Дар фаъолияти онҳо проблемаи тарбияи кӯдак, талаботу шавқи маърифатҷӯии хонандагон мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Парпишоев К. дар мавзӯи "Инкишофи қобилияти маърифтаҷӯии хонандагон дар дарси таърихи халқи тоҷик" рисолаи номзадӣ дифо намуд ва Аҳмадбекова А., Девлохова О., Қурбонов Ғ., Саидиброҳимов Ш., Зоолшоева Б.

Хушназарова М., айни замон корҳои илмиашонро давом дода истодаанд.Ғайр аз ин, муаллифон вобаста ба мавзӯъҳои хеш модулҳои таълимиро барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон тайёр намудаанд, ки онхо имрӯз дар кулли ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Фаъолияти босамари илмию тадқиқотии кормандони Донишкада дар таҳияи китобҳои дарсӣ боиси қаноатмандист. Бо даъвати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Точикистон кормандони Донишкада Ҷонмирзоев Э., Зоолшоева , Бурҳонов Б., Аҳмадбекова А., Дорғабеков З. ба таҳияи китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ ҷалб гардиданд. Корманди Донишкада Додихудоев А. дар ҳамкорӣ бо омӯзгори ноҳияи Шуғнон Меҳмонов Н. китоби дарсии "Асосҳои таълими информатика" – ро барои синфи 11-ум тайёр намуданд, ки он бо тавсияи мушовараи Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардид.Бо кӯшиши мушовирони Донишкада луғати сезабонаи англисӣ - тоҷикӣ – русӣ тартиб дода шуд, ки ба забономӯзии кӯдакони синни хурди мактабӣ кӯмак хоҳад кард. Мушовири синфҳои ибтидоӣ Ширинхонова М. ба қатори муаллифони "Барномаи омодагии томактабии кӯдакони 5 – 7 (6)" сола дохил шуд ва ин барнома низ аз тарафи мушовараи Вазорати маориф тасдиқ гардид.

Ҷанбаи дигари фаъолияти Донишкада ҳамкории доимӣ бо Вазорати маориф ва Созмонҳои байналхалқӣ мебошад, ки дар соҳаи маориф кор мекунанд. Бо дастуру супоришҳои Вазорати маориф кормандони Донишкада дар тайер намудани маводи курсу семинарҳои "Фонди каталитикӣ", (FTA – 1, FTA – 2) саҳм гирифтанд. Кормандони Донишкада бо даъвати Созмонҳои байналхалқӣ - Фонди Оғохон, "Наҷоти кӯдакон", Таълими босифат (QLP- USAID) ва дигарон курсу семинарҳоро доир мекунанд. Ҳоло фаъолияти Донишкада оид ба такмили ихтисоси муаллимони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон идома дорад. Аллакай бахшҳои синфҳои ибтидоӣ ва синфҳои болоӣ (фанҳои дақиқ) фаъолияти хешро оғоз намуда, муваффақиятҳои назаррасро соҳиб гаштаанд. Кормандони Донишкада аз ҳисоби омӯзгорони эҷодкор тренерҳо тайёр намуда, дар корҳои методии мактабҳо истифода мебаранд. Донишкада тасмим гирифтааст, ки дар асоси Консепсияи миллии таҳсилот ва Қонун "Дар бораи маориф" Стратегияи фаъолияти худро вусъат диҳад ва дар инкишофи маорифи Тоҷикистон саҳми босазо гузорад.

## АДАБИЁТ


1. Аз таърихи маорифи Ҷумҳурии Точикистон, http://www.education.tj/aztarihimaorif.htm
2. Суханронии Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон А.А. Раҳмонов **аз** 28 маи соли 2009 дар назди намояндагони сафоратхонаҳои хориҷӣ, донорҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ. ш. Душанбе, http://www.education.tj
3. Выготский Л.С. Психология развития человека**,** Москва , Мысл, 1995.
4. Пиаже Ж. Избранные психологические труды. — М., 1994.
5. Г. Гарднер «Чорчӯбаи ақл: назарияи гуногунии зеҳни инсон» 1983
6. Dewey J. Democracy and Education, An Introduction to Philosophy of Education N. Y 1916.
7. Dewey J. Experience and Education. 1948.
8. Dewey J. Experience and Education. 1948.
9. Шарифзода Файзулло, Актуальные проблемы современной педагогики,Д., Ирфон,2009 (первая книга).
10. Шарифзода Файзулло, Актуальные проблемы современной педагогики, Д., Ирфон, 2009 (вторая книга).
11. "Заминаҳо ва таҳлили проблемаҳои асосии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"Хоруғ, 2001
12. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте: Психологический очерк. М., 1967


## ОРГАНИЗАЦИЯ НАУЧНО-ССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ РАБОТ И ИХ РОЛЬ В УСОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ УЧИТЕЛЕЙ


В данной статье автором рассматривается проблема организации научно-исследовательских работ среди учителей и их роль в усовершенствовании профессионального образования учителей средних школ. Также особое внимание уделяется деятельности Института усовершенствования профессионального образования Горно-Бадахшанской Автономной Области (ГБАО).



**Ключевые слова:** обучение, воспитание, педагогический коллектив, Институт усовершенствования профессионального образования Горно-Бадахшанской Автономной Области (ГБАО) , организация научно-исследовательских работ среди учителей.


## THE ORGANIZATION OF RESEARCH WORKS AND THEIR ROLE IN IMPROVEMENT OF VOCATIONAL TRAINING OF TEACHERS


In given article the author considers a problem of the organization of research works among teachers and their role in improvement of vocational training of teachers of high schools. Also the special attention is given to activity of Institute of improvement of vocational training of mountain-Badahshan Autonomous region (MBAR).

**Key words:** training, education, pedagogical collective, Institute of improvement of vocational training of mountain-Badahshan Autonomous region (MBAR), the organization of research works among teachers

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Дж. Булбулов*** **-** директор Института усовершенствования профессионального образования ГБАО. ТЕЛЕФОН: **93-500-62-43**

## ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

***М.М.Рахимов***
**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

Высшее профессиональное образование - важнейший социально- государственный институт, выполняющий функцию подготовки молодого поколения к решению в будущем профессиональных задач в определенной области деятельности, предполагающий достаточно высокий уровень сформированности различных умений и навыков, а также способности непрерывно их совершенствовать.

По мнению А.М. Новикова, профессиональное образование для каждого отдельного человека выступает в двух ипостасях:- как средство самореализации, самовыражения и самоутверждения личности, поскольку в наибольшей мере человек раскрывает свои способности в труде; - как средство устойчивости, социальной самозащиты и адаптации человека в условиях рыночной экономики, как его собственность, капитал, которым он распоряжается или будет распоряжаться на рынке труда.

К основным тенденциям развития высшего образования А.А. Вербицкий относит: все более глубокое осознание каждого образовательного уровня как органической части системы непрерывного образования, решение проблемы преемственности различных ее ступеней; компьютеризация и технологизация обучения; переход от информативных к активным методам и формам обучения с включением в деятельность обучающихся элементов проблемности, научного поиска, разнообразных форм самостоятельной работы; переход от школы воспроизведения к школе понимания, школе мышления; переход к активизирующим, развивающим, интенсифицирующим, игровым способам организации учебного процесса; переход к такой организации взаимодействия педагога и обучаемого, при которой акцент переносится с обучающей деятельности преподавателя на познающую деятельность обучаемого.

В связи с этим с очевидностью следует, что развитие образования в решающей степени изменяет роль и статус преподавателя и обучаемого. Последний все больше удаляется от позиции объекта обучения, становясь подлинным субъектом образовательного процесса. С.Д. Смирнов отмечает, что если перед преподавателем и стоит задача направленно воздействовать на обучаемого, то именно в направлении повышения его самостоятельности в выборе содержания и форм обучения, формирования у него навыков самостоятельной учебной деятельности, создания такого климата, в котором бы студенты сознательно стремились к овладению новыми знаниями, к повышению уровня своей профессиональной квалификации и общей культуры.

Высшее техническое образование по праву признается одной из наиболее развитых, масштабных и авторитетных областей образовательной системы, а подготовка научно - технических и инженерных кадров - ключевым фактором социально- экономического развития страны.

В современных условиях на смену прежнему образу естественнонаучной картины мира и образу техносферы приходит новый образ, синтезирующий первое и второе как предпосылку новых интегрирующих видов деятельности.

В новых условиях производству требуются специалисты с высоким уровнем профессиональной подготовки, умеющие решать как стандартные, так и нестандартные задачи проблемного характера. Выпускнику вуза должны быть присущи профессиональная компетентность, инициативность, коммуникабельность, творческое мышление, самостоятельность. Эти качества являются важнейшими критериями оценки уровня подготовки.

В последнее десятилетие под эгидой ЮНЕСКО разработаны требования к подготовке кадров 21 века. Эти требования созданы наиболее авторитетными международными организациями FEANI (Европа) и ABET (Северная Америка), а также

национальными профессионально- общественными организациями. В интегрированном виде перспективные требования к подготовке кадров 21 века выглядят следующим образом:устойчивое, осознанное и позитивное отношение к своей профессии; избранной сфере деятельности, стремление к постоянному личностному и профессиональному совершенствованию и развитию своего интеллектуального потенциала; высокая профессиональная компетентность, овладение всей совокупностью необходимых в трудовой деятельности фундаментальных и специальных знаний и практических навыков; владение методами моделирования, прогнозирования и проектирования, а также методами исследований и испытаний, необходимыми для создания новых интеллектуальных ценностей и материальных продуктов; развитая способность творческого подхода к решению профессиональных задач, умение ориентироваться в нестандартных условиях и нештатных ситуациях, анализировать возникающие проблемы, самостоятельно разрабатывать и реализовывать план необходимых действий; владение методами технико-экономического анализа с целью его рационализации, оптимизации и реновации, а также методами экологического обеспечения производства и инженерной защиты окружающей среды; высокая коммуникативная готовность к работе в профессиональной (производственной, научно-технической, информационной) и социальной среде; понимание тенденций и основных направлений развития науки и техники, научно-технического прогресса в целом, его влияния на окружающую среду, его влияния на жизнедеятельность человека и общества; целостность мировоззрения, ориентация на здоровый образ жизни личности специалиста как представителя относящейся к интеллигенции социально - профессиональной группы.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Зверева Н.М. Как активизировать обучение в вузе? - Горький, 1989. - 73 с.
2. Нейматов Я.М. Образование в 21 веке: тенденции и прогнозы. -М.: Алгоритм, 2002. - 480 с.
3. Попков В.А., Коржуев А.В. Теория и практика высшего профессионального образования. - М.: Академический проект, 2004. -432 с.
4. Леднев В.С. Содержание образования: сущность, структура, перспективы. -М.: Высшая школа.-1991. - 224 с.


**ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ**


Высшее профессиональное образование - важнейший социально- государственный институт, выполняющий функцию подготовки молодого поколения к решению в будущем профессиональных задач в определенной области деятельности, предполагающий достаточно высокий уровень сформированности различных умений и навыков, а также способности непрерывно их совершенствовать. В данной статье автор рассматривает основные тенденции развития высшего профессионального образования.



**Ключевые слова:** высшее профессиональное образование, умения и навыки, развитие вышего профессионального образования, профессиональная среда, решение профессиональных задач.


**TENDENCIES OF DEVELOPMENT OF HIGHER EDUCATION**


Higher education - the major social the state institute which is carrying out function of preparation of young generation to the decision in the future of professional tasks in certain sphere of activity, assuming rather high level of formation of various skills, and also abilities continuously to improve them. In this article the author considers the main tendencies of development of higher education.



**Key words:** higher education, skills, development of vyshy professional education, professional environment, solution of professional tasks.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***М.М. Рахимов*** - преподаватель КТГУ им. Носира Хусрава


## БАРТАРИЯТҲО ВА МАҲДУДИЯТҲО ДАР ОМӮЗИШИ МАҶОЗӢ


***Алиризо Иброҳимпур, Шаҳроми Баёзии Каллакободӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Имрӯз истифода аз роёна зиндагии башарро дар тамомии вуҷӯҳ дигаргун сохтааст. Мутолиоти анҷомшуда дар иртибот бо барномаҳои тавсеаи ағлаби кишварҳо нишондиҳандаи меҳварӣ будани нақши фановарии иттилоот ва иртиботот дар ин гуна барномаҳост. Фановарии иттилоотро метавон абзоре нерӯманд ва қавӣ барои иртиқои кайфият ва корoии омӯзиш мавриди истифода қарор дод, ба гунае ки шеваҳои суннатии омӯзишро дастхуши тағйир қарор диҳад ва дигар ниёзе ба ҳузури физикӣ дар клосҳои дарс набошад. Башар ҳамвора дар тӯли зиндагии худ дар ҳоли

фарогирӣ ва касби дониш буда, бо густариши фановарӣ мақулаи омӯзиш низ аз он бебаҳра намонда, гом ба гом бо фановариҳо ҳамоҳанг ва тақвият шудааст. Бинобар ин, таҳсил кардан яке аз ниёзҳои асосии инсон аст. Ва бадеҳӣ аст, ки барои зиндагӣ дар ҷомеаи пешрафтаи имрӯз, ки иттилоот лаҳза ба лаҳза дар ҳоли тағйир ва пешрафт аст, инсон бехабар аз ин тағйирот инсоне бесубот ва ҷудомонда аз ҷомеа маҳсуб мешавад. Аз тарафи дигар, бо афзоиши ҷамъият ҷомеа наметавонад посухгӯи тамомии афрод ба омӯзиш бошад. Бинобар ин, бояд роҳбурде ёфт, ки бо камтарин ҳазина, омӯзиш барои ҳамагон муяссар шавад. Агар то дирӯз омӯзиш танҳо аз муаллимон ва мураббиён суд мебурд ва китоб ба унвони аслитарин манбаи иттилоотӣ дар амри омӯзиш маҳсуб мешуд, имрӯза омӯзиш бо абзорҳо ва муҳитҳои ҷадиди иртиботӣ рӯ ба рӯ шудааст. Омӯзиш аз роҳи дур, бавижа ба кумаки роёна посухе муносиб ба ин ниёз маҳсуб мешавад, ки ин худ яке аз мазоёи ғайриқобили инкори ин шеваи омӯзиш ба шумор меравад. Бадеҳӣ аст, ки ин гуна омӯзиш ҳанӯз ҳам дорои нуқсҳо ва камбудҳоест ва бояд гом ба гом бо мутолиа ва баррасии арзишёбии он дар ҷиҳати рафъи онҳо кӯшид. Албатта, омӯзиши маҷозӣ аз тариқи Интернет бо омӯзиши электроникӣ дар Эрон санъате навпо дар технологияи омӯзиш аз роҳи дур аст. Бинобар ин, марокизи омӯзишӣ, бавижа донишгоҳҳо, дар талошанд, то ҳарчи зудтар омӯзишҳоро бо сохтори стандарт ва муносиб ироа диҳанд.

Омӯзиши маҷозӣ ва таърихчаи он. Дунёи имрӯз дунёи илм, дониш ва иттилоот аст ва пешрафти ҳар ҷомеа бар пояи густариши иттилоот ва мубодилаи дониш аст. Ин тағйирот мунҷар хоҳад шуд, ки таорифи муҷаддаде барои нақша, ниёзҳо ва таваққуоти донишҷӯ, донишкада ва аъзои ҳайати илмӣ эҷод шавад ва сохтору амалкардҳои донишгоҳ дучори тағйироти бунёдин шавад. Маҳдудаҳо ва ҳитаҳои физикии омӯзиш ва ёдгирӣ ҳаммонанди деворҳои донишгоҳ ва клос аз байн рафта, арзаву ёдгирии дониш дар ҳар нуқта мумкин хоҳад шуд. Интернет дар арсаҳои омӯзишӣ чолишҳои ҷадидеро эҷод кардааст ва истифода аз замима ва зерсохти муносиби Интернет барои омӯзиш тайи солиёни охир мавриди истиқбол қарор гирифтааст. Омӯзиши электрикӣ, омӯзиши мубтанӣ бар компютер, омӯзиши мубтанӣ бар ВАБ намунаҳои интихобшуда барои равишҳои ҷадиди омӯзишӣ мебошанд. Бо дар назар гирифтани таърифи фавқ, омӯзиши маҷозӣ фароянд ва абзори интиқоли дониш ба сӯйи ёддиҳӣ- ёдгирӣ бо як шеваи навин бо мазоёи нисбӣ аст.

Донишгоҳи маҷозӣ аз муҳити баҳрагирӣ аз абзорҳои чандрасонаии муносиб ва бо дорои зерсохти иртиботии муносиби ироадиҳандаи хадамоти омӯзиши электрикӣ иборат аст. Ба гунае ки маъмулан ниёзе ба макони физикӣ ба шакли донишгоҳи суннатӣ надорад ва донишҷӯён қодиранд аз ҳар макон ва дар ҳар замоне ки моил бошанд, аз бисёре аз хадамоти ироашуда, назири дарсҳои электрикӣ ва ё арзёбии электрикӣ истифода кунанд. Дарвоқеъ, донишгоҳи маҷозӣ як системаи мустақил ҷиҳати ироаи хадамоти электрикӣ ва бо баҳрагирӣ аз фановариҳои навини иттилоотӣ ва иртиботӣ аст. Дар ин система абзоре дар ихтиёри устод қарор мегирад, ки аз тариқи он метавонад иттилоот ва дониши худро бо камтарин ҳазина ба наҳви матлубе дар қолиби муҳтавиёти чандрасонаӣ ба сурати электрикӣ тавлид кунад. Илова бар ин наҳваи омӯзиш, арзёбӣ ва санҷиш дар ин системаи пешбинӣ шуда, мудирияти омӯзишӣ аз тариқи Интернет қобили пиёдасозӣ аст. Ба тавре ки шавоҳид нишон медиҳанд, омӯзиши ғайриҳузурӣ, дарвоқеъ, бо омӯзиши мукотибаӣ дар авосити даҳаи 1800 милодӣ оғоз шудааст. Ҳамакнун низ дар нуқоти мухталифи дунё, аз ҷумла Эрон, аз ин шеваи омӯзиш барои таҳсил ва ёдгирӣ истифода мешавад. Ҳамон собиқаи баҳрагирӣ аз омӯзиши ғайриҳузурӣ мубтанӣ бар фановарӣ ба авоили даҳаи 1800 милодӣ бозмегардад. Абзорҳое монанди слайд ва тасовири мутаҳаррик бо тавлиду тавсиаи васоили самъӣ ва басрӣ ба унвони абзори кумаки омӯзиш ба клоси дарс роҳ ёфт ва зуҳури санъати телевизион нуқтаи атфӣ дар раванди такмилии омӯзиш аз роҳи дур падид овард.

Дар сайри таквини омӯзиш ва омӯзиш аз роҳи дур ҳамзамон бо тағйири шакл аз мутуни навишторӣ ба телевизион омӯзишӣ, таҳаввули бузурге мушоҳида мешавад. Аввалин шакли омӯзиши аз роҳи дур дар Урупо ба сурати давраҳои мукотибаӣ оғоз шуд. Ин шакл аз омӯзиш то авосити қарни ҳозир ба сурати матлуб пазируфта шуда буд, то замоне ки родию ва телевизиони омӯзишӣ ба шуҳрат расид. Ашколи асосии омӯзиш аз тариқи родио ва телевизион, адами вучуди иртиботи дуҷониба байни устод ва фарогир буд. Замоне ки фановарии иртиботии муассир қобили дастёбӣ шуд, ба василаи фарогирон ин низоми омӯзишӣ мавриди истифода қарор гирифт. Дар

ҳоли ҳозир маъруфтарин абзори иртиботии роёнаӣ иборатанд аз почтаи электрикӣ, бо истифода аз таблоҳои конференсҳои тасвирӣ, бо истифода аз як ё ду видио ва истимои дутарафа аз тариқи забти савти кобили телефон, кобили нурӣ, моҳвора.

Мазоёи омӯзиши маҷозӣ. Омӯзиши электрикӣ нисбат ба омӯзиши суннатӣ дорои мазоёи умдае аст. Инъитофпазирӣ ва ҳазфи тараддудҳои бемаврид ва пурҳазина барои ширкат дар давраҳои омӯзиш, аз муҳимтарини онҳо ба шумор меояд. Аммо, ин омӯзиш дорои мазоёи дигаре низ ба шарҳи зер мебошад:

- ҳазинаи баргузории давраҳои омӯзиши электрикӣ нисбат ба омӯзиши электрикӣ гарон набуда, ва бо истифода аз нармафзорҳо ва абзорҳои мавҷуд метавон иқдом ба баргузории ин давраҳо намуд;
- фарогирони қодир ба танзими оҳанги ёдгирӣ бо таваҷҷуҳ ба шароити худ ҳастанд. Аксари барномаҳои омӯзиши электрикиро метавон дар замони ниёз ба он истифода кард;
- суръати фарогирии омӯзиши электрикӣ нисбат ба омӯзиши суннатӣ ба маротиб бештар буда, ҳадди ақал 50 % беҳбуд ва суръатро ба дунбол хоҳад дошт;
- омӯзиши электрикӣ аз паёмҳои якнавохт барои барқарории иртибот бо мухотиб истифода мекунад;
- омӯзиши электрикӣ аз мутағайирҳои замону макон мустақил аст;
- вақте матолиб ба сурати матн, тасвир, садову ҳаракат ироа мешавад, дигар ниёзи камтаре ба ёддоштбардорӣ бо коғаз ва қалам аст, ки худ боиси сарфаҷӯӣ дар тавлиди чунин васоиле аст ва дар зимни ин гуна барномаҳо аз ҷаззобияти бештаре барои мухотиб бархурдоранд;
- дар донишгоҳҳои маҷозӣ ба равишҳои ёдгирӣ аҳамияти бештаре медиҳанд ва ба пажӯҳиши бисёр баҳо дода мешавад. Дар донишгоҳҳои маҷозӣ бакоргирии фановарии иттилоот ва иртиботот ва табдили фурсатҳо ва манобеи миллӣ ба сарвати бисёр баҳо дода мешавад;
- ба ҳангомсозӣ ё ба рӯзрасонии давраҳои мубтанӣ бар омӯзиши электрикӣ ба суръат ва ба содагӣ анҷом мешавад. Мавзӯот ва муҳтавиёт тағйир ёфта, ба суръат ба рӯйи сервисҳои марбута қарор мегирад ва фарогирон билофосила аз натоиҷи он баҳраманд мешаванд;
- омӯзиши маҷозӣ боиси афзоиши қудрати нигаҳдории иттилоот дар фарогирон мешавад, ки дар ин росто аз аносири мутафовите назири: савт, тасвир, имтиҳоноти кӯтоҳмуддат ва таомул бо фарогир ва соири маворид барои таъкиди муҷаддад дар фарогирии ҳадафманд истифода мешавад;
- дар сурате ки фарогирон як бахш аз як матлабро фаро нагиранд, метавонанд дар замони муносиб ба он руҷӯъ карда, онро фаро гиранд ва ёдгирии ҳар бахш ҷавози вуруд ба бахшӣ баъдӣ аст;
- пайгирии вазъияти омӯзиши афрод ва мизони пешрафти онҳо ба роҳатӣ қобили баррасӣ аст.

**Мазоёи иқтисодӣ, омӯзишӣ, фарҳангӣ, замонии омӯзиши маҷозӣ**

Мазоёи иқтисодӣ. Коҳиши ҳазинаҳои рафтуомад, коҳиши ҳазинаҳои тавлиди лавозим, таҳрир ва мутаоқиби он ҳифзи муҳити зист.

Мазоёи омӯзишӣ. Таваҷҷуҳ ба ниёзи мухотибин, суҳулати дастрасӣ ба манобеи мухталиф, имкони забти фаъолиятҳо ва барномаҳо, пайгирии мастамари пешрафти таҳсилӣ, ироа ва омодасозии моделҳои мухталифи омӯзишӣ, хадамоти таҳсилӣ ва мушоваранӣ барои донишҷӯён, афзоиши нерӯи инсонии муҷриб ҳамгом бо фановарии иттилоот ва иртиботот.

Мазоёи фарҳангӣ. Ҷаҳонибудани ёдгирии электрикӣ ба далели истифода аз Интернет, имкони сохти иҷтимоъ тавассути афрод дар муҳити ВАБ.

Мазоёи замонӣ. Ба рӯзрасонии иттилоот бо суръати боло, дар дастрас будани омӯзиши электрикӣ ба таври 24- соата.

Яке аз мазоёи омӯзиши маҷозӣ баҳси арзишёбӣ аст. Дар ин навъ омӯзиш на танҳо арзишёбӣ бо суръати бештаре анҷом мешавад, балки ҳаракат ба сӯйи хударзишёбӣ, ки метавон онро яке аз аҳдофи муҳими омӯзиш ва парвариш донист, дар ин ҷо дар ҳоли шаклгирӣ аст. Бар хилофи соири шеваҳои омӯзиш аз роҳи дур, омӯзиши электрикӣ таҷрибаи мунҳасир ба фард, истифодаи ҳамзамон аз се шеваи суннатии омӯзиш, яъне дидорӣ, шунидорӣ ва суннатиро фароҳам мекунад. Вижагии мунҳасир ба фарди дигар ин шеваи омӯзишии короии бештари омӯзиш ва мухотибине аст, ки на дар як нуқта ё кишвари хос, балки дар сар то сари ҷаҳон

парокандаанд. Ҳамчунин, табдили тадриҷии омӯзиш аз тариқи ВАБ ба стандарти омӯзиши электрикии ҳазинаҳои интишор ва тавзеи барномаҳои омӯзишӣ бисёр коҳиш ёфтааст. Дар ин шеваи омӯзиш донишҷӯёне, ки аз сатҳи иттилоотии болотаре бархурдоранд, метавон матолиби содатарро ба суръати бештар сарфи ёдгирии ҳамон матолиб кунанд. Ин амр дар муқоиса бо клосҳои ҳузурӣ муҷиби коҳиши изтироб ва нигаронии ин гуна донишҷӯён, ношӣ аз адами тавоноии ҳамагонӣ бо соири донишҷӯён мешавад. Аз муҳимтарин мазоёи омӯзиши маҷозӣ ҳаракат аз муаллими меҳварӣ ба шогирди меҳварӣ аст. Дар омӯзиши маҷозӣ ба таври возеҳе фарогир худ масъули тамоми корҳояш, аз қабили интихоб, дарсҳо, интихоби сооти мутолиа, арзишёбӣ ва ғ. мебошад.

Маоиби омӯзиши маҷозӣ. Нигаронии умдаи истифода аз омӯзиши маҷозӣ дур шудан аз равобити инсонӣ ва ҳаракат ба сӯйи дунёи маҷозӣ аст. Коҳиши иртиботи рӯ ба рӯ бо муаллим боиси изтироб дар баъзе аз фарогирон мешавад. Адами вуҷуди зерсохтҳои лозим барои омӯзиши маҷозӣ бо кумаки Интернет, аз қабили маҳдудият дар паҳнои бонд, ки боиси кориии камтар дар садо, видео ва тасовири мутаҳаррик мебошад ва инҳо боиси итлофи вақти зиёде мешавад.

Се маҳдудияти умда барои омӯзиши маҷозӣ баён шудааст: 1) норасоӣ ба далели камбуди таҷриба ва таҳлили шуғлӣ; 2) адами татобуқ бо маҳдудиятҳо ва нуқоти заъф ва қуввати ёдгирии инсон; 3) фоизи болои тарки таҳсил, адами ҳузури физикӣ ва истифода аз забони тан ва адами назорати кофӣ ва дақиқи устод бар клоси дарс аз маоиби омӯзиши электрикӣ аст.

**Маҳдудиятҳои омӯзиши маҷозӣ**

Маҳдудиятҳои иқтисодӣ. Ҳазинаи болои роҳандозӣ ва истифода аз таҷҳизоти роёнаӣ, боло будани ҳазина ба коргирии хутути телефон.

Маҳдудиятҳои омӯзишӣ. Кофӣ набудани дониши роёнаии донишҷӯён, адами дастрасии ҳама ба роёна ва хадамоти ҷонибии он.

Маҳдудиятҳои фарҳангӣ. Адами ошноии мударрисон ба қавонини купироид, аз байн рафтани танаввуи фарҳангӣ.

Донишгоҳҳои суннатӣ ногузир ба созгорӣ бо сайри таҳаввулот ва тағйироти ҷадид ҳастанд. Дар муҳити ҷадид нақши мураббиён ва устодон иваз хоҳад шуд. Онҳо бештар нақши тасҳилгар ва мураббӣ ё тарроҳони омӯзиширо ифо хоҳанд кард. Пас, тағйир ё тарроҳӣ ва роҳандозии системаҳои мудирияти омӯзишии мутаносиб илзомӣ аст.Низомҳои омӯзишии аз роҳи дур абзоре барои омӯзиши мудовим талаққӣ мешаванд ва ин омӯзишҳо метавонанд шомили муаллимон ва донишҷӯён дар ҳар син, макони ҷуғрофиёӣ, мавқеияти ва вазъияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва бо ҳар гуна омӯзише бошад. Бо вуҷуде ки фановариҳои ҷадид муҷиби истиқлол ва инъитофи бештари умури омӯзишӣ мешавад, аммо ҷиҳати коргирии ин имконот бояд сохтори созмонии муассисоти олӣ низ мутаҳаввил шавад. Ҳамчунин, ҷиҳати истифода аз ҳар системаи фановарии навин дар умури омӯзишӣ, лозим аст шароите чун эҷоди зерсохтҳои қавии фановарӣ, тадвини стандартҳои омӯзишии лозим барои арзёбии омӯзишгарон ва донишҷӯён, фарҳангсозии муносиб ва тағйири нигариши суннатии ҷомеа дар умури омӯзиш, сармоягузорӣ ва мушорикати давлат ва бахши хусусӣ дар ин замина фароҳам шавад. Бо таваҷҷуҳ ба иқдомоти суратгирифта, дар ин замина алоқамандии масъулони донишгоҳ ва, ҳатто, мудирони идорот ва созмонҳои ғайриомӯзишӣ ба бахрабардорӣ аз равишҳои омӯзиши маҷозӣ ва ҳамчунин, тағйир ва густариши дастрасӣ ба фановариҳои омӯзишӣ, пешбинӣ мешавад. Тайи даҳ соли оянда аксари воҳидҳои донишгоҳӣ ба ҷазбу омӯзиши донишҷӯ ба сурати электрикӣ ва баҳрабардорӣ аз омӯзишҳои маҷозӣ дар сатҳе бисёр густарда иқдом мекунанд. Ҳаракат барои истифодаи бештар аз омӯзишҳои маҷозӣ дар саросари дунё оғоз шудааст ва ин амр рӯз ба рӯз густариши бештаре пайдо кардааст. Умдатарин далели ин амр низ мазоёи фаровони омӯзишҳои суннатӣ, аз ҷумла қобилияти умумият ёфтан ва ҳазинаҳои бештари ин навъи омӯзиш аст, ки танҳо ниме аз фоизи ҳазинаҳои омӯзиши суннатиро шомил мешавад. Аз тарафе, теъдоди зиёди афрод метавонанд аз ин омӯзишҳо дар 24 соат ва 7 рӯзи ҳафта истифода кунанд.

Мавзӯи мадориси маҷозӣ алорағми амри кӯтоҳи худ ҷойгоҳи мутаносибе дар сохтори омӯзиш дар саросари дунё пайдо кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин маврид, тақрибан ҳама дар ибтидои ин роҳ қарор доранд ва фосилаҳо дар ин масир чандон зиёд нест ва бинобар ин, бо талош барномарезӣ шуда ва мусаммам метавон дар зумраи пешгомони ин ҳаракати бузург қарор гирифт. Лизо, лозим аст ҳарчи сареътар

ҳаракат дар ин масир оғоз шавад. Тааллул дар ин кор танҳо аз даст додани фурсатҳои фаровоне аст, ки фарорӯи Вазорати омӯзиши олӣ қарор дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Амир Яздӣ Алӣ. Равишҳои ҷадиди омӯзиш аз роҳи дур дар донишгоҳҳо. Аввалин ҳамоиши байналмилалии Тавсеаи донишгоҳҳои маҷозӣ.- Теҳрон: Паёми нур, 1386.
2. Асғарӣ Заҳро. Арзишёбии барномаҳои омӯзишҳои маҷозӣ дар донишгоҳҳои Теҳрон аз дидгоҳи асотид ва донишҷӯён. Поённомаи коршиносии аршади Донишгоҳи тарбияти муаллими Теҳрон.- Теҳрон:
3. Гевакӣ Фарзод. Равишҳои тадриси пешрафта аз роҳи дур дар омӯзиши олӣ. Аввалин ҳамоиши байналмилалии Тавсеаи донишгоҳҳои маҷозӣ.- Теҳрон: Паёми нур, 1386.
4. Муқанниён Алӣ. Дидгоҳҳои нав дар омӯзиши маҷозӣ.- Теҳрон: Донишгоҳи тарбияти муаллим, 1384.
5. Сипосӣ Муҳаммад. Дар бораи донишгоҳҳои маҷозӣ чӣ медонем? Теҳрон: Ҳамшаҳрӣ, 1387.


**ПРЕИМУЩЕСТВА И ОГРАНИЧЕНИЯ В ДИСТАНЦИОННОМ ОБУЧЕНИИ**


Одной из наиболее современных технологий обучения является дистанционное обучение. В настоящее время дистанционное обучение в сфере профессионального образования Ирана делает свои первые шаги и естественно, что на этом пути возникают трудности. Возникают новые отношения в сфере управления образованием. Все эти проблемы требуют теоретического и практического исследования и переосмысления. Данная статья рассматривает преимущества и ограничения в дистанционном обучении.



**Ключевые слова:** средства обучения, современные технологии, дистанционное обучение, подготовка преподавательского персонала, информационное пространство, самостоятельные исследования.


**ADVANTAGES AND RESTRICTIONS IN DISTANCE LEARNING**


One of the most modern technologies of training is distance learning. Now distance learning in the sphere of professional education of Iran takes the first steps and it is natural that on this way there are difficulties. There are new relations in the sphere of management of education. All these problems demand theoretical and practical research and reconsideration. This article considers advantages and restrictions in distance learning.



**Key words:** tutorials, modern technologies, distance learning, preparation of the teaching personnel, information space, independent researches.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Алиризо Иброхимпур*** - соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни
***Шахром Баёзикаллакободи*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


## МАФҲУМИ «БАРНОМА» ДАР ИСТИЛОҲОТИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР


***Абдураззоқ Шукуров***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Баррасии вожаҳо ва истилоҳоти соҳаи педагогика яке аз масоили мубрами педагогикаи муосир мебошад. Солҳои охир дар ин замина таҳаввулоти чашмгире ба назар мерасад, ки он нишонгари рушди пояҳои аслии ин ришта ва коркарди назарию амалии он мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин истилоҳот чунин вожаҳо ҳамарӯза ба чашм мехӯрад ва ҳамеша дар вирди забони муаллимон ва дастандаркорони риштаи педагогика ва таълиму тарбия мебошанд. Дар солҳои охир ин мафҳум густурдатар шуд ва барномаи дарсӣ шомили фаъолиятҳои донишомӯзон, таҳияи маводи омӯзишӣ, пешниҳодҳои марбут ба хати маши омӯзишӣ, тарзи иҷрои ин барномаро низ ба таври муфассал ва ба сурати барномаи кор ё дастурамал дар бар мегирад. Дарвоқеъ, он чи ки қаблан барномаи дарсӣ номида мешуд, акнун ҷузъе аз барномаи дарсӣ аст ва ба номи феҳристи матлаби дарсӣ **(Syllabus)** шинохта мешавад. Дар зер теъдоде аз таърифҳои мутахассисони барномарезӣ дар мавриди *«барнома»* омадааст.

Дар педагогикаи Шӯравӣ бар ивази истилоҳи «барнома» истилоҳи «программа» мавриди истифода қарор дода шудааст. Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар улуми таълиму тарбият ва дигар соҳаҳо истилоҳи «барнома» ҷойи истилоҳи «программа»-ро ба пуррагӣ гирифт. Имрӯз дар тамоми санадҳо, улуми педагогӣ ва дигар манобеъ истилоҳи «барнома» мавриди истифода қарор дода шудааст.

**Программа** (юн. Programma-эълон, фармоиш) 1) плани амалиёти пешбинишуда; 2) номгӯи ба системадаровардашудаи мавзӯъҳои ягон фанни таълимӣ, ки дар он шуъбаҳои ин фан ва нишондоди методологии он баён карда мешавад [1].

**Программаи таълимӣ-** ҳуҷҷатест, ки мазмуни асосии як фанни аниқи таълимӣ, мақсаду вазифаҳои он, система ва ҳаҷми дониш, маҳорат ва малакаҳои барои ҳар як соли таҳсил, тартиб ва пайдарпаии омӯзиши ин ё он мавзӯъҳои таълимӣ муайян карда мешавад [2].

**Барномаи таълимӣ-** 1) нашри таълимӣ, ки мазмун, ҳаҷм, инчунин тартиби омӯхтан ва таълими ин ё он фаслу қисмҳои онро муайян менамояд; 2) барномаҳое, ки мазмуну маълумоти сатҳи дахлдор ва равияҳои онро, ки аз барномаи таҳсилоти умумӣ (асосӣ ва иловагӣ) ва касбӣ (асосӣ ва иловагӣ) иборат аст, муқаррар менамояд [3].

**Барномаҳои таълимӣ**. победни накшаи таълимӣ буда, дар асоси меъёри соатҳои муайянкардаи нақша тартиб дода мешаванд ва онҳоро Вазорати маорифи ҷумҳурӣ тасдиқ мекунад. Дар ин ҳуҷҷат мазмуни маълумот нисбати ҳар фанни таълимӣ зикр карда мешавад. Барномаи таълимии ҳар фан ҳаҷми донишҳои назариявии ҳатмӣ, маводҳои воқеӣ, маҳорат ва малакаҳое, ки бояд ҳар як талаба аз худ намояд, дар амал истифода бурда тавонад ва нисбати донишҳои назариявӣ хулосабарорӣ карда тавонистани шахсро муайян мекунад.

Барномаи таълимӣ бояд аз ҳар ҷиҳат ба стандартҳои давлатии фаннӣ, талаботи илмӣ – педагогӣ ва мазмуни маълумоти муосир ҷавобгӯ бошад. Ва дараҷаи назариявии маълумот, системаи ғояҳои илмӣ, омодагии политехникӣ, ҳамчунин ҳалли комплексии вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва беҳдоштро таҷассум намояд.

Ҳар барномаи таълимӣ мактуби эзоҳӣ дорад, ки дар он вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳии фанни тадрисӣ, ба он муносибати психологию педагогӣ ва методӣ кардани омӯзгор мухтасар эзоҳ дода мешавад.

Барномаҳои таълимӣ бо ду роҳ: мураттаб бо роҳи мутамарказ ва бо роҳи мунтазам тартиб дода шаванд. Дар танзими барномаҳои мутамарказ баъзе қисм, мавзӯъ ё тамоми курси маводи таълим дар синфҳои минбаъда ба тариқи муфассалу мураккаб такрор меёбад. Барномаи мутамарказ маводи таълимиро дар зинаи аввали омӯзиш аз умумияти сода оғоз намуда, дар синфҳои оянда онро пай дар пай мукаммал меомӯзонад. Чунин барнома барои маълумоти мактабӣ ногузир аст, зеро он ба хусусиятҳои синнусолӣ ва дараҷаи дониши талабагон бояд ҳамоҳангӣ дошта бошад.

Омӯзгорони фан дар тамоми давр бояд ба талабот ва нишондодҳои барномаҳои таълимӣ бо қатъият риоя кунанд. Дар асоси барномаи таълимӣ китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методию ёрирасон таҳия карда мешаванд. Муаллифони китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методию ёрирасон бояд пеш аз таҳия барномаи таълимиро ҳаматарафа хуб аз худ намуда, сипас ба таҳияи он шурӯъ намоянд.

Мундариҷаи фанни таълимӣ дар барномаи он муайян карда мешавад. Барномаи таълимӣ барои ҳар як муаллим ҳуҷҷати давлатии ҳатмӣ буда, дар он мантиқи омӯзиши ғояҳои асосии курс бо риояи пай дар пай омӯхтани мавзӯъ, масъалаҳо ва соати таълимиашон нишон дода мешаванд.

Ҳамаи барномаҳо дар асоси ба ҳисоб гирифтани муҳимтарин талабҳои дидактикӣ таҳия карда мешаванд. Барои тартибдиҳандагони барнома душвории асосӣ интихоби маводҳои илмӣ аст, ки чӣ тавре дар боло қайд гардид, онҳо дар шароити тараққиёти бошитоби илми муосир рӯз аз рӯз зиёд шуда, тағйир ёфта истодаанд. Дар интихоби маводҳои барнома дидактикаи муосир бо боигариҳои илму фарҳанг мусаллаҳ намудани мактаббачагони ҳозира ва ташаккули шахсияти ба ҷамъияти имрӯза лозимаро ба эътибор мегирад. Аз ин рӯ, зарурият ба миён меояд, ки барномаҳои таълимӣ ба як қатор талаботи имрӯзаи пешрафти илму техника ва вазифаҳои тарбиявии ҷомеаи солим мувофиқат кунад: ба талаботи стандартҳои давлатӣ ҷавобгӯ бошад; дар асоси нақшаҳои таълимии тасдиқшуда таҳия карда шавад; интихоби маводҳои илмии ҷавобгӯ ба талаботи муосир; дастрасии маводҳои илмӣ; риоя гардидани пай дар пайии (системанокии) маводҳо; мувофиқкунонӣ ба имкониятҳои маърифатӣ; ташаккул додани муносибатҳои инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ғурури миллӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ; инкишоф додани ҳавасмандиву қобилиятҳои техникӣ; густариш додани озодбаёнии фикр; ҷой додани маводҳои минтақавию ҷаҳонӣ; бунёди тарбияи ҷомеаи солим ва ғайра.

Дар ин бахш қарор дода шуд, ки танҳо истилоҳоти «Барнома» мавриди баррасӣ қарор гирад:

1 – барнома натиҷаи барномарезӣ аст, ки барои роҳнамоӣ ва ҳидояти амрӣ аз он истифода мешавад;

2 – Макензи *(Mackenzie)* барномарезиро бархӯрди ёдгиранда бо ҷанбаи матнӯи муҳит, ки таҳти ҳадафҳои мактаб тарҳрезӣ шудааст, медонад;

3 – Таннер ва Таннер *(Tanner and Tanner)* таҷрибиёти омӯхтанӣ ва натиҷаҳои мавриди назар ба сурати тарҳрезӣ ва ҳидоятшударо *(ба хотири рушди доимии*

*ёдгиранда дар заминаи шахсӣ ва иҷтимоӣ),* ки таҳти назорати мактаб тадвин мешавад, барнома меноманд;

4 – Долл *(Doll)* барномаи мактабро иборат аз мазмуну муҳтаво ва ҷараёни расмию ғайрирасмӣ медонад, ки аз тариқи он ёдгирӣ таҳти назорати мактаб маълумоту тарзи фаҳмиданро касб мекунад, маҳоратҳоро фаро мегирад ва арзишгузорӣ мекунад ва арзишҳоро тағйир медиҳад;

5 – тарзи амал ва иқдомоти тартиботӣ, ки аз пеш танзиму тадвин шуда бошад.

6 – истилоҳе дар компютер аст ва шомили дастуроте аст, ки барои ҳалли як масъала ба компютер дода мешавад;

7 – аҷзои як **plan**–ро **program** мегӯянд. Масалан, барномаи омӯзишу парвариш дар барномаи тавсеаи як **program** аст, ки баъдан агар он ҳам ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор диҳем, ба **plan** табдил мешавад, ки ба **program** –ҳои ҷудогонае мисли омӯзишҳои миёна, ибтидоӣ ва роҳнамоӣ тақсим мешавад.

**Барнома, тарҳ, нақша:** пешбинии амалиёт дар ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо; ҳар гуна роҳу равиши муайяну муназзаме, ки барои анҷоми корҳо ва расидан ба ҳадафҳо қаблан пешбинӣ ва танзим мегардад; тарҳ ё нақша барои як озмоиш, ки маъмулан муштамил аст бар: моҳият ва теъдоди афроди озмуданӣ, гурӯҳҳои омӯзишӣ ва шоҳид, равишҳое, ки ба кор бурда хоҳад шуд; барномаи ҳосили фароянди барномарезӣ ва беҳтар бигӯем, берундоди низоми барномарезӣ аст ва он санадии расмӣ ва сиёсӣ аст, ки мутазмини (1) заминаҳои пешбинӣ ва тадвини ҳадафҳо ва стратегияҳо (2) ташреҳи сиёсатҳо муртабит бо ҳадафҳо (3) иҷрои сиёсати барнома, яъне фаъолиятҳо ва иқдомоти камию кайфӣ аст, ки бояд барои расидан ба ҳадафҳо мутобиқи тарҳи заминабандӣ сурат гирад; ба маънои ҷомеъ **(нақшаи умумии кор)** дар назар гирифта мешавад, иҷрои як **plan-**ро **programm** мегӯянд. Масалан, барномаи таълиму тарбия дар барномаи тавсеаи як **programm** аст, ки баъдан, агар он ҳам ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор медиҳем ба **plan** табдил мешавад, ки ба **programm** -ҳои ҷудогона, мисли таълими миёна, ибтидоӣ, раҳнамоӣ тақсим мешавад. Дар марҳилаи охир, ки мехоҳад ба иҷро дарояд, ба **progect** *(лоиҳа)* ё барномаи амалиётӣ табдил мешавад.

**Барнома, ҷадвали замонӣ, ҷадвали соатҳо:**

1 – як феҳрист ё ҷадвали навишта ва чопиро гӯянд, ки равиш ва мавқеи анҷом додани ҳар кореро дар оянда муайян мекунад, монанди ҷадвали соатҳои дарсҳо дар синфҳо. Дар баъзе ҷоҳо **timetable** ба унвони барномаи ҳафтагии дарсҳо барои донишомӯзон ва **schedute** барномаи дарсии ҳафтагӣ барои муаллимон маҳсуб мешавад;

2 – тарҳ ё созмоне, ки махсусан дар иртибот бо як риштаи амалиёти такрорӣ ба кор бурда мешавад;

3 – тарҳ ё барномае, ки махсусан ба анҷоми як пурсишнома ё муҳосиба сохта шудааст.

**Барномагузорӣ, барноманависӣ:**

1 – аз решаи юнонӣ ба маънои *«аз пеш ва ба таври катбӣ (хаттӣ) эълом кардан»* гирифта шудааст. Барномагузорӣ ба маънои гузиниши муктасабӣ аст, ки дар таҳқиқи ҳадафҳо аз ҳама муносибтаранд. Барнома маҷмӯаи васоилеро шомил мешавад, ки мавриди гузиниш қарор гирифтаанд. Барои он ки барномагузорӣ имконпазир шавад, бояд дар амалӣ гардидани ҳадаф василаҳои гуногуне мавриди пазириш қарор гирифта бошанд ва ин воситаҳо қобили табдил ба камият низ бошанд, то бо абзори риёзӣ санҷида шаванд. Барномагузорӣ дар ду марҳилаи замонӣ суратпазир аст: дар марҳилаи замонии аввал, таъйини васоиле, ки дар ихтиёри мо ҳастанд, баррасии моделҳои корбурдии марбут ба онҳо ва ҳамчунин моделҳои ҷойгузин сурат мегирад. Дар марҳилаи замонии дувум сохтани маҷмӯаи мавзун аз васоил ба он хотир, ки матлубтарин тарзи амалӣ гардидани ҳадафро сабаб шаванд.

2 - дар истилоҳи компютерӣ кори омодасозии занҷираи дастурот барои компютер барои анҷоми як амали хос ё ҳалли як масъала.

**Барномаи дарозмуддат: б**а барномае мебошад, ки барои иҷрои он вақти зиёде сарф мешавад ва маъмулан, аз даҳ то бист сол тӯл мекашад.

**Барномаи зиндаи телевизионӣ:** барномае мебошад, ки дар ҳамон лаҳза, ки иҷро мегардад, бинанда онро дар телевизион ё пардаи намоиш мебинад.

**Барномаи компютер:** маҷмӯаи дастурамалҳое, ки ба яке аз забонҳои компютерӣ навишта шуда, барои анҷом гирифтани амали хосе дар компютер ба иҷро дармеояд.

**Барномаи кор ва таҳсил:** ба барномае ишора дорад, ки ба хотири ошноии донишомӯзон бо шуғлҳо ва касбҳои мухталиф тарроҳӣ шудааст ва дар он донишомӯзон аз тариқи ироаи иттилоот тавассути афроди дорои пеша ва шуғли хос ва низ боздид аз коргоҳҳо ва ошноии наздик бо ҳирфа ва шуғлҳои гуногун метавонанд нисбат ба интихоби касбу кори оянда тасмим бигиранд.

**Барномаи коромӯзӣ:** барномаи коромӯзии як давраи таълимотӣ аст, ки бар асоси воҳидҳои омӯзишӣ баён мешавад, ин давра аз назари замонӣ дорои тарбияти муайян буда, замону макон ва равиши омӯзиширо, ки бояд ба кор бурда шавад ва шахси масъул ин омӯзишро дар ҳар давра нишон медиҳад.

**Барномаи куллӣ:** барномаҳои ҷомеъ ва дарозмуддате мебошанд, ки тамоми низоми омӯзишии кишварро дар бар мегиранд ва бояд дар тамоми кишвар иҷро шаванд, мешавад. Иҷро ва ҳамчунин тағйир дар ин навъ барномаҳо аслан хароҷоти бисёр зиёд талаб мекунад. Як барнома, ки барои тамоми омӯзиши олии як кишвар барномарезӣ мешавад, аз навъи барномаи куллӣ мебошад ва бо барномаи панҷсолаи омӯзишу парвариш аз ин навъ аст.

**Барномаи кӯтоҳмуддат:** барномаҳое бошад, ки муддати замони иҷрои он кӯтоҳ буда, ва маъмулан, аз як то панҷ сол тӯл мекашанд.

**Барномаи маҳаллӣ: б**арномаи маҳаллӣ барои як минтақа ё ноҳия барномарезӣ мешавад ва ин навъ барнома барои рафъи мушкилоти маҳаллӣ ва минтақавӣ мебошад. Як барномарезие, ки барои як шаҳр ва ноҳия тарҳрезӣ мешавад, аз ҷумлаи барномаи маҳаллӣ мебошад.

**Барномаи пурборсозӣ:** истилоҳи умумӣ барои ҳар навъ барномаи омӯзишии тарҳрезишуда барои пурбор кардани муҳити кӯдакони маҳрум аз назари иҷтимоию фарҳангӣ аст. Ин барнома маъмулан, дар кӯдакистон ё гаҳвораи кӯдак амалӣ шуда, бар касби маҳоратҳои каломӣ мутамарказ ҳастанд, ҳарчанд омӯзиши маҳоратҳои иҷтимоӣ ва байнифардӣ ҳам дар барнома ғунҷонида мешавад.

**Барномаи тақвият:** ҳар як аз барномаҳое, ки мутобиқати онҳо баста ба як ваҷҳи фазоӣ, замонӣ ё радифии посух, тақвият ба мавзӯи мавриди таҳқиқ *(озмуданӣ)* ироа мешавад. Барномаҳои тақвият навъҳои мухталиф доранд, ки шомили: 1 – барномаҳои сода, ки дар он фақат як навъ вобастагии собит байни посух ва вуқӯи омили тақвияткунанда вуҷуд дорад, мисли тақвияти паёпай, тақвияти фосилавии собит ва тағйирёбанда; 2 – барномаҳои мураккаб, ки дар он ду ё чанд барномаи сода ба сурати мураккаб дарҳам омехтаанд. Ин барномаҳо мумкин аст занҷиравӣ бошанд, яъне як ҷузъи барнома бояд амалӣ гардад, то дувумӣ сурат бигирад ё ҳамзамон бошанд, яъне ду ё чанд барнома тавъам анҷом бигирад, мисли тақвиятҳои дарозмуддат ва занҷиравӣ; 3 – барномаҳои махсус: ин барномаҳо дорои ҷузъҳои замонӣ ё мизоне ҳастанд, ки ба осонӣ дар табақоти фавқулзикр намеғунҷанд. Мисли барномаҳои тақвияти дохилӣ *(яъне барномаҳое, ки дар он маҷмӯъи хурде аз тақвиятҳо дар як барнома бидуни муҳаррики иртифоқӣ ба барномаи дигари ҷорӣ изофа мешавад)*.

**Барномаи тақвияти нисбии тағйирёбанда.** Дар ин барнома тақвият барои озмудани мушаххас нест, ки вай баъд аз додани чанд посух тақвият хоҳад шуд, аммо озмудании огоҳ аст, ки билохира, тақвият хоҳад шуд. Дар ин барномаи тақвият гоҳ пас аз яке ду посух ва замоне баъд аз чандин посух, сурат мегирад. Тақвияти нисбии тағйирёбанда яке аз равишҳои нигоҳдории рафторҳои матлуб аст. Дар барномаи нисбии тағйирёбанда аз пеш маълум нест, ки рафтори посухдиҳанда дар чанд ҷавоб тақвият мешавад.

**Барномаи хаттии дарсӣ.** Агар қарор бошад, ки донишомӯзон тамоми воҳидҳои дарсиро ба ҳамон тарзе, ки дар барнома ироа шудааст, биомӯзанд. Барномаи дарсӣ аз навъи хаттӣ хоҳад буд. Дар созмондиҳии матолиб дар чаҳорчӯби як китоби дарсӣ ё қолабе шабеҳ ба он ба ҳамон матолиб ироа мешавад, ки бояд дар синф тадрис шавад, танзими аксари китобҳои дарсӣ ба ҳамин тартиб аст. Барномаҳои дарсӣ, ки ба тарзи хаттӣ таҳия шудаанд, бодиққат созмон ёфтаанд ва тадриси ҳар як аз воҳидҳои дарсӣ мусталзами ёдгирии маҳоратҳои пешакӣ аст.

**Барномаи хаттӣ.** Навъи барномаи омӯзишӣ, ки аз ҳар донишомӯз мехоҳад то радифе аз иттилоотро ба тартиб яксон бихонад. Дар барномаи хаттӣ танзими матолиб ба сурати хаттӣ аст ва матолиби омӯзишӣ ба дунболи ҳам ва пай дар ҳам меоянд ва ёдгирии як матлаби ниёз ба ёдгирии матолиби қаблиро дорад. Дар ин навъ барнома қадамҳо ба сурати кӯтоҳ мебошад ва арсаи матолиб тавре аст, ки ёдгиранда бояд қадам ба қадам пеш биравад. Дар ин навъ ёдгиранда бо таваҷҷуҳ ба заминаи қаблӣ, ки дорад, ба ёдгирии матолиби ҷиддӣ мепардозад. Дар барномаи хаттӣ ҳар

донишомӯз як ришта гомҳои мушобеҳро тай мекунад. Дар ҳоле ки барномаҳои шохавии донишомӯзон роҳҳои гуногунеро дунбол мекунанд *(муқоиса кунед бо барномаи шохавӣ)* ва ин барнома тавассути Скинер муаррифӣ шудааст.

**Барномаи ҷомеъ.** Барномаи ҷомеъ барномае аст, ки дорои се қисмати зер бошад: *1 – қисмати марбут ба тарбияти умумӣ; 2 – қисмати марбут ба мутолиоти амиқи илмӣ; 3 – қисмати касбӣ.*

Барои фарҳанги ҷомеа низ се унсури асосӣ зикр мешавад: *1 – унсури умумӣ; 2 – унсури тахассусӣ; 3 – унсури ибдоӣ ё ибтикорӣ.* Ҳар як аз ин унсурҳо поя ва асоси қисмате аз барномаи мактабро ташкил медиҳад. Унсурҳои умумии он қисмате аз барнома аст, ки муштамил бар тарбияти умумӣ бошад. Унсурҳои тахассусӣ марбут ба омодагии шуғл ва касб аст ва унсурҳои ибтидоӣ ё ибтикорӣ пояи омӯзиши амиқи илмӣ ва он қисмат аз барнома аст, ки шогирдон барои таҳсилоти олитар омода созанд. *(Руҷӯъ кунед ба барномарезии ҷомеъ).*

**Барномаҳои дурнигар.** Маъмулан, барномаҳои дурнигар давраи даҳ то сисоларо дар бар мегиранд. Барномарезии дарунгар таҳлили роҳбурдӣ аз масоиле аст, ки мумкин аст дар оянда кишвар бо онҳо ҳамроҳ бо пешниҳодҳое дар заминаи ҷиҳатгириҳои оянда рӯ ба рӯ мешавад. Барномаҳои дурнигар илова бар ин ки амалиёти лозимро барои тарроҳии ҷадиди роҳбурдҳои тавсеа ва рушд фароҳам меоваранд, барои баррасии бархе тағйироти дарозмуддат муносиб ва мувофиқ ҳастанд. Тавсеа ва рушд ҳангоме ки бо масъалаҳои ҷомеа, нерӯи кор ва омӯзишу парвариш сару кор пайдо мекунад, ба таври табиӣ як кори дарозмуддат мегардад ва аз ин рӯ, лозим астояндаи бист ё сисоларо пеши чашм дошт, то натиҷаҳои судманде ба даст ояд.

**Барномаҳои саводомӯзии умумӣ.** Ин барномаҳо аксаран васеъ, вале аз нуқтаи назари сиёсӣ хунсо ҳастанд ва сирфан барои афроди ба саводомӯзӣ шавқманд ташкил ва тадвин карда мешаванд. Намунаҳои онро метавон дар Бразилия, Ҳиндустон ва Мексика пайдо кард. Фишори шадиди вазъи ногувори иҷтимоӣ ба пойин рафтани сатҳи саводомӯзии тамоми қишрҳои ҷомеа боис мегардад. Аз ин рӯ, амалӣ гардонидани барномаи саводомӯзии умумӣ зарур ва ҳатмист. Дар ин самт созмонҳои ғайридавлатӣ нақши муҳимеро ифо мекунанд, бештари кӯшишҳо ва манбаъҳое, ки ихтиёр мешаванд, сарфи барномарезии дарсӣ ва равишшиносӣ мегардад. *(Муқоиса кунед бо барномаи саводомӯзӣ ба таври зирабтӣ ва якбора ва барномаҳои саводомӯзӣ аз тариқи пайкорҳои мутаволӣ).*

**Барномарезӣ:** ба таври васеъ иборат аз:

- *амали гирифтани маҷмӯаи тасмимот барои анҷом додани иқдомоте дар оянда аст.*
- иборат аст аз таҳия ва тавзеу ихтисос додани омилҳо ва василаҳои маҳдуд барои расидан ба ҳадафҳои матлуб дар ҳадди ақали замон ва бо ҳадди ақали сарфу харҷи мумкин;
- иборат аст аз фароянди бакоргирии он даста аз ҳақиқатҳо ва мафрузоти марбут ба оянда, ки барои расидан ба тарзҳои амалии дастёбӣ ба ҳадафҳои мушаххас мебошад;
- иборат аст аз тарҳи тадбирҳое, ки барои бо беҳтарин сурат *(ё муносибтарин сурат)* аз манбаъҳои мавҷуда барои амалӣ шудани ҳадафҳои матлуб истифода карда мешавад;
- барномарезӣ фаъолияти самараноке, ки на танҳо ба мақсад, балки ба равиши амалӣ гардидани он ва таъйини беҳтарин роҳу тарз низ таваҷҷуҳ дорад;
- тадбирҳои огоҳонае аст, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ барои таъйини ҳадафҳои муайян бо таваҷҷуҳ ба равобити онҳо бо ҳамдигар ва бо назардошти рушди мутаносибу ҳамоҳанг ва тавъам, ҳама имконот барои расидан ба ин ҳадафҳо оғоз мешавад, то ин ки рушди иқтисодию иҷтимоии тамоми ҷомеа дар як давраи муайяне аз оянда тазмин гардад;
- барномарезӣ фарогарде аст мудовим, ҳисобшудаю мантиқӣ, ҷиҳатдор ва дурнигар ба манзури ҳидоят ва иршоди фаъолияти ҷамъӣ барои расидан ба ҳадафҳои матлуб.

Ёнтин Берган, муаллифи китоби *«Барномарезии марказӣ»* кори барномарезиро иборат бар ду вазифа медонад: *1- пешбиниюояндаингарӣ; 2- мушаххас кардани ҳадаф ва ё додани мазмуну муҳтаво ба ҳадафҳо;*

- тамоми фароянде, ки аз омода кардани як барнома оғоз мешавад ва бо иҷро ва ба кор андохтани амале аз василаҳо ва воситаҳо барои амалӣ гардидани он идома пайдо мекунад;

- кӯшише аст созмонёфта ва огоҳона барои ҳамоҳангӣ, ҷамъбандӣ ва талфиқи матлуб ва куллияи имконоти физикию моддӣ ва нерӯи инсонӣ барои расидан ба ҳадаф ё ҳадафҳои мавриди назар дар муддати замони мушаххас.

**Барномарезии амалиётӣ:**

1 – амалест, ки ба василаи он мудирон фаъолиятҳо ва қадамҳои махсусро дар ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо мегузоранд. Барномарезии амалиётӣ маъмулан, аз чанд моҳ бештар нест. Барномарезии амалиётӣ ба василаи мудирон дар тамоми сатҳҳои созмон анҷом мепазирад. Ҳадафи ин навъ барномарезӣ амалкард, фаъолият ва иҷро мебошад. Дар ин навъ барномарезӣ тарҳҳо ва сиёсатҳо ва он чи дар барномарезӣ тарҳрезӣ шудааст, ба марҳалаи амал табдил мешавад;

2 – наҳваи табдилу таҳвили сиёсатҳо ва барномаҳои роҳбурдӣ ба марҳилаҳои амалиётӣ, ба мисли корбурди манобеи моддӣ ва инсонӣ, сохтҳои созмонӣ ва иҷроӣ роҳу равишҳои барномарезишуда ва манбаъҳои инсонӣ.

**Барномарезии вокунишӣ.** Барномарезии дарун ба берун **(inside-out planning)** умдатан вокунишӣ аст. Барномарезии вокунишӣ аз навъи маъмул ба фишорҳои дунёи дар ҳоли тағйир, муҳити сиёсию иқтисодӣ ва тағйири арзишҳо посух медиҳад.

**Барномарезии дарун ба дарун.** Барномарезие, ки мабнои он нигоҳ аз даруни созмон ба ҷомеа аст ва дар он бақо ва беҳзистии созмон мавриди назар аст. Берун, яъне дунёе, ки дар он ёдгирандагон фориғултаҳсил шуда, шаҳрвандон ба зиндагӣ ва кор машғуланд.

Барномарезии дарун ба дарун муаррифии дидгоҳи афроде аст, ки мӯътақид ба тағйир ҳастанд ва корро ба таҳлили масъала оғоз мекунанд ва сипас дар ҷустуҷӯи равишҳо барои тармим ва ҷуброни хисорат мепардозанд. Муваффақият дар ин навъ барномарезӣ ба дараҷаи эътибори ҳадафҳои мавҷуд ва муфид будани онҳо ва бастагӣ дорад.

**Барномарезии иқтисодӣ.** Таъйини ҳадафҳои иқтисодӣ ва мушаххас кардани абзорҳо ва сиёсатҳои расидан ба аҳдофи мазкурро истилоҳан барномарезии иқтисодӣ меноманд. Ба ибораи дигар, барномарезии иқтисодӣ роҳбурди ҳадафманди иқтисодии тавсеаи давлат аст. Дар амал ба таври куллӣ ду навъ барномарезии иқтисодӣ **(indicative planning)** ё ҷанбавӣ, ки дар кишварҳои сармоядорӣ корбурд дорад ва дигар назорати комил ё барномарезии ҷомеъ ё дастурӣ **(imperactive planning),** ки дар кишварҳои сотсиалистӣ роиҷ будааст. Дар низоми барномарезии иршодӣ нақши ҷиҳатдиҳии давлат мумкин аст аз тариқи сиёсатҳои иқтисодӣ, ки барои тахфифи навсозиҳои иқтисодии хоси сармоядорӣ тарроҳӣ шудааст, ба марҳалаи иҷро дарояд. Дар барномарезии ҷомеъ ё дастурӣ, сифату самара, навъ ва камияти молҳое, ки қарор аст як кишвар истеҳсол кунад, аз сӯи як марҷаъ ё созмони олии давлатӣ таъйин мегардад.

**Барномарезии иршодӣ.** Дар ин барномарезӣ вазифаҳои барномарезӣ ва вазифаҳои омӯзишу тарбия ба уҳдаи мақомоти маҳаллӣ вогузор шудааст, ки дар таъмини эътибороти лозим барои идораи омӯзишу тарбия ва таҳия ва иҷрои барномаҳо ихтиёроти комил доранд. Интихоби омӯзгорон ва таҳияи тамоми китобҳои дарсӣ низ аз вазифаҳои онҳост. Маъмулан, барномарезии иршодиро барномарезии тарғибӣ **(persuasive)** ҳам меноманд, чаро ки дар барномарезӣ аз дигар мақомот, яъне онҳое, ки дар дастгоҳҳои давлатӣ нестанд, истифода мешавад ва ин ҳолат аз ихтиёроте сарчашма мегирад, ки мақомоти марказӣ ба омилҳои минтақавӣ вогузор кардаанд. Дар кишварҳои ғайрисотсиолистии сармоядорӣ, мисли ИМА ва Британия ин равия иҷро мешавад.

**Барномарезии иҷтимоӣ:** истилоҳи умумӣ барои ҳар гуна кӯшиши созмонёфта барои мадоро бо масоили ҷорӣ ва пешбинишудаи ҷомеа ва ҳадафҳо ва роҳҳалҳои пешниҳодӣ аст; иборат аз равишҳо ва низомҳе аст, ки ба таври возеҳ васоили расидан ба ҳадафҳои иҷтимоиро, ки пешакӣ таъйин шудааст, муайян менамояд.

Аз дигар маҳоратҳои муҳим дар равобити фардӣ, байнифардӣ ва иҷтимоӣ, ки метавон онҳоро бисёр муҳим матлаб кард, бояд аз маҳоратҳои муназзам будан (self disciplin), дар зиндагӣ контрол ба рафтори худ таваҷҷӯҳ доштан ва маҳорати диққат дар пайдо кардани дӯст ва ҳифзи онон бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор дод.

Дар як мақолаи интернетии дигар аз кишвари Англия се маҳорати иртиботии дигарро барои навҷавонон дар мавриди маҳоратҳои иртиботӣ баҳс мекунад, ки иборатанд аз худинзиботӣ (self regulation), худконтролӣ (self control) ва дӯстёбӣ (friends making).

Истилоҳи ҳуши ҳаяҷонӣ аввалин бор дар даҳаи 1990 матраҳ шуд. Онон изҳор доштанд, ки касоне, ки аз ҳуши ҳаяҷонӣ бархӯрдоранд, метавонанд авотифи худ ва дигаронро контрол карда, байни паёмадҳои мусбату манфии авотиф тафовут гузоранд ва аз иттилооти отифӣ барои роҳнамоии фароянди тафаккур ва иқдомоти шахсӣ истифода кунанд.

**Ҳуши отифӣ ё ҳуши ҳаяҷонӣ (EQ)** шомили шинохт ва контроли авотиф ва ҳаяҷонҳои худ аст. Ба ибораи дигар шахсе, ки EQ-и боло дорад се муаллифаи ҳаяҷонро (шинохтӣ, физикӣ, рафторӣ) ба таври муваффақиятомезе бо якдигар талфиқ мекунад[3]. Ҳуши ҳаяҷонӣ пешбиникунандаи муваффақияти афрод дар зиндагӣ ва наҳваи бархӯрди муносиботи стрессҳо аст. Парвариш ва рушди ҳуши ҳаяҷонӣ аз аҳамияти зиёде бархӯрдор аст[4]. Ҳуши ҳаяҷонӣ дарбардорандаи огоҳӣ, танзим ва баён дурусти доманае аз ҳаяҷон аст, ки тавоноии шинохт, иброз ва контроли ин ҳаяҷонот яке аз абъоди муҳими ҳуши ҳаяҷонӣ аст ва нотавонии фард дар ҳар кадом аз ин тавоноиҳо мунҷар ба ихтилолоте монанди ихтилолоти изтиробӣ ва хулқӣ хоҳад шуд, ки ҳокӣ аз нақси худгардонии ҳаяҷонӣ аст, ки вижагии калидии ҳуши ҳаяҷон аст[5].

Фрайд мӯътақид аст авотиф ва ҳаяҷонот маҷмӯаи густурда аз дарёфтҳои ҳиссии мо мебошанд, ки дар шароити хос онро таҷриба мекунем ва дар фароянди рафтории мо таъсири босазое доранд[6].

Шахсияти афрод таркиби дурусте аз ақл ва ҳаяҷон аст ва маъмулан рамзи баҳраи ҳушӣ (IQ) ва рамзи дил ҳуши ҳаяҷонӣ (EQ) аст. Соловӣ ва Майер (1990) се ҳайтаи ҳуши ҳаяҷониро ба ин қарор мушаххас карданд:

1. Арзёбӣ ва ибрози ҳаяҷон ба сурати каломӣ ва ғайрикаломӣ.
2. Танзими ҳаяҷон дар худ ва дигарон.
3. Истифода аз ҳаяҷон дар тафаккур, амал ва масъалакушоӣ. (Манбаи боло.-С.6).

Майер, Солови ва Корсо (1997) бар асоси се ҳайтаи ёдшуда модели амалии ҳуши ҳаяҷониро матраҳ карданд, ки ин модел ҳуши ҳаяҷониро дар ду системаи шинохтӣ баррасӣ мекунад ва чаҳор шоха дорад, ки иборатанд аз:

1. Идроки ҳаяҷонӣ (дарбаргирандаи шиносоӣ ва дарундиҳии иттилоот аз системаи ҳаяҷонӣ);
2. Тасҳилсозии ҳаяҷонӣ аз афкор, ки барои истифода аз ҳаяҷон барои беҳбудии фарояндҳои шинохтӣ лозим аст;
3. Фаҳми ҳаяҷон дар баргирандаи пардозиши отӣ ва пештар аз иттилооти ҳаяҷонӣ бо нигоҳе ба ҳалли масъала аст;
4. Мудирияти ҳаяҷон дар робита бо худ ва дигарон.

**Муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ. 1.** Муаллифаҳои дарунфардӣ (мизони огоҳии фард аз эҳсосоти хеш ва дарки фаҳми ин эҳсосот) монанди ҷуръатмандӣ, ҳурмати нафс, худшукуфоӣ, истиқлоли амал.

**Муаллифаҳои созгорӣ.** 1.Озмуни воқеият (тавоноии арзёбии робитаи байни таҷрибаи отифӣ ва айниятҳои мавҷуд).

2. Инъитофпазирӣ (тавоноии ҳамсозӣ бо ҳаяҷонҳо, афкор ва рафторҳои фард дар шароит, мавқеиятҳо ва муносибатҳои мухталиф).

3. Ҳалли масъала (тавоноии ташхис ва таърифи мушкилот, халқ ва корбасти роҳҳои муассир).

**Муаллифаҳои хулқу хӯи умумӣ.** Муаллифаҳои хулқу хӯи умумӣ шомили хушбинӣ ва нишот.

**Муаллифаҳои миёнфардӣ** (яъне тавоноии шахс барои созгорӣ бо дигарон ва маҳоратҳои иҷтимоӣ монанди ҳамҳиссӣ, масъулияти иҷтимоӣ, равобити байнифардӣ).

**Муаллифаҳои контроли танишҳо** (тавоноиии таҳаммули таниш ва контроли таконаҳо монанди таҳаммули танишҳо ва контроли таконаҳо).

**Анвои ҳаяҷон.** Ҳаяҷони мусбат (монанди шодӣ, хушбинӣ ва умед, алоқа, ишқ). Ҳаяҷони манфӣ (тарс, хашм, нафрат, ғам, эҳсоси гуноҳ, стресс).

**Назарияҳои ҳаяҷон**

1. Ҷеймз Лонг эълон кард, ки ҳаяҷон дар асари вокунишҳои рафтории ошкор ба рӯйдодҳо эҷод мешавад, на ин ки вокунишҳои рафториро ба вуҷуд оварад. Ба иборати дигар ҳаяҷон маълули вокунишҳои рафторӣ ба рӯйдодҳост на иллати онҳо.

2. Назарияи Канон Борд: Волтер Канон дар даҳаи 1920 эълон кард, ки эҳсоси дарунии ҳаяҷон ва вокунишҳои баданӣ дар ҳаяҷон аз якдигар мустақил ҳастанд ва ҳарду ҳамзамон роҳандозӣ мешаванд.

3. Назарияи Арнолд (1960): хонума Магда Арнолд мӯътақид буд, ки куллияи муҳаррикҳои ҳаяҷонӣ қабл аз ин ки мунҷар ба посухи ҳаяҷонӣ шаванд дар марокази олии мағз мавриди арзёбии аввалия қарор гирифта ва пас аз ин ки барои муҳаррики ҳаяҷонӣ посухи муносиб пайдо шуд, аз тарафи гипоталамус ба муҳаррики ҳаяҷонӣ посухи ҳаяҷонии лозим дода мешавад ва пас аз зуҳури посухи ҳаяҷонӣ муҷаддадан дуюмбора ба маркази олии мағз ҷиҳати арзёбии сонавия иттилоъ дода мешавад. Арнолд мӯътақид буд, ки як механизми ҳаяҷонии комил ҳангоме сурат мегирад, ки маротиби мазкур риоят шавад.

4. Назарияи шинохтии Шохтер Сингер: ин назария ба як назарияи дуомилӣ машҳур аст, ки иборатанд аз барангехтагии худмухтор ва таъбири шинохтии мо аз барангехтагӣ.

5. Назарияи Соломон: Ричард Соломон назарияи фароянди мутазодро матраҳ кард. Ин назария намунаи таодули ҳаётиро дар таҷрибаи ҳаяҷон ба кор мебарад. Ин назария бар ин фарз устувор аст, ки мағзи инсон чунон сохмон ёфтааст, ки метавонад аз посуҳои ҳаяҷонӣ аъм аз ин ки хушоянд ё нохушоянд бошанд пешгирӣ кунад ё онҳоро саркӯб кунад. Агар рӯйдоди мӯҷибе бурузи як ҳолати ҳаяҷонӣ шавад, андаке баъд ҳолати ҳаяҷонии мутазоди он барангехта мешавад.

6. Назарияи Лозорус: Ричард Лозорус мӯътақид буд, ки афрод дар иртибот бо рӯйдодҳо бидуни арзёбӣ даст мезананд. Арзёбии нахустин (primerry appraisal) ва арзёбии сониявӣ (secondary appraisal). Афрод ибтидо робитаи худро бо рӯйдодҳои зиндагӣ арзёбӣ мекунад ва бо тавоноӣ канор омадани худро бо он рӯйдод месанҷанд.

7. Назарияи Паркенсон: Паркенсон (1995) бо таҳлилҳои омилҳои гуногуне, ки ба унвони муаллифаҳои як ҳаяҷон талаққӣ мешаванд назарияҳои чаҳоромилаии ҳаяҷонро муаррифӣ мекунад, ки дорои чаҳор мутағйир ба шарҳи зер аст:

1 – арзёбии муваффақият; 2 – барангехтагӣ; 3 – ҷилваҳои чеҳра ;4 – омодагӣ барои амал.

Паркенсон мӯътақид аст, ки таркиби ин чаҳор омил дар таҷрибаи ҳаяҷонӣ нақш доранд, аммо дар ниҳоят таҷрибаи ҳаяҷон хоҳ-нохоҳ ба арзёбии муваффақият бастагӣ дорад.

8.Назарияи Вайнер: Бернард Вайнер назарияи интисоб дар ҳаяҷонро муаррифӣ мекунад, ки мӯътақид аст афрод моил ҳастанд тавзеҳ диҳанд, ки чаро паёмади зиндагии хосеро таҷриба кардаанд.

9. Даниэл Голман соҳибназар дар улуми рафторӣ ва нависандаи китоби «Кор кардан ба василаи ҳуши ҳаяҷонӣ» ҳуши ҳаяҷониро истеъдоди маҳорат ва ё қобилияте медонад, ки амиқан тамоми тавоноиҳои фардро таҳтушшуо қарор медиҳад. Ҳамчунин мӯътақид аст ҳуши отифии боло мушаххас мекунад, ки чаро афроди бо зариби ҳушии IQ-и мутавассит муваффақтар аз касоне ҳастанд, ки баҳои IQ-и бисёр болотаре доранд. Голман ҳуши ҳаяҷониро истеъдод, маҳорат ва ё қобилияте медонист, ки амиқан тамоми тавоноиҳои фардиро таҳтушшуо қарор медиҳад[7].

**Мазоёи (emotional intelligenc) EI бо таваҷҷӯҳ бо назариёти Маргарет Чопман:**

муваффақияти бештар дар кор ва мудирияти иқтисодӣ; коҳиши фишор ва стресс; афзоиши тавони ташрики масоӣ ва ҳуввияти гурӯҳии болотар;

1. Афзоиши ҳамдилӣ;
2. Афзоиши шодмонӣ дар зиндагии шуғлӣ, хонаводагӣ, фардӣ иҷтимоӣ ва таҳсилӣ;
3. Тавоноии тараққӣ то марoҳили боло.

Чопман мӯътақид аст барои расидан ба ҳуши ҳаяҷонӣ бояд ҳуши миёнфардӣ (intrapersonal) ва ҳуши дарунфардиро (interpersonal) ҳамзамон парвариш дод. Ӯ панҷ тавонмандиро барои расидан ба ин марҳила нишон медиҳад, ки иборатанд аз худогоҳӣ, мудирияти ҳаяҷонот, худангезишӣ, мудирияти равобит, андешаи ниҳоӣ ва шаш гомро барои доштани як робитаи муассир матраҳ мекунад, ки иборатанд аз:

1. Ҳадду марзи иртиботи худро бишносӣ. 2.Интизороти ва табақоти худро бишносӣ. 3.Бардоштҳои худро бознигарӣ кунӣ. 4.Таомулоти худро ба диққат баррасӣ кунӣ. 5.Бардоштҳои дигарон аз худро мурур кунӣ. 6.Натиҷаи мавриди интизорро муайян кунӣ[8]

Мавориди зерро метавон ба унвони аҳамияти ҳуши ҳаяҷонӣ баён намуд: 1.Эҷоди ҳисси масъулиятпазирӣ. 2. Эҷоди зиндагии шоду бонишот. 3. Бархӯрд бо мавқеиятҳои хатарнок. 4. Эҷоди рӯҳияи ҳамкорӣ ва кӯмак ба дигарон.

Таҳқиқоти пажӯҳишгар нишон медиҳад, ки афрод моиланд аз сатҳи болои ҳуши ҳаяҷонӣ бархӯрдор гарданд. Аммо чунончӣ шароит муҳайё набошад ва афрод омӯзиши кофӣ надида бошанд ва аз тавонмандиҳои лозим бархӯрдор набошанд ба ҳеҷ ваҷҳ қодир нахоҳанд буд ҳуши ҳаяҷони худро дар зиндагӣ ба наҳви муассир ба кор гиранд. Ҳамон гуна ки таҳқиқот нишон медиҳад, дар калоншаҳрҳои Ирон дар таҳқиқоте ки анҷом гирифт, мушаххас шуд, ки байни ҳуши ҳаяҷонии мавҷуд дар байни мардум ва ҳуши ҳаяҷонии матлуби онон тафовути маънодоре вуҷуд дорад. Ин тафовут ҳикоят аз он дорад, ки муаллифаҳои тавонмадии афрод барои барангехтагӣ ҷиҳати зиндагии матлуб бисёр заиф амал мекунад. Ба унвони мисол мардум дар эҷоди як зиндагии шод на танҳо бо ихтилофи салиқа рӯ ба рӯ ҳастанд, балки ба роҳҳои шод зистан таваҷҷӯҳи чандоне надоранд. Мавриди шумораи 4 дар ҷадвали поён.

Натиҷаи баррасии 5 муаллифаи пажӯҳишии пажӯҳишгар нишон медиҳад, ки ҳудуди 832 нафар аз мардуми Теҳрон аз гурӯҳҳои таҳсилкарда андешаманд ва кормандон ва ҳатто мардуми оддӣ мӯътақиданд, ки сатҳи шодмонӣ дар байни мардум ва зиндагии онон поён аст ва ин гӯёи он аст, ки зиндагии мардум ризоятбахш нест ва онҳо қодир нестанд дар зиндагии худ шодиҳои матлуб эҷод кунанд. Ҳамчунин ҷадвали омории поён, ки натиҷаи таҳқиқоти майдонӣ дар калоншаҳрҳои Ирон аст нишон медиҳад, ки ҳисси масъулиятпазирии афрод ва ҳисси ҳаяҷонии онон дар тасмимгириҳои мухталиф аз боздеҳии поёне бархӯрдор аст. Лизо байни онҷӣ вуҷуд дорад ва онҷӣ бод бошад фосилаи зиёде эҷод шудааст. Мавриди 2, 3 ва 5 дар ҷадвали поён.

Ҳамчунин мизони таваҷҷӯҳи кӯдакону навҷавонон ва ҳатто ҷавонон нисбат ба барангехтагӣ ва ҳисси ҳаяҷонӣ эҳтиром дар байни мардуми калоншаҳрҳои Ирон поён аст. Ҳамчунон ки ҷадвали поён нишон медиҳад ва ин худ ҳикоят аз суст шудани бунёни хонавода, намунагирии кӯдакону ҷавонон аз афроди бегона ва бетаваҷҷӯҳӣ ба омӯзишҳои суннатӣ ҳикоят мекунад. Ва нишон медиҳад, ки зарурати эҳтиром ба волидайн ва мураббиён ва ҳуши ҳаяҷонии афрод дар ин замина муваффақ амал намекунад. Дар натиҷаи ноҳинҷориҳои мухталиф аз ҷумла талоқ, ихтилофоти хонаводагӣ, фирор аз хона, издивоҷҳои номуваффақ, масрафи маводи мухаддир, стресс, тарс ва эҳсоси танҳоӣ дар байни мардуми ҷомеа афзоиш пайдо мекунад. Суоли 1 дар ҷадвали поён нишон медиҳад, сатҳи масъулиятпазирии мардуми калоншаҳрҳои Ирон дар тасмимгирии мухталиф аз боздеҳи болое бархӯрдор нест ва ин ба ин маъност, ки ин мардум дар мавқеиятҳоия мухталиф ва масоиле, ки аз ҳуши ҳаяҷонии онон ба вуҷуд меояд қодир нестанд тасмимоти бсиёр ҳушмандонае иттихоз кунанд, лизо барои тақвияти ин маҳорат ба таҷрибаи бештаре ниёз доранд. (Мавриди 1дар ҷадвали поён)

| | Paired Samples Test | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Paired Differences | | | | | T | Df | Sig. (2-tailed) |
| | | | | | | 95% Confidence Interval of the Difference | | | | |
| | | | Mean | Std. Deviation | Std. Error Mean | Lower | Upper | | | |
| | Pair 15 | 15 - 15 | 1.466 | 1.261 | .062 | 1.345 | 1.588 | 23.724 | 415 | .000 |
| | Pair 22 | 22 - 22 | 1.454 | 1.345 | .066 | 1.325 | 1.584 | 22.048 | 415 | .000 |
| | Pair 38 | 38 - 38 | 1.219 | 1.412 | .069 | 1.083 | 1.355 | 17.608 | 415 | .000 |
| | Pair 63 | 63 - 63 | 2.019 | 1.492 | .073 | 1.875 | 2.163 | 27.603 | 415 | .000 |
| | Pair64 | 64 - 64 | 1.274 | 1.425 | .070 | 1.137 | 1.411 | 18.235 | 415 | .000 |

Ба таври куллӣ бахрамандӣ аз ҳуши ҳаяҷонии боло бар асоси назарияи муҳаққиқ муҷиб мешавад, ки афрод: 1 - аз ёдгирии беҳтаре бархӯрдор бошанд; 2 – мушкилоти рафтории камтаре дошта бошанд; 3 – ҳаяҷони худро ба хубӣ баён кунанд; 4 – ба ҳарфҳои дигарон хуб гӯш диҳанд; 5 – аз хушунати камтаре истифода кунанд; 6 – хушҳолу бонишот бошанд; 7 – сатҳи таҳаммул ва шикебоии онон афзоиш пайдо кунад; 8 – масъулиятпазир бошанд ва дар бораи атрофиёни худ эҳсоси хубе дошта бошанд.Натиҷае,ки аз ин таҳқиқ ба даст меояд ин аст, ки аввалан бояд муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ ва коркардҳои онро шинохт. Сониян бояд истеъдодҳои афродро ҷиҳати бакоргирии ҳуши ҳаяҷонӣ борвар кард.

Сеюм, давлат вазифадор аст бо омӯзишҳои муассир дар ҷиҳати борварии ҳуши ҳаяҷонии афроди ҷомеа барои зиндагии беҳтар афзоиши сатҳи кайфияти зиндагӣ, парвариши ҳисси масъулиятпазирӣ ва ҷойгоҳи мураббиён ва хонавода талош кунад ва омӯзишҳои лозимро аз мадраса шурӯъ кунад ва омӯзишҳои мадрасаӣ ва академикӣ бояд тамоман дар ҷиҳати парвариши ҳуши отифӣ (ҳуши ҳаяҷонӣ) ва ҳуши шинохтии афрод бошад то ин афрод битавонанд бо истифода аз ин ду нерӯ дар мавқеиятҳои фардӣ, байнифардӣ ва иҷтимоӣ бар зиндагии худ мусаллат бошанд ва зиндагии худро ба хубӣ мудирият кунанд.

## АДАБИЁТ


1. Ҳуши ҳаяҷонӣ дар мудирияти созмон. Даниэл Гулман\\тарҷ. Баҳмани Иброҳимӣ.Интишороти Доираи санъатӣ, 1385.
2. Mark Tyrrell, Director http :// www.self-confidence.co.uk/social_skills.html
3. www.wikipedia.com
4. http://www.fekreno.org/arfek84.htm
5. Маҷаллаи андешаи хонавода. Шумораи 13 ба 14 ,нашрияи 7.Донишгоҳи Алллома Таботабоӣ.
6. Ҳуши ҳаяҷонӣ. Доктор Ҳасанзода Рамазон ва Сайидмуртазо Содотии Гиёҳӣ. Нашри Равон, 1388.- Теҳрон.
7. www.wikipedia.com
8. http://www.fekreno.org/arfek84.htm


## МЕСТО ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ИНТЕЛЛЕКТА В ЧЕЛОВЕЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


В статье рассматривается использование возможностей физических и интеллектуальных потенциалов в повседневной человеческой деятельности. Отмечается, что эти потенциалы дают возможность совершенствовать человеческую деятельность и его отношение к социальной жизни.



**Ключевые слова**: эмоциональное чувство, интеллектуальный потенциал, повседневная человеческая деятельность, семья, теория эмоциональных чувств, решительность, риск.


## PLACE OF EMOTIONAL INTELLECT IN HUMAN ACTIVITY


In article use of opportunities of physical and intellectual potentials in daily human activity is considered. It is noted that these potentials give the chance to improve human activity and its relation to social life.



**Key words:** emotional feeling, intellectual potential, daily human activity, family, theory of emotional feelings, determination, risk.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Азро Абдулрахими*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ ОМИЛИ МУАССИР БА САЛОМАТИИ РАВОН

*Нозанини Хоҷа*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ҳаяҷонҳо нақши асосӣ дар зиндагии инсон доранд. Хашм, инзиҷор, тарс, изтироб, хушҳолӣ ва ғайра танҳо ҷузъе аз эҳсосот ва ҳаяҷоноте ҳастанд, ки инсонҳо мумкин аст дар шароити муайян онҳоро таҷриба кунанд. Гоҳе мумкин аст, ҳаяҷонҳо ошкоро буруз накунанд, таҷрибаҳои ҳаяҷонӣ барои афрод иттилооте дар бораи худ ва муҳиташон фароҳам мекунанд. Ба сурате ки бо он таомул пайдо карда, интибоқ меёбанд. Ҳамаи ашколи таҷрибаи ҳаяҷонӣ аз авотифи холис ва асосӣ то ҳаяҷонҳо мутамаркиз бар эҳсосоти печида ҳосили маонии зеҳнӣ ҳастанд.

Ҳаяҷонҳо, фардро барои эҷоди посухҳои сареи ҳаракатӣ омода месозанд ва ба вай кумак мекунанд, то бо як рӯйкарди шинохтии муносиб созгории судмандеро аз худ буруз диҳанд ва низ ба таври инъитофпазир рафторҳои иҷтимоии печидаро намоён созанд. Агарчи ҳаяҷонҳо мумкин аст дар рафтори интибоқӣ дахил бошанд, вале посухдиҳии ҳаяҷонии беҳина вақте ҳосил мешавад, ки афрод бидонанд ҳаяҷонҳояшонро чигуна танзим, таҷриба ва иброз намоянд ва низ ёд бигиранд чи гуна ва чи вақт барои шаклдиҳии ҳаяҷони мавриди ниёз иқдом кунанд.

Ҳуши ҳаяҷонӣ аввалин бор дар даҳаи 1990 тавассути ду равоншинос бо номҳои Ҷон Моер ва Солдви матраҳ шуд. Онон изҳор доштанд, касоне ки аз ҳуши ҳаяҷонӣ бархурдоранд метавонанд авотифи худ ва дигаронро назорат карда, байни паёмадҳои мусбат ва манфии авотиф тамоюз гузоранд ва аз иттилооти отифӣ барои роҳнамоии фароянди тафаккур ва иқдомоти шахсӣ истифода кунанд. Дониел Гулман соҳибназари улуми рафторӣ, ҳуши ҳаяҷониро истеъдод, маҳорат ва ё қобилият донист, ки амиқан тамоми тавоноиҳои фардиро таҳти шуо қарор медиҳад.

Афроде, ки муваффақ намешаванд, бемавқеъ мебошад. Ҳуши ҳаяҷонии худистифодакунанда ба манзури канор омадан бо изтиробҳо ва нигарониҳои худ ва таҳаммули боло ва поин шуданҳои рӯҳӣ – эҳсосии худ ба роҳҳо ва равишҳои ғайримуассиртар ва басо зараровар мутавассил мешаванд. Чунин афроде ду баробари дигарон мустаиди ибтило ба ихтилолоти изтиробӣ ҳастанд, ки шомили нигаронӣ, ҳамалоти ногаҳонии изтироб (паника) афсурдагӣ, истифода аз шароб ва маводи мухаддир ва ҳатто афкори марбут ба худкушӣ аст. Ҳуши ҳаяҷонӣ таъсири босазо дар эҳсоси хушҳолӣ, хушбахтӣ ва ризоияти дарунии афрод дорад. Онон ки маҳорати ҳуши ҳаяҷониро бештар ба кор мебаранд ва дар ин замина тамрини бештаре доранд, бо дигарон ва муҳити атроф ба роҳатӣ, сулҳ ва тафоҳуми бештаре ба сар мебаранд ва даргириҳои ба маротиб камтаре бо худашон ва дигарон пайдо мекунанд. Ҳарчи бештар ҳуши ҳаяҷонии худро ба кор бигиред ва тамрини бештаре рӯи маҳоратҳои марбут ба он дошта бошед, ба ҳамон андоза баҳраи бештаре аз зиндагӣ хоҳед бурд.

Гулман (1998), ҳуши ҳаяҷониро як созаи куллӣ медонад, ки метавонад иллати муваффақияти фард дар ҷанбаҳои мухталифи зиндагӣ бошад. Ӯ баён мекунад, афроде ки эҳсосоташонро ба хубӣ назорат мекунанд ва ба таври муассир бо дигарон бархӯрд менамоянд, зиндагии пурмуҳтавотаре доранд. Афроди шод истеъдоди бештаре дар ба даст овардани иттилоот доранд ва бештар аз афроди норозӣ аз зиндагӣ асарбахшӣ бар худ доранд.

Бор – Ун (2002) унвон кард, ҳуши ҳаяҷонӣ аз 5-муаллифа ташкил шудааст, ки иборатанд аз:

***1. Дарунфардӣ:*** шомили худшукуфоӣ, истиқлол, худогоҳии ҳаяҷонӣ.

***2. Байнифардӣ:*** ҳамдилӣ ва масъулиятпазирии иҷтимоӣ.

***3. Интибоқпазирӣ:*** шомили тавони ҳалли масоил ва огоҳӣ ба воқеият ва инъитофпазирӣ.

***4. Мудирияти стресс:*** шомили назорати таконаҳо ва таҳаммули фишорҳо.

***5. Халқи куллӣ:*** шомили шодкомӣ ва хушбинӣ.

**Ҳуши ҳаяҷонӣ.** Назарияпардозони ҳуши ҳаяҷонӣ ба мо мегӯянд, ки (IQ) чӣ кор метавонем анҷом диҳем дар ҳоле ки ҳуши ҳаяҷонӣ ба мо мегӯяд, ки чӣ коре бояд анҷом диҳем. IQ шомили тавоноии мо барои ёдгирии тафаккури мантиқӣ ва интизоӣ мешавад. Дар ҳоле ки ҳуши ҳаяҷонӣ ба мо мегӯяд, ки чӣ гуна аз IQ дар ҷиҳати муваффақият дар зиндагӣ истифода кунем.

Ҳуши ҳаяҷонӣ шомили шинохт ва назорати ҳаяҷонҳои худ аст. Ба баёни дигар, шахсе ки EQ болоӣ дорад, се муаллифаи ҳаяҷонҳоро ба таври муваффақиятомезе бо якдигар талфиқ мекунад (муаллифаҳои шинохтӣ, физиологӣ ва рафторӣ).

Ҳуши отифӣ нақши муассире дар оромиши инсон дорад. Дарвоқеъ ин ҳуши отифӣ аст, ки метавонад ҳуши ақлониро ба кор гирад ва дар ҷиҳати ҳадафаш ба пеш бибарад. Шояд то кунун афроди бо ҳуши зиёдеро дида бошед, ки на дар шуғл ва корашон, на дар робитаҳои хонаводагӣ ва робитаҳои байнифардӣ ва на дар тафриҳ ва ишқварзиданашон муваффақияте ҳосил накарданд. Бешак, касонеро ҳам мешиносед, ки ба рағми адами бархурдорӣ аз ҳуши саршор, зиндагии ором ва муваффақе дошта, ҳатто ба сатҳҳои болои муваффақиятҳои иҷтимоӣ расиданд (Достони мусобиқаи сангпушт ва харгуш). Тафовути байни ин ду гурӯҳ тафовути мизони IQ бо зариби ҳуш ва чизе аст, ки ҳуши ҳаяҷонӣ номида мешавад. Ҳуши ҳаяҷонӣ шеваи пазируфташуда барои арзёбии муваффақияти як фард аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва мутолиоти охир робитаи миёни ҳуши ҳаяҷонӣ ва мизони эҳтимолии ибтило бо баъзе бемориҳо ва ихтилолотро нишон медиҳад. Изтироб ва нигаронӣ – ташвиш ва афсурдагӣ системаи имании баданро тазъиф ва вайрон мекунад ва осебпазирии шумoро дар муқобили тамоми бемориҳо афзоиш медиҳад. Қудрат ва тавоноии системаи дифоӣ ва имании бадани шумо иртиботи бисёр наздике бо ҳолати рӯҳӣ ва отифии фард дорад.

Таҳқиқоти ҷадиди пизишкӣ, иртиботи байни авотифи парешонкунанда ва бархе ашколи ҷиддӣ ва хатарноки бемориҳо, назири саратонро ба исбот расонидааст. Дар яке аз аввалин ва дарозмуддатарин таҳқиқот дараҷа ва мизони таниш ва изтироби занҳо аз соли 1968 то соли 1991 андоза гирифта шуд. Муҳаққиқон иртиботи миёни изтиробҳо, тарсҳо, мушкилот ва ихтилолоти марбут ба бекорӣ ва бехобӣ ва ғайраро ба мизони таниши истикок ва даргириҳои шуғлӣ ва хонаводагӣ (ки EQ нақши бисёр ҳаётӣ ва босазое дар он ифо мекунад) ба хубӣ нишон доданд. Дар тӯли ин 24 сол заноне, ки сатҳҳои болотаре аз фишори равонӣ ва изтиробро таҷриба карда буданд, тақрибан ду баробари дигарон дар марази ибтило ба саратони пистон қарор доштанд. Метавон гуфт, фишори равонии отифии ин занҳо аз бархӯрдҳо ва даргириҳои рӯҳӣ ва низ эҳсосот ва авотифи ҳал ва фасл нашуда сарчашма гирифта буд. Ҳуши ҳаяҷонии боло фароянди дармони бемориҳоро суръат мебахшад. Собит шудааст, афроде ки дар тӯлӣ 10 моҳ ҳуши ҳаяҷонии худро иртиқо бахшида, маҳоратҳои марбут ба онро дар худ тақвият кардаанд, бо суръати бештаре аз бисёр бемориҳо, аз ҷумла, бемориҳои қалбӣ, рагӣ ва низ саратон халос шудаанд. Ин низ собит шудааст, ки таълими маҳоратҳои ҳуши ҳаяҷонӣ ба афроде, ки ба бемориҳои хатарнок мубтало ҳастанд, эҳтимоли бозгашти муҷаддади ин бемориҳо ва тӯлӣ муддати дармон ва омори маргу мири марбут ба онро ба мизони қобили таваҷҷуҳ коҳиш додааст. Ҳангоме ки ташхиси бемориҳои хатарноки назири саратон дар афрод қатъӣ мешавад, афзоиши қобили мулоҳизае дар сатҳи фишори равонӣ, нигаронӣ ва изтироби фард мушоҳида мешавад, ки албатта, ин ҳолат вокуниши табиӣ дар қиболи ташхиси бемориӣ аст. Лизо, бемор ба манзури пазириш ва канор омадан бо ин қабил изтиробҳо ва нигарониҳо ба қобилиятҳо ва маҳоратҳои ҷадиде ниёз хоҳад дошт. Ба унвони мисол, ҳудуди $\frac{1}{3}$ аз тамоми заноне, ки ташхиси саратони пистон дар онҳо қатъӣ шуда буд, мубтало ба сатҳҳои қобили мулоҳиза ва ба лиҳози клиникӣ қобили ташхис аз ихтилолоти изтиробӣ буданд ва ҳудуди 10% низ аз фишори равонӣ баъд аз ворид омадани зарба бар ҷисм ранҷ мебурданд. Муҳаққиқони донишгоҳи Иёлоти Оҳаё 227 нафар аз занонеро, ки дар он ташхиси саратони пистон қатъӣ шуда буд, мавриди мутолиа ва таҳқиқ қарор доданд ва таъсироти шигифтангезеро оқибатҳои омӯзиши маҳоратҳои ҳуши ҳаяҷонӣ ба он мушоҳида карданд. Замоне ки албатта, ба таври тасодуфӣ ва ба ҳеҷ гузиниш дар ин гурӯҳи дармон қарор дода шуда буданд, батадриҷ аз оромиши бештаре бархурдор шуданд ва сатҳи изтироб ва фишори равонии онҳо коста шуд. Онҳо ҳамчунин режими ғизоии беҳтар ва солимтареро риоят мекарданд ва дар натиҷа, аз системаи иманӣ ба маротиб қавитар ва фаъолтаре баҳраманд шуданд. Таҳқиқоти мушобеҳе, ки баъдҳо ба созмони амроз ва бемориҳои қалбӣ, рагӣ Амрико низ ироа шуд. Натиҷаҳои мушобеҳеро дар мавриди мардон ва заноне, ки маҳоратҳои ҳуши ҳаяҷонӣ ба онон омӯзиш дода шуда буд ва дар зимн қаблан як бор сактаи қалбӣ карда буданд нишон дод.

Аксари маҳоратҳо бар асари таъмилу тарбият тавсеа меёбад. Ҳуши ҳаяҷонӣ ба василаи рушди маҳоратҳои ҳаяҷонии хос қобили тавсеа аст. Ҳуши ҳаяҷонӣ мафҳуми

қобили ёдгирӣ аст. Бар хилофи бахраи ҳушӣ, ки дар тӯлӣ зиндагӣ сатҳи он тақрибан собит аст, ҳуши ҳаяҷониро метавон афзоиш дод. Қабл аз ҳар чиз инсон бояд дар бораи эҳсосот ва ҳаяҷонот иттилооти бештаре пайдо кунад ва дар бораи анвои ҳаяҷон мисли шодӣ ва ғам, шуҷоат ва тарс, сабр ва беҳавсалагӣ, ишқ ва танаффур ва ғайра иттилооти созандае дошта бошад. Бо эҷоди як муҳити амнии отифӣ метавон бо озодӣ дар бораи истилоҳот сухан гуфт. Омӯзиши маҳоратҳои иҷтимоӣ аз роҳҳои афзоиши ҳуши ҳаяҷонӣ аст. Ин омӯзиш шомили барномаи назорати хашм ва асабоният, ҳамдилии пай бурдан ба тафовутҳо ва шабоҳатҳои мардум, ҳалли масоил ва мушкилот, барқарории иртиботи муассир, арзёбии хатарот, тасмимгирӣ, тақвияти рӯҳии афроди гурӯҳ, ибтикор ва мудирияти тағйир аст. Равоншиносоне, ки аз ҳуши ҳаяҷонӣ ба унвони муҳимтарин омили муваффақияти фардӣ дифоъ мекунанд, муътақиданд, ки ин нав ҳуш иктисобӣ аст ва метавон онро парвариш дод. Онҳо роҳҳои мухталиферо барои парвариши ҳуши ҳаяҷонӣ бо ин шарҳ пешниҳод мекунанд: ташкили гурӯҳҳои дӯстона (ба манзури шинохти эҳсосоти худаш ва дигарон), тамрини ҳалли як ё чанд мушкил, шинохти эҳсосот аз тариқи адабиёт ва синамо, танзими эҳсосот ба василаи навиштан ва қотеияти муҳтарамона (дар айне, ки икроми дигаронро дорем аз ҳаққи худамон ҳам дифоъ кунем).

**Саводомӯзии ҳаяҷонӣ.** Таҳқиқот нишон медиҳад, ки омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ аз ҳамон лаҳзаҳои аввалияи зиндагӣ шурӯъ мешавад. Вақте ки кӯдаки думоҳа баъд аз гиряи бисёр мехобад ва баъд аз он модар низ ором-ором эҳсоси хобидан мекунад, аммо ҳанӯз чашмҳояш гарми хоб нашудааст, ки ногаҳон гиряи навзод сарзамини рӯ ба оромиши ӯро ба ошӯб мекашад. Модарон мутафовитанд, яке бо туршрӯӣ ва ба сахтӣ аз ҷо баланд мешавад ва навзодро дар оғушаш меандозад ва пистонашро дар даҳони навзод мегузорад ва бо аҳу уҳ ва ғуруланд дақоиқеро таҳаммул мекунад ва ба маҳзи он ки навзод сокит шуд, ӯро аз синааш ҷудо мекунад. Аммо модари дигар, алорағми таҳаммули ҳамон сахтиҳо ба ороми навзодро бар медорад ва дар синааш мефишорад ва бо лабханд ба чанд бӯса бар фарзанд, ба ӯ шир медиҳад ва он қадар сабр мекунад, то навзод пистони модарро раҳо кунад ва бо хаёли осуда ва бо дунёи отифӣ ва шиками сер соате ба хоб меравад. Таҳқиқоти мутааддиде нишон додааст, ки ин ду кӯдак дар моҳҳои баъд асароти ин рафторро дуруст хоҳанд дод. Кӯдаки дувум кӯдаки хушбин ором ва созгор хоҳад шуд.

Навъи инзиботи волидайн (сахтгирона ё бо ҳамдилӣ) дар шаклгирии ҳаяҷоноти кӯдак бисёр муассир аст. Таҳқиқоти мухталифи равоншиносӣ дар рӯйкардҳо ва мактабҳои мухталифи он таъсирпазирии солҳои нахусти зиндагиро мавриди таъйид қарор медиҳад. Аммо таҳқиқоти дигаре нишон медиҳанд, ки шаклдиҳӣ ва таъсири солҳои аввалияи зинадгӣ қатъӣ нест, балки бо як давраи «саводомӯзии ҳаяҷонӣ» метавон бисёре аз хулқу хӯҳои ҳаяҷониро иваз кард. Албатта, ин давраҳо чанд воҳиди дарсӣ нест, ки бо гузаронидани он ба таври муъҷизаосое хулқу хӯи шахсеро иваз кард, балки давраҳои ҳаяҷонӣ ва саводомӯзии ҳаяҷонӣ бояд дар канори фаъолиятҳои дарсӣ ва мутаносиб бо давраҳои таҳаввули рушди ҳар шахсе тарроҳӣ ва иҷро шавад. Барои ошноии бештар яке аз ин барномаҳо оварда мешавад.

**Барномаи Грант.** Грант барои падид овардани «ҳуши ҳаяҷонӣ» дар фард барномаи омӯзишии чандмарҳилаии зерро пешниҳод кард, ки бо муваффақияти хубе ҳамроҳ буд:

**а) Омӯзиши маҳоратҳои ҳаяҷонӣ.** Шиносоӣ ва номгузории эҳсосот, ибрози эҳсосот, мудирияти эҳсосот, ба таъвиқ дохтани комёбӣ, назорати ҳаяҷонҳо, огоҳӣ ёфтан аз тафовутҳои мавҷуди миёни эҳсосот ва амал.

**б) Омӯзиши маҳоратҳои шинохтӣ.** Суҳбат бо худ (иҷрои гуфтугӯи дарунӣ), дарёфтан ба тафсири нишонаҳои иҷтимоӣ, истифода аз қадамҳои мушаххас барои ҳалли масоил ва тасмимгириҳо (ба унвони мисол, дар назорати ҳаяҷон таъйини ҳадафҳо ва ғайра) дарки назароти дигарон, дарки ҳинҷорҳои рафторӣ, доштани дидгоҳи мусбат ба зиндагӣ, худогоҳӣ.

**в) Омӯзиши маҳоратҳои рафторӣ.** Маҳоратҳои ғайрикаломӣ, маҳоратҳои каломӣ.

Дар иҷрои ин барнома асотир ва омӯзишгоҳҳо аз шеваҳои мутафовит истифода мекунанд. Аммо навъан ба шинохти ҳаяҷонот оғоз мекунанд ва аз донишомӯзон мехоҳанд дар робита бо эҳсосоти мухталиф бо худ фикр кунанд ва то он ҷо ки метавонанд дар муқобили дӯстонашон онҳоро тавсиф кунанд. Бо яке аз ин синфҳо ошно мешавем.

**Бачаҳо бар рӯи макет нишастаанд.** Як ҷаласаи ҳалқаӣ, рӯ дар рӯи ҳам. Ҳеҷ кас ба дигаре гӯш намекунад ва вақте як нафар суҳбат мекунад чашмҳо ба ӯ хира мешавад.Устод ҳозирғоиб мекунад: **Ҳенри.** Ҳенри ба ҷои худ «бале ҳозирам» ададеро,

ки нишонаи нумра ва дарачаи отифии ӯст баён мекунад: Агар дилаш бихоҳад метавонад иллати ин номраро низ бигӯяд:

- Падару модарам бо якдигар даъво мекарданд. Онҳо хеле сари якдигар фарёд кашиданд ва таҳдид карданд, ки аз ҳам чудо мешаванд. Ман ки хеле тарсида будам ва гиря гулӯямро гирифта буд, намедонистам ки чи кор кунам ва аз ин бобат хеле норохат будам. Дуст доштам онҳоро оштӣ бидиҳам, аммо намедонистам дар он курони хашму ғазаб, пархошгарӣ чи гуна ворид шавам. Бо ҳамон ҳолат ва бо ҳазор фикр ва хаёл ба рахти хоб рафтам ва хобидам. Субҳ низ аслан майл ба субҳона надоштам. Ҳолати афсурдагии ачибе бар ман ҳоким буд, либосҳоямро пушидам ва оҳиста-оҳиста худамро ба мадраса расонидам. Росташ хеле нигаронам, ки агар падару модарам аз якдигар чудо шаванд, сарнавишти ман чӣ хоҳад шуд.

Бачаҳо бо суолоти худ талош мекунанд, то эҳсосоти ӯро дарч кунанд ва дар сурати лозим бо ӯ ҳамдилӣ намоянд. Ҳузур ва қиёб ҳамчунон идома пайдо мекунад ва ҳар 10-15 нафар ҳозир дар синф ба шакли эҳсос ҳузури худро дар синф эълон мекунанд. Аммо ҳузури мутафовит ҳамроҳ бо ҳамдилӣ ва дарки якдигар.

Дар бахши дигаре аз синф, барои тақвияти ирода ва назорати ҳаячонот аз бачаҳо хоста мешавад, ки ба се гурӯҳ тақсим шаванд ва як кори гурӯҳиро дар сукути маҳз ва ишора анчом диҳанд ва ҳатто дар сурати бурузи мушкил ё таниш байни аъзои гурӯҳ бояд бо сукут ва ҳамдилӣ онро ҳал кунанд. Ҳатто дар ҳамин сукут роҳбари гурӯҳ интихоб мешавад ва агар гурӯҳе қоидаҳои бозиро риоят накунад, имтиёзи бозишон кам мешавад.Дар як бахши дигар устод, низои сохтагиро таррохӣ мекунад ва аз бачаҳо мехоҳад ба беҳтарин шакл миёнчигарӣ кунанд ва бо дарки рӯҳиёти тарафайн ба қазоват, як ҳакамият ва қазовати муваффақро ба намоиш бигузорад.

Даҳҳо таъмини дигар аз ин даст, ки мутаносиб бо шароити синнӣ ва сатҳи таҳаввули онҳо таррохӣ шудааст, кӯдакон ва навчавонон меомӯзанд, ки чи гуна ҳаячоноти худро бишиносанд ва ба чӣ шевае бар ҳаячонот, отифаҳо тарафдорони худ мудирият кунанд.

Дар дили ҳар гирифтори буҳронӣ, ҳамвора фурсати дуборае барои тачдиди паймон, азм ва иродаи пойдор вучуд дорад. Эҳсосот ва авотифи шумо монанди роҳнамоён ва мушовироне ҳастанд, ки ба шумо кумак мекунанд. Мушкилоти худро ҳангоме ки ҳанӯз қобили ҳал ҳастанд ва қабл аз ин, ки ба мушкилоте табдил шаванд, шиносӣ кунед ва дар чиҳати рафаашон бикӯшед. Бо гӯш додан ба эҳсосоти худ, дарк ва фаҳми паёми онҳо метавонед ба тарзи муассир ва коромад мушкилоти кунунии худро аз пеши по бардоред ва аз буруз ё такрори онҳо дар оянда низ пешгирӣ кунед. Баръакс, ҳангоме ки ин эҳсосотро саркӯб ё инкор кунед, ба суръат дар шумо тачаммӯъ мекунанд ва ба эҳсосот ва авотифи нохушояндтаре монанди таниш, изтироб, нигаронӣ ва ихтилолоти рӯҳӣ табдил мешаванд. Эҳсосот ва авотифи ҳаллу фасл нашуда, ё саркӯбу инкоршуда, зеҳн ва чисми шуморо фарсуда мекунанд. Ҳуши ҳаячонӣ ба шумо кумак мекунад, то бо бархӯрди бемавқеъ, бо фишорҳои равонӣ ва ҳамчунин мавқеиятҳои душвор ва мушкилсоз аз табдили онҳо ба мавқеиятҳои лоянҳал пешгирӣ ба амал оваред. Он ҳам қабл аз он ки шуморо аз по дароваранд.

**АДАБИЁТ**


1. Баротбари Т. ва Гриюз Ҷ. EQ чист ва чаро муҳимтар аз IQ аст. Тарчумаи Ҳоди Иброҳимӣ.
2. Баротбарӣ Т. ва Гриюз Ҷ. Ҳуши ҳаячонӣ. Тарчумаи Маҳдии Ганчӣ. 1384.
3. Афрӯз Қ. ва Муътамиддин Ф. Худкоромадӣ ва саломати равонӣ. Фаслномаи равоншиносии Эрон. 1384.
4. Баррасии муқоисавии робитаи ҳуши ҳаячонӣ бо саломатии равон. Поённомаи коршиносии аршад. Равоншиносии болинӣ. Донишкадаи улуми инсонии донишгоҳи Шоҳид.
5. Kennedy M., Eileen J. & Watson C. Expressing Emotion-New & London: Guilford press. 1999.
6. Salovey P. & Mayer J. Emotional onal attention clarity and repair. Exploring emotional intelligence using the trait meta-mood scal-in j.w.pennebaker (Ed) Emotion, Disclosur, and Health Washington. D.C.American Psychological Association. PP. 125-126, 1995.
7. Goleman D. What is your EI? An inventory on Emotional Abilites, Retrieved at From: http: inst. Santafe. ccl. Fl-us/mwehr/lio Emo.html. 18/9/2006.
8. Fa. Wikipedia. Org.
9. Usinfo. State, gov/persion/ index/products/product listing hi/Hi/All.Rise of Emotional intelligence.
10. www.hamdard.com


**ЭМОЦИАЛЬНЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ КАК ВОЗДЕЙСТВУЮЩИЙ ФАКТОР НА ПСИХИЧЕСКОЕ ЗДОРОВЬЕ**


Эмоциональный интеллект имеет огромное значение для нашего физического здоровья. Изменяя эмоции в жизни человека можно изменить и саму жизнь. Эмоции являются реакцией на то, что происходит в

нашем уме, а так же в физическом теле и показывают наш внутренний мир переживаний по поводу происходящих вокруг нас событий. Эмоции в жизни человека играют огромную роль. Ведь именно они делают нашу жизнь более динамичной и интересной. Успех в любом деле напрямую зависит от умения управлять своим поведением. В данной статье автор рассматривает эмоциональный интеллект как воздействующий фактор на психическое здоровье детей.
**Ключевые слова:** эмоции, эмоциональный интеллект, поведение, здоровье, психическое здоровье.

**EMOTSIALNY INTELLIGENCE AS THE INFLUENCING FACTOR ON MENTAL HEALTH**

The emotional intelligence has huge value for our physical health. Changing emotions in human life it is possible to change and life. Emotions are reaction that occurs in our mind and as in a physical body and show our inner world of experiences concerning events occurring round us. Emotions in human life play huge role. After all they do our life more dynamic and interesting. The success in any business directly depends on ability to operate the behavior. In this article the author considers emotional intelligence as an influencing factor on mental health of children.
**Key words:** emotions, emotional intelligence, behavior, health, mental health.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Нозанин Ходжа*** – соискатель Академии образования Таджикистана

## ЭМОЦИОНАЛЬНЫЙ КОМПОНЕНТ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ

***Doниярова Парвина***
**Таджикский национальный университет**

Педагогическая теория и практика обучения таких предметов как родной, так и иностранные языки, таджикская и мировая литература и т п. сориентированные на возрастание объема духовных ценностей каждого этноса, формирования патриотического сознания, подчеркивая в национальных культурах именно то, что их объединяет – общенациональное дают множество примеров проявления их общечеловеческого смысла.

Изучение и анализ учебных планов национальных и полиэтнических школ страны показали, что, как и в других странах по окончании старшей школы учащиеся получают право выбора профессии. Им предоставляются возможности попробовать свои силы в разных видах деятельности и областях знания. Базисный учебный план старшей школы включает функционально полный набор образовательных областей и готовит выпускника школы к рынку труда уже во время обучения в общеобразовательной школе.

Окончив эту ступень образования, дети получают соответствующую профессию.

Исследуя систему образования в Республике Таджикистан, целесообразно, чтобы в условиях перехода к 12-летнему образованию Республика Таджикистан уделяла огромное внимание производственному обучению посредством перехода в профильное образование на старших классах, которые исходят из модернизации современного производства. Участие в трудовой деятельности значительно повысит ответственность учеников за национальные интересы страны.

Анализ состояния учебного процесса и материально-технической базы старшей школы в РТ показывает, что на этой ступени образования предается огромное значение новым образовательным технологиям. В школах выделяются оборудованные классы, которые имеют по 7-8 компьютеров для обучения. Они предназначены для обучающихся, которые должны заниматься компьютером. Кроме того, школы оборудованы современными техническими средствами, видео, диапроекторами и т.п.

Инновационные образовательные технологии позволяют активизировать старшеклассника, развивать их интеллектуальные способности, преодолевать однообразие в процессе обучения, которое способствует повышению освоения знаний о национально-культурных традициях своего народа.

Национальная культура и другие средства художественного воздействия позволяют формировать чувство национальной гордости и патриотизма. Кроме того, они имеют широкие возможности с раннего детства приобщить подростков к национальным культурным традициям, народному художественному творчеству, а также к ценностям мировой культуры. Активное вовлечение учащихся в художественно-творческую деятельность позволяет лучше освоить ценности национальной культуры.

Опыт работы некоторых школ республики позволил обнаружить низкий уровень языковой культуры учащихся, пренебрежение к национальным ценностям, незнание истории таджикского народа, развитие субкультур.

Формирование национального самосознания может быть осуществлено средствами литературы как учебной дисциплины. Содержание учебной дисциплины даёт возможность через освоение знаний и представлений о своеобразии исторического пути и национальной культуры Таджикистана, сформировать когнитивный компонент национального самосознания. Через переживание таких чувств, как любовь к Родине, народу, привязанность к земле, чувство национальной гордости, ответственность за судьбы Отечества, происходит формирование **эмоционального компонента национального самосознания.** На примерах поступков, действий героев произведений, направленных на защиту национальных интересов, на сохранение ценностей, традиций национальной культуры, складываются национальные поведенческие модели, которые могут служить базой для формирования **поведенческого** компонента.

Отечественная педагогика исходит из того, что свободное и гармоничное развитие личности возможно в условиях коллективной деятельности. Нельзя не согласиться с тем, что при определенных условиях коллектив нивелирует личность. Организация различных форм коллективной образовательной деятельности (учебно-познавательной, коммуникативной, поисковой, религиозной, художественно-эстетической, творческой и т.п. в кружках и объединениях) способствует проявлению творческого потенциала. Незаменима роль коллектива в формировании социальной гражданской позиции учащегося, самообразовательной ориентации личности.

Следует отметить и такой недостаток воспитательной работы национальных школ. В последнее десятилетие в планы воспитательной работы колледжей недостаточно было включено организационно-педагогических мероприятий, отражающих достижения культуры различных регионов республики. Это приводило к тому, что у учащихся обучающихся в столице, зачастую наблюдалось слабое знание реального социально-экономического, географического положения Горно-Бадахшанской Автономной области, Согдийской и Хатлонской областей, Каратегинской и Гиссарской долин, локальных духовных ценностей этих регионов.

Было недопустимо и то, что учащиеся одних регионов не имели полного представления о национальных ценностях других регионов. Это положение отрицательно сказывалось на национально-патриотическом воспитании, формировании у них общенациональных ценностей.

А в полиэтнических школах республики не могло не тревожить не знание учащимися русскоязычной национальности государственного языка, представителей культуры и героев региона и т.д.

Таким образом, на основе выше названных особенностей, используя методы изучения передового педагогического опыта школ, анализа школьной документации, результаты анкетирования и опросов старшеклассников, изучения и анализа стандартов общего образования, учебных планов, программ, пособий, методических рекомендаций, анализа качества теоретических и практических занятий, бесед с учителями, внеучебной деятельности мы пришли к следующим выводам:

во - первых, важная особенность по формированию национального самосознания в двух типах школах республики проявилась в том, что суверенизация общества дала возможность свободного выбора направлений, содержания и форм образования, предоставила более широкие возможности опираться на национальную культуру, традиции, национальные истоки народного воспитания и, вместе с тем, тесно соединять достижения национальной культуры с общечеловеческими ценностями, новой техникой и технологией;

во-вторых, по результатам исследования В.С. Кукушкина и Л.Д. Столяренко [3] важную объединяющую этническую роль играют следующие факторы: государство — 33,7%, язык – 33%, образ жизни – 31,1%. Историческое прошлое – 21,9%, народные традиции и обычаи – 20,6%, особенности поведения – 9,9%, религия – 7,8%, внешний вид – 2,7% и другие признаки формы одежды, быт, отношение к некоторым видам деятельности и т. п. Следовательно, основу формирования национального самосознания старшеклассников должен определять один из его главных принципов, в основе которого ознакомление со своей культурой, а потом постижение культуры других народов. Взаимовлияние и взаимопроникновение культур формирует культуры

межнационального общения, гармонизирует её с универсальной в зависимости от меняющихся социально-педагогических условий. Национальная и универсальная культура органично вписываются в учебно-воспитательной деятельности и проявляются в их тесном взаимопроникновении и взаимообогащении. .

Вот почему здесь требуется строгий отбор содержания и форм обучения, умение гибко оперировать материалом и понятиями, правильно отображать их противоречия, диалектическое различие и единство.

Третья особенность проявилась в использовании богатейшей национальной культуры при воздействии на национальное сознание и чувство, на эмоциональную сферу. Культура таджикского народа получила мировое значение, и ценности этой культуры стали общечеловеческим достоянием благодаря тому, что эта этнокультура с древнейших времен славилась нравственно-эстетическими назиданиями, проявляющимися в художественно-поэтической форме. Как высказывает Абулкадир Бедил:

Камол он аст, ки аз худ боши огох,
Чи дар сахро, чи дар хилват, чи дар рох.

Четвертая особенность проявилась в дифференциации объекта учебно-воспитательного воздействия по этническому признаку и типу школ.

В нынешних условиях национально-государственного строительства важным педагогическим условием воспитания национального самосознания, является учет специфики сложившихся в регионах двух типов общеобразовательных школ: национальных или (национально-однородных) и полиэтнических общеобразовательных школ, объединяющих смешанный состав учащихся.

Особенности этих школ предопределяют специфику формирования этнического самосознания средствами образовательно-воспитательной деятельности.

Исследование показало, что в соответствии с этой особенностью целесообразно строить учебно-воспитательный процесс в зависимости от этнического состава старшеклассников, которые объединены в учебные группы: национальные и полиэтнические школы. В этих школах и их учебных группах, образовательно-воспитательный процесс имеет присущую им специфику.

В начале 90-х годов XX века НИИ педагогических наук Академии образования исследуя национальную школу разработала национальную концепцию таджикской школы. Возрождение национальной школы предусматривает возрождение и утверждение народной педагогики, которая сохранилась в традициях, обычаях, обрядах, устной литературе и т.д.(2,4). Концепция предполагала изучение в совершенстве историю таджикского народа, языка, литературы, культуру нации, науку, просвещение, традиции, труд, и народные промыслы на различных этапах исторического развития, интеграцию, дифференциацию и профильное образование (2,12). Эта школа по мнению ученых должна быть пронизана национальным духом и опираться на народно-художественные формы прикладного творчества. Ими выделялись различные направления частной национальной школы: школа каллиграфии, резьбы и гравировки, живописи, ремесел, школа ювелирного искусства, школа ткачества, школа портняжничества, музыкальные школы, школы «Шашмакомистов», певцов в манере «Фалак» «Рага», «Гургули» (традиционной культуры таджиков), школы народной медицины (2, 9-10).

В российской научно-педагогической литературе даётся следующее определение национальной школы: национальная школа — общеобразовательное образовательное учреждение с полным или частичным использованием национального компонента, направленного на сохранение, развитие и пропаганду национального языка и национальной культуры как национального меньшинства, так и «большинства»; как коренного народа территории, на которой существует школа, так и не коренного. Чаще национальные школы создаются в поддержку языка и культуры именно коренного народа, находящегося под угрозой исчезновения или утраты родного языка и культуры, а также в поддержку нацменьшинства, желающего вдали от исторической родины сохранить родной язык и культуру (1, 33-34).

Следовательно, национальная школа должна вобрать в себя проявление духа нации во всех направлениях и сферах её деятельности, содержании, формах и методах работы, опираться на национальные традиции, в включать в своё содержание общечеловеческие основы духовной жизни. В то же время учет национального момента в воспитании, разумеется , предполагает создание таких педагогических условий, которые бы препятствовали передачи из поколения в поколение национальных предубеждений,

предрассудков, суеверий, националистических пережитков, национальной ограниченности. (авт-т)

В национальных (или национально-однородных) школах в организации учебно-воспитательной деятельности, направленной на формирование национального самосознания у старшеклассников акцентируется внимание:

- на принятые в последние годы в Республике Таджикистан новые государственные нормативные документы и акты: законы Республики Таджикистан «Об образовании», «О культуре», «Концепция национальной школы», «Национальная концепция образования в Республике Таджикистан», «Национальная концепция воспитания в Республике Таджикистан» «Программа этнокультурного образования в республике», «Государственные стандарты общего образования», «Национальная программа воспитания подрастающего поколения в Республике Таджикистан» и т.п., где одной из задач, поставленных перед образованием в условиях создания суверенного общества, является формирование личности, имеющей сформированное национальное самосознание;

- на национальную культуру, традиции, национальные истоки народного воспитания и, вместе с тем, тесно соединять достижения национальной культуры с общечеловеческими ценностями, современные достижения науки, новую технику и технологии;

- на государственный язык обучения (в этих школах языком обучения является таджикский язык;

- на глубокое изучение истории коренного народа, его литературу, географию, культуру, выдающихся мыслителей таджикского народа и т.д;

- на существования национально-культурной среды, художественных традиций, позволяющие использовать их педагогические возможности и т.п.;

Особенностью таких школ является то, что многочисленный состав учащихся (он исходит из многодетности таджикских семей) и по преимуществу моноэтничность позволяют выстроить гибкий график преподавания, приспособленный под потребности жизни в изолированном природно-климатическими условиями поселениях.

Специфика учебно-воспитательной деятельности в **полиэтнических школах** проявляется в том, что:

- здесь функционирует единый язык, как правило – это русский язык, который в суверенном Таджикистане призван Конституцией языком межнационального общения;

- в этих школах более благоприятные условия для формирования культуры межнационального общения, активного диалога культур, при учете безусловного сохранения самобытности и создания наиболее благоприятных условий для его развития, но также и об устранении иллюзий самодостаточности этой самобытности, чреватых недопустимым в будущем националистическим сепаратизмом и самоизоляцией;

- здесь интенсивнее чем в однонациональных школах и ученических группах осуществляется взаимовлияние и диалог культур;

- эта школа способствует все более тесному вовлечению старшеклассников в различные кружки, объединений и инициативные клубы интернациональной направленности, для осуществления процесса взаимопроникновения национальных и общечеловеческих факторов, интенсивно проявляющихся в содержании и формах воспитательной деятельности.

Наши исследования показали, что особенности национально-однородных и полиэтнических общеобразовательных школ республики не в полной мере учитываются в учебно-воспитательной деятельности по формированию национального самосознания старшеклассников.

Одной из актуальных задач современной общеобразовательной школы является формирование национального самосознания у новых поколений. Следовательно, сама школа должна быть подлинно национальной и обеспечить в своем содержании присутствие национальной духовности народа, его национального самосознания, вобрать в себя проявление духа нации во всех направлениях и сферах её деятельности, содержании, формах и методах работы. Она должна охватывать этническую психологию, образ жизнедеятельности этого народа, систему духовно-нравственных ценностей представителей этой нации и общности, и при этом широко использовать в педагогическом процессе общечеловеческие ценности. Именно в этом случае повысится роль и значение школы в воспитании у подрастающего поколения национального самосознания.

**ЛИТЕРАТУРА**
1. Волков Г.Н. Основные пути развития национальной школы и ее современные проблемы //Проблемы двуязычия в национальной школе. - Ижевск: Удмуртия. 1989.
2. Консепсия мактаби миллии точик. - Душанбе 1995. - 31 с.
3. Кукушкин В.С., Столяренко Л.Д Этнопедагогика и этнопсихология. Ростов-на Дону: Феникс, 2000.- 448 с.

**ЭМОЦИОНАЛЬНЫЙ КОМПОНЕНТ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ**
Одной из актуальных задач современной общеобразовательной школы является формирование национального самосознания у новых поколений. Следовательно, сама школа должна быть подлинно национальной и обеспечить в своем содержании присутствие национальной духовности народа, его национального самосознания, вобрать в себя проявление духа нации во всех направлениях и сферах её деятельности, содержании, формах и методах работы. Она должна охватывать этническую психологию, образ жизнедеятельности этого народа, систему духовно-нравственных ценностей представителей этой нации и общности, и при этом широко использовать в педагогическом процессе общечеловеческие ценности. Статья посвящена изучению данной темы.
**Ключевые слова:** национальное самосознание, национальная культура, духовные ценности, формирование патриотического сознания, роль и значение школы.

**EMOTIONAL COMPONENT OF NATIONAL CONSCIOUSNESS**
One of actual tasks of modern comprehensive school is formation of national consciousness at new generations. Therefore, the school has to be originally national and provide presence of national spirituality of the people, his national consciousness in the contents, incorporate manifestation of spirit of the nation in all directions and spheres of its activity, the contents, forms and work methods. It has to cover ethnic psychology, an image of activity of these people, system of spiritual and moral values of representatives of this nation and a community, and thus widely to use universal values in pedagogical process. Article is devoted to studying of this subject.
**Key words:** national consciousness, national culture, cultural wealth, formation of patriotic consciousness, role and value of school.

Проблема формирования личности относится к фундаментальной в педагогической, социальной, политической, культурной сферах жизни. Все больше общество становится человеком центристским. Именно поэтому в поле нашего внимания должны находиться как базовые, так и новые подходы к определению приоритетных задач содействия гармоничному развитию физического, интеллектуального, психического, духовно-нравственного, социального здоровья подрастающего поколения. Несмотря на то, что ценность здоровья во все времена является достаточно большой и не требует научных убеждений, активная жизненная позиция, направленная на его сохранение и укрепление, у многих людей не соответствует пониманию важности этой проблемы. В связи с этим остро встает задача формирования здорового образа жизни как условия сохранения таджикской нации, перспективы подлинного духовного обновления следующих поколений, залога качественных преобразований в масштабах государства.

Понятие «здоровый образ жизни» характеризуется многогранностью и неоднородностью. В нем отражены фундаментальные биологические, социальные, психические и духовные стороны жизни человека в мире. Признаем, что долгое время проблема здоровья оставалась чисто медицинской и психологической. Постепенно здоровье приобретает значение сложного и глобального социокультурного явления, начинают говорить не об отдельных технологиях оздоровления, а о «политике здоровья». В этом контексте возникает научный вакуум, который необходимо заполнить методологическими концепциями, теоретическими положениями, практическими разработками, которые способствовали бы эффективному продвижению процесса формирования здорового образа жизни школьников в современном обществе.

Таким образом, определенные нами задачи исследования нелегко решить, но и положительная концепция, отработанная на фундаментальных положениях философов, психологов, педагогов по формированию здорового образа жизни подрастающего поколения, убеждает в необходимости и целесообразности ее реализации, вызывает оптимизм и веру в ее результат.

Проблема здоровья и здорового образа жизни существовала всегда. Она становилась все острее с каждым новым этапом развития науки, культуры, цивилизации. В зависимости от того, как быстро набирала обороты человеческая история, все больше

задумывался человек над смыслом своего существования на земле, над причинами скороминутности жизни и его счастливым ходом. Человек всегда старался продлить себе жизнь, обеспечить комфортные условия существования, общественно-социальной деятельности.

Обращение к философским взглядам прошлого дает возможность исследовать и проанализировать разнообразие мнений и выводов относительно здоровья и здорового образа жизни; определить факторы и обстоятельства, которые непосредственно повлияли и влияют на формирование последнего; выяснить философское содержание и смысловую целостность базовых понятий по вышеуказанной проблеме.

За последние сто лет существования человечества было заявлено, что будущее за медициной предупредительной. Звучит обнадеживающе, но новейшая история пока показывает расхождение лозунгов и результатов.

По причинам, от нас независимым мы живем в период, если не полного распада системы медицинской помощи, так точно и полураспада. А это чревато роковыми последствиями, которые мы ощущаем на себе ежедневно. Провозглашенное профилактическое направление очень далек от народа и вроде не собирается к нему приближаться. Это заметно, начиная от школьных программ, хотя бы по физическому воспитанию, и заканчивая уровнем медицинской помощи.

Нет такого универсального средства, комплекса упражнений, такого позитивного мышления, которые будут удовлетворять каждого и на все времена. В ходе многовековой эволюции человека природа находит различные оптимальные решения ее бытия. Отсюда будто сама по себе возникает потребность в информации по сохранению и увеличению родного каждому человеку здоровья.

Уже в древних государствах (Рим, Египет, Вавилон, Индия, Китай) возникает и начинает развиваться такая значимая отрасль человеческой деятельности, как медицина (хотя на этой ступени развития основой для ее существования были знахарство и ворожба, но само ее возникновение свидетельствует о весомости этой проблемы).

На этом этапе существования цивилизации много древних мыслителей посвящали свои трактаты философскому осмыслению проблем здоровья и здорового образа жизни. Так, например, в старинных индийских текстах «Упанишадах» говорится: «Только тело нужно здесь (при земном существовании - прим. автора) почитать, о теле следует заботиться. Тот, кто заботится о теле, достигнет обоих миров - и этого, и того ».

Одним из поздних учеников философского учения Агастия был известный врач античности Царака. Он еще в начале V тысячелетия до нашей эры клинописным алфавитом написал сам трактат по медицине под названием «Яюр-веди», что в современном переводе означает «Наука возрождения» или «Знание (мудрость) отвода возрождения». Эта капитальная работа сохранилась в Индии под названием «Джядюрведи». Индусы до сих пор почитают ее как учебник по древнейшей медицине.

Царака подает описание анатомии человеческого тела. Здесь же впервые подается подробное описание родов и ухода за новорожденным. Впервые автор предостерегает от искусственного прерывания беременности, разъясняет его вредности для здоровья женщины. В этом трактате есть и описание некоторых наследственных болезней, а среди лечебных веществ большое внимание уделено овощам, фруктам, сокам. Сейчас можем позавидовать глубине ума, наблюдательности и профессионализму нашего славного предка. Его утверждения интересны и актуальны даже в начале XXI века.

Заботу о здоровье порождают, как известно, страдания, являющиеся следствием болезни. В буддийском каноне «Дхаммапада» впоследствии будет провозглашена одна из истин благородства и правильного жизненного пути: «А это, в бхиккху, благородная истина о пути приводит к уничтожению страданий: правильные взгляды, правильные мысли, правильная речь, правильное дело, правильное внимание .. ». То есть впервые в истории философской мысли мы встречаемся с понятием «правильный образ жизни» именно в буддийских трактатах, где отмечается, что вся жизнь есть страдание, боль, суета. Чтобы избежать страданий, надо правильно жить, отказавшись от желаний, порождающих эти страдания и боль. В древнекитайских текстах здоровье мыслилось как долголетие.

В древности греки обожествляли красивое тело. В основе всего была красота, и физическую красоту должна была дополнять красота нравственная, объединившая в себе добродетель и порядочность. Тело воспитывали атлетикой, гимнастикой, а душу-поэзией, танцем, музыкой.

Здоровье греческие философы определяли как характеристику человека. Оно показывает, насколько эффективно индивид способен решать сложные ситуации, сохраняя оптимальное эмоциональный фон, адекватное поведение. Под термином «здоровье» понимали идеальное и нормальное состояние психики личности, поэтому можно сказать, что понятие «психическое здоровье» и «здоровье» они считали тождественными. Античное представление о здоровье вообще базируется на идее оптимального соотношения компонентов телесной и духовной сущности человека, которые создают упорядоченное внутреннее единство.

Для решения любых проблем тела или души существовала достаточно развитая для тех времен отрасль знания - медицина.

Следовательно, проблема здоровья и здорового образа жизни волновала вообще древнегреческое общество и не могла остаться без внимания величайших греческих философов. Так, скажем, по мнению Сократа, здоровье и счастье тождественны. Только доброжелательный человек может быть счастливым, а здоровье - порождение добра, болезнь-порождение зла. Но, чтобы понять, что такое добро, а что есть зло, нужно, как считал философ, «человеку стремиться к знанию, прежде всего, знание самого себя».

Обращаясь к культуре Древнего Рима, следует, по нашему мнению, остановиться на такой яркой персоне, которая своеобразно выражает «дух Рима» и его философию, - это Марк Туллий Цицерон. Пересмотрим его работу «О старости». Свои размышления автор начинает с того, что констатирует: «Тем людям, которые сами ничего не имеют, что позволяло бы им жить хорошо и счастливо, трудно в любом возрасте; но ищущим всех благ в самом себе, не может сдаваться злым ничто, основанное на неизбежном законе природы, а в этом отношении первое место занимает старость »[48, с. 9]. Для мудрого человека старость и болезни, что она несет, не существуют, т.е. здоровым можно быть в любом возрасте, главное, к чему следует стремиться, чтобы быть здоровым и жизнеспособным, - это мудрость. Далее в своем произведении Цицерон отмечает, что некоторые сожалеют, якобы старости хватает наслаждения, жизнь перестает радовать и волновать человека, на что философ отвечает: «Нет, причина всех подобных жалоб - в нраве, а не в возрасте». В добрых, ласковых, утолен людей почти и в конце жизни все хорошо, а недобрый человек никогда не бывает доволен. Далее Цицерон подчеркивает, что физическое состояние мудрого человека тоже иногда бывает не очень хорошим. Хотя наше духовное состояние и связан с физическим, но иногда случается, что старость несет болезни и физический упадок. Итак, философ рекомендует: «... как борются с болезнью, также надо бороться и со старостью: следить за своим здоровьем, прибегать к умеренным физическим занятиям, есть и пить столько, сколько нужно для воспроизведения сил, а не для их подавления. При этом следует поддерживать не только тело, но и в значительной степени ум и дух, ибо они погаснут от старости, если в них, как в светильник, не подливать масла ». Таким образом, Цицерон рассказывает о правильном, здоровом образе жизни. И если кто последует его советам, то никогда не испытывает беспокойства и бед в преклонном возрасте. Марк Туллий Цицерон, следовательно, делает вывод: «Если она действительно находит питания в делах и знаниях, то нет ничего приятнее старости, которая привлекает свободным временем».

Анализируя античные теории, можно сделать вывод, что поддержание здоровья заключалось в том, чтобы быть умеренным во всем, придерживаться «золотой середины». Любое телесное или душевное волнение наносит человеку только вред. Воздержание, по Платону,-это «середина между избытком и недостатком. Для того, чтобы всегда придерживаться этой середины, необходима особая система самоконтроля, самовоспитания ... ».

Оздоровление в античном понимании заключается в постоянной работе над собой, такой режим формирует определенный стиль, образ жизни. Когда человек постоянно беспокоится о том, чтобы быть умеренным во всем, он воспитывает самоответственность, самоконтроль, т.е. растет не только физически, но и личностно. Таким образом, забота о себе и умеренность являются основными принципами оздоровления. Если анализировать пути оздоровления в античные времена в широком смысле, т.е. не только как совокупность превентивных действий, направленных против болезней в физическом или физиологическом плане, то оздоровление касается также поддержания целостности организма, например, известен такой метод гармонизации души и тела, как комплекс различных гимнастических упражнений, оздоравливает человеческий организм. Гимнастические упражнения сочетаются с музыкой. И если гимнастика укрепляет тело, то

музыка возвеличивает душу человека. Кстати, Платон в сочинении «Государство» утверждал, что «необходимость обращаться к врачу сама по себе позорная, т.е. это свидетельствует о незрелости, о том, что человек не в состоянии сам о себе позаботиться».

В античной классике вместе с идеями оптимального социального устройства существует тема самодостаточного, упорядоченного индивидуального существования. Человек наделен всем Богом (Логосом, Природой, Космосом), что ему необходимо для полноценной здоровой жизни. Главная идея многочисленных работ философов, мудрецов античности состоит в том, что каждый сам отвечает за свой порядок или хаос, который существует в его душе. Также сам создает благополучие, здоровье. Таким образом, древнегреческие и древнеримские философы впервые поставили вопрос о интернальности, т.е. личностной ответственности человека не только за собственное здоровье, но и за собственную жизнь вообще.

Говоря о поисках здоровья и здорового образа жизни в древности, нельзя, на наш взгляд, обойти вниманием мудрого древнего наследия наших предков.

Абуабдулло Рудаки - основоположник классической персидско-таджикской литературы в своих бесценных произведениях уделил много внимания проблемам воспитания. В стихах этого уникального поэта отражены проблемы воспитанности и морали, изучения наук и их значения, мудрости, мужественности, благородства, человечности, добра и добродеятельности, старению и стремлению к совершению.

Всестороннее исследование оставшегося наследия поэта показывает, что мастер как учитель этики и поэт - психолог уделял серьезное внимание не только духовному, но и физическому формированию человека. Если он с одной стороны, считает необходимым для формирования полноценной личности знаний, наук, интеллектуального воспитания и пропагандирует положительные человеческие качества – добро, добродеятельность, справедливость, дружбу, мир, согласие, патриотизм, с другой стороны же, подчеркивает необходимость и важность физического воспитания как важного фактора формирования личности и определяет роль физического и духовно здорового человека в обществе. Он, как тонкий, эмоциональный человек и как объективный беспристрастный поэт в формировании личности считает очень действенными роль воспитания, окружения, разума, морали и спорта. То есть он ставит вопрос о всестороннем воспитании человека. Так как опущение одного из них, связанных между собой словно звенья одной цепи, приводит к неполноценности совершенства человека. Э.Арифи о Рудаки так отозвался: «Одна из особенности мыслей Рудаки о воспитании в том, что он воспитание понимает не упрощенно. Он считает необходимым человеку развиваться и совершенствоваться в нескольких направлениях и подчеркивает необходимость этого для жизни». Поэтому на пути совершенствования, творчества созидания, прогресса, счастья человека он, считает важными роль окружения, наук и знаний, мораль и воспитания патриотизма, трудолюбия, физического воспитания и спорта. По его мнению для блаженства, счастья и бессмертия и имени человеку необходимо обязательно получить физическое и этическое воспитание. Другими словами, для совершенства и достойной человеческой жизни каждый индивид обязан воспитать себя морально, нравственно и интеллектуально и создать себя собственными руками и обеспечить себе счастье и благополучие:

Четыре вещи освобождают от печали,
Здоровое тело, добрый нрав, доброе имя и ум.
Каждый, кому его добрый дух подарил все эти четыре,
Будет жить радостно, бессмертно и не будет печален.

По своей природе человек склонен к физическому совершенству поэта потому, что если он физический не будет здоров, не сможет расти духовно. Поэтому каждому индивидууму с самого начала необходимы вода, еда и средства, чтобы мог обеспечить свое существование, иначе он исчезнет.

Приближая философскую проблематику здорового образа жизни с медициной, обратимся к учению первого в истории философа-врача - Авиценны. Его произведения «Книга спасения» и «Канон медицины» стали настоящими учебниками здоровья во времена Средневековья. В то время алхимики искали эликсир жизни, который бы дал человеку вечное здоровье и вечним молодость. Эти поиски велись с религиозным фанатизмом на протяжении многих веков и закончились неудачей, как и поиски панацеи, то есть лекарства от всех болезней. Однако, даже теперь мы иногда слышим, что какое-то изделие представляет собой спасение от всех болезней. Авиценна в те времена стремился найти для каждой болезни свои лекарства. Так, он считал, что существуют разные типы

душ, например, есть растительная душа, которая должна насыщаться силой, есть животная душа, который имеет движущую и способствующую силу, и есть разумная душа, то есть человеческая, которая может иметь силу, превосходящую все существующие, но «необходимо, чтобы она имела добродетельные моральные качества».

Вообще философия Средневековья начинается в античном мире и имеет в его пределах свою классику - патристику. Патристика - общее название направления, основанного так называемыми отцами церкви. В истории философии это понятие используется для обозначения христианских теологических и философских учений I-VIII века, когда ее представители-Тертуллиан, Климент Александрийский, Ориген, Августин - защищали христианскую доктрину от философии язычников. Главными идеями патристической теологии является монотеизм, супранатурализм и креационизм: супранатурализм и креационизм-признание сверхъестественности и трансцендентальности Аллаха, его абсолютной власти над миром, который он создал из ничего, его абсолютной благодати и справедливость Воли Аллаха абсолютна. Не только человеческим здоровьем распоряжается Аллах, но и вообще жизнью. Человек патристикой толкуется как оскверненый «первородным грехом» Божь существо, а его тело - как вечный источник греха. Главным для патристики является познание пути к Аллаху. Некоторые мыслители Средневековья утверждают, что бесстрастие-показатель душевного благополучия, другие придерживаются такого мнения, что именно страсти, наоборот, - признак здоровья и силы души.

«Канон медицинской науки», автором которой является Авиценна, имел большое влияние на развитие медицинской мысли того времени, поэтому уравновешенность вместе с бесстрастием была основным критерием здоровья.

По мнению Бенедикт Спиноза (1632-1677 гг.), аффекты - это естественные проявления человека, которые подчиняются законам природы. Но то, что человек испытывает аффекты, т.е. действует не по своей воле, значит, что он несвободен, делает то, чего не знает и не контролирует. Человек становится свободным только в том случае, когда в своих действиях руководствуется разумом: «... следует только самому себе и делает только то, что он признает самым главным в жизни и чего вследствие этого он более всего желает».

По словам Спинозы, свобода тождественна блаженству души. Для блаженства человек должен развивать ум, рациональное зерно. Но хотя разум и способен укрощать аффект, он не имеет безусловной силы. Все же через познание природы аффектов каждый человек имеет возможность меньше страдать от них и даже достичь абсолютной свободы. Философ жил согласно своим идеям. Ему не были присущи гнев, раздражительность. В работе «Философия Духа» Георг Вильгельм Фридрих Гегель размышлял о развитии человека как индивида, и его внутренние волнения, которые сопровождают этот процесс.

Гегель разделяет такие понятия, как: дух, душа и тело. Душа человека, по Гегелю, - это дух, отягощенный телесной основой каждого индивида. Тело и связанная с ним душа могут испытывать радости и страдания. Дух, напротив, свободный: «Сущность духа ... свободная ... Дух имеет силу сохраняться и в противоречии, а следовательно, и в страдании, поднимаясь как над злом, так и над недугом ».

Гегель утверждает, что дух и разум тождественны. В отличие от других существ, человек является духом, способным к мышлению, поэтому он может подняться от единичных чувств к всеобъемлющей мысли. Совершенство человека есть в обретении ею способности к правильным суждениям и соответствующему поведению.

В педагогической валеологии определены два направления:

1. Педагогические аспекты валеологического образования.
2. Валеологические основы общего образования.

Термин «валеология» впервые был предложен проф. И.И.Брехманом в 1980 г. Он оказался актуальным, так как проблема состояния здоровья населения России становится с каждым годом все более острой.Особенно тревожит здоровье детей. Результаты массовых обследований состояния здоровья детей угрожающи для будущего страны: сокращаются рождаемость и доля здоровых новорожденных детей; растет уровень детской смертности; увеличивается количество «социальных сирот».

На протяжении многих лет целью воспитания и образования провозглашается воспитание всесторонне развитой личности, на деле же качества личности, уровень ее культуры и нравственности отходят на второй план. Приоритетным направлением образования и воспитания стали знания. Однако известно, что знания сами по себе еще не

гарантируют душевных и духовных качеств человеку. Часто они идут вразрез с нравственным, психическим и физическим здоровьем ребенка. Это происходит тогда, когда знания становятся самоцелью.

Понятно, что знания человеку нужны, но не как самоцель, а как средство для развития личности ребенка, как инструмент решения им своих жизненных задач. Целью воспитания и образования должен стать сам ребенок, его физическое, душевное и духовное развитие.

Негативные результаты воспитания и образования можно преодолеть путем формирования у ребенка ответственного отношения к самому себе: к своему телу, душе и разуму на уровне готовности быть здоровым. Эта готовность должна складываться из потребности (хочу) быть здоровым; из способности (могу) строить отношения с самим собой и окружающим миром; и решимостью (буду) жить по природосообразным законам.

Валеология может помочь решить эти проблемы; помочь переосмыслить весь учебно-воспитательный процесс с позиции здоровьетворения. Для этого все педагоги должны владеть технологиями управления процессами сохранения, пополнения и укрепления здоровья, должны стать учителями здоровья.

Валеология учит человека строить отношения с самим собой (своим телом, душой и разумом); отношения с людьми; отношения со всем своим окружением. Валеология подходит к здоровью человека с позиции «само» (самоосознание, самопознание, самооздоровление, самосовершенствование). Следовательно, предметом валеологии является процесс здоровьетворения, который строится на знании законов человеческого здоровья, на знаниях особенностей и возможностей своего организма, на владении умениями и технологиями сохранения, поддержания и улучшения собственного здоровья. «Здоровье» является важнейшей категорией валеологии.

Таким образом, охрана собственного здоровья - это непосредственная обязанность каждого человека, она не имеет права перекладывать его на других. Ведь нередко бывает и так, что человек с неправильным образом жизни, вредными привычками, гиподинамией, перееданием уже к 20-30 годам доводит себя до катастрофического состояния и лишь тогда вспоминает о медицине. Какой бы развитой не была медицина, она не может избавить каждого от всех болезней. Человек - сам творец своего здоровья, за которое нужно бороться. В раннем возрасте необходимо вести активный образ жизни, закаляться, заниматься физкультурой и спортом, соблюдать правила личной гигиены, - словом, добиваться разумными путями подлинной гармонии здоровья.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Амонашвили Ш.А., Алекси А.Г. и др. Педагогика здоровья. - М.: Педагогика, 1990. - С. 220-232.
2. Амосов Н.М. Раздумья о здоровье. - М.: Молодая гвардия, 1979. - 192 с.
3. Брехман И.И. Валеология наука о здоровье. - 2-е изд. перераб. и доп. - М.: ФиС, 1990. - С. 3-88.
4. Кадырова Х.М. Современный ценностный подход к валеологическому образованию студентов средних специальных учебных заведений. //Маърифати омузгор. - Вып. 49. - Душанбе: 2009.


## РЕТРОСПЕКТИВНЫЙ АНАЛИЗ РАЗРАБОТАННОСТИ ВОПРОСОВ ВАЛЕОЛОГИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ В ФИЛОСОФСКОЙ, МЕДИЦИНСКОЙ И ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ


Охрана собственного здоровья - это непосредственная обязанность каждого человека, она не имеет права перекладывать его на других. Человек - сам творец своего здоровья, за которое нужно бороться. В раннем возрасте необходимо вести активный образ жизни, закаляться, заниматься физкультурой и спортом, соблюдать правила личной гигиены, - словом, добиваться разумными путями подлинной гармонии здоровья.



**Ключевые слова:** охрана здоровья, валеологическое воспитание, активный образ жизни, физическая культура, спорт, отношение к здоровью.


## THE RETROSPECTIVE ANALYSIS OF THE READINESS OF QUESTIONS OF VALEOLOGICAL EDUCATION IN PHILOSOPHICAL, MEDICAL AND PSIHOLOGO-TO PEDAGOGICAL LITERATURE


Protection of own health is a direct duty of each person, it has no right to shift it to others. The person - the creator of the health for which it is necessary to fight. At early age it is necessary to conduct an active way of life, to become tempered, go in for physical culture and sports, to observe rules of personal hygiene, - the word, to achieve reasonable ways of original harmony of health.



**Key words:** health protection, valeological education, active way of life, physical culture, sports, relation to health.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***И.Уракова*** - соискатель Институт развития образования АОТ

# БАРРАСИИ АҚИДАИ НАЗАРИ ТАРБИЯТИИ ХОҶА НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

*Мустафо Пок*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз ҷумлаи соҳибназароне аст, ки дар боби тарбияти фарзанд зимни баёни усул ва равишҳои тарбият, дастуруламалҳои муфиде ироа намудааст. Дар ин навиштор талош шуда, то иҷмоле аз симои тарбияти фарзанд дар андешаи Хоҷа бо баҳрагирӣ аз китоби арзишманди “Ахлоқи Носирӣ” ироа гардад. Пас аз баёни куллиёт, назири аҳамият ва зарурат, иҷрои тарбият аз оғози кӯдакӣ ба равишҳои тарбият дар қолаби шеваҳои ангезишӣ ва боздоранда бо рӯз мавзӯоте ҳамчун ҳамоҳангии тарбият бо табиати фарзанд, тағофул дар тарбияти фарзанд, парвариши ҳаё ва наҷобат дар фарзанд, манъи фарзанд аз пинҳонкорӣ, парҳез додани фарзанд аз тафохур, манъи фарзанд аз судҷӯйӣ ва монанди инҳо пардохта шудааст.

Тарбияти фарзанд аз дерзамон муҳимтарин вазифаи башар ва мавриди таваҷҷуҳи инсонҳои бузург будааст. Аз ҷумла, касоне, ки дар боби таълим ва тарбияи фарзанд эҳтимом варзида усул ва равишҳои муассири омӯзиш ва парвариши авлодро баён кардааст, файласуфи бузурги исломӣ Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аст. Ӯ дар ин замина талоши фаровон карда, раҳнамунҳои арзишмандеро ба мураббиён арза доштааст. Ин навиштор ба баррасии назариёт ва дастуруламалҳои Хоҷа дар заминаи тарбияти фарзанд ва шеваҳо ва роҳкорҳое мепардозад, ки ба назари эшон дар парвариши кӯдак муассир аст.

Ҳарчанд ки каломи Хоҷа дар боби тарбияти фарзанд тӯлонӣ аст ва ҷойи баҳси зиёде дорад, вале ин мақола барои суҳулат дар ироаи матолиб пас аз баёни муқаддимот бар асоси гуфтори Хоҷа, шеваҳои тарбияти фарзандро ба ду дастаи куллӣ тақсим ва дар қолаби шеваҳои “ангезишӣ” ва “боздоранда” баён намудааст, ки умдаи дастуроти эшонро низ дар бар мегиранд.

**Аҳамияти тарбияти фарзанд.** Тарбияти фарзанд аз муҳимтарин вазоифе аст, ки дар дараҷаи аввал ба уҳдаи падару модар ва сипас ба уҳдаи муаллимон ва мураббиён ниҳода шудааст, зеро тарбияти фарзанд робитаи мустақим бо салоҳ ва фасоди ҷомеа дорад ва агар фарзандон дар муҳити хонаводаҳо дуруст тарбият шаванд, аз ин ноҳия мушкиле барои ҷомеа пеш намеояд, аммо агар фарзандоне бо тарбияти нодуруст по ба арсаи иҷтимоъ бигузоранд рафтори бади онҳо хоҳ ноҳоҳ дар ҷомеъа сироят карда, таъсири манфӣ бар он мегузоранд. Бисёре аз нобасомониҳои ахлоқӣ ва рафтори мавҷуд дар ҷомеаи кунунӣ ношӣ аз инҳирофоти ахлоқии насли ҷавон аст, ки бахши умдаи он реша дар тарбияти хонаводагии онҳо дорад. Аз ин рӯ, падар ва модар дар тарбияти фарзанд вазифаи бас муҳим ба уҳда доранд, ки бояд ба он таваҷҷуҳ намоянд.

**Лузуми тарбияти фарзанд аз оғози зиндагӣ.** Коршиносони таълим ва тарбият бар ин амр таъкид доранд, ки тарбияти фарзанд бояд аз нахустин рӯзҳои зиндагии вай оғоз гардад. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар ин замина мегӯяд:

“Чун аёми ризои ӯ тамом шавад, ба таъдиб ва риёзати ахлоқи вай машғул бояд шуд, пештар аз он ки ахлоқи табоҳкунанда фаро гирад, чӣ кӯдак ба сабаби нуқсон ва ҳоҷате, ки дар табиат дорад мустаиди он бувад ва ба ахлоқи замима майл бештар кунад”[1].

Ба назари Хоҷа фароянди тарбият дар давраи кӯдакӣ ва ҳамзамон бо поёни ширхорагӣ, ки ду соли кӯдак тамом мешавад ва қудрати фаҳм ва дарки масоили сода ва ағлаби ҳиссиро меёбад, бояд шурӯъ шавад. Одоби ахлоқӣ ва исломиро бояд аз ҳамон нахустин рӯзҳои зиндагӣ батадриҷ ба ӯ ироа диҳанд, то ба ин тариқ бо арзишҳои динӣ ошно гашта, ба аҳамияти он пай бибаранд. Агар таъхир дар тарбияти фарзанд раво доранд, мумкин аст вай дар асари ғароиз ва гироишҳои табиӣ, ки дар ниҳод дорад, ба корҳои ношоиста ва ахлоқи разила рӯй оварад ва фароянди тарбият бо мушкил мувоҷеҳ мегардад.

**Таваҷҷуҳ ба ҳамбозиҳои фарзанд.** Бозӣ хостаи табиии инсон аст ва ҳар кас дар давраи кӯдакӣ гироиш ба бозӣ ва тафриҳ дорад ва мехоҳад бо кӯдакони дигар ҳамбозӣ шавад. Бозӣ дар рушди ҷанбаҳои гуногуни кӯдак ба таври куллӣ аз отифӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва низ касби маҳорати дӯстӣ ва дӯстёбӣ нақши асосӣ дорад ва заминаи рушди фардро фароҳам месозад.

Хоҷа дар мавриди бозӣ ва муроқибат аз фарзанд мегӯяд:

“Аввал чизе аз таъдиби фарзанд он бувад, ки ӯро аз мухолитати аздод, ки муҷолисат ва мулоибати эшон муқтазии фасоди табъи ӯ буд нигоҳ доранд. Чи нафси кӯдак сода бошад ва қабули сурати иқрони худ зудтар кунад” [2].

Аз ин каломи Хоҷа афзун ба эҳтимом ба бозӣ, таваҷҷуҳ ба ҳамбозиҳои фарзанд низ ба даст меояд. Падар ва модар зимни озод гузоштани кӯдак дар бозӣ бояд аз ӯ муроқибат кунанд ва мувозиб бошанд, ки бо чӣ касоне рафту омад ва рафоқат дорад ва аз чӣ афроде табаият мекунад, зеро рафоқат ва дӯстӣ аз авомили муассир дар шахсияти инсон аст, бавижа дар давраи навҷавонӣ ва ҷавонӣ нақши қобили таваҷҷуҳе дар шакл додани рафторҳои ахлоқии фард дорад. Аз ин рӯ, Хоҷа бар ин амр таъкид дорад, ки авлиё ва мураббиён аз иртибот, бозӣ ва ҳамнишинии фарзанд бо афроди бебанду бор ва беэътино ба арзишҳои исломӣ пешгирӣ намоянд, зеро ки ҳар гуна саҳлангорӣ дар ин замина сабаби паёмадҳои ногуворе барои фарзандон хоҳад буд. Эшон дар мавриди бозӣ ва шунидор ва гуфтори суханони зишт бо кӯдак мегӯяд: “Аз суханҳои зишт шунидан ва лаҳву лаъб (беҳуда) ва бозӣ ва масхарагӣ эҳтироз фармоянд” [3].

Набояд кӯдакро дар маърази шунидани суханони номуносиб ва хилофи иффат қарор дод ва ё бо каломи зишт ва нописанд бо ӯ сухан гуфт, зеро ҳар гуна алфоз ва калимоте, ки ба кӯдак илқо шавад ҳамон калимотро фаро гирифта ба гӯянда бармегардонад. Ҳамчунин, аз лаҳву лаъб ва тамасхури кӯдак бояд дурӣ гузид, зеро ин кор афзун бар ин ки бар шахсияти фарзанд асари манфӣ мегузорад, ҷанбаи бадомӯзӣ дорад ва ҳар рафторе, ки бо вай шавад онро фаро мегирад. Аз ин рӯ, аз ҳар гуна гуфтор ва рафтори номуносиб бо фарзанд, бавижа дар давраи кӯдакӣ бояд иҷтиноб гардад.

**Лузуми интихоби муаллими оқил барои фарзанд.** Ақл боарзиштарин сармояе аст, ки дар ихтиёри инсон қарор дорад ва ӯро ба хубиҳо ҳидоят мекунад ва роҳи дурустро ба вай нишон медиҳад. Агар касе бо ақл ва дироят рафтор кунад, камтарин иштибоҳро муртакиб мешавад ва бештарин хидматро дар ҷомеа анҷом медиҳад. Ақл ва хирад қуввае аст дар нафси инсон, ки ҳусн ва қубҳ, хайр ва шар ва камолу нуқсро ташхис медиҳад[4].

Ба ибораи дигар, ақл як нерӯи ҳисобгар дар ботини инсон аст, ки фардро метавонад ба василаи он, огоҳона бисанҷад ва ҷавониби амрро дақиқан баррасӣ кунад, ки чӣ таъсире нисбат ба оянда ва сарнавишти ӯ ва атрофиёнаш дорад, сипас ба таносуби он тасмим бигирад ва ба гунае рафтор кунад, ки натиҷаи матлубе ба ҳамроҳ дошта бошад [5].

Бинобар ин, нерӯи ақл барои ҳамаи инсонҳо, бавижа муаллимон лозим аст. Муаллимон, ки бо рӯҳ ва фикру ва андешаи шогирдон сарукор доранд, бояд аз дараҷаи болои ақл ва хирад бархурдор бошанд, то битавонанд афроди мутафаккир ва андешманд тарбият кунанд. Нақши муаллим дар тарбияти кӯдак на танҳо камтар аз нақши волидайн нест, балки мумкин аст дар баъзе аз маворид бештар ҳам бошад, зеро муаллим ҳаммонанди падар ва модар мавриди эътимоди кӯдак аст ва рафтору гуфтор ва ҳатто ҳаракот ва саканоташ улгӯ аст. Донишомӯзи ибтидоӣ ба унвони сармашқ ба муаллим нигоҳ мекунад ва беш аз волидайн ба суханон ва дастуроти ӯ амал менамояд, аз ин рӯ таъсири муаллим дар тарбияти рӯҳӣ ва ахлоқии шогирд ва шакл додани шахсияти ӯ чашмгир ва қобили таваҷҷуҳ аст.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар интихоби муаллим барои фарзанд мегӯяд: “Бояд, ки муаллими ӯ (фарзанд) оқил ва диндор бувад ва бар риёзати ахлоқ ва бар тахриҷи кӯдакон воқиф ва ба ширинсуханӣ, виқор, ҳайбат, мурувват ва назофат машҳур ва аз ахлоқи мулук ва одоб баҳраванд созанд”[6].

Дар ин гуфтор Хоҷа ба чанд вижагии муаллим таваҷҷуҳ карда, ки ҳар кадом дар ифои нақши муаллим бисёр муҳим ва дар ҳадди таваҷҷуҳ аст. Ақл ва тадаюн аз авсофи лозим барои муаллим аст, ки фиқдони он кори муаллимро ба душворӣ мувоҷеҳ месозад, зеро инсони орӣ аз ақл ва диёнат наметавонад шогирди оқил ва мутадайин тарбият кунад.

**Шеваҳои тарбияти фарзанд.** Хоҷа бо ироаи шеваҳои гуногун барои тарбияти фарзанд, падарон ва модаронро ҳамвора бо истифода аз онҳо тавсия мекунад. Барои суҳулат дар баён ва суръат дар ёдгирӣ метавон равишҳои тарбияти фарзанд дар каломи Хоҷаро ба ду даста равишҳои “ангезишӣ” ва “боздоранда” тақсим кард.

**I. Шеваҳои ангезишӣ ва рафторӣ.** Манзур аз ин равишҳо, шеваҳое аст, ки ағлаб ҷанбаи тарғиб ва таҳрик дорад ва нисбат ба чизе дар мутаработ эҷоди майл ва

рағбат мекунад. Пас аз пайдоиши рағбат, ангезаи анҷоми амал ё расидани ба он чиз дар мутараббӣ шакл мегирад ва батадриҷ бо алоқа ва хости ботинӣ ба он гироиш ёфта, онро муҳаққақ месозад. Дар зайл, ба бархе аз ин шеваҳо ишора мешавад:

**1. Ҳамоҳангии тарбият бо табиати фарзанд.**Тарбият ба маънои шукуфосозии истеъдодҳои мутараббӣ ва ба феълият расондани зарфиятҳои вуҷудии вай аз равишҳои муҳим дар тарбияти одамӣ аст, ки бояд мавриди таваҷҷуҳи мураббиён қарор гирад. Падарон ва модарон ба унвони нахустин касоне, ки бо тарбияти фарзанд сару кор доранд, бояд бар асоси хостаҳои дарунии ӯ барномарезӣ кунанд ва фароянди тарбиятро ба иҷро гузоранд. Бар ин асос мураббӣ бояд тадбире биандешад, ки тамоми фаъолиятҳои тарбиятии вай бо табиати мутараббӣ ва хостаҳои зотии ӯ мутобиқат дошта бошад. Хоҷа дар ин замина мефармояд:

Дар таҳзиби ахлоқи ӯ (фарзанд) иқтидо бар табиат бояд кард, яъне ҳар қуввват ва нерӯе, ки ҳудуси он дар буняи кӯдак бештар бувад, такмили он муқаддам бояд дошт”[7].

Ба назари Хоҷа, тарбияти фарзанд бояд ҳамоҳанг бо рушди табиии ӯ бошад ва ҳар нерӯе, ки дар вуҷуди ӯ намоён ва осораш ошкор гардад, ба ҳидоят ва парвариши он бояд пардохт, зеро иқдоми тарбиятӣ пеш аз мавъуд беасар хоҳад буд. Барои намуна, тарбияти қувваи шаҳвия(ҷинсӣ) аз замоне бояд оғоз гардад, ки фарзанд қадам ба синни навҷавонӣ бигузорад ва алоими булуғ дар ӯ мушоҳида шавад. Бинобар ин, барномаи ахлоқӣ ва тарбиятии фарзанд ҳамоҳанг ва гом ба гом бо рушди ҳар қуввае аз қувваи табиии шаҳвӣ, ғазабӣ ва идрокии вай бояд пеш равад ва аз сайри тадриҷии рушди қувваҳо табаият намояд[8].

**2.Шеваи тағофул дар тарбияти фарзанд.** Тағофул ба маънои худро ба бехабарӣ задан, ғафлатварзӣ ва нодида ангоштани чизе [9] омада, ки фард худро нисбат ба амре бетаваҷҷуҳ нишон дода, тазоҳур ба беиттилоӣ мекунад. Тағофул ба ин маъно яке аз равишҳои тарбият аст ва бакоргирии он мавриди таъкиди коршиносони умури тарбиятӣ мебошад. Манзур аз тағофул дар тарбияти фарзанд ин аст, ки падар ва модар, агар кори нописандеро аз ӯ мушоҳида кунанд, бояд билофосила онро ба руйи вай накашанд ва мавриди маломат ва сарзаниш қарор надиҳанд, зеро ин кор осори баде дар рафтори фарзанд дорад, ки камтарини он эҷоди якравӣ ва саркашӣ дар баробари волидайн аст.

Хоҷа низ мегӯяд: “Кӯдакро ба ҳар хулқе, ки аз ӯ содир шавад, мадҳ гӯянд ва икром кунанд ва бар хилофи он танбеҳ ва сарзаниш нанамоянд, ки бар бад иқдом намудааст, балки ӯро ба тағофул мансуб кунанд, то бар таҷосур иқдом нанамояд [10].

“Агар корро ба худ бипӯшад ва пӯшида дорад ва агар муовидат кунад дар сирр ӯро тавбих кунанд ва дар қубҳи он муболиға кунанд ва аз мавдат таҳзир фармояд ва аз одат гирифтани тавбих ва аз мукошифа эҳтироз бояд кард, ки боиси вақоҳат шавад ва бар муовидат таҳрисӣ диҳанд, ки (Ал инсону ҳарисун ало мо муниъа [11] ва ба истимои маломат иҳонат кунад ва аз иртикоби қабоиҳ нахӣ намояд, мунтаҳо дар ин боб латоифулҳайл истеъмол кунанд”[12].

Шеваи мавриди таъкиди Хоҷа дар сурати бурузи рафтори номуносиб аз кӯдак ва пинҳонкории вай тавҷеҳ ва тавбихи ӯ дар хилват ва дар ҳоли танҳоӣ аст, чун ин шева аз назари тарбиятӣ таъсири бештаре дар тағйири рафтори фарзанд дорад ва ӯро мутаваҷҷеҳи хато ва иштибоҳаш мекунад. Тавбих дар ҳузури ҷамъ афзун бар ин ки дар ислоҳи рафтори фарзанд асар надорад, дар шахсияти ӯ таъсири манфӣ мегузорад ва боис мешавад, ки вай дар садади муқобила ва интиқом барояд. Таҷриба низ нишон додааст, ки фарзандон дар асари маломати ошкори атрофиён сар ба тӯғён мезананд ва ин рафтори падар ва модар муҷиби канорагирӣ ё тарки хонавода мегардад. Ба ҳар сурат ба волидайн тавсиа мешавад, ки тавҳин, таҳқир ва мазаммати фарзанд дар ҳузури дигарон гузашта аз ин, ки таъсири мусбат надорад, осори манфии бисёре бар шахсияти вай мегузорад ва заминаи саркашӣ ва аҳёнан фирори ӯро аз хона фароҳам месозад. Муроҷиа ба сутуни ҳаводиси рӯзномаҳо ва хондани сарнавишти бисёре аз писарон ва духтарони ҷавон, ки гирифтори инҳирофоти ахлоқӣ шуда, роҳи фирорро пеш гирифтаанд гувоҳи ин амр аст. Иллати умдаи мушкилоти онҳо ба нобасомонии хонаводагӣ бармегардад, ки рафтори нодурусти падар ва модар омили аслии он шинохта шудааст.

**3. Парвариши ҳаё ва наҷобат дар фарзанд.** Ҳаё як сифати дарунӣ ва фитрӣ дар инсон аст ва бо тафовути маротиб, дар ҳамаи афроди башар вуҷуд дорад. Сифати нафсонӣ, ки ҳатто кӯдакон низ аз он бархурдоранд ва маъмулан аз анҷоми корҳои хилофи иффат ва мунофии ҳаё дар ҳузури дигарон имтиноъ меварзанд. Ҳарчанд асли ҳаё дар

навъи инсон вуҷуд дорад, вале маротиби он дар афроди мухталиф мутафовит ва дорои шиддат ва заъф аст, ки метавон онро бо тарбияти дуруст парвариш дод ва шукуфо кард.

Хоҷа дар мавриди тарбияти сифати ҳаё дар фарзанд мегӯяд:

"Аввал чизе аз осори қуввати тамиз, ки дар кӯдак зоҳир шавад ҳаё бувад. Пас нигоҳ бояд кард, ки агар ҳаё бар ӯ ғолиб буд ва бештари авқот сар дар пеш афканда дорад ва вақоҳат нанамояд далели наҷобати ӯ бувад, чи нафси ӯ аз қабеҳ муҳтариз аст ва ба ҷамил моил ва ин истеъдоди тааддуд бувад ва чун чунин бувад ва эҳтимом ба ҳусни тарбияташ зиёда бояд дошт ва эҳмол ва таркро рухсат надод"[13].

**4. Шеваи тарбияти қувваи шаҳвия дар хӯрдан ва ошомидан.** Қувваи шаҳвия дар ин фароз аз гуфтори Хоҷа ба маънои хӯрдан ва ошомидан аст, ки риояти эътидол ва иктифо ба ҳадди ақали мумкин барои садди ҷавъ ва рафъи ниёзи аввалия барои ҳифзи бақои ҳаёт аз назари ахлоқӣ мамдуҳ ва сабаби такомули рӯҳӣ ва маънавии инсон аст. Аз ин рӯ, Хоҷа мегӯяд: "Аввал чизе, ки таъдиби қувваи шаҳвӣ намоянд, адаби таом хӯрдан биёмӯзанд ва ӯро тафҳим кунанд, ки ғараз аз таом хӯрдан сиҳат бувад на лаззат"[14].

Каломи Хоҷа баёнгари он аст, ки падар ва модар пеш аз ҳар чиз бояд одоби ғизо хӯрданро ба фарзанд биёмӯзанд ва ғизоро ба унвони омили таъминкунандаи саломати бадан ба ӯ муаррифӣ кунанд, на мояи лаззат ва хӯш гузаронӣ, чаро ки эҳсоси ниёз ба ғизо нахустин қуввае аст, ки дар кӯдак фаъол мешавад ва вай ба сурати худогоҳона тамоюл ба хӯрдан ва ошомиданро бо гиря абзор медорад. Волидайн вазифа доранд зимни омӯхтани одоби ғизо хӯрдан ба фарзанд камхӯриро арзишманд ва пурхӯриро номатлуб тавсиф кунанд. Ин корро метавон бо тамҷид аз инсонҳои камхӯр ва қонеъ ва мазаммат аз шикампарастӣ ва афроди пурхӯр анҷом дод. Хоҷа дар ин робита меафзояд: " Фарзандро дар анвои атмаа тарғиб наяфкананд, балки ба иқтисор ба як таом моил гардонанд ва иштиҳои ӯро забт намоянд, то бар таоми адван иқтисор кунад ва бар таоми лазизтар ҳарис нанамояд[15]. Бад-ин маъно, ки рӯҳияи қаноат ва иктифо ба хӯрокҳои сабук ва арзон қиматро дар зеҳн ва дили ӯ росих ва аз тамаъ ба ғазоҳои лазиз ва ашрофӣ барҳазар доранд". Хоҷа дар идома мегӯяд:

"Ин адабҳо агарчи аз фуқаро некӯ бувад, аммо аз ағниё некӯтар ва бояд, ки шом аз чошт мастуфитар диҳанд кӯдакро, ки агар чошт зиёда хӯрад коҳил шавад ва ба хоб гирояд ва фаҳми ӯ кунд шавад. Агар гӯшти фаровон диҳанд дар ҳаракат ва таяқуз ва қулти билодат ва инбиос бар нишот ва хиффат нофиъ бошад ва аз ҳалво ва мева хӯрдан манъ кунанд, ки ин таомҳо истиҳола бипазирад ва одати ӯ гардонанд, ки дар миёни таом об нахӯрад" [16].

**5. Ислоҳи одати фарзанд.** Одати фарзанд бар корҳои зишт ва announce-нописанд ба авомили мутааддиде бастагӣ дорад, ки ба назар мерасад, ағлаб ношӣ аз тарбияти хонаводагӣ ва рафтори сӯи волидайн бошад, зеро кӯдак нахустин бор бо муҳити хонавода ошно мешавд ва умури зиндагиро аз падар ва модар меомӯзад. Агар волидайн дар муқобили кӯдак корҳои номуносиб муртакиб кунанд, ӯ ҳамон корҳоро аз онон тақлид ва такрор мекунад то ин, ки ба сурати одат дармеояд. Хоҷа дар ин бора мегӯяд: "Бар падару модар воҷиб бувад, ки фарзандро аввал дар қайди номуси илоҳӣ оранд ва ба авсоф, таъдибот ва сиёсат, ислоҳи одоти эшон кунанд" [17].

Яъне, нахуст саъй кунанд кӯдакро бо қавонини илоҳӣ ошно намуда, мутааҳҳид ба муқаррароти исломӣ бор оваранд ва аз ҳар роҳи мумкин дар ин замина баҳра гиранд. Сипас бо истифода аз равишҳои мухталиф одоти нодурусти вайро ислоҳ ва рафторҳои некро ҷойгузини он созанд. Ҳар касро тибқи истеъдод ва шароити хоси вуҷудиаш тарбият кунанд. Ба назари Хоҷа: Ҷамоатеро, ки мустаҳақи зарб ва тавбех бошанд чизе аз ин ҷинс ба қадри ҳоҷат дар таъдиби эшон лозим донанд ва гурӯҳеро бар мавоиди хуб аз каромот ва роҳот ба ислоҳ тавон оварад. Ин маониро дар боби эшон (фарзандон) ба тақдим расонанд".

**6. Таҳрики фарзанд ба касбу кор.** Кор ва касб пояи аслии зиндагии инсонро ташкил медиҳад ба қавли Хоҷа: "Чун саноате аз саноот омӯхта шавад, ӯро ба касб ва таалюш бад-он фармоянд, то чун ҷалолати иктисоб биёбад онро ба ақсалғоя бирасонад ва дар забти дақоиқи он фазл назаре истеъмол кунад".[18]

Ба фармудаи эшон волидайн бояд фарзандро ба омӯхтани санъати мавриди алоқааш ташвиқ намуда, ба касб ва кор барои идораи зиндагӣ водор намоянд, зеро кор илова бар ин, ки омили таъмини муҳтоҷи зиндагӣ аст, ба лиҳози тарбиятӣ низ осори муфиде бар шахсияти инсон мегузорад ва мавқеияти иҷтимоии ӯро боло

мебарад. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар ин фароз аз каломи Хоҷа ин аст, ки дар сурати иштиғоли фарзанд ба касби мавриди алоқа бояд дар ҳусни анҷом ва диққат дар рамзу роз ва истеҳкоми он ниҳояти саъй ва талошро мабзул доранд, то афзун бар анҷоми вазифа аз назари кайфият беҳтарин корро ба ҷомеа ироа диҳад. Хоҷа дар бораи риояти истеъдоди вижаи фарзанд мегӯяд:

"Аввал он бувад, ки дар табиати кӯдак назар кунанд ва аз аҳволи ӯ ба тариқи фаросат ва каёсат эътибор гиранд, то аҳлият ва истеъдод аз чӣ саноат ва илм дар ӯ мафтур аст, ӯро ба иктисоби он навъ машғул гардонанд, чӣ ҳама кас мустаиди ҳама саноате набувад" [19].

Тибқи ин гуфтор ҳар кас истеъдоди хосе нисбат ба ҳирфа ва фан дорад ва авлиё ва мураббиён бояд он тавони вижаи фарзандро кашф кунанд, ки дар чи заминае метавонад беҳтар рушд кунад ва дар ҳамон замина ӯро вориди кор намоянд. Ба назари вай тафовути истеъдодҳои одамӣ муҷиби бақои низоми зиндагии одамӣ аст.

Дар тафовути муставдиъ дар табойии сиррии ғомиз ва тадбире латиф аст, ки низоми олам ва қаввоми бани одам бад-он манут метавон бувад [20].Тарбияти фарзанд бар асоси зарфиятҳои вижаи вуҷудиаш боиси дурӣ аз разоил ва дил бастан ба фазоили ахлоқӣ ва низ омили рушд ва тараққии ӯ хоҳад буд: "Чи тарбият (фарзанд) бад-ин фунун муқтазии муҳаббати фазоил ва эҳтироз аз разоил мебошад. Пас забти нафс кунад аз шаҳавот ва лаззот ва сарфи фикр кунад дар он (фани хос) то ба маолии умур тараққӣ намояд.[21]

**II. Шеваҳои боздоранда.** Аз ҷумлаи суханони Хоҷа дар боби тарбияти фарзанд дастурамалҳое аст, ки ҷанбаи наҳй ва манъ дорад. Манзур аз ин навъ равишҳо, ки аз онҳо ба шеваҳои боздоранда таъбир мекунем, боздоштани кӯдак аз бархе умури нописанд аст, то бар такрори он иқдом накунад. Чун такрори амал боис мешавад, ки бо мурури замон бар он кор одат кунад ва дар ин сурат кори тарбият мушкил мешавад. Бархе аз ин равишҳо иборатанд аз:

**1.Манъи кӯдак аз пинҳонкорӣ.** Яке аз шеваҳои боздоранда дар тарбияти фарзанд манъи ӯ аз пинҳонкорӣ аст. Агар фарзанд кори бадеро муртакиб шуд ва онро аз дигарон махфӣ дошт, бояд волидайн тадбире биандешанд, то ӯро аз ин ҳолат берун оваранд ва ба гунае рафтор кунанд, ки чизеро аз онон пӯшида надорад, зеро махфикории фарзанд боис мегардад, то ӯ батадриҷ корҳои ношоистаи бузургтареро ба дур аз чашми волидайн анҷом диҳад ва ба ин кор одат намояд. Вақте кӯдак ба пинҳонкорӣ одат кард чи басо ба мурури замон мумкин аст ба корҳои ғайриқобили интизор муртакиб шуда, боиси бадбахтии худ ва дигарон шавад. Корҳое, ки ҷуброни он ба осонӣ муяссар набошад. Аз ин рӯ, Хоҷа мефармояд: "Аз ҳар феъле, ки пӯшида дорад ӯро манъ кунанд, чи боиси бар пушидан истишъори қубҳ бувад, то бар қубҳи дигар далел шавад" [22].

Ба назари Хоҷа манъи фарзанд аз пинҳонкорӣ ду асар дорад: аввал, огоҳсозии ӯ бар зиштии коре, ки муртакиб шудааст ва ин ки набояд чунин килореро анҷом диҳад. Албатта, падар ва модар бояд равиши муносиберо барои баёни қубҳи кори анҷомшуда пеш гиранд. Дар ғайри ин сурат натиҷаи манфӣ хоҳад дошт ва гузашта аз ин, ки ӯ ҳидоят намешавад. Дувум, пешгирӣ нисбат ба оянда, яъне, агар падар ва модар равиши дурустеро дар пешгирии фарзанд аз одатҳои нописанд ба кор гиранд, қодир хоҳанд буд, рафтори ӯро ислоҳ ва ояндаи вайро тазмин намоянд. Ин огоҳсозӣ ҳамроҳ бо меҳр ва муҳаббат шахсияти фарзандро дигаргун ва ӯро мутеи волидайн месозад. Сабаби умдаи фахр ва мубоҳот, ҷаҳл ва нодонии инсон нисбат ба заъфҳо ва осебҳои зиндагӣ ва сарнавишти хеш ва кибр ва ғурур ва худписандӣ аст. Хоҷа дар заминаи тарбияти фарзанд мегӯяд: "Фарзандро аз мафохират бо иқрон ба падарон ва молу мулк ва маокил ва малобис манъ кунанд ва тавозӯъ бо ҳама кас ва икром кардан ба иқрони бад-ӯ омӯзанд ва аз татовул бар фурӯтарон ва таассуб ва тамаъ ба иқрон низ манъ кунанд [23].

**2.Парҳез додани фарзанд аз зиштиҳои гуфторӣ.** Забон муҳимтарин василаи иртиботи каломӣ бо дигарон аст. Инсон метавонад ба воситаи он, зимни интиқоли андешаи худ бо дигарон, аз афкори онҳо низ баҳраманд гардад. Инсон бо истифода аз ин василаи ҳассос ва муфид ҳам метавонад беҳтарин хадамотро ба ҷомеаи инсонӣ анҷом диҳад ва ҳам қодир аст  зиёнбортарин корро муртакиб шавад. Хоҷа дар мавриди парвариши фарзанд бар гуфтор ва баёни некӯ бо дигарон ва одат додани ӯ бар ин равиш мегӯяд: "(Фарзандро) аз дурӯғ гуфтан боздоранд ва нагузоранд, ки савганд ёд кунад, чи ба рост ва чи ба дурӯғ: чи савганд аз ҳама кас қабиҳ аст. Дар пеши бузургон ба истимоъ машғул будан ва аз сухани фаҳш ва лаънат ва беҳуда

иҷтиноб намудан ва сухани некӯ ва ҷамил ва зариф одат гирифтан дар чашми ӯ ширин гардонанд” [24].

Хоҷа боздоштани фарзандро аз гуфторҳои бад ҳамонанди дурӯғ ва савганд ёд кардан чи дуруст ва чи нодуруст воҷиб медонад, зеро дурӯғ аз гуноҳони кабира аст ва савганд сабаби беэҳтиромӣ ва сабук шумурдани номи Худои таборак ва таъоло мебошад, ки одат бар он осори бади тарбиятиро ба ҳамроҳ дорад. Ҳамчунин, аз гуфтори зишт ва фаҳш дар маҷолиси бузургон бояд барҳазар доранд ва дар муқобил суханони зебо ва некуро ба ӯ ёд дода дар назараш ширин ҷилва диҳанд то бар он одат намояд. Ин кор дар дараҷаи нахуст вазифаи падар ва модар аст, ки бояд дар муҳити ороми хона бадон иқдом кунанд ва сипас бар ӯҳдаи муаллимон ва омӯзгорон мебошад, ки дар мадорис ва омӯзишгоҳҳо ба тақвият ва парвариши он хислат дар донишомӯзон бипардозанд. Ба назари Хоҷа донишомӯз ҳатто нисбат ба кӯдакон ва ҳамсолон низ гуфтори некро бояд риоят намояд ва ӯро манъ намояд аз ин ки кӯдаконро таҳқир кунад [25]. Чун сарзаниш ва сабук шумурдани кӯдакон боиси ҷорӣ шудани фарзанд бар ин кор мешавад ва ба тадриҷ одат мекунад.

**3. Манъи кӯдак аз судҷӯӣ.** Судҷӯӣ дар ҳақиқат натиҷаи дунёдӯстӣ ва сарватталабӣ аст, ки маншаи бисёре аз мушкилот ва нобасомониҳои мавҷуд дар ҷомеаи имрӯз аст. Агар инсон дилбохтаи моддиёт ва зарқу барқи дунё бошад ва тамоми ҳадаф ва ҳимматаш расидан ба манофеи моддӣ, барои ноил ба он аз ҳеҷ ҷурму ҷинояте дареғ нахоҳад кард.

**4. Парҳез додани фарзанд аз таҷаммулгароӣ.** Таҷаммулхоҳӣ ва аз офати зиндагии инсон аст, ки ин масъала беш аз ҳар чиз реша дар рафтори падар ва модар ва тарбияти хонаводагии фарзанд дорад. Хоҷа дар ин замина мегӯяд: “Истиҳонат ба ақл (хӯрдан) ва шурб (нӯшидан) ва либоси фохир дар назари ӯ (фарзанд) зинат диҳанд ва тараффуи нафс аз ҳирс бар матоим, машориб ва дигар лаззот ва исори он бар ғайр дар дили ӯ ширин гардонанд ва бо ӯ тақрир диҳанд, ки ҷомаҳои мулавван ва мунаққаш лоиқи занон бувад ва аҳли шараф ва наболатро ба ҷома илтифот набувад” [26]. Дар ин фароз аз гуфтори хоҷа, ишораи сареҳ ба одат додани фарзанд бар соддазистӣ ва иктифо бар хӯрокиҳо ва пӯшокиҳои сода шудааст. Ниҳодина кардани рӯҳияи исор ва азхудгузаштагӣ дар вуҷуди фарзанд аз аҳдофи муҳими тарбияти исломӣ аст, ки дар каломи Хоҷа ба он таъкиди фаровон шудааст. Ин амр, бояд аз ҳамон рӯзҳои оғозини зиндагӣ дар дилу ҷони кӯдак ворид ва ташвиқ гардад.

**5.Парҳез аз нозпарварии фарзанд.** Нозпарварӣ ба маънои фароҳам сохтани имконоти беш аз ҳад, ифрот дар навозиш, дур доштани фарзанд аз сахтиҳо ва омода намудани умури марбут ба вай ҳатто корҳое, ки метавонад онҳоро анҷом диҳад аз офатҳои тарбияти фарзанд аст, ки бояд аз он парҳез кард, зеро дар ин сурат, пеш аз ҳар чиз истеъдодҳои фарзанд нуҳуфта боқӣ мемонад ва ба шукуфоии кофӣ намерасад. Хоҷа Насируддин дар ин замина мегӯяд: фарзандро аз ҷомаи нарму асбоби танаъум манъ кунанд, то (вай) дурушт бор ояд ва бо дуруштӣ ху кунад ва аз хешу сардоба ба тобистон ва пӯшидани пӯстин ва оташ ба зимистон таҷаннуб кунанд ва ба рафтан ва ҳаракат ва рукуб ва риёзат одат афкананд ва аз издодаш манъ кунанд ва одоби ҳаракат ва сукун ва хостан ва нишастан ва сухан гуфтан ба ӯ омӯзанд”[27].

Дастурамалҳои Хоҷа ҳовии матлабе аст муҳимтарин паёми он дурӣ аз нозпарварии фарзанд мебошад, зеро барканор доштани вай аз либоси нарм, дур кардан аз фазои сард дар тобистон ва муҳити гарм дар зимистон ва низ одат додани ӯ ба роҳ рафтан ва риёзат, ҳамон иҷтиноб аз нозпарварӣ аст, ки мавриди таъкиди Хоҷа мебошад. Ҳамчунин тибқи фармудаи эшон, фарзандро аз хоби зиёд ҳам бояд манъ кард: “Аз хоби бисёр манъ кунанд, ки он тағлизи зеҳн ва амотати хотир ва футури аъзо орад ва ба рӯз нагузорад, бихобад”[8].

**6. Манъи фарзанд аз бадиҳо.** Ба назари Хоҷа фарзандро аз ҳар гуна бадрафтории амалӣ ва забонӣ бояд манъ кард ва нагузошт, ки рафторҳои нодурустро биёмӯзад ва бар он одат кунад. Хоҷа дар ин замина мегӯяд: “...ӯро аз одоб ва афъоли бад заҷр кунанд, зеро кӯдак дар ибтидои нашъунамо афъоли қабиҳа бисёр кунад ва дар аксари аҳвол дурӯғгӯ ва ҳасуд ва сориқ ва намум ва лаҷуҷ бувад ва фузулӣ кунад ва изрори худ ва дигаронро иртикоб намояд ва баъд аз он ба таъдиби ӯ иқдом кунад” [29].

Тибқи ин фарз аз гуфтори Хоҷа, кӯдак дар оғози зиндагӣ дар асари адами ташхиси арзишҳои исломӣ, табиатан корҳои нодурусти бисёреро муртакиб мешавад, вале батадриҷ бояд вайро бо фазоили ахлоқӣ ошно сохт ва аз иртикоби корҳои зишт манъ кард. Мумкин аст, кӯдак дар давраи кӯдакӣ дурӯғ бигӯяд, фузулӣ кунад, сирқат

ва лаҷбозӣ намояд ва ё корҳои дигаре муртакиб гардад, аммо падар ва модар бояд ӯро аз ин гуна афъол наҳӣ кунанд. Ҳатто ба назари Хоҷа дар сурати лозим бояд фарзандро муохиза намуд, то аз иқдом ба он худдорӣ намояд, чунон ки дар фарози дигаре аз каломи вай омадааст: "Бояд, ки дар туфулият ӯро бадон (кори бад) муохиза кунанд" [30].

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар боби тарбияти фарзанд ва шеваҳои муассир дар он тавсияҳои лозимро дар ин замина ироа додаанд. Аз манзари эшон муҳимтарин вазифаи падар ва модар тарбияти фарзанд аст, ки бояд аз аввалин рӯзҳои таваллуд ба парвариши ӯ эҳтимом варзида, ба он иқдом кунанд. Кӯдакро бар асоси табиати ӯ бояд тарбият кард ва истеъдодҳои фаъоли вайро бояд тақвият намуд ва аз корҳои мазмум ва нописанд боздошт[31].


**АДАБИЁТ**

1. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. Интишороти илмияи исломия. -С. 182.
2. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин. -с.183.
3. Ҳамон ҷо, с.185.
4. Саид Мустафо Ҳусейнӣ. Маорифи маориф. –Теҳрон: Дониш, 1376, ч. 7, вожаи ақл. -с.1376.
5. Муҳаммадтақии Мисбоҳ. Ахлоқ дар Қуръон. –Қум: муассисаи омӯзиш ва парваришии Имом Хумайнӣ (Р), 1376, ч.2, - с. 207- 209.
6. Хоҷа Насируддини Тӯси, пешин, - с.196.
7. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин, с.182
8. Алӣ Ризо Аърофӣ. Орои донишмандони мусалмон дар таълим ва тарбият ва мабонии он. –Теҳрон: Самт, 1379, ч.2, - с.138.
9. Озартоши Озарнӯш. Фарҳанги муосир (арабӣ форсӣ). –Теҳрон: Нашри Най, 1381.
10. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин, - с. 184.
11. Инсон нисбат ба он чи ӯро манъ кунанд ҳарис аст.
12. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин, - с.184.
13. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин, - с.182.
14. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ пешин,- с.184.
15. Ҳамон ҷо с.186.
16. Ҳамон ҷо.
17. Ҳамон ҷо с.68.
18. Ҳамон ҷо с.189.
19. Ҳамон ҷо с.187.
20. Ҳамон ҷо с.187.
21. Ҳамон ҷо с.187.
22. Ҳамон ҷо с.185.
23. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин, - с.185.
24. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин, - с.196.
25. Ҳамон ҷ - саҳ.186.
26. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин, - с.183.
27. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пешин, - с.185.
28. Ҳамон ҷо с.185.
29. Ҳамон ҷо с.183.
30. Ҳамон ҷо - с.183.
31. Ҳамон ҷо с. 196.
32. Ҳамон ҷо с. 182.


## ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ ВЗГЛЯДЫ ХОДЖА НАСРИДДИНА ТУСИ


Процесс воспитания является важным и актуальным фактором процветания морального облика человека. Дискуссии вокруг этого вопроса ведутся в течении многих лет.Одним из мыслителей прошлого, который отмечает, что детей надо воспитывать детей с раннего возраста, является Ходжа Насриддин Туси. Как раз в этой статье анализируются методы воспитания, его содержание и выбор хорошего учителя.



**Ключевые слова:** Ходжа Насриддин Туси, воспитательные взгляды, воспитание, процесс воспитания, моральный облик, методы воспитания.


## EDUCATIONAL VIEWS OF KHOJA NASRIDDINI TUSY


Education process is the important and actual factor of the person's moral prosperity. This issue is discussed for many years. One of the nationalist of ancient time, who noticed, that it is necessary to educate children from the early age, is Khoja Nasriddini Tusy. Education methods, their contents and a choice of the good teacher are analyzed in this article



**Key words:** Hodge Nasriddin Tusi, educational views, education, education process, moral shape, education methods.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мустафо Пок*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ВОПРОСЫ ВОСПИТАНИЯ ВО ВЗГЛЯДАХ УЧЕНЫХ-ЕСТЕСТВОИСПЫТАТЕЛЕЙ СРЕДНЕВЕКОВОЙ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

***А.Э.Сатторов, И.Гулаев***
**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

Необходимость пристального внимания процессу воспитания указывает общие тенденции развития всей экономической и социальной жизни нашей страны. Среди стратегических целей, поставленных правительством Республики Таджикистан перед всей системой образования и воспитания, ведущей является подъем эффективности и качества всей работы. Социально-экономический прогресс, повышая требования к школе и вузам и усложняя задачи воспитания, привел к значительному увеличению объема внеклассной и внешкольной работы.

Основные задачи воспитания подрастающего поколения на современном этапе чётко и ясно определены в «Национальной концепции воспитания в Республике Таджикистан», принятой решением Правительства РТ в 2006 году. Данный документ возлагает на всю систему образования и иным структурам республики, имеющим отношение к делу воспитания подрастающего поколения, большие и ответственные задачи по делу воспитания, ибо лишь образование и воспитание делают человека личностью.

Воспитание молодого поколения во все времена было объектом особого внимания передовых мыслителей. Особенно, в начале XXI века, характеризующегося новыми экономическими, рыночными отношениями, порождающими иные межличностные отношения, требующие специалистов нового поколения, вопросы воспитания носят актуальный характер. Эти проблемы в комплексе требуют реформы всей системы образования. Эта реформа в настоящее время проводится и для успешной ее реализации приняты решения Правительства Республике Таджикистан «Национальная концепция образования Республики Таджикистан» 2002 года и «Национальная концепция воспитания в Республики Таджикистан» от 2006 года. В этих документах подчеркивается, что к обучению и воспитанию подрастающего поколения нужны качественно новые подходы, требующие от учителя использования все новых средств обучения и воспитания, чувства национального самосознания и национальной гордости.

Важным фактором выполнения программы ускорения социально- экономического общества являются инициативность и творческое мастерство каждого члена общества, его профессиональное мастерство. Естественно, воспитание этих качеств, в свете новых требований проводимой реформы образования в Республике Таджикистан, во многом зависит от успешной организации учебного и воспитательного процесса в общеобразовательных, профессиональных и высших школах. Эти образовательные учреждения призваны выявлять неиспользованные резервы роста, заложенные в человеческом факторе, находить пути повышения качества обучения, использовать при этом новые методы и средства обучения и воспитания, активизировать учебный труд школьников и студентов. Следует заметить, что каким бы эффективным с точки зрения образования, воспитания и развития ни был урок, плохо организованная воспитательная работа во внеурочное время будет обесценивать достигнутое в процессе обучения.

Как известно, выявление особенностей и прогрессивных тенденций педагогической мысли о воспитании требует как осмысления исторического прошлого, так и использования современных достижений педагогики, психологии, методики, а главное, определение условий эффективного применения педагогических знаний. Изучение педагогического опыта и высказываний по воспитанию предшествующей эпохи, особенно учёных-энциклопедистов средневековой Центральной Азии позволяет раскрыть истоки и особенности развития педагогических знаний по воспитанию, использование которых полезно и в наше время.

Анализ отдельных исследований [1, 2, 3] показывает, что литературно-поэтическое и философское наследие учёных названного региона в указанный период изучено достаточно подробно. Однако этого нельзя сказать относительно естественнонаучного наследия этой эпохи. Взгляды учёных-естествоиспытателей и просветителей средневекового Ближнего и Среднего Востока также изучены далеко не полностью[4]. Хотя педагогическая наука в то время ещё не выделялась как отдельная наука, но различные ее аспекты изучались в тесной связи с естественными, в частности физическими и гуманитарными науками того периода.

Исследования этого направления показывают, что учёные-естествоиспытатели Среднего и Ближнего Востока средневековья наряду с вопросами естественных наук этого времени особое внимание уделяли проблемам воспитания личности. Так, например, известный ученый Насриддин ат-Туси (1201-1274) в своей «Насыровой этике»[5] определяет важность и черты хорошего воспитания, которые характеризуют этические и общественно-политические взгляды учёных-естествоиспытателей этого периода. По его мнению, человек являясь самым славным созданием в мире, берёт обязанность на себя, что «в различные периоды жизни налаживать земные дела, довести людей до счастья, устраивать их быт и житейские дела, воспитывать нравственность и направлять их по правильному руслу». Отмечая в чем заключаются достоинства и добрые качества человека автор указывает людские пороки, которых следует избегать. Ученый в этой связи пишет: «К порокам, которые следует избегать и которые противостоят вышеупомянутым достоинствам, относятся такие, как зависть, ненависть, мстительность, противостоящие доброте; распущенность, разврат, сквернословие, ругательство, клевета, донос, ложь, нетерпение, противостоящие терпению; раздосадованность, нетерпимость, разглашение тайны, противостоящие добродушию; невежество, являющееся самым сильным из пороков и недостатков и противостоящее знанию, которое выступает величайшим из достоинств, относящихся к различительной силе. Косноязычие противостоит красноречию. Глупость - проницательности, превосходству чувства, догадливости.Нерешительность противостоит твердости; вероломство, измена, жестокость противостоят милосердию. Бесстыдство, наглость, малое усердие, бездеятельность, беззаботность, беспечность, необязательность, невнимательность, хвастовство, произвол, высокомерие противостоят справедливости» [5, лл.98-124].

Важным достоинством этого трактата ат-Туси является то, что здесь автор стремится выявить значения этических и нравственных категорий, которые и ныне не утратили свою значимость, т.е. умелое и целенаправленное использование этих сведений поможет учителю в деле успешного решения воспитательных задач и в процессе обучения физике и во внеаудиторных мероприятиях..

Другой известный учёный-естествоиспытатель средневековья Закарийа ар-Рази (865-925) в деле воспитания на первый план ставит разум, и в этой связи пишет: «пусть мыслящий человек взглянет на эти понятия оком разума своего и поставит их в круг своих забот и утвердит в своём сознании » [6, с.34].

В физической части работы «Курозаи табиат» («Песчинки природы») великий ученый средневековья Абу Али ибн Сино (Авиценна) (980-1037) просматривается методический подход к объяснению различных физических явлений, носящий наглядность и доступность излагаемого материала. Здесь изложение идет в форме вопросов и ответов (каждая глава является ответом на один из поставленных вопросов самим автором трактата), что является важным моментом, ибо при таком подходе, выбранном великим ученым, излагаемый материал будет более доступным ученику, нежели по простому изложению. Ибн Сино при возможном случае использует объяснение и в воспитательных целях. Например, в главе десятой, состоящей из следующего вопроса:

Почему белое легче и быстрее сделать черным, чем черное – белым? Он в ответ пишет: "Потому, что испортить вещь легче и быстрее сделать черной, чем ее создать, так как разрушать легче и быстрее, чем строить". [7, с. 12-13].

Из начала ответа мы видим предпочтение и призыв ученого к сознательному труду, нежели к разрушительному; эта мысль звучит и по сей день своевременной и она может послужить важным фактом при воспитательной работе педагога. Продолжение ответа является не менее важным, где говорится: "Переход из небытия в бытие проходит дольше, чем из бытия в небытие. Пример этому то, что если встречаются двое (мужчина и женщина) и мужчина передаст ей свое семя, то образуется сгусток крови, который дает начало жизни. Следовательно, образуется зародыш, и так до тех пор, пока не кончится этот процесс (процесс рождения человека)" [7, с. 13]. Это высказывание с успехом можно использовать в процессе полового воспитания молодежи в настоящее время, что является актуальным и на данном этапе развития общества. Аналогичные примеры можно еще продолжить.

В целом, учёные этой эпохи важность воспитания человека выводили из его потребности во взаимопомощи, в приобретении знаний и ремесел. По их мнению, знание и наука не только позволяют расширять кругозор и мышление, лучше познавать мир, но и воспитывает у подрастающего поколения такие высокие интеллектуальные и

нравственные качества, как острый ум, разумность в поступках, рассудительность, справедливость, честность, скромность, доброта, правдолюбие, гордость, стремление к совершенству. Эти качества вполне сочетаются с современными требованиями, отмеченными в «Национальной концепции воспитания в Республике Таджикистан».

### ЛИТЕРАТУРА


1.Арипов М. Из истории педагогической мысли таджикского народа. – Душанбе:Ирфон. Т.1., 1962.- 162 с.
2.Болтаев М.Н. Философские взгляды Абу Али ибн Сино. – Душанбе: Ирфон, 1969.- 156 с. (на тадж. яз.).
3.Измайлов А.Э., Машкевич А.А. Педагогические идеи раннего средневековья в Средней Азии//Советская педагогика, 1984, №12.–С.100-107.
4. Сатторов А.Э. Педагогические идеи ученых-естествоиспытателей Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе:Дониш, 2009.- 173 с.
5. Ат-Туси Насир ад-Дин. Насирова этика / Собрание ин-та востоковедения АН Респ. Узб.им. Беруни, инв.№11849, 124лл.(на перс. яз.).
6. Ар-Рози Абу Бакр. Духовная медицина.- Душанбе:Ирфон, 1990.-88 с.
7. Комилов А.Ш. Физическая часть трактата Ибн Сино «Курозаи табиийт». Душанбе:Дониш, 1990.-40 с.


### ВОПРОСЫ ВОСПИТАНИЯ ВО ВЗГЛЯДАХ УЧЕНЫХ-ЕСТЕСТВОИСПЫТАТЕЛЕЙ СРЕДНЕВЕКОВОЙ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ


Учёные средневековой Центральной Азии важность воспитания человека выводили из его потребности во взаимопомощи, в приобретении знаний и ремесел. По их мнению, знание и наука не только позволяют расширять кругозор и мышление, лучше познавать мир, но и воспитывают у подрастающего поколения такие высокие интеллектуальные и нравственные качества, как острый ум, разумность в поступках, рассудительность, справедливость, честность, скромность, доброта, правдолюбие, гордость, стремление к совершенству. Статья посвящена изучению вопросов воспитания во взглядах ученых-естествоиспытателей средневековой Центральной Азии.



**Ключевые слова:** ученые средневековой Центральной Азии, воспитание, научное наследие, трактаты, личность, воспитание, нравственность.


### EDUCATION ISSUES FROM THE POINT OF VIEW OF SCIENTISTS-NATURALISTS OF MEDIEVAL CENTRAL ASIA


Scientists of medieval Central Asia brought importance of education of the person out of his need for mutual aid, for acquisition of knowledge and crafts. In their opinion, the knowledge and science not only allow to broaden horizons and thinking, it is better to learn the world, but also cultivate at younger generation such high intellectual and moral qualities, as sharp mind, a rationality in acts, judiciousness, justice, honesty, modesty, kindness, pravdolyuby, pride, aspiration to perfection. Article is devoted to studying of questions of education in views of scientists-scientists of medieval Central Asia.



**Key words:** scientists of medieval Central Asia, education, scientific heritage, treatises, personality, education, moral.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***А.Э.Сатторов*** **–**старший преподаватель КТГУ им.Носира Хусрава
***И.Гулаев*** **–** соискатель Курган-Тюбинского государственного университета им. Носира Хусрава


## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА АРЗИШИ ОСОРИ БАДЕӢ-ПЕДАГОГИИ ШОҲ НЕЪМАТУЛЛОҲИ ВАЛӢ


***Гурез Иброҳимов, Ҳотам Назаров***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**


Сайид Нуриддини Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, шоир, педагог ва орифи машҳури асрҳои 14-15-и тоҷику форс мебошад, ки чароғи тасаввуфи исломиро дар аҳди хеш фуруғи тозае бахшиду бо некутарин панду ақидаҳои ахлоқӣ пайравони тариқат ва аҳли илму адабро таҳти таҳсири мактаби худ қарор дод.Шоҳ Неъматуллоҳ Валӣ соли 1331 милодӣ (рӯзи Душанбеи 14-уми рабелулаввалӣ 731 ҳиҷрӣ қамарӣ) дар шаҳри Ҳалаб чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падараш Мир Абдуллоҳ аз бузургони қавми араб ва модараш аз мардуми форс буда, нисбати эшон ба нуздаҳ восита ба ҳазрати Расули Акрам (С) мерасад, чунончи худаш мефармояд :

Нуздаҳум ҷадди ман Расули Худост,
Ошкор аст нест пинҳонӣ.[1]

Дар зикр, нисбати худ Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ авлоду аҷдоди хешро бад- ин тариқ ном мебарад: « Мир Абдуллоҳ, бинни Муҳаммад, бинни Мир Абдуллоҳ, бинни Камолиддини Яҳё, бинни Ҳошим, бинни Мусо, бинни Ҷаъфар, бинни Солеҳ, бинни Мир Ҳотам, бинни Сайид Алӣ, бинни Иброҳим, бинни Сайид Алии Кошонӣ,

фарзанди Мир Муҳаммад, бинни сайиди Исмоил, бинни Абӯабдуллоҳ, бинни Муҳаммад Боқир, фарзанди ҳазрати Алӣ, бинни Ҳусайн алаҳимуссалом.

Гуфтаанд, ки ҷаноби Шоҳ аз даврони кӯдаки истеъдоди шигифтаангезе барои дарки маориф ва кашфи маъонӣ доштаанд, чунонки дар ҳамон овон Қуръонро ҳифз карда будаанд:

Маро илме ки андар сина доданд,
Яқин медон ки он дарсе надоданд.
Ба се ҳоле маро гардид маълум,
Ки шайхи чилларо дарсе надоданд.[2]

Сайид Нуриддини Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ҳарчанд, дар замони тангу тори феодалӣ умр ба сар бурдааст, таъкид намудааст, ки инсоне, ки гуфтаҳои ӯро мехонад, бояд донад, ки агар аз рӯи онҳо амал намояд, ба мақсаду маромаш мерасад.Чунончи мегӯяд:

Дар ҷаҳон ҳар кӣ Неъматуллоҳ ёфт,
Сарвари ҷумла ҷаҳон гардид.[3]

Ё ки:

Неъматуллоҳ ба даст овар,
Ё ки мақсуди ду сарро ёбиӣ.[4]

Вай таъкид кардааст, ки агар он чӣ ба ту маълум нест, аз Неъматуллоҳ ҷӯ то, ки меҷӯстагиатро аз он дарёбӣ . Аз рӯи ривоятҳо ва сарчашмаҳо аниқ кардан мумкин аст, ки дар ҳақиқат Шоҳ Неъматуллоҳ Валӣ аз бузургтарин орифони давру замони худ будааст.Ҳар корафтодае, роҳгумзадае барои ҳалли мушкилот ба ӯ муроҷиат мекард, ба худ ҷавоби муносиб пайдо менамуд:

Неъматуллоҳ ҷӯ ки то ёбӣ ҳама ,
Ҳар чӣ меҷӯӣ зи мо ёбӣ ҳама. [5]

Ӯ аз хӯрдани нони ҳалол аз касбӣ худ ва моли каси дигарро нахӯрдан савганд хӯрда, таъкид мекард, ки нони ҳалол баракати хонадон, дастархон ва умру зиндагии одамон аст, чунин таъкид кардааст:

Нони худ хӯрдам бо касби ҳалол,
Моли ғайр нахӯрдаам ба Худо. [6]

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ бо боварии том мегӯяд, ки гарчанде аз дидаҳои мардум босурат биравам ҳам, лекин аз дили дӯстон нахоҳам рафт. Ӯ инро борҳо дар ашъораш зикр намуда панд додаст, чи хеле ки мегӯяд: « Гар ба сурат аз дидаҳо биравам, Аз дили дӯстон нахоҳам рафт»[7]. Оре дар ин давру замон ҳам Шоҳ Неъматуллоҳ дӯсторону ихлосмандони хешро дорад. Осори панду ахлоқии ӯ самараест ҷовидонӣ, ки дар ҳар давру замон дӯстдорони худро пайдо намуда, он чехраи нуронӣ, қади расову ахлоқи ҳамидаашро ба мардум, хусусан ихлосмандонаш ошно ва равшан менамояд. Ва ӯ пеш аз ҳама ин хулқу атвори ҳамидаашро ирсӣ дониста, ҷое мегӯяд ӯ: «Хулқи Ҳасану хулқи Ҳисайнест, ки дорад, чун Сайиди мо кист ба ахлоқи ҳамида».[8]

Шоири бузург чизи беҳтаринро барои инсонҳо ба даст овардани дили одамон, ки онро ба ҳосили беҳтарин ба даст овардан монанд арзёбӣ карда гуфтааст, ки дар дилу дидаи дигарон ҷой гирифтан маънои онро мемонад , ки дили касеро ба даст овардан аст.Неъматуллоҳ мегӯяд, ки агар шахс дили одамеро хурсанд созад, ё худ ба касе меҳрубонӣ кунад, чунин амалҳо амалҳои хайресту савоб :

То тавонӣ дил ба даст овар ,
Инчунин ҳосиле ба даст овар. [9]

Ҳанӯз ин нуқтаро як аср пештар шоири тавонои тоҷик, муаллими ахлоқ Шайх Саъдӣ низ дар осори худ ёдовар шуда, таъкид мекард, ки ба даст овардани дунё ҳунар нест, якеро гар тавонӣ дил ба даст ор. Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ин суханонро барҳақ дастгирӣ намуда, мардумозорӣ, бадкирдорӣ, бахилӣ ва дигар хислатҳои манфури инсониро сарзаниш намуда, ба зери танқид қарор додааст.Устоди ширинкалом номи некро ба кори нек ёдгорӣ аз худ гузоштан дар натиҷаи накӯӣ, накӯкорӣ амалӣ намудан лозим аст. Читавре, ки мегӯяд:

Номи нек аст ёдгори башар,
Номи некат ба хайр ба ки ба шар.[10]

Бо ҳамин мазмун роҳбари хирадманди давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ борҳо таъкид кардааст ҳар як инсоне, ки ба ин дунё чашм кушодааст бояд донад, ки дунёбон нест ва тавре умри хешро сипарӣ намуд, ки дарахте шинонд, роҳеро дуруст намуд, купрукеро обод намояд, сангеро аз сари роҳ дур созад, дасти ятимону

барҷомондаеро гирад ва ин амалу кори неки худро ба насли наврасу ҷавонон биомӯзонаду ба ойяндагон боқӣ гузорад.

Аҷиб аз як бахр будани қатраҳо ва мавҷудияти як обро, ки рамузи як дарёанд, мегӯяд Шоҳ маъниашро танҳо орифон дар меёбанд. Дар маҳфиле, ки шоир дар назди орифон бо ҳасосияти бепоён ва шеъри аз ҷигар баромадааш меҳмони онҳо мешуду суханронӣ менамуд.Шеъри ӯро ҳама меписандиданд ва бо тамоми ҳастӣ онро гӯш мекарданд ва муридону ихлосмандонаш аз меҳмон шудани ин устоди сухан хушнуд мешуданд ва аз шерхонии ӯ руҳу илҳоми тозае ба худ мегирифтанд ва ба ӯ офарин мегуфтанд, чи тавре, ки аз ин мисраъҳо маълум аст:

Дил кабоб ҳасту ҷигар бирён Валӣ,
Неъматуллоҳ омада меҳмони мо. [11]

Шоҳ Неъматуллоҳи Моҳонӣ, Кирмонӣ, Хатлонӣ, Балҷувонӣ зиндагонию ҳаётро дар назар равон бинад ҳам, вале дар ин умри бобаракат, ки бо саъйю кӯшиши худ аз ин роҳгузари оддӣ, ки умри одами ҷовидонӣ нест, бо панду ҳикматҳояш метавонад оламро сероб намуда аз пайи меҳнат шуда одамонро ба некномӣ, накӯкорӣ, пирӯзӣ, шуҷоат, ҷасурӣ, мардонагӣ, шердилӣ ба мисли оби равони руду дарёҳо даъват намуда, огоҳ кардааст. Рубоии зерин далели гуфтаҳои болост:

Хуш оби ҳаёт аст равон дар назари мо,
Олам ҳама сероб шуд аз роҳгузари мо.
Аз дидаи мо об равон аст ба ҳар суй,
Умед, ки ҷовид бимонад асари мо. [12]

Неъматуллоҳи Валӣ дар ғазали «Дар селоби мо» гуфтанӣ аст, ки мазмуни шеъри моро касоне дарк карда метавонанд, ки дар ин селоби мо ғарқанд ва қадри ин оби моро ташнагони оби мо медонанд, хеле хуб гуфтааст :

Оламе ғарқанд дар селоби мо,
Ташнагон донанд қадри оби мо.[13]

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ аз худ осори гарони адабӣ боқӣ гузоштааст, ки он аз қасоид, маснавӣ, дубайтӣ, ғазалиёт, рубоиёт, иборат буда, аз маъниҳои дунявию ирфонӣ алалхусус педагогӣ хеле саршоранд. Шоир қайд мекунад, ки ишқ агар бар сар ояд, ақл коре нахоҳад кард. Ӯ бо маврид овардааст :

Ишқ омаду ақл рахт барбасту бирафт,
Он аҳд баста буд, бишкасту бирафт.
Чун дид, ки подшоҳ даромад сармаст,
Бечора ғулом рахт барбасту бирафт. [14]

Ба гуфти Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, яъне ақл ғуломи ишқ буда дар ҳолати пайдо шуданаш дар вуҷуди инсон ақл бечора мегардад.

Ӯ ҳамчун олими соҳаи тасаввуф илми динро бо шариат, тариқат, ҳақиқат ва маърифат як медонад ва бо боварӣ гуфтааст:

Донистани илми дин шариат бошад,
Чун дар амал оварӣ тариқат бошад.
В-ар ҷамъ кунӣ илму амал бо ихлос,
Аз баҳри ризои ҳақ ҳақиқат бошад.[15]

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ таъкид бар он дорад, ҳар шахси соҳибдиле, ки ин гуфтаҳои волоро мехонад бояд аз рӯи ин гуфтаҳо амал карда якеро аз якдигар ҷудо насозад. Аҷиб ба дунё омаданашро ва арзи вуҷуд карданашро дар даври Қамар нишон дода , мисли мавҷу ҳубобу қатра будан ва дар охир оҳиста- оҳиста дарё мешавад дар ин мисраъҳои шеърӣ баён кардааст:

Дар даври Қамар чу мо пайдо шудаем,
Аз нури зуҳур нек бино шудаем.
Мо мавҷу ҳубобу қатра будем Валӣ,
Ҷамъ омадаву ҷумла дарё шудаем.[16]

Шоир ба дунё омаданашро дар даври Қамар дар ин мисраъҳои шеърӣ баён карда бошад ҳам, то кунун гармию ширинии ин суханони пурмазмун сарду талх нашудаанд ва ҳар соҳибдил ва ташнаи илм метавонад аз ин мавҷу ҳубобу қатра, ки рамзи як дарёанд, бахра гирифта ояндаи хешро рангин созанд. Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ баҳонаҷӯиро дар корҳои нек зери танқид қарор дода, росткорию некҷӯиро хислатҳои ҳамидаи инсонӣ маънидод намуда онҳоеро, ки ба ҷои некӣ бадиҳо мекунанд, хислатҳои пасти онҳоро накуҳиш намуда, одамонро ба накӯкорӣ даъват меамояд.

Хулоса, ашъори ахлоқиву тарбиявии ин марди шарифро инсондӯстиву мардумнавозӣ, некию накӯкорӣ, аҳду вафо, ишқи беолоиш, ватандӯстию

ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳунармандӣ, хизмат ба халқ, дастгирии ятимону дарвешон, ки ин ҳам мафҳумҳои педагогию ахлоқӣ мебошанд, дар бар мегирад. Инсондӯстӣ дар эъҷодиёти шоир ҷойи намоёнро ишғол менамояд.Вале уқёнуси назмии ин мутафаккири бузург ганҷинаҳои зиёдеро фаро мегирад, ки интизори муҳақиқон аст.Мо дар ин мақола ба қадри имкон дурдонаҳоеро аз ганҷинаи педагогии Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ дарёфта, арзиши онҳоро манзури Шумо хонандагони гиромӣ намудем. Тадқиқи пурраи ашъори педагогии Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ бошад аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мост.


**АДАБИЁТ**

1. Сайид Нафисӣ « Девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» Теҳрон соли 1374. 735 саҳ,
2. Девони ашъор муқаддима саҳ 21.
3. Сайид Нафисӣ « Девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» Теҳрон соли 1374. 735 саҳ, қасоид ва мулҳиқот. Саҳ.519.
4. Ҳамон ҷо саҳ .534.
5. Сайид Нафисӣ « Девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» саҳ .554. Маснавиҳо. М. 12.
6. Ҳамон ҷо, қитъаот. саҳ: 599. Қ. 4.
7. Ҳамон ҷо саҳ .603-юм. Қитъаот.Қ . 26.
8. Девони ашъор саҳ . 455. Ғазалиёт. Ғ-1408.
9. Сайид Нафисӣ « Девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» Теҳрон соли 1374. 735 саҳ, муфрадот , м. 155.
10. Ҳамин ҷо саҳ . 700 –ум муфрадоти 152.
11. Сайид Нафисӣ « Девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» Теҳрон соли 1374. Ғазалиёт. ғ 41.
12. Девони ашъор саҳ . 10. Ғ, 33.
13. Сайид Нафисӣ « Девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» Теҳрон соли 1374. Ғазалиёт. ғ 48.
14. Сайид Нафисӣ « Девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» Теҳрон соли 1374. Рӯбоётҳо саҳ 633-юм. Р. 62.
15. Девони ашъор саҳ .635. Р. 79.
16. Сайид Нафисӣ «Девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» Теҳрон соли 1374. Рӯбоиҳо саҳ 652. Р. 215.



**НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ О ЛИТЕРАТУРНО-ПЕДАГОГИЧЕСКОМ НАСЛЕДИИ ШАХ НЕЪМАТУЛЛО ВАЛИ**

Литература всегда являлась отражением социальной, экономической, политической и культурной жизни народа. Именно в литературных произведениях мы можем найти ценные и идеальные идеи о воспитании, обучении, культуре и морали. Величайшие ученые и мыслители разных исторических времен, создавая мировые произведения, в центр внимания ставили проблему воспитания и обучения подрастающего поколения. В данной статье авторами подвергнуто рассмотрению и изучению литературно-педагогическое наследие великого поэта и мыслителя XIV-XV вв.Шах Неъматулло Вали.



**Ключевые слова:** литература, воспитание, обучение, Шах Неъматулло Вали, литературно-педагогическое наследие, проблемы воспитания и обучения подрастающего поколения.



**SOME REFLECTIONS ABOUT LITERARY AND PEDAGOGICAL HERITAGE SHAH NEJMATULLO VALYA**

Literature always was reflection of social, economic, political and cultural life of the people. We can find valuable and ideal ideas in literary works about education, training, culture and morals. The greatest scientists and thinkers of different historical times, creating world works, in the center of attention put a problem of education and younger generation training. In this article authors subjected to consideration and studying literary and pedagogical heritage of the great poet and the thinker of the XIV-XV centuries. Shah Nejmatullo Valya.



**Key words:** literature, education, training, Shah Nejmatullo Valya, literary and pedagogical heritage, problems of education and younger generation training.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Гурез Иброхмов*** - доцент кафедры педагогики КГУ им.А.Рудаки
***Хотам Назаров*** - аспирант кафедры педагогики КГУ им.А.Рудаки. Телефон: **98-105 -83-86**


# ҲУШҲОИ ЧАНДГОНА ВА ФАЪОЛИЯТҲОИ ФАВҚИБАРНОМА


***Жило Азизӣ***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Ба таври куллӣ тарбият ду шакл дорад:1.тарбияти расмӣ; 2 . тарбияти ғайрирасмӣ. Манзур аз тарбияти расмӣ омӯзиши синфӣ мебошад, ки дар мадорис бо таваҷҷуҳ ба барномерезии хоси худ сурат мегирад ва тарбияти ғайрирасмӣ ба маҷмӯаи омӯхтаҳое гуфта мешавад, ки дар чорчӯбаи китобҳои мадорис ташкил намегардад, балки дар канори онҳо буда, нақши мукаммали онҳоро доранд аз ҷумла фаъолиятҳои фавқбарнома, ки ҳар фард зимни пардохтан ба онҳо донистаҳо ва маҳоратҳои (ёдгирӣ ) худро ғанитар мекунад [1]. Ва ба иброти дигар фаъолиятҳои фавқбарнама, он фаъолиятҳоест,ки ки зери назари мадраса анҷом мегаранд, бидуни ин ки дар барномаи дарси манзур шуда бошад [2]. Бинобар ин, ба таваҷҷуҳ ба ин ки

донишомӯзон дорои тавоноиҳо ва истеъдодҳои хоси худ мебошанд; дарк ва ташхиси ин истеъдодҳо ва кашфи  тавоноиҳои онон аз тариқи фаъолиятҳои фавқбарнома ва мукаммал имконпазиртар аст. Мадорис ва муаллимин дар ин ростҳо кӯмаки шоёни таваҷҷуҳе метавонанд дошта бошанд. Инҷост, ки фавқбарнома ва муккамал ҷойгоҳе вижа пайдо мекунанд.

Фаъолиятҳои фавқи барнома дар арзи барномаи расмӣ қарор дорад ва аз қабл дар барномаи расмӣ вуҷуд надорад [3].

Ба фаъолиятҳое, ки бар асоси навоварӣ ва ибтикори муаллимин дар канори тадрис ва бар асоси омӯзиши мафоҳим ва аҳдофи дарс ба кор гирифта шаванд ва дар дохил ё хориҷи синф анҷом шавад, фаъолияти мукаммал мешавад.

Фаъолиятҳои фавқбарнома ва мукаммал аз қавонини ёдгирӣ пайравӣ мекунанд ва боиси таъмиқи ёдгирӣ дар сутуҳи мухталифи он мешаванд, бинобар ин, интизор меравад ба делели вижагиҳо ва инъитофпазирии ин навъи фаъолиятҳо, ҳамчун барномаи расмӣ, ангезаи лозим барои таомили табиӣ ва рушди ҳамаҷонибаи донишомӯзон эҷод намояд [5]. Чунончи ин фаъолиятҳо бо таваҷҷуҳ ба шароити хоси минтақае ё иқлимӣ бошад ва ё дар ростои омӯзиш истеъдодҳои хоси фарогири он бошад, фаъолияти фавқбарнома гуфта мешавад.Ҳамзамон бо оғози соли таҳсил аъзои шӯрои мадраса бо таваҷҷуҳ ба алоиқ ва ниёзҳои донишомӯзони барномаи яксоларо танзим менамоянд, ки баъд аз таъйини ҳадафи шеваи мутаносиб бо рафъи ниёзҳои унвоншуда дунбол мешавад. Ба ҳамин манзур бархе фаъолиятҳо ва барномаҳо пешбинӣ мешаванд, то дар муддати як сол бо назароти кулли авомил иҷро шавад [6].

Гарднер назарияеро вазъ карда, шомили ҳашт навъи ҳуши мутафоввит ва мустақил аз ҳам бо номҳои каломӣ, мусиқиёӣ, мантиқӣ, риёзӣ, фазоӣ, баданӣ, ҷунбишӣ, табиатгароёна, дарки дигарон (миёни фардӣ) ва дарки худ (даруни фардӣ).

Дар ин назария ин гуна фарзия шуда, ки дар миёни афрод аз лиҳози ҳушҳои мухталиф тафовут вуҷуд дорад. Масалан, фарде мумкин аст дар яке аз ҳушҳои бисёр тавоно, вале дар ҳушҳои дигар чандон тавономанд набошад [7].

Гарднер ва Астранберг муътақиданд, ки ҳуш дар фарҳангҳои мухталиф мутафовит зоҳир мешавад. Барои мисол, дар фарҳанги амрикоӣ ҳуш фазои эҳтимолан дар муҷасамасозӣ, ҳандасаи наққошӣ ва аз ин қабил нишон дода мешавад, аммо дар миёни мардуми Кайкую дар кишвари Каниё ин ҳуш мумкин аст дар тавоноии ашхос дар ташхис додани ҳайвоноти мухталиф ва шиносоии домҳои худ аз миёни домҳои касони дигар инъикос ёбад [8].

Бинобар ин, ҳар ҷомеае бо таваҷҷуҳ ба шароит, имконот ва ниёзҳои навъи фарҳанге, ки бар он ҳукмфармост ва низ тафовутҳои фардӣ ва тавоноиҳову заъфҳо ва ниёзҳои донишомӯзон дар хусуси фаъолиятҳои фавқбарнома метавонад иқдом намояд ва таваҷҷӯҳ ба ҳуши ҳаштгонаи Гарднер метавонад дар пешрафти донишомӯзон аз баъди фардӣ ва иҷтимоӣ муассир воқеъ гардад ва дар натиҷа ҷомеаро ба сӯйи муваффақияти комил ноил гардонад.

Назарияи ҳушҳои чандгона ба дунболи тағйироти бунёдин дар сохтор ва равиши омӯзиш дар мадорис аст. Ин назария ба тамоми муаллимон ин паёмро медиҳад: Фарогироне, ки дар оғози ҳар рӯз дар мадраса ҳузур меёбанд, ҳақ доранд аз таҷрибиёте, ки ҳамаи маъқулоти ҳушҳои ҳаштгона онҳоро фаъол мекунад ва тавсеа мебахшад, истифода кунанд. Тамоми донишомӯзон бояд дар тӯли рӯз дар маърази барномаҳо, пажӯҳишҳо ва довариҳо қарор гиранд, ки ба эҷод ва тавсеаи тавоноии ҳуши онҳо кӯмак мекунад ва набояд танҳо маҳоратҳои шифоҳӣ ва мантиқии онон ҳамсонанд, гузашта мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад.

Барои арзёбии фаъолиятҳои мубтанӣ бар ҳушҳои чандгона, бояд аз равишҳое истифода намуд, ки ёдгирӣ, афзоиши тавоноӣ ва мизони рушд ва парвариши истеъдоди хоси ҳар донишомӯзро ба сурати воқеӣ дар яке аз маъқулоти ҳуш нишон диҳад.«Шеваҳои арзишёбии воқеӣ бавижа ба донишомӯзон иҷоза намедиҳад, то омӯхтаҳои худро дар муҳите, ки бо зиндагӣ ва воқеии онон мутобиқат дорад, нишон диҳад. Дар сурате ки дар равишҳои стандартшуда, ҳамвора донишомӯзонро дар муҳитҳои сохтагӣ, ки бо ҷаҳони воқеӣ бисёр тафовут дорад, мавриди арзёбӣ қарор медиҳанд» [9].

**Аҳамияти фаъолияти фавқбарнома ва мукаммал.** Дар мадорис ҳадафи интиқол сарфи дониш нест. Балки ҳадафи мадорис ёд додан аст, яъне эҷоди шароит барои ёдгирӣ. Мадраса, бавижа қисми ибтидоӣ ва роҳнамоӣ маҳалли кашф ва бурузи истеъдодҳои афрод ва тамрини тасбияти онҳост.

Мудирон ва муаллимон ба таври муассир дар барномаи ёдгирӣ ва ризояти донишомӯзон ва фаъолиятҳои беҳина ва иртиқои мустамари кайфиятӣ нақш доранд. Кайфият чизе нест, ки битавон ба мадраса тазриқ кард, таҳқиқи кайфият ниёзманди машорикати содиқонаи ҳама коркунон ва муаллимон ва авомили мадраса аст.

Кори муаллим ва мураббиёни ҳунарманд ин аст, ки бо фаъолиятҳои зинда ва пӯё ва бо эҷоди лаҳзаҳои нишотовар мафоҳимро ба фарогирон арза кунанд, на он ки ба унвони як вазифаи механикӣ, бидуни таҳрики иштиёқ донишомӯз ва бидуни навоварию халоқ.

Танҳо зеҳни донишомӯз набояд сарфи маконе барои анбошатани итилоот ва муҳтавиёти китоб бошад, балки бояд ба рушди ҳамаҷонибаи донишомӯз беш аз ҳар чиз баҳо дода шавад. Фаро гирифтани улум бо нишастан бар рӯйи нимкати мадраса ва гӯш ба суханони муаллим муяссар нест, шояд омӯзиш сарфӣ сурат гирад, аммо дар омӯзиш беҳина ва воқеӣ бояд донишомӯз аз синф берун биёяд ва вориди зиндагӣ ва иҷтимоъ шавад. Фароҳам намудани ин фурсат барои донишомӯз боис мешавад, то зеҳни фарогирро барангезонад ва ӯро ба савол ва кунҷкобӣ кашонад, муҳаррики фикр ҷиҳати дастёбӣ ба навоварӣ ва халлоқият шавад. Ҳамчунин дар мадраса тавре барномарезӣ шавад, ки муаллим ва донишомӯз андешаи халоиқи худро ба кор бубананд ва маҳоратҳои монанди тафаккур, ҳалли масоил ва тасмимгириро касб кунанд. Донишомӯзро бояд омӯзиш дод, то маҳорат ва донишро биёмӯзад, на он чиеро ки ба ӯ илқо кард. Ҳадаф парвариши истеъдодҳост

**Мароҳили тарроҳии фаъолияти фавқбарнома.** Аҳдофи вазорати омӯзиш ва павариш бисёр куллӣ аст. Мадорис бояд бар ҳасби давраи таҳсилӣ ба аҳдофи куллӣ, аҳдофи ихтисосӣ қобили дастёбии худро тадвин кунанд. Ба ҳамин далел лозим аст, дар ибтидои соли таҳсил ҳадафгузории яксола барои мадраса сурат гирад ва аҳдофи дар ҳитаҳои омӯзишӣ, фарҳанги тарбиятӣ ва сипас хадамотӣ ва рифоҳӣ ба тартиби авлавиятбандӣ ва мушаххас гардад. Баъд аз таъйини аҳдоф, бояд дар садад он бошем, ки дар барнома замоне муайян шавад ва бо шеваҳои муассир ба натиҷаи матлуб ва дилхоҳ бирасем.

Дар танзими фаъолияти фавқбарномаи мадраса мароҳили зайл анҷом мегирад:

1.Ниёзсанҷӣ. Меҳвари фаъолият бо таваҷҷуҳ ба син, ҷинс ва мавқеияти донишомӯзон ва бо таваҷҷӯҳ ба алоиқ ва ниёзҳои фарогирон хоҳад буд.

2.Интихоби навъи фаъолият. Бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои эъломшуда ва бо таваҷҷуҳ ба имконот ва манбаъ, ҳар кадом аз аъзои шӯрои мадраса метавонанд пешниҳодотеро ироа намоянд ва аз ин барномаҳо ва фаъолиятҳои пешниҳоди беҳтарини барномаҳо интихоб шавад. Мушорикати муаллимин дар таъвини фаъолиятҳои фавқбарнома ин эҳсосро барои муаллим эҷод мекунад, ки ба таъмиқи ёдгирии фарогир кӯмак хоҳад кард, лозим ба зикр аст, ки муваффақияти аввалия ва мушорикати онҳо ҳам нақши муҳиме дар таҳсили ин амр хоҳад дошт.

3.Таъини аҳдоф. Дар интихоби беҳтарин пешниҳод ва беҳтарин барнома бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ин барнома то чӣ андоза ҳитаҳои сегонаи ёдгириро дар бар мегирад. (ҳавзаи шинохтӣ, ҳавзаи маҳоратӣ ва ҳавзаи нигаришӣ).

Ҳарчи тафаккури халлоқ донишомӯзро бештар ангезад ва ангезаро бештар тақвият кунад, фаъолияти муносибтаре хоҳад буд.

1.Таърифи фаъолиятҳои мутаносиб бо фавқбарномаи интихобшуда. Баъд аз интихоби беҳтарини фавқбарнома ва аҳдофи ёдгирӣ лозим аст, фаъолиятҳое, ки дар ин росто қобилияти иҷро доранд, муаррифӣ шаванд.

2.Иҷрои фаъолият. Бо мушорикати кулли авомили дохил дар амри омӯзиши фаъолиятҳои фавқбарномаи интихобшуда, бо таваҷҷуҳ ба навъи фаъолият ва замоне, ки барои иҷрои он лозим аст, барномае сурат мегирад.

3.Арзёбӣ. Пас аз иҷрои фаъолияти фавқбарнома лозим аст, мизони асарбахш ва таҳқиқи аҳдофе, ки ин барномаи мутарттиб арзёбӣ кард, ки оё донишомӯз ба ин сатҳ аз ёдгирӣ, маҳорат нигариш даст ёфтааст ё не. Дар сурате ҳусули натиҷаи матлуб дар поении арзёбӣ метавон ин фаъолиятро дар буттаи таҷоруби муваффақи мудириятӣ қарор дод.

## АДАБИЁТ

1.Маликӣ, 1385.
2. Фармиҳанӣ, 1378.
3. Раҳимӣ, 1382.
4.Ахлоқи Ҳуҷҷат. Шеваи тарроҳии фаъолиятҳои мукаммал ва фавқбарнома- расонаҳои тахассусӣ. Теҳрон, 1384.- С.1388.
5. http //bkdj. Persian blog/ ir/ post/ 18 (Jaliouse davaril 1388/2/19).

6. Сайфи Алиакбар. Равоншиноси парваришӣ. – Интишороти: Огоҳ, Теҳрон, 1383
7. Gardner. (1983). Frame of mind, The theory of multiple tein tellgences. New York basic book.
8. Армстронг Томас. Ҳушҳои чандгона дар кулосҳои дарсӣ. Тарҷумаи Маҳшиди Сафрӣ. –Теҳрон: Интишороти мадраса. Теҳрон,
9. http //bkdj. Persian blog/ ir/ post/ 18 (Jaliouse davaril 1388/2/19).

**МНОЖЕСТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ И ВНЕПРОГРАММНЫЕ ВИДЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

В статье расматривается роль внепрограммных видов деятельности в воспитании множественного интеллекта. Автор во многом связывает эффективность такого подхода развития интеллекта учащихся с инновационными и инициативными методами работы преподавателей с привлечением различных способов.

**Ключевые слова:** воспитание, обучение, интеллект, множественный интеллект, внепрограммные виды деятельности, инновационные и инициативные методы работы.

**MULTIPLE INTELLIGENCE AND EXTRA PROGRAM KINDS OF ACTIVITY**

In article the role of extra program kinds of activity in education of multiple intelligence is considered. The author in many respects connects efficiency of such approach of development of intelligence of pupils with innovative and initiative methods of work of teachers with attraction of various ways.

**Key words:** education, training, intelligence, multiple intelligence, extra program kinds of activity, innovative and initiative methods of work.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Жило Азизи*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# НАҚШИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ОМӮЗИШ

***Фотимаи Қавимӣ***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ҳазораи савум ҳазораи доноӣ аст. Қарни бисту якум қарни ҳаракат аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Ҳар ҷомеае, ки дорои иттилооти пештаре бошад, пешрафт барои он ҷомеа мутасаввур хоҳад буд. Аз ин ҷост, ки иттилооти дониш ва огоҳӣ, асоситарин дороии инсонҳо, миллатҳо ва ҷомеаи башар башумор меояд. Иттилооти яккулоӣ ва роҳбурдӣ ва стратегӣ маҳсуб гашта, аз шохисҳои аслии тавсеа ёфта дар миёни миллатҳо ва ҷавомеъ аст. Ба ҳамин далел мафҳуми ҷо ба ҷоӣ дар кудрат ва ҷойгузини доноӣ ба ҷойи сарватҳои моддӣ ва физикӣ амрпазируфташудаи қарни оянда аст.

Имрӯз ба воситаи пешрафти фановарии ҳавобакоргирии он, қодири низомҳои омӯзиши фарҳанги ёддиҳӣ-ёдгирӣ дар ҳоли тағйир ва дигаргунӣ аст. Ба қавли Олвин Нофил «Ҳар давроне омӯзиш, парвариши вижаи хешро металабад» [1].

Саводомӯзӣ ва касби дониш дигар дар инҳисори низоми омӯзиш ва павариш қарор надорад ва ҳамчунон ки зикр шуд, тағйироти шигарф имрӯз навъи ҷадиде аз саводомӯзиро металабад. Омӯзиш аз роҳи давр ба тадриҷ ҷойгоҳи худро дар системаи омӯзишӣ боз мекунад. Муҳимтарин вижагиҳои ин навъ аз омӯзиш инъитоф дар замон ва макон аст. Ба ин маъно, ки фарогирӣ бениёз мешавад, аз ин ки дар як замони хос ба як макони хос барои фарогирӣ мурочиат намояд.

Питризиба нақл аз Қайгон (1988) робитаи байни муррабӣ ва фарогирро дар омӯзиш аз роҳи дур ба наҳви зер хулоса намудааст:

* Ин робита ба василаи қавоиди технологие, ки назорат мешавад на ба василаи ҳинҷорҳои иҷтимоии он гуна, ки дар омӯзиши рӯ дар рӯ иттифоқ меафтад.

* Ин робита ба василаи забони орӣ аз ҳаяҷон барқарор мегардад (на каломи дуҷониба байни муаллим ва фарогир).

* Ин робита мубтанӣ бар ҳадди ақали имкони таҳлили ниёзҳои ёдгирандагон ва ҳидояти онон аст (на бар асоси интизороти мубтанӣ бар тамоси шахсӣ).

* Ин робита аз тариқи коромадӣ ба ҳадафҳояш мерасад, на аз роҳи куниши мунтақабли байнишахсӣ [2].

Нақши расонаҳо дар ба вуҷуд омадани низоми омӯзиш аз роҳи даври ҳоиз аҳмияти фаровоне аст. Ҳамон тавре ки Геген (Gagne 1970) муътақид аст, ки аксари расонаҳо қодир ба ифои аксари коркардҳои омӯзишӣ ҳастанд [3]. Дар ин ҷо бо телевизион ишора мешавад, имрӯза дар аксари манозил, телевизион ба унвони ҷузъи аслии лавозими манзил вуҷуд дорад. Ҷойгоҳи он дар беҳтарин макони хона аст ва аксари хонаводаҳо телевизионро ба унвони узве аз хонавода пазируфтаанд. Кӯдакони мо имрӯз дар канори тарбияти хонаводагӣ, тарбияти мадрасаӣ аз тарбияти расонаи низ бархурдоранд, то он ҷо ки Маргарит Мед (Margaret Mead) рӯзе аз аз

телевизон ба унвони «нимаи дувуми волидайн» ёд мекунад ва бе шак манзури ӯ аз ин таъбир ин нукта будааст, ки кӯдакони мо имрӯз авқоти бомаротиби бештареро дар муқобили телевизион мегузаронанд, то ба волидайнашон. Аз ин дидгоҳ, шояд муносибтар бошад, то аз волидайн ба унвони чаҳорумин ё ҳатто панҷумин қисмат «волидайни кӯдакон» ёд кунем ва нақши муассир ва ҳозиру нофизи телевизион, диск ва сафаҳоти мусиқӣ, радио ва синаморо дар аввалият қарор диҳем [4].

Зикри нуқтаи фавқ занги хотириеро барои хонаводаҳо ва ниҳодҳои омӯзишӣ ва тарбиятӣ ба садо даровардааст ва ин занги хотирро Нил Постман дар ҳудуди як даҳа аст, ки ба гӯши ҷаҳониён расонидааст ва аз расонаҳои тасвирӣ ба унвони обзорӣ ном мебарад, ки боиси заволи даврони кӯдакӣ мешавад ва муътақид аст, ки телевизион давраҳои ҳоили миёни ҷаҳон ва кӯдак ва дунёи бузургсолро аз миён бардоштааст. Албатта, нигоҳи ӯ нигоҳи интиқодомез аст ва дар китоби дигаре низ ба унвони технологӣ ин масъаларо унвонӣ мекунад, ки фарҳанге дар салтаи технологӣ ва таслими он аст.

Бояд унвон кард, ки наметавон нақши расонаҳои ҷамъӣ ва хусусан телевизионро дар зиндагии имрӯза нодида гирифт, балки бояд ба дунболии фарҳангсозӣ буд. Афродро бояд дар маърази тарбияти расонае қарор дод. Зиндагӣ дар дунёи имрӯза бидуни расонае қобили тасаввур нест. Расонаи телевизион тағйироти муҳимеро дар сиёсат, таълим ва тарбият, бозорёбӣ, ахбор, фарҳангтӯда, зиндагии иҷтимоӣ ва хонаводагӣ эҷод кардааст. Имрӯз тамошои телевизион ҷузъи инкорнопазире аз фаъолиятҳои рӯзонаи афрод аст ва монанди манбае аз ахбори боваркарданӣ, итоат ва таълимоти муҳим, огоҳиҳои дақиқи иҷтимоӣ, саргармии лаззатбахш ҳамроҳӣ ва оромишбахш пазируфта шудааст. Ба ҳамин ҷиҳат ағлаби мардум ҳатто наметавонанд тасаввур кунанд, ки бидуни телевизион зиндагӣ чи гуна хоҳад буд.Дар бораи вазифаи иҷтимоии васоили иртиботи иҷтимоӣ, Муътамидинажод дар асари худ бо унвони «Васоили иртиботи ҷамъӣ» 3 вазифаро ёдоварӣ мешавад: 1. Вазоифи хабарӣ ва омӯзишӣ. 2. Вазоифи роҳнамоӣ ва раҳбарӣ. 3. Вазоифи тафриҳӣ ва таблиғӣ [5].

Дар ин мақола бештар ба дунболи рӯйкарди омӯзишӣ ҳастем (яъне омӯзише аз тариқи расонаҳо ва бавижа телевизион). Имрӯз афрод бояд ин тавоноиро дошта бошанд, ки битавонанд наҳваи истифода аз расонаҳоро ёд бигиранд то битавонанд дар фароянди иҷтимоӣ мушорикати бештаре дошта бошанд, ки аз он таҳти унвони омӯзиш барои иртиботот (Education For Communication) ёд мешавад [6]. Нуктаи дигари баҳси омӯзиши расонаи (Media Education) аст, ки мутаассифона дар кишвари мо ин масъала мавриди ғафлат шудааст.

Бештари афрод барои гузари вақту тафриқа ва саргармӣ аз телевизион истифода мекунанд ва камтар бо диди омӯзишӣ ва ёдгирӣ ба он нигоҳ мекунанд. Албатта, дар заминаи телевизион омӯзиши аслии бисёр муҳим, асли таваҷҷуҳ ба ниёзҳо аст. Дар инсон ниёз ба ёдгирӣ вуҷуддории даврии худ ин ниёзҳо низ мутафовут ва матнӯъ аст. Пас, агар мебинем, ки афрод камтар аз телевизион ва омӯзиш истифода мекунанд ба хотири ин аст, ки шояд барномае, ки пахш мешавад ниёзи омӯзиши онҳоро бартараф намесозад ва бар ҳамин хотир барномасозони телевизиони омӯзишӣ бояд аз ниёзҳои афрод дар ҷомеа огоҳии кофӣ дошта бошанд ва бар асоси салоиқ ва алоиқи мухотабини хоси худ даст ба тавлиди барнома бизананд. Пас ба ҳеҷ унвон мухотабини телевизион омӯзиширо бо мухотабини дигари барномаҳо наметавон муқоиса намуд ва муқоисаи онҳо ба лиҳози камӣ, коре башиддати иштибоҳ ва ғайри илмӣ аст, чароки мухотаби телевизиони омӯзишӣ маҳдуд ва мушаххас аст ва ин нукта бар масъулияти барномасозон меафзояд, чаро ки бо қишри ом, тарафин нестанд, пас бояд шинохти кофӣ аз мухотибини худ дошта бошанд, чаро ки дар омӯзиш низ асли таваҷҷуҳ ба фарогирӣ ва шинохти ҳамаҷонибаи он, асли муҳим аст. Ҳамчуноне ки Шаром муътақид аст мухотабони телевизиони омӯзишӣ маҳдуд ҳастанд: «… ашхосе, ки шефтаи фарҳанг ва иттилло ҳастанд, танҳо сурати телевизиони омӯзиширо тамошо хоҳанд кард, ки битавонанд, дақиқан он чиро ки мехоҳанд бубинанд» [7].

Рашидпур дар китоби «Иртиботи ҷамъӣ ва рушди иртиботи миллӣ» унвон мекунад, ки мардум дар Эрон аз телевизион интизори синаморо доранд ба ҳамин ҷиҳат аз лиҳози теъдоди бинандагон, муваффақтарин барномаҳои телевизион марбут ба бахши филмҳои достонӣ мебошад ва ҳол он ки бояд аз телевизион интизороти дигаре низ дошта бошад, ки ёдгирӣ яке аз он интизорот мебошад.

Пас илова бар барномаҳои телевизиони тиҷоратӣ ва тафриҳӣ метавон аз барномаҳои телевизиони омӯзишӣ низ баҳра барад. Телевизиони тиҷоратӣ, расоне

аст, ки аз назари моҳияти физикӣ ҷаззоб, вале аз назари созмони инсонӣ маҳкум ба такрор будан ва умдатан сатҳӣ ва қолабӣ будан аст. Барномаҳои телевизиони омӯзишӣ умдатан мутафаккирона ва аз назари зебоишиносӣ ҳастанд ва мухотабини хоси худро доранд [8].Дар Эрон шурӯъи фаъолияти телевизон ба соли 1337 бозмегардад, ки дар ибтидо фақат Теҳронро таҳти пӯшиш дошт [9].

Нахустин фиристандаи телевизиони омӯзиширо Вазорати омӯзиш ва парвариш дар Теҳрон таъсис кард. Пӯшиши фиристондаи ин телевизион маҳдуд ва фақат дар сатҳи Теҳрон буд ва кулли авомили тавлиди он коркунони омӯзишӣ ва парваришӣ буданд. Соати пахши барномаҳо аз 3:14 то 30:16 буд ва аз обони 1364 пахши барномаҳои рӯзҳои ҷумъа низ оғоз шуд. Барномаҳои рӯзи ҷумъаи телевизиони омӯзиширо барномаҳои саргармкунанда ташкил медод. Қабл аз он таърих, яъне аз обони 1343 телевизион бахши хусусӣ як соат аз барномаҳои баъд аз зуҳри худро дар ихтиёри Вазорати омӯзиш ва парвариш қарор дода буд, ки тайи он замон тадриси дуруст матнӯъ дунбол мешуд.

Баъд аз инқилоб пахши барномаҳои омӯзишӣ дар Эрон аз Шабакаи дуюми симо буд, ки то соли 1381, ки шабакаи мустақили бо унвони Шабакаҳои омӯзишӣ дар 13 меҳронсол роҳандозӣ шуд, ки шиори аслии он шабака фурсатҳои баробарии омӯзишӣ аст.  Ба лиҳози пӯшиш тасвири ин шабака дар аксари марокиз дар сатҳи кишвар ва минтақа маҳрум буданд.  Ҳамчуноне ки дар ибтидо зикр шуд, аҳамият ва ҷойгоҳи расонае чун телевизион ба лиҳози саҳлулвусул ва дар дастрасӣ будад, камҳазина будан барои мухотабин бояд беш аз пеш шинохта шавад. Барномарезӣ барои тавлиди матнӯъи барномаҳои омӯзишӣ ва таваҷҷуҳ ба алоиқ ва ниёзҳои мухотабин ниёзманди пажӯҳиш дар ҳавзаҳои барномасозӣ аст ва баъд аз пахши барномаҳои асарбахши онҳо бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад ва барномасозон бо нукоти қувват ва заъфи барномаҳои тавлидии худ ошно шаванд. Яке аз муҳимтарин нукот дар барномасозӣ барои телевизиони омӯзишӣ таваҷҷуҳ ба риояти усули омӯзиш ва ошноӣ бо макотиби ёдгирӣ аст ва техникаҳои ҳунарӣ, ки мутаносиб бо мухотабин мебошад. Ба унвони мисол Колворт (Kalvert) ва ҳамкорон 1979 дарёфтанд, ки вақте нуктаи аслии барнома бо миқдори зиёди ҷилваҳои вижаи мусиқӣ ва таҳрикӣ ироа шавад, кӯдакон онро беҳтар ёд мегиранд, то ин ки он нуктаи аслӣ умдатан аз тариқи гуфтугӯҳои каломӣ ироа шаванд [10]. Дар ҳоли ҳозир ин шабака дар 3 ҳавза дар фаъолият аст:

1. Канали маҳорат: Дар ин бахш маҳоратҳои зиндагӣ ва ҳарфаҳо ироа мешавад, ки барномаҳои матнӯъ, дохилӣ ва хориҷӣ аз он пахш мешавад (Омӯзишҳои худиштиғолӣ, ошпазӣ, хаётӣ). Ҷойи омӯзишҳои марбута ба хонавода ва омӯзиши масоили иҷтимоӣ ва тарбиятӣ дар ин бахш холӣ аст ва метавон барномаҳои бо ин унвон тавлид намуд. Албатта, ниёзи санҷишӣ дар ин замина ниёзманди корҳои пажӯҳишӣ аст.
2. Канали донишҷӯ: Ин бахш, посухгӯйи ниёзҳои донишҷӯёни донишгоҳи Паёми нур ва донишгоҳи Ҷомеи илмии корбурдӣ (риштаи ғайриҳузурии мудирияти хонавода) аст. Асарбахшии ин навъ аз омӯзишҳо ҳатман бояд мавриди таваҷҷуҳи масъулин ва барномасозон қарор гирад ва навъи сохтор бархе аз барномаҳо низ мавриди бознигарӣ қарор гирад, беҳтарин манбаъ барои эҷоди тағйирот ва шинохти нуқоти вакф ва заъфи барномаҳо худи донишҷӯён ҳастанд, ки ин барномаҳоро дунбол мекунанд.
3. Канали рушд: Ин бахш барои донишомӯзони мақотеи мухталифи таҳсилӣ қобили истифода аст ва бавижа барои довталабони вуруд ба марокизи омӯзиши олӣ. Барномае бо унвони «Фурсат» баробар ба сурати зинда барои канкуриҳо пахш мешавад, ки аз ду бахш: мушовараи таҳсилӣ ва омӯзишӣ ташкил шудааст. Албатта, бояд таваҷҷуҳ дошт телевизион ба ҳеч унвон ҷойгузини маълум нахоҳад буд. Чуноне ки Вилбар Шаром мегӯяд: «Агар телевизион ба унвони замимаи маълум мавриди истифода қарор гирад ва на ҷонишини ӯ, василаи омӯзиши ҳамвора муассир хоҳад буд» [13] ва албатта, ин масъалаи мунват ба ҳамоҳангӣ ду ниҳоди омӯзиш ва павариш ва шабакаи омӯзиш мебошад ва барномаҳо дар ҷиҳати ғанисозии омӯхтаҳои қаблии донишомӯзон бошад.

Албатта, дар мақоми истифода аз телевизион барои омӯзиш бояд як нуктаро мавриди таваҷҷуҳ қарор дод ва он ин ки телевизион расонае аст, ки иртиботи яктарафа бо мухотаб барқарор месозад ва ин заъфи телевизион аст, ки албатта, ин нуқта бо пешрафти фановарии таҳаддуде қобил ҳал хоҳад буд. Оянадагони телевизион таомиле (Interactive television) ро таҷриба хоҳанд намуд, ки то ҳудуди

зиёде имкон интихоб барномаҳоро хоҳанд дошта, ки ин масъала барои омӯзиш ҳам, муассир ва муфид хоҳад буд.

Дар охири баҳс барои ин ки ба унвони як мухотаб ва дар мақоми як ёдгиранда истифодаи беҳтар ва муассиртаре аз телевизиони омӯзишӣ дошта бошем зикри ин мавориди холӣ аз лутф нахоҳад буд:

1. Маҳалли истиқрори телевизион дар хона ё ҳар макони дигар дар ҷойе бошад, ки пуррафту омад набошад.
2. Аз пори азиятҳои физикӣ ҳатто алмақдури ҷилавгирӣ намояд. (масалан, телефон манзил ё ҳамроҳи худро дар канори телевизион қарор надиҳад ва бо оромиши комил барномаи худро бубинад).
3. Дар ҳангоми истифода аз барномаҳои телевизиони омӯзишӣ назорат аз роҳи даврӣ телевизионро аз худ дур ва аз дигар аъзои хонавода махфӣ нигоҳ доред.
4. Кайфияти садо ва тасвир омили нисбатан муҳиме дар ҷалби таваҷҷуҳи шумо ба барнома хоҳад буд, пас онро қабл аз шурӯи барнома танзим намоед.
5. Фосилаи мансаброро аз телевизион риоят кунед. Тавре ки бароҳат битавонед бар сафҳаи тавизион ашроф дошта бошед.
6. Дар канори худ коғаз ва худкор дошта бошед, то матолиби муҳимро ёддоштбардорӣ кунед.
7. Дар навъи нишастани худ ва зовия нишастан, диққати кофиро ба амал оваред (Тавре дар муқобили телевизион бинишинед, ки аз тарифайни меҳвар диди телевизион беш аз 45 дараҷаи фосила надошта бошед).
8. Телевизион василаи сард аст ва иртиботи яктарфа дорад, пас интизори маъқул аз он дошта бошед (Суолҳо ва нукоти мавриди ибҳоми худро дар ҷойе ёддошт кунед ва онро дар сурати доштани канали иртиботӣ бо мударрис матраҳ кунед ва агар нашуд, худ ба дунбол посуххо бошед).
9. Аз замони дақиқ пахши барнома хабардор шавед ва замони худро бо он танзим намоед (агар замони пахши барнома номуносиб аст, онро бо зикри далоил бо равобити умумии шабака мавриди назар матраҳ намоед).
10. Баъд аз дидани барномаи мавриди назар бо касе, ки он барномаро ба монанди шумо дидааст дар бораи барнома ва муҳтавои омӯзишӣ гӯфтугӯ кунед, ки ин нукта боиси амиқтар шудани ёдгирии шумо хоҳад шуд.
11. Баъд аз дидани барнома аз худ арзёбӣ ба амал оваред, то мутаваҷҷеҳ шавед, ки ин барнома то чӣ ҳад боиси ёдгирӣ шумо гаштааст ва то чӣ ҳад бар ҳавзаи дониш маҳорат ва нигариши шумо афзуда шудааст, барои ин кор метавонед аҳдофи омӯзишии барномаро мурур намоед.
12. Ҳар гуна пешниҳод ва назаре, ки фикр мекунед боиси иртиқо ва кайфияти омӯзиш мегардад, бо шабакаи мавриди назар дар миён бигзоред, чаро ки мухотаби аслии барнома шумо ҳастед.
13. Сайъ кунем аз барномаҳои телевизион ба сурати ҳадафманд истифода кунем ва инро ба аторфиёнамон мунтақил кунем.

## АДАБИЁТ


1. .Афзалниёи Муҳаммадризо. Тароҳӣ ва ошуноӣ бо марокиз ва манобеим ёдгирӣ. Теҳрон. Итишорот: Самт.- 1384. С. 74.
2. .Сайф Алиакбар. Омӯзиши муаллими меҳвар ва омӯзиши китоби меҳвар (мақола), Маҷмӯаи мақолоти абввалин семинарии тахасусии омӯзиш аз роҳи дурр. Интишорот: Донишгоҳи Паёми нур.- 1371.- С. 26.
3. Ресир Робирт. Авгония Робирт. Ам. Интихоби расонаҳо барои омӯзиш. Тарҷумаи Сиёмак Ризо Маҳҷур. Шероз: нашри Сосон.- 1377.-С. 26.
4. Пустмон Нил. Нақши расонаҳои тасвирӣ дар заволи даврони кӯдакӣ. Тарҷумаи Содиқи Таботабоӣ. Теҳрон: Интишороти Итилоот.- 1378.- С. 296.
5. Муътамаднажод Козим. Васоили иртиботи ҷамъӣ. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи аломаи Таботабоӣ. – 1385. –С. 3-7.
6. Фавн Филитзан Силисиё. Кӯдакон ва рвсонаҳо. Тарҷумаи Маъсумаи Ассом. Теҳрон: маркази таҳқиқоти мутолиот ва санҷиши барномаи садов а симои Ҷумҳурии исломии Эрон.- 1384.- С. 124.
7. Колингфурд Садрияк. Кӯдакон ва талевизион. Тарҷумаи Возгини Саркисион. Чопи аввал. Теҳрон: маркази таҳқиқоти мутолиат ва санҷиши барномаи садов а симои Эрон. _ 1380.- С. 143.
8. Шаром Вибур ва ҳамкорон. Телевизион дар зиндагии кӯдакони мо. Тарҷумаи Маҳмуди Ҳақиқат Кошонӣ. Теҳрон: Макази таҳқиқоти мутолиот ва санҷиши барномаҳои садов а симои Ҷумҳурии исломии Эрон. _ 1377.-С. 221.
9. Муҳсиниёнроди Маҳдӣ. Эрон дар чаҳоркаҳкашони иртиботӣ. Теҳрон: Интишороти Суруш, 1384.- С. 1477.
10. Колингфурд Садрияк. Кӯдакон ва талевизион. Тарҷумаи Возгини Саркисион. Чопи аввал. Теҳрон: маркази таҳқиқоти мутолиат ва санҷиши барномаи садов а симои Эрон. _ 1380.- С. 151.

11. Колингфурд Садрияк. Кӯдакон ва талевизион. Тарҷумаи Возгини Саркизион. Чопи аввал. Теҳрон: маркази таҳқиқоти мутолиат ва санҷиши барномаи садов а симои Эрон. _ 1380.- С. 141.

**РОЛЬ ТЕЛЕВИДЕНИЯ В ОБРАЗОВАНИИ**

В статье рассматривается роль телевидения в образовании как важного средства увеличения различных знаний и опытов учащихся. Автор характеризует образовательное телевидение, коммерческо-развлекательное телевидение, канал навыков, канал учащегося, канал развития и дает ценные рекомендации.

**Ключевые слова:** образовательное телевидение, роль телевидения в образовании, средства массовой информации, аудитория, коммерческо-развлекательной телевидение, демонстрация программы, анализ программы, канал навыков, канал учащегося, канал развития

**THE ROLE OF TELEVISION IN EDUCATION**

This article discusses the role of television in education as an important means of increasing the variety of knowledge and experiences of students. The author describes the educational television, channel of skills, channel of a student, channel of development, and gives valuable recommendations.

**Key words:** educational television, the role of television in education, media, audience, commercial and entertainment television, demonstration of programs, analysis of the program, channel of the skills, channel of a student, channel of development

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фотима Кавими*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# НАҚШИ ФАНОВАРИҲОИ НАВИНИ ОМӮЗИШӢ ДАР БЕҲБУД ВА КАЙФИЯТИ ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ

***Омина Амонзода Бунӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар санади таҳаввули омӯзиш ва парвариш мабоҳиси муҳиме аз ҷумла ҳитаҳои омӯзиш ва парвариш, мудирият, нерӯи инсонӣ, иқтисоди омӯзиш ва парвариш, таъвизи ихтиёр ба мадраса матраҳ шудааст. Ин санад кӯшиш мекунад, заминаеро фароҳам кунад, то омӯзиш ва парвариш аз рӯзмаррагӣ наҷот пайдо кунад ва бо як нигоҳи баландмуддат ҳаракат кунад. Вазорати омӯзиш ва парвариш дучори чолишҳои мутааддиди мудириятӣ, иҷроӣ ва системаи омӯзишӣ аст. Санади миллии таҳаввул метавонад дар рафъи ин чолишҳо нақши хуберо ифо кунанд. Ин санад мисли нақшаи роҳ аст, ки метавонад масири ҳаракати мудиронро таъйин кунад.

Яке аз руйкардҳои ҷадид дар омӯзиш ва таълуму тарбият ба хидмат гирифтани фановарии иттилоот ва иртиботот дар системаи омӯзиш ва парвариш ва мадорис аст. Фановарии иттилоот дарвоқеъ, фанни баҳрабардорӣ аз андешаҳои инсонӣ аст. Имрӯз ба иллати рушди фановарии роёна суръати нақл ва интиқолоти иттилоот ва масъалаи инфиҷори дониш, иттилоот ба содагӣ ва суръат метавонад дар ихтиёри ҳамагон қарор гирад ва дигар мисли гузашта мадорис, танҳо чорчӯбе нест, ки муаллим бихоҳад дониш, маҳорат ва арзишҳоро дар он ба шогирдон мунтақил кунад. Аксари барномаҳои омӯзишӣ дар мадорисӣ суннатӣ ба сурати муаллиммеҳвар буда, бо тавоноиҳо ва ниёзҳо ва шеваҳои ёдгирии донишомӯзон муносиб нестанд. Аммо бо истифода аз равишҳои омӯзишии навъ ва меҳварият бахшидан ба нақши донишомӯз ва бо дар назар гирифтани тафовутҳои фардӣ ва таваҷҷуҳи бештар ба ниёзҳои алоқаҳои истеъдодҳои донишомӯзон метавонад шикофи омӯзиширо аз байн барад ва ё коҳиш диҳад.

**Таърифи омӯзиши электорникӣ.** Омӯзиши электроникӣ ба маҷмӯаи васеи аз нармафзорҳои корбурдӣ ва шеваҳои омӯзиш мубтани бар фановарӣ ба иттилоот аам аз роёна, диски фишурда, шабака, интернет ва донишгоҳи маҷозӣ гуфта мешавад, ки имкони омӯзишҳои ёдгириро барои ҳар фард дар ҳар замина, дар ҳар замон ва макон ба сурати мудомулумр фароҳам месозад.

**Зарурат, аҳамият ва ҳадафи омӯзиши электроникӣ.** Ниёзҳои рӯзафзуни мардум ба омӯзиш, адами дастрасии онҳо ба марокизи омӯзишӣ, камбудии имконоти иқтисодӣ, камбудии омӯзишгарони муҷарраб (бо таҷриба) ва ҳазинаҳои зиёде, ки сарфи омӯзиш мешавад, мутахассисонро бар он дошт, ки бо кӯмаки фановариҳои иттилоот равишҳои ҷадиде барои омӯзиш ибдо намоянд, ки ҳам иқтисодӣ ва кайфият бошанд ва ҳам битавон бо истифода аз он, ба таври ҳамзамон ҷамъияти касире аз фарогиронро таҳти омӯзиш қарор дод.

Дар қарни XXI мафҳуми савод, дигар тавони хондан ва навиштан нест. Бесаводон онҳое нестанд, ки наметавонанд бихонанд ё бинависанд, балки касоне

ҳастанд, ки наметавонанд ёд бигиранд ва бозомӯзӣ кунанд. Таҳаввулоти сареҳи фановарии иттилоот ва иртиботот дар даҳаи охир ҷаҳонро бо як бесаводӣ ба таъбири ҷадид ва ниёзи ҳамагир ба бозомӯзӣ ва ёдгирӣ муваҷеҳ сохтааст. Иқдом ба судури гувоҳиномаи байналмилалии корбарии роёна, яке аз иқдомоти ҷаҳонӣ дар заминаи бозомӯзӣ аст. Равишҳои сунатии омӯзиш дигар посухи ҳаҷми азими тақозо барои омӯзиш нест. Наҳзати саводомӯзии электроникӣ ба ҷойи саводомӯзии мутаориф ба унвони як роҳкор барои гузар ба ҷомеаи иттилоотӣ матраҳ шудааст. Бо ин тафовут, ки иҷрои он ба ҷойи бесаводони ҷомеа дар миёни босаводтарин ақшор бошанд.

Гарри Бекер барандаи ҷоизаи Нобелӣ мегӯяд, ки сармояи инсонӣ 70% сармояи мамлакат аст. Табиист, ки низоми омӯзишии кишвар нахустин макони иҷрои он хоҳад буд. Ӯ собит кард, ки сармоягузорӣ рӯи мардуми кишвар бисёр пурсуд аст. Мабнои иқтисоди мамлакат дар дониш, маҳоратҳо ва қобилиятҳои билқувваи мардум аст ва бояд барои ин арзиш қоил шуд.

**Таъсири фановарии иттилоот бар муаллифаҳои созмонҳои омӯзишӣ.** Дар омӯзишу парвариш найл ба фановарии иттилоот ва иртиботот «ICT» ва фановарии иттилоот «IT» аз усули асосӣ мебошад. Ҳадафи аслии истифода аз онҳо эҷоди тафаккури интиқодӣ ва халлоқ дар байни донишомӯзон аз тариқи беҳбуди омӯзиш ва лиҳоз кардани сабкҳои мутанавеи ёдгирӣ аст. Албатта, далоили фаровони дигаре низ метавон матраҳ намуд. Бинобар ин, бо осори он бар фароянди ёддиҳӣ-ёдгирӣ, муаллим, донишомӯз, «ICT» ва «IT» таваҷҷуҳ ба аҳдофи бакоргирии пажӯҳиш, барномаи дарсӣ, китоби дарсӣ ва мадраса ба сурати дастабандишуда ва ҷамъбандии ниҳоӣ ироа шаванд. То агар қарор бар ин бошад, ки дар омӯзиш ва парвариши кишвар ба суроғи он фановарӣ биравем, бидонем осори ин санъат бар муаллифаҳои омӯзиш ва парвариш чист? Равшан аст, бояд бо таваҷҷуҳ ба шароити фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии кишвар суроғи ин гуна тағйирот биравем ва қабл аз интибоқи он бо шароити бумии кишвар даст задан ба ҳар гуна тағйире хато хоҳад буд.

**Таъсири «IT» бар фароянди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ.** «IT» бо инъитофпазирии хости худ тавоноии бакоргирии равишҳои мушорикатӣ, инфиродӣ, тасвир, анимейшн, шабеҳсозӣ, мусофирати маҷозӣ, моделсозӣ, боздид аз мавзӯъҳо ба сурати маҷозӣ заминасози муносиби таҳвияти рӯҳии халлоқият, навоварӣ, тасмимгириро фароҳам кунанд. Ва ёдгириро хориҷ аз замон ва макон дар ихтиёри донишомӯзон қарор медиҳад.

**«IT» ва муаллим.** Нақши муаллим на танҳо бо вуруди «IT» камранг намешавад, балки аҳамияти бештаре пайдо мекунад. Муаллим роҳнамо, тасҳилкунанда ва ҳидоятгар хоҳад буд. Ӯ равишҳои дарсёбӣ ба дониш, дастабандӣ, эътиборбахшӣ ва созмондиҳиро ба донишомӯзон ёд медиҳад. Муаллимон ба фарогирони мудомулумр табдил мешаванд ва аз гушагирии синф ба арсаи байналмилалии рақобати илмӣ ворид мегарданд. Омӯзиши пеш аз хидмат ва дар ҳини хидмати муаллимон бояд бо таваҷҷуҳ ба чолиши қарни XXI тағйири асосӣ ёбад ва барномаҳои дасрии он давра бо рӯйкарди «IT» таҳия шаванд.

**«IT» ва донишомӯз.** Маҷмӯаи назорат бар барномаи дарсӣ маҳоратҳои мавриди ниёзи донишомӯзони қарни XXI-ро ба ин сурат эълон кардааст:1. Саводи фановарии иттилоот.2. Тафаккури халлоқ.3. Тавоноии эҷоди иртибот бо дигарон.4. Тавоноии анҷоми кори гурӯҳӣ ба сурати рӯ ба рӯ ё аз роҳи дур.5. Тавоноии ба вуҷуд овардани маҳсулоти бокайфият.

**«IT» ва пажӯҳиш.** Пажӯҳиши электроникӣ муҷиби тақвияти рӯҳияи пажӯҳишии донишомӯзон мегардад. Табдил шудани китобхона, мадорис ба электроника ва маҷози заминаи дастёбии онон ро ба анбӯҳи иттилоот аз дохил ва хориҷаро фароҳам меоварад. Иштироки маҷаллоти электроникӣ тавассути мадорис фурсати муносиберо дар ихтиёрашон қарор медиҳад.

**«IT» ва барномаи дарсӣ.** «IT» ба унвони як дарс бояд таллақӣ шавад, ё як абзор ва тасҳилкунанда? Он чи мутахассисини улуми омӯзишӣ ва фановарӣ ба он эътиқод доранд рӯйкарди талфиқӣ ва ё нигарише дар ҳам танидааст. Яъне, ин ки фановарии омӯзиш бояд бо стандартҳои муҳтавоӣ, ки ҳамон роҳнамоии барномаи дарсӣ аст талфиқ ва дар ҳам танида шаванд. Барномаи дарсии миллӣ ва устонӣ мебоист ҳамоҳанг бо стандартҳои фановарии тадрис шаванд.

**«IT» ва китоби дарсӣ.** Оё фақат китоби дарсӣ бояд мелок бошанд, ё расонаҳои дигар «чопию ғайричопӣ»-ро низ бояд ба расмият шинохт? Аксари кишварҳо бо вуруди фановарии Интернет ва хусусияти таомулӣ ва ҳамзамон будани фановариро ва соири сидӣ ба унвони замина (зерсохтор) интиқол доданд, то пас аз пардозиш

мубаддал ба дониш шавад. Истифода аз мавориди мушобеҳ ба китоби электроникӣ, ки қаблан муаррифӣ шуд, ба сурати модел таҳия мешавад, роиҷ гардидааст.

**«IT» ва мадраса.** Мадорис дар ҷомеаи иттилоотӣ сохтмони баста нестанд, балки ёдгирӣ дар ҳар замоне ва ҳар макон иттифоқ меафтад. Мадорис бо соири дунё дар иртибот ҳастанд, бо узвият дар ҷавомеи байналмилалии табодули дониш, иттилоот по дар арсаи байналимиллаии илму дониш ниҳоданд. Мадрасаи маҷозӣ аз дигар мазоҳири «IT» аст, ки донишомӯз бидуни ҳузур дар синфи физикӣ ва иртиботи рӯ ба рӯ бо муаллим дар таҳсил мепардозанд. Ҳусни ин омӯзиш таомул будани он аст, ин мадорис мафҳуми ёдгирии мудомулумрро айният мебахшад. Чаро ки пас аз он донишгоҳҳои маҷозӣ низ ба идомаи таҳсил вуҷуд доранд.

**Мазоёи истифода аз «IT» ва «ICT» дар омӯзиш ва парвариш.** Равишҳои модерни омӯзишии «IT» ва «ICT» қодир ҳастанд бо роҳкорҳои нисбатан арзон ҳамроҳ бо корои боло ҷиҳати густариши тавонмандиҳои клоси дарсӣ дар тамоми самт ироа диҳанд: 1. Фарогир шудани омӯзиш дар сатҳи кишвар метавонад дар бозомӯзиҳо саҳми калидӣ дошта бошанд. 2. Инфиродӣ кардани омӯзиш. 3. Беҳбуди кайфияти тадрис аз тариқи эъмоли нигариши низомдор дар фароянди ёддиҳӣ. 4. Ёдгирӣ ва назорати муҳтавои маводи омӯзишӣ бар асоси аҳдофи аз пеш таъйиншуда. 5. Муқобилӣ бо мушкилоти омӯзишӣ ҷамъӣ. 6.. Эҷоди фурсати омӯзиши баробар бо вуҷуди нобаробариҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғурофӣ.7. Фароҳам сохтани омӯзиши мустамир ва пайваста.

Таҳаввули асосӣ ва пойдор дар ҳар ҷомеа мутаҳавил шудани низоми таълиму тарбияти он ҷомеа аст ва меҳвари аслии ин таҳаввул ва тавсеа, низоми таълиму тарбият беҳбудии кайфияти кори муаллим, шинохт ва вижагиҳои онҳо мебошад. Яке аз муҳимтарин вижагиҳои асри ҳозир шитоби фазояндаи таҳаввулоти илмӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ аст ва ҷавомеи инсонӣ ва созмонҳо барои бақо, пӯёӣ ва эҷоди таҳаввулоти созанда дар оянда ногузир аз дастёбӣ ба гароишҳои нав мебошанд. Дар остонаи вуруд ба асри иттилоот намунаи ҷадиде бо номи фановарии иттилоот матраҳ шудааст, ки таъсири иҷтинобнопазире бар тамоми ҳавзаҳои дониши башарӣ дошта, ниҳодҳои мухталифи иҷтимоиро дастпӯши тағйироти бузурге намудааст. Ниҳодҳои омӯзишӣ дар бархӯрд бо ин мафҳум бар асоси рӯйкардҳои ҷадид низоми омӯзишии худро дар сутуҳи мухталиф танзим менамоянд.

Омӯзиши электроникӣ низ мафҳуми ҷадид ва маҳсули фановарии иттилоот мебошанд. Ва чанд соле тавассути бархе аз созмонҳо ва донишгоҳҳо дар қолаби тарҳҳои омӯзишии мутааддид матраҳ ва ҳатто иҷро шудааст. Ба тарви куллӣ фановарии иттилоот фурсатҳои ҷадидеро барои ҷавомеи мухталиф эҷод кардааст. Ҷавомее, ки сареҳтар ин фурсатҳоро шиносоӣ кунанд, метавонанд бо ҷаҳиши сохторӣ ақибмондагиҳои худро ҷуброн намоянд.

Саводомӯзии электроникӣ бисёре аз мушкилоти ҷавомеъ, аз ҷумла ниёзҳои рӯзафзуни мардум ба омӯзиш, адами дастрасии яксон ба маркази омӯзишӣ, камбудии имконоти иқтисодӣ, камбудии омӯзгорони ботаҷриба ва ҳазинаҳои зиёде, ки сарфи омӯзиш мешавад, бартараф намояд. Мазоёи зиёде барои ин системаи омӯзишӣ баршумориданд, ки айбҳои онро пӯшиш медиҳад.

Ба таври куллӣ дурнамоиояндаи омӯзиши электроникиро метавон чунин тасвир кард: интишори ройгони дониш байни кишварҳо мумкин аст мунҷар ба коҳиши ихтилофот байни кишварҳо шавад. Кишварҳои тавсеанаёфта дар заминаҳои илмӣ рушди сареҳтаре пайдо мекунанд ва дастрасии ҳамагонӣ ва ройгон ба манобеи омӯзишӣ боиси шитоб бахшидан ба тавсеи иқтисодии ҷаҳон хоҳад шуд.


**АДАБИЁТ**

1. Зулфен Шаҳноз. Корбурди фановарии ҷадид дар омӯзиш. Теҳрон:Интишороти фарҳанг ва иршоди исломӣ. 1383.
2. Тумо Ҷон. Масоили ҷаҳонии омӯзиш ва парвариш. Тарҷумаи Аҳмади Оғозода. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳӣ. 1369.
3. Машоиғ Фарида. Дидгоҳҳои нав дар барномарезии омӯзишӣ. Теҳрон: Интишороти Самт, 1379.
4. www.nashriat.net/web-mag/18Tm
5. www.imi-ir.org/tajbir/tajbir129/article-129/2.asp
6. www.ict-edu.ir
7. www.meykade.com


## РОЛЬ НОВЕЙШИХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УЛУЧШЕНИИ ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

Традиционное образование и воспитание сегодня не могут удовлетворить современным потребностям общества, поэтому целесообразно проводить инновационные изменения в системе образования и

воспитания. На пути продвижения к информационному обществу происходят значительные изменения, касающиеся всех сторон жизни общества. Обучение и воспитание не должны остаться в стороне от этих изменений, так как информационное общество предъявляет новые требования к человеку и поэтому необходима разработка и внедрение инновационных технологий в процесс обучения и воспитания. В данной статье автор рассматривает роль новейших образовательных технологий в улучшении процесса обучения и воспитания.

**Ключевые слова:** образование, обучение и воспитание, информационное общество, разработка и внедрение инновационных технологий в процесс обучения и воспитания.

**ROLE OF THE LATEST EDUCATIONAL TECHNOLOGIES IN IMPROVEMENT OF PROCESS OF TRAINING AND EDUCATION**

Traditional education and education can't satisfy today to modern requirements of society therefore it is expedient to carry out innovative changes in an education system and education. On an advance way to information society there are the considerable changes concerning all aspects of life of society. Training and education shouldn't stand aside from these changes as information society makes new demands to the person and therefore development and deployment of innovative technologies in training and education process is necessary. In this article the author considers a role of the latest educational technologies in improvement of process of training and education.

**Key words:** education, training and education, information society, development and deployment of innovative technologies in training and education process.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Омина Амонзода Буни*** - соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# МОДЕЛЬ ВНЕДРЕНИЯ В УЧЕБНЫЙ ПРОЦЕСС УЧАЩИХСЯ ПОДРОСТКОВОГО ВОЗРАСТА ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ОБУЧЕНИЯ

***Тайебех Джафари***
**Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни**

Одним из эффективных путей решения поставленных задач является использование на уроках современных педагогических технологий. Использование инновационных технологий обучения на уроках по гуманитарным предметам в классах с учащимися подросткового возраста способствуют повышению у школьников интереса к изучению этих предметов, предполагают высокий уровень самостоятельности учащихся и требуют их активного участия в подготовке и проведении урока. Обеспечивают глубокие знания, прочные умения и навыки, формируют ответственное отношение к учебному труду, способствуют формированию и развитию личности, создают благоприятные условия для проявления его способностей и интересов развивают способность принятия решения. Также позволяют наладить контакт, установить более тесную связь с внутренним миром ребенка, так как создают на уроке обстановку доброжелательности и взаимного доверия и способствуют раскрепощению, созданию эмоционального настроя, развивают память детей, внимание, сообразительность, расширяют их общий кругозор, помогают школьникам быстрее осваивать знания, применять их на практике, пользоваться ими в разных условиях. Концентрируют внимание и стимулируют познавательную деятельность школьников, проявляемую в желании активной и самостоятельной работы на уроке и усиливают мировоззренческую направленность познавательных интересов учащихся, более эффективно формируют их убеждения, что способствует всестороннему развитию личности.

Одной из эффективных технологий, направленных на развитие творческого потенциала личности, является ***интеграционная***. Современный уровень развития науки и общества обуславливает необходимость использования системного подхода к теории и практике обучения, направленного на интеграцию знаний и формирование системного мышления. Использование интеграции знаний в образовательном процессе обеспечивает позитивный результат обучения и воспитания и развитие способностей и навыков. Основная задача интеграции – разностороннее развитие личности с целостным восприятием и осознанием мира.

Сегодня наступил *новый этап* подхода к *единству* школьных предметов, когда от стадий реализации межпредметных связей надо перейти к интеграции этих явлений, к рождению новых целостностей, т.е. подлинной интеграции.

Хотя интеграция как явление появилась, прежде всего, в фундаментальных и прикладных отраслях большой науки, сегодня под интеграцией в современной школе

понимается одно из направлений активных поисков новых педагогических решений, способствующих развитию творческих потенциалов педагогических коллективов и отдельных учителей с целью более эффективного и разумного воздействия на учащихся.

Таким образом, стремление к интеграции учебного материала, несомненно, является естественной и *ведущей тенденцией* образовательного процесса.В чём же заключается суть интеграции в обучении?

Процесс интеграции, с точки зрения педагогики, - явление достаточно сложное, комплексное и многостороннее. Многие ученые и педагоги пытаются осмыслить данный процесс и дать ему определение.Применительно к системе обучения "интеграция" как понятие может принимать два значения:

во-первых, это создание у школьников целостного представления об окружающем мире (здесь интеграция рассматривается как цель обучения);

во-вторых, это нахождение общей платформы сближения предметных знаний (здесь интеграция - средство обучения).

Педагогическая интеграция – высшая форма взаимосвязи (разделов образования, этапов образования), которой присущи нерасторжимость компонентов, новая объективность – монообъект, новая структура, новые функции вступающих в связь объектов.

Неоднозначны мнения исследователей по поводу классификации интеграции по уровням ее реализации. В.П. Аберган выделяет 3 уровня интеграции в учебном процессе:
- межпредметные связи; дидактический синтез; целостность.

Проблема интеграции в обучении важна и современна как для теории, так и для практики. Её актуальность продиктована новыми социальными запросами, предъявляемыми к школе. Несмотря на ряд работ, посвященных рассмотрению явления интеграции, эта проблема все еще нова, так как интеграционные связи между предметами мало разработаны и изложены противоречиво. Важность проблемы заключается и в том, что без интеграции дисциплин или школьных предметов , если судить с позиций темы настоящей работы, воспитание и развитие способности принятия решений у подростков вне её также может столкнуться с проблемами внутри этого же вопроса. До сих пор существует много разногласий среди учёных в понимании сущности этих связей. Учителя, не имея чёткой системы методических рекомендаций по этому вопросу, вынуждены решать проблему на эмпирическом уровне. В качестве примеров применения интеграционной технологии в общеобразовательной школе можно привести интеграцию уроков истории с литературой, литературы с родным языком, рисование с черчением и т.д.

Увеличение умственной нагрузки, сложность выполнения практических заданий на уроках заставляет задуматься над тем, как поддержать у учащихся интерес к изучаемому материалу, их активность на протяжении всего урока. Немаловажная роль здесь отводится ***игровым педагогическим технологиям*** на уроках – современной и признанной технологии обучения и воспитания, обладающей образовательной, развивающей и воспитывающей функциями, которые действуют в органическом единстве.

Понятие «игровые педагогические технологии» включает достаточно обширную группу методов и приемов организации учебной деятельности в форме различных педагогических игр.

***Игровое обучение*** — это форма учебного процесса в условных ситуациях, направленная на воссоздание и усвоение общественного опыта во всех его проявлениях: знаниях, навыках, умениях, эмоционально-оценочной деятельности. В настоящее время появилось целое направление в педагогической науке- игровая педагогика, которая считает ведущим методом обучения и воспитания. В последние годы вопросы теории и практики дидактической игры разрабатывались и разрабатываются многими исследователями: А.П. Усовой, Е.И. Радиной, Ф.Н. Блехер, Б.И. Хачапуридзе, М. Богуславской, Е.Ф. Иваницкой, А.И.Сорокиной, Е.И.Удальцовой, Н.Аванесовой, А.К. Бондаренко, Л.А. Венгером. Во всех исследованиях утвердилась взаимосвязь обучения и игры, определилась структура игрового процесса, основные формы и методы руководства дидактическими играми.

Эта работа представляет собой анализ психолого-педагогического материала по проблеме игровых методов обучения, практическое исследование, направленное на выявление эффективности применения данных методов и анализа проведенного исследования.

Психологическая теория игры была в общих и основных чертах разработана Л.С.Выготским в ходе исследований по детской психологии, которыми он вплотную занимался в последние годы жизни, хотя интерес к проблемам психологии игры существовал у Л. С. Выготского с самого начала его научной деятельности. В игре вырабатываются и развиваются навыки и способности принятия решений.

Сегодня в большинстве развитых стран мира, в первую очередь в России и многих республик постсоветсткого пространства, в США,  практически нет такого учебного заведения, в котором не использовались бы деловые игры или игровые методы обучения и воспитания детей. Дидактическое направление использования игры характерно и для современной английской педагогики. В детских учреждениях, работающих по системе М.Монтессори или Ф.Фребеля, по-прежнему основное место отводится дидактическим играм.

Изучив и проанализировав основные теории игры, диссертант считает, что игра и учеба- это две различные виды деятельности, поэтому между ними имеются значительные качественные различия. Своеобразной «переходной формой» от игры к учебе выступают дидактические игры.

***Дидактические игры*** - это разновидность игр с правилами, специально создаваемыми педагогикой в целях обучения. Дидактическая игра дает возможность развивать самые разнообразные способности ребенка, его восприятие, речь, внимание, сообразительность, быстроту реакции. Структура дидактической игры, ее задачи, игровые правила, и игровые действия объективно содержат в себе возможность развития многих качеств социальной активности. Таким образом, в дидактической игре ребенок имеет возможность конструировать свое поведение и действия.

Дидактические игры направлены и на решение конкретных задач обучения детей, и в то же время в них проявляется воспитательное и развивающее влияние игровой деятельности. Самое главное заключается в том, что игра должна органически сочетаться с серьезным, напряженным трудом, не отвлекать от учения, а, наоборот, способствовать интенсификации умственной работы. Еще К.Д.Ушинский подчеркивал, что обучение в форме игры может и должно быть интересным, занимательным, но никогда – не развлекательным. Отличие игрового обучения от других педагогических технологий состоит в следующем: Игра - хорошо известная, привычная и любимая форма деятельности для человека любого возраста. Ценнейшим качеством игр является их возможность индивидуализировать работу на уроке, обеспечивать задания, посильные каждому ученику, с учетом его умственных возможностей и максимально развивать способности каждого учащегося. Игровое обучение - одно из наиболее эффективных средств активизации, вовлекающее участников в игровую деятельность за счет содержательной природы самой игровой ситуации, и способное вызывать у них высокое эмоциональное и физическое напряжение. В игре значительно легче преодолеваются трудности, препятствия, психологические барьеры. Кроме того, игра благоприятствует реализации познавательных целей, развивает активность и самостоятельность учащихся. Игра мотивационна по своей природе. Она развивает способности и творческие возможности учащихся.

Игровое обучение позволяет решать вопросы передачи знаний, навыков, умений; добиваться глубинного личностного осознания участниками законов природы и общества. Игра способствует реализации воспитательных целей, приучая учеников к ответственности, а также формирует у них, наряду с партнерскими отношениями, чувство внутренней свободы, ощущение дружеской поддержки и стремление к оказанию, в случае необходимости, помощи своему партнеру, что способствует сближению участников игры, углубляет их взаимоотношения. Игра – коллективная или групповая форма деятельности, в основе которой лежит соревновательный аспект. Поэтому игра имеет значение для формирования дружного коллектива и для формирования самостоятельности, положительного отношения к труду.

Для того, чтобы учение стало ведущей деятельностью, оно должно быть организовано особым образом. Обучение, должно быть, сродни игре: ведь ребенок играет потому, что ему хочется, это деятельность ради нее самой, просто так.

Благодаря политическому курсу иранского государства,  сегодня в Исламской Республике Иран заметно вырос уровень эстетического воспитания молодежи и проведена программная модернизация образовательной сферы.

**ЛИТЕРАТУРА**
1. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте. - СПб.: Питер,1997. - 91с.
2. Ушинский К.Д. Сочинения, Т.5. С.355.
3. Комилов Н. Д. Технология вариативности формирования школьников средствами игровой деятельности: автореф. дис….канд. пед. наук. - Душанбе, 2009.- 23 с.

**МОДЕЛЬ ВНЕДРЕНИЯ В УЧЕБНЫЙ ПРОЦЕСС УЧАЩИХСЯ ПОДРОСТКОВОГО ВОЗРАСТА ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ОБУЧЕНИЯ**

Использование инновационных технологий обучения на уроках в классах с учащимися подросткового возраста способствуют повышению у школьников интереса к изучению этих предметов, предполагают, высокий уровень самостоятельности учащихся и требуют их активного участия в подготовке и проведении урока. Обеспечивают глубокие знания, прочные умения и навыки, формируют ответственное отношение к учебному труду. В данной статье рассматривается модель внедрения в учебный процесс учащихся подросткового возраста инновационных технологий обучения.

**Ключевые слова:** инновационные технологии, подростковый возраст, гуманитарные дисциплины, использование инновационных технологий обучения, способности, умения и навыки.

**INTRODUCTION MODEL IN EDUCATIONAL PROCESS OF PUPILS OF TEENAGE AGE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES OF TRAINING**

Use of innovative technologies of training at lessons in classes with pupils of teenage age promote increase at school students of interest to studying of these subjects, assume, high level of independence of pupils and demand their active participation in preparation and carrying out a lesson. Provide profound knowledge, strong skills, form the responsible relation to educational work. In this article the introduction model in educational process of pupils of teenage age of innovative technologies of training is considered.

**Key words:** innovative technologies, teenage age, humanitarian disciplines, use of innovative technologies of training, ability, skills.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Тайебех Джафари*** - соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

## НАЗАРИЯИ ДИЛБАСТАГӢ

*Дориюш Хонеӣ*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Назарияи дилбастагӣ дар пешрафти равоншинохтии инсон муваффақият ва пешрафти чашмгире доштааст. Шояд муҳимтарин вижагии ин назария он бошад, ки дилбастагиро ба унвони падидае баррасӣ мекунад, ки решаи хешовандӣ дорад. Ба ақидаи Болби башар аввалин ниёзи худ ба амният ва осуда мондан аз хатаротро аз тариқи наздикӣ ба шахси дигар бароварда кардааст. Бинобар ин, мо одамиёне, ки ҷони солим бадар бурдаем, аз генҳои (жанҳои) ин рафтор бархурдорем. Ба ин тартиб мо бо системаи дилбастагии рафтори вижае ба дунё меоем, ки барои бақои мо лозим аст ва ҳадафи он барқарории эҳсоси амният аст (Финӣ ва Кулинз, 2001, нақл аз Моркович ва ҳамкорон, 2005). Дарвоқеъ метавон гуфт, ниёз ба амният сабаби рафторҳои дилбастагӣ мешавад. Мозлу (Шултез ва Шултерз, 1998 тарҷумаи Саидмуҳаммадӣ, 1379) аҳамияти ин ниёз дар он аст, ки ба шаклгирӣ дар кӯдакӣ то бузургсолӣ идома ёфта, бар бисёре аз рафторҳои дигар таъсир мегузорад.

Фаъол шудани системаи дилбастагӣ низ бо ҳадафи фароҳам овардани амният ва маҳфуз нигоҳ доштани худ аз таҳдидоти ҷисмонӣ ё равонӣ рӯй медиҳад ва фардро ба сӯйи ҳимояткунанда савқ медиҳад, ки тасвири дилбастагии фард маҳсуб мешавад. Тайи ин фароянд шахс ба маҳзи эҳсоси хатар ва таҳдиди физикӣ ва равонӣ дар ҷустуҷӯйи манбае бармеояд, ки баровардкунандаи ниёзҳои ӯ ба ҳимоят ва осудагӣ бошад. Чунин манбаъ бояд посхгӯӣ ниёзи фард ба наздикҷӯӣ, бархурдорӣ аз пойгоҳи амн (осуда) ва паноҳи амнӣ барои ӯ бошад. Бояд ишора кард, ки ин система ба шакли мушаххас дар равобити муҳим ва наздик таҷаллӣ мешавад. Дар ин гуна равобит шахс ниёзҳои ташкилдиҳандаи амниятро аз он манбаъ ҷустуҷӯ мекунад ва ба ин тартиб, интизор барои баровардани ниёз ба амният аз шахсе ба маънии дилбастагӣ ба ӯ аст. Ниёз ба амният бо фароҳам шудани ин аносир дар як робита бароварда мешавад ва баровардаи тасвири дилбастагӣ хоҳад шуд ва намунаи дилбастагӣ барқарор мешавад. Аносири ташкилдиҳандаи дилбастагӣ (Ҳазон, 2003; Ҷонсон, 2003), ба шарҳи зер аст:

**Наздикиҷӯӣ**: Гароиш ба наздикии физикӣ (ба тасвири дилбастагӣ); ва Пойгоҳи амн (осуда) мабоние мебошад, ки битавон бо итминон ва такя ба вуҷуди ӯ ба ковиш пиромуни худ пардохт ва чизҳои тозаро омӯхт.**Паноҳи амн** баровардани ниёз ба

осоиш, пуштибонӣ ва таҷдиди итминон дар ҳангоми эҳсоси хатар ва тарс мебошад. Эътироз ба ҷудоӣ дурӣ аз нороҳатӣ ва беқарорӣ дар сурати дурӣмебошад

**Пайванди нерӯманд бо тасвири дилбастагӣ** Эътимод ба дастёбӣ ва посухгӯйи отифӣ аз сӯи тасвири дилбастагӣ. Бархе соҳибназарони ин назария, ду мавриди охирро бештар дар равобити бузургсолон мавриди таъкид қарор медиҳанд (монанди Алан ва Ланд, 1999; Ҳазон ва Зифман, 1999). Дар маҷмӯъ, дилбастагӣ пайванди ҳаяҷонӣ миёни ширхор ва муроқибаш ё миёни ду бузургсол аст, ба гунае, ки фарди дилбаста вақти нороҳатӣ ба он шахси дигар паноҳ мебарад, Аз ӯ наметарсад ва бахусус дар марҳалае, ки ҳузури бегонаҳо изтиробофарин аст, нисбат ба муроқибат шудан тавассути он фард алоқаманд аст ва ҳангоми ҷудоӣ аз ӯ музтариб мешавад (Фармаҳинӣ, 1378).

**Назарияҳои дилбастагӣ.** Пажӯҳишҳои ҳавзаи дилбастагии бузургсолон дар ду равияи ҷудогона, аммо дар иртиботи мафҳумӣ густариш ёфтааст, ки иборатанд аз (Вомпелер ва ҳамкорон, 2004): *Рӯйкарди рушдӣ, ки дар дараҷаи нахуст бар тааммул миёни падар ва фарзанд тамаркуз дорад;*Рӯйкарди иҷтимоӣ-равоншинохтӣ (ё «равобити наздик»), ки бар тааммул миёни завҷаҳои бузургсол дар равобити романтикӣ тамаркуз дорад.

Сабкҳои дилбастагӣ ибтидо дар мавриди кӯдакон ва бо рӯйкарди рушдӣ падид омад. Дар ин замина Болбӣ (1988) ба баррасии рафтори кӯдак бо модар дар шароити Простерс пардохт ва бо ёфтаҳои шигифтангезиши оғозгар назарияи густурдае ба номи дилбастагӣ шуд. Сипас Марӣ Оинзурс бо баррасии тааммули кӯдак ва падар мабнои озмоиши назарияи дилбастагиро бештар рушд дод (Оинзурс ва ҳамкорон, 1988). Тибқи изҳороти Болбӣ (1980), кӯдак бар асоси таҷрибиёташ дар иртибот бо муроқибаш ҷилваҳои дилбастагӣ ё намунаҳои кори даруниро барои худ эҷод мекунад, ки дар навбати худ, интизороти фардро аз равобити оянда шакл медиҳад. Ба ин тартиб, аз як сӯ боварихое нисбат ба дастёфт будани дигарон ва аз сӯи дигар, нисбат ба сазовори ишқ будани худаш дар равобити наздик пайдо мекунад (Вордин ва ҳамкорон, 2007).

Эҷоди иртиботи назарияи Болбӣ бо мафоҳими равобити романтикии бузургсолон ба таври умда тавассути Ҳазон ва Шиюр (1987) ва низ Ҷонсон (1986) беш аз соирин сурат гирифт. Пажӯҳишҳои ин ҳавза нишондода аст,ки фард дар робита бо шахс ё шайи дигаре намунаеро, ки нисбат ба волиди худ доштааст такрор мекунад. Ба ин баён тасвири дилбастагӣ дар шахси ғайр аз волид дида мешавад ва билтабъ ниёзҳои дилбастагиро низ аз ӯ меҷӯяд, ки дар истилоҳи ин назария, он шахс дар тасвири дилбастагӣ ва дар баёни умумитари дигар муҳим низ хонда мешавад. Ҳамчунин, аз ҷумлаи ҳавзаҳои пажӯҳишии назарияи дилбастагӣ баррасиҳое аст, ки Худоро ба унвони тасвири дилбастагӣ дар назар гирифтааст ва ёфтаҳои муҳиме ба даст овардaнд (Биргорд ва Гронк Вайст, 2004, Гронк Вайст ва Ҳугункул, 2003, Сейм ва Лу, 2003, Кирк Патрик, 1998, Бак ва Мак Дунолд, 2004, Шаҳобзода, 1383, Хавонинзода, 1383).

**Шабоҳатҳо ва тафовутҳои дилбастагии волид - фарзанд ва равобити романтикии бузургсолон. Шабоҳатҳо:** Ҳам дар робитаи кӯдаки волид ва ҳам дар робитаи романтикӣ, фароянди дилбастагӣ бо вижгиҳое муштарак буруз мекунад. Дар ҳар ду ҳолат фард гароиш дорад, ба шахси мавриди алоқааш ба лиҳози физикӣ наздик бошад (наздикиҷӯии). Фарди мавриди алоқа нақши паноҳи амнро барои фард дорад, ба гунае, ки ҳар гоҳ фард (кӯдак, бузургсол) эҳсоси нороҳатӣ ё хатар мекунад, барои каси бароҳат ва ҳимоят ба шахси мавриди алоқааш рӯй меоварад. Ҳамчунин фард бо такя ба шахси мавриди алоқа ба унвони пойгоҳи ором, ба ковиш пиромун ва чолишҳои тоза мепардозад ва дар ниҳояти он ки дар ҳар ду навъ робита (кӯдакӣ ва бузургсолӣ) фард барои аз даст додани шахси мавриди алоқааш бисёр андӯҳгин мешавад (Ҳазон, 2003). Дар назарияи дилбастагӣ, эътиқод бар он аст, ки мо бо системаи дилбастагии рафтори вижаӣ ба дунё меоем, ки барои бақои мо лозим аст ва ҳадафи он барқарории эҳсоси амният аст. Вуҷуди чунин падидаи тазминкунандаи бақои кӯдак нотавонӣ аст, ки тайи он худро аз хатар маҳфуз медорад.

**Тафовутҳо**. Дар робитаи кӯдак ва падар нақшҳо номутафовут ҳастанд ва падар масъулияти муроқибат ва баровардани ниёзҳои кӯдакро ба ухда дорад, аммо кӯдак –даст кам дар ҳангоми кӯдакӣ, чунин масъулияте дар қиболи волид надорад. Системаи дилбастагӣ дар кӯдак бо системаи муроқибат дар волид бо ҳам танзим мешаванд, ба гунае ки дар шароити хатар кӯдак рафторҳои дилбастагиро нисбат ба волид нишон медиҳад ва ҳамзамон дар волид низ рафтори муроқибат фаъол

мешавад. Дар равобити романтикӣ нақшҳо дуҷониба ҳастанд. Ҳар як аз тарафайн нисбат ба дигар гоҳе рафторҳои дилбастагӣ нишон медиҳад ва посухи ниёзҳояшро аз ӯ ҷӯё мешавад ва гоҳе рафтори муроқибатӣ нишон медиҳад. Ин шакл аз рафтори муроқибатӣ нисбат ба шарики отифӣ мутафовут аз рафтори фарзандпарварии волид нисбат ба кӯдак аст, зеро афрод ҳамзамон ҳамнақши тасвири дилбастагиро низ ифо мекунанд. Тафовути муҳими дигар вуҷуди инҳисори гароиши ҷинсӣ танҳо дар робитаи романтикӣ аст, ки нақши муҳиме низ дар ин робита дорад (Ҳазон ва Зифмн, 1994). Илова бар ин маворид, омили таъйинкунандаи дигаре дар ташкили дилбастагӣ дар равобити романтикӣ вуҷуд дорад, ки дар равобити кӯдак-волид вуҷуд надорад. Ин омил ниёз ба пайванд ё ба ҷамъ пайвастан аст, ки ба системаи зистӣ марбут мешавад (Фурман ва Симун, 1998). Мо одамиён бо гароиши зистӣ тамоил ба иртибот бо афроде дорем, ки бароямон ошно бошанд. Ин рафтор, муҷиби бақои ниёгони мо будааст. Мо одамиён дар тӯли таърих бо зиндагии гурӯҳӣ ва бархурдорӣ аз муроқибат нисбат ба якдигар тавонистаем аз бисёр хатарот ҷон солим бадар барем. Ниёзҳои марбут ба пайвастан ба ҷамъро гароишӣ медонанд, ки такомули таборшинохтӣ ва ниёгонӣ доштааст ва ба сурати тамоил ба иҷтимоъпазирӣ даромадааст. Вобастагӣ ва такя ба шахси дигар, ки албатта, имрӯза нигоҳи осебшиносӣ ба он мешавад (Болби 1988 ба гузориши Ҷонсон 2003), аз бахшҳои зотӣ ва билфитра дар одамӣ аст, на сирфан маҳдуд ба даварони кӯдакӣ. Навъи дӯстии дуҷониба ва коркарди иҷтимоӣ муассир ва ҳамкории ҳамвора барои башар арзишҳои шоистае талаққӣ шуданд ва дар равобити романтикӣ низ таъйинкунанда ҳастанд. Дар назарияи равоншиносӣ фардгароии Алфред Одлер алоқаи иҷтимоии мушаххас саломатии равон шумурда шудааст, ба гунае ки агар ба эҳсоси тааллуқи мо инсонҳо бетаваҷҷӯҳӣ шавад, дучори изтироб хоҳем шуд ва танҳо дар сурати эҳсоси иттиҳод бо дигарон метавонем дар баробари мушкилот ҷасурона амал кунем (Курӣ, 2005 тарҷумаи Саидмуҳаммадӣ, 1385). Ин аносир бештар дар равобити бузургсолон бо якдигар дида мешавад ва ҳолати дуҷониба дорад. Ин системаи рафторӣ зербинои рафторҳое монанди ҳамкории дуҷониба, мушорикат ва тааммул дар куллияи равобит миёни ҳамтоён аст ва робитаи романтикӣ низ яке аз ин гуна равобит аст ва аз сохтори баробарӣ бархурдор аст (Фурман ва Симун, 1998). Дар робита бо издивоҷ низ метавон гуфт, ки ҳар як аз ҳамсарон дар айни ҳол интизор дорад, ки ҳамсараш посухгӯйи ниёзҳои ӯ бошад, худ низ ниёзи мувозӣ ба онро дар ҳамсараш баровардa месозад.

Вобастагии дутарафа, муроқибати дуҷониба ва майли ҷинсӣ авомили вижаи дилбастагӣ дар равобити романтикии бузургсолон ҳастанд (Фурман ва Саймун, 1998). Ба баёнӣ ниёз ба муроқибат бахши муштарак бо дилбастагии кӯдак-волид аст ва ҳамсарон дар равобити худ гоҳе рафтори муроқибати волидгуна (яъне ҳар як бино ба шароит, мутақобилан нақши волид ва нақши кӯдакро нисбат ба якдигар ифо мекунанд) ва гоҳе низ равобити баробар ва мушорикатӣ бо якдигар доранд.

**АДАБИЁТ**


1. Allen, J. P., & Land, D. (1999). Attachment in adolescence. In J. Cassidy & P. R. Shaver (Eds.), *Handbook of attachment* (pp. 319-335). NY: The Guilford Press.
2. Bowlby, J. (1988). A secure base: Clinical applications of attachment theory. London: Routledge.
3. Feeney, B. F., and Collins, N. L. (2001). Predictors of caregiving in adult intimate relationships: An attachment theoretical perspective. *J. Pers. Soc. Psychol.* 80: 972.
4. Feeney, B. F., and Collins, N. L. (2001). Predictors of caregiving in adult intimate relationships: An attachment theoretical perspective. *J. Pers. Soc. Psychol.* 80: 972.
5. Feeney, J. A (1999 a). Adult attachment and emotional control and marital satisfaction, *Personal Relationships, 6, 169-185.*
6. *52*(3), 511-524.
7. Hazan, C., & Shaver, P. (2003). Romantic love conceptualized as an attachment process. Journal of Personality and Social Psychology, 52, 511-524.
8. Johnson, S. M. (2003a). Introduction to Attachment: A Therapist's Guide to Primary Relationships and Their Renewal. In S. M. Johnson & V. E. Whiffen (Eds), Attachment Processes in Couple and Family Therapy (p.4) New York: Guilford Press.
9. Markiewicz, Dorothy; Lawford, Heather; Beth Doyle, Anna; Haggart, Natalie (2006). *Developmental Differences in Adolescents' and Young Adults' Use of Mothers, Fathers, Best Friends, and Romantic Partners to Fulfill Attachment Needs.* Journal of Youth and Adolescence, Vol. 35, No. 1, February 2006, pp. 127–140.
10. Mikulincer, M. (1997). Adult attachment style and information processing: Individual differences in curiosity and cognitive closure. *Journal of Personality and Social Psychology 72:* 1217–1230.
11. Schachner, D. A., Shaver, P.; Mikulincer, M. (2003) Adult Attachment Theory, Psychodynamics, and Couple Relationships: An Overview. . In S. M. Johnson & V. E. Whiffen (Eds), Attachment Processes in Couple and Family Therapy (p.4) New York: Guilford Press.

12. Хавонинзода Марҷон. Муқоисаи сабки дилбастагии донишҷӯён дорои ҷиҳатгирии мазҳаби даруни ва беруни. Поённомаи коршиноси аршад. Донишгоҳи тарбияти мударрис.-Теҳрон: 1383.
13. Шелтез Дувон. Шелтез Сидни Олан. Назарияҳои шахсият.-Ч.6.- Тарҷумаи Сидмуҳаммад Яҳё - Теҳрон: Вироиш -.ч.4.- 1379.
14. Фармаҳини Фароҳони Муҳсин. Фарҳанги тавсифи илмҳои тарбияти. -Теҳрон: Асрори дониш.1378.
15. Кури Ҷиралд. Назария ва корбасти мушовара ва равондармони. Чопи 7. Тарҷумаи Яҳё Сидмаҳмуди.- Теҳрон, 1385

**СЕРДЕЧНАЯ ПРИВЯЗАННОСТЬ**

Итак, понятие поведения, эмоциональной привязанности являются особой формой привязанности у детей в основе которых лежат нормы поведения ребенка.Критический или положительный взгляд на самого себя со стороны считается проявлением сердечной привязанности. Личность на основе своего первичного опыта в сравнительном плане с другими атрибутами проявляет свое значение, которое имеет тот смысл, что на основе сердечной привязанности личность может оценить и себя, и других. Даже в состоянии эмоционального всплеска волнение является атрибутом, по которому выявляют степень сердечной привязанности.

**Ключевые слова:** сердечная привязанность, ребёнок, старшее поколение, обоюдная взаимосвязь, расставание, сближение.

**WARM ATTACHMENT**

Conception of behavour, emotionalattachment is a specific from of attachment of children, on the base of which are the behavour children njrms.Critical or positive view on yourself from other side is reveal the attachment. Person on the base of first experience in correlation with other atributics reveal it's mean that on the base of heart attachment the person can mark yourself and peple around. As well as in position of emotial dist urbance, emation is the attribute, on which we reveal the degree of attachment.

**Key words:** The attachment, child, adults, mutial, correlation, separate, rapprochement.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Дориюш Хонеи*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# ОСЕБШИНОСИИ НИЗОМИ ОМӮЗИШИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МИЁНА

***Иброҳими Ализода***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни**

Мутолиа ва баррасӣ, сайри таквин ва шаклгирии мудирияти низоми омӯзишӣ дар кишварҳои Осиёи Миёна ҳикоят аз он дорад, ки осебҳо ва мушкилоти мутааддиде домангири он шудааст. Ин раванд бар вазъияти мавҷуди низоми омӯзишии кишварҳои Осиёи Миёна таъсироти фаровоне гузоштааст ва муҷиби бурузи костиҳои зиёде дар он шудааст. Аз ҷумлаи ин осебҳо дар мудирияти низоми омӯзишӣ метавон ба ин мавридҳо ишора намуд:

1. Набудани наварӣ ва халлоқият.
2. Набудани мушорикат.
3. Набудани барномарезии стратегӣ (роҳбурдӣ).
4. Фуқадони арзёбии омӯзишӣ.

Баррасӣ ва таҳлили осебҳои мазкур дар гарави шинохти маншаи онҳо аст, ҳамчунон ки рафъи онҳо дар гарави ироаи роҳкорҳои корбурдӣ мушаххас аст. Мутолиа перомуни ин осебҳо, баёнгари он аст, ки иллали фаровонӣ муҷиби бурузи ин осебҳо гардидааст, ки муҳимияти онҳо иборатанд аз: фуқадони идеяҳои ҷадид, ғалабаи фаъолиятҳои фардӣ бар ҷамъӣ, фуқадони барномарезии стратегӣ ва набуди огоҳӣ аз матлубияти барномаҳои иҷрошуда (фуқадони арзёбӣ).

Идомаи ин раванд, қатъан дар оянда ҳазинаҳои фаровонеро барои низоми омӯзишӣ ба бор хоҳад овард, ки зарур менамояд ба таври ҷиддӣ ба онҳо пардохта шавад. Аз ин рӯ, бо таваҷҷуҳ ба мавридҳои зикршуда дар ин мақола саъй хоҳад шуд, то зимни ташреҳи осебҳои низоми мудирияти омӯзишӣ ва маншаи ин осебҳо ба ироаи роҳкорҳо, ба манзури коҳиш ва рафъи онҳо пардохта шавад.

Имрӯз созмонҳо (дар маънои васеи калима) рукни аслии иҷтимоии кунуниaнд ва мудирият, муҳимтарин омил дар ҳаёт, рушд ва боландагӣ ва ё марги созмонҳо аст. Мудир раванди ҳаракат аз «вазъи мавҷуд» ба сӯи «вазъияти матлуб»-ро ҳидоят мекунад ва дар ҳар лаҳза, барои эҷоди ояндаи беҳтар дар такопуст. Ниёз ба мудирият ва роҳабарӣ ва усули онҳо дар ҳамаи заминаҳои фаъолияти иҷтимоӣ, маҳсус ва ҳаётист. Ин ниёз, бавижа дар низомҳои омӯзишӣ аҳамияти бисёре дорад, зеро омӯзиш нақши асосӣ дар гардиши умури ҷомеа ва тадовуми бақои он бар уҳда дорад

ва роҳбари мудирият асарбахш, лозимаи таҳия ва иҷрои барномаҳои омӯзишӣ натиҷабахш ва кайфӣ аст.

Мудирият бо таваҷҷуҳ ба арзишҳои ҳоким бар ҷомеаҳо ва зербинои эътиқодӣ ва фалсафаи иҷтимоии он таъриф мешавад. Ба назари доктор Кимбел Воелез, мудирият ва роҳбарии омӯзишӣ дорои маонӣ ва мафҳумҳои мухталифе аст ва ҳар кас бар ҳасби таҷрибаҳо ва эҳтиёҷот ва мақсадҳои худ, барои он мафҳуме дар назар мегирад (Воелез, 1376).

Фарҳанги луғати байналмилалии таълим ва тарбият, мудирияти омӯзиширо «ба кор бурдани техникаҳо ва равишҳои идораи созмонҳои тарбиятӣ, бо дар назар гирифтани ҳадафҳо ва сиёсатҳои куллии таълим ва тарбият» таъриф мекунад (Воелз, 1376).

Мудирияти омӯзишӣ дар муқоиса бо соири мудириятҳо ба таҷриба ва қудрати ёдгирӣ ҳамроҳ бо тавоноии тасҳеҳи қонунҳои тасмимгирии мудирони омӯзишӣ ниёз дорад ва ба лиҳози таъсире, ки метавонад бар ҷараён ва фаъолиятҳои беҳсозии коркунон ва дар натиҷа беҳбуди кайфияти тавлидоти созмон бигузорад, қобили аҳамияти бисёрест (Беҳрангӣ, 1380).

Мудирияти омӯзиш ба монанди дигар улуми инсонӣ ниёзманди он аст, ки ба сурати миллӣ ва бумӣ ба он нигариста шавад, то битавон онро мутаносиб бо зербинои фалсафӣ ва иҷтимоӣ мусаллат бар ҷомеа мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор дод. Дар кишварҳои Осиёи Миёна чанд солест, ки ба сурати ҷиддӣ ва дақиқ мудирияти омӯзишӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Зеро ки афзоиши теъдоди афроди таҳти пӯшиши низоми омӯзишӣ, густариши воҳидҳои омӯзишӣ ва идорӣ ва афзоиши мутаваллиёни омӯзишӣ, ниёз ба мудирони омӯзишии бештареро барои мудирияти ин маҷмӯаи азим эҷод мекунад ва дар натиҷа, аҳамияти таваҷҷуҳ ба мудирияти омӯзиширо аз назари камӣ ва кайфӣ беш аз пеш намоён мекунад.

Дар солҳои охир иқдомоте дар ҷиҳати беҳбуди кайфияти мудирияти омӯзишӣ анҷом шуда, давраҳо ва марказҳои омӯзишии мудириятӣ дар нуқоти мухталифи кишварҳои Осиёи Миёна эҷод гардидааст, вале то расидан ба ҳадди матлуб роҳи тӯлонӣ дар пеш аст. Барои ин ки ин масир ба дурустӣ тай шавад, зарурӣ менамояд, то осебҳои воридӣ ба мудирияти низоми омӯзишӣ ба хубӣ ташхис дода шавад ва сипас бо ироаи роҳкорҳои муносиб ба рафъи маншаи бурузи онҳо пардохт. Мусалламан пардохтан ба ин аҳамият ниёзманди таваҷҷуҳ ба илми мудирият аст. Аммо ба эътиқоди мутахассисони мудирияти омӯзишӣ, дар ҳоли ҳозир мудирони мо аҳамияти чандоне барои илми мудирият қоил нестанд ва дар амал авлавияти онро ба расмият намешиносанд. Назари ҳоким бар идораҳо ва муассисаҳои омӯзишии мо беш аз он ки мушавиқи бакоргирии мудирияти омӯзишӣ ба унвони илм бошанд, муайири бардоштҳои шахсӣ ва зеҳнгароӣ аст ва дар натиҷа, мудирони омӯзишӣ дар кишварҳои Осиёи Миёна фоқиди дид ва биниши илмӣ ҳастанд. Дарвоқеъ, муассисаҳои омӯзишӣ таҳти тавлияти ҳирфаии мудирияти омӯзишӣ қарор надоранд ва мутолиот ва навиштаҳои илмии низомдор ва бахусус бо рангу бӯи Осиёи Миёна вуҷуд надорад (Аббосзода,1374).

Бо ин нигоҳи аввалия ба мавзӯи мудирияти низоми омӯзишӣ ва аҳамият пардохтан ба он, дар идома ба осебшиносии мудирияти низоми омӯзишӣ ва таъсироти онҳо бар вазъи мавҷуди низоми омӯзишӣ хоҳем пардохт. Тартиби матолиб бад-ин сурат хоҳад буд, ки дар ибтидо осебҳои мудирияти низоми омӯзишӣ ва таъсироти онҳо бар вазъияти мавҷуди низоми омӯзишӣ зикр мегардад ва сипас маншаи пайдоиши онҳо ташреҳ ва дар охир роҳкорҳое ба манзури коҳиш ва рафъи онҳо ироа мегардад. Аз ҷумла мавридҳое, ки дар ин ҷо ба унвони муҳимтарин осебҳо ва мушкилоти мудирияти низоми омӯзишӣ ба онҳо хоҳем пардохт, иборатанд аз:

Набуди навоварӣ ва халлоқият, набуди мушорикат, набуди барномарезии стратегӣ (роҳбурдӣ) ва фуқадони арзёбии омӯзишӣ.

**Навоварӣ ва халлоқият.** Фарогарди халлоқият иборат аст аз ҳар навъ фарогирӣ ба тафаккуре, ки масъалаеро ба таври муфид ва ошкор ҳал кунад. Имрӯз тадовуми ҳаёти созмонҳо ба қудрати бозсозии онҳо вобастагӣ дорад, ин бозсозӣ аз тариқи ҳамоҳанг кардани ҳадафҳо бо вазъияти рӯз ваислоҳ ва беҳбуди равишҳои таҳаққуқи ин ҳадафҳо анҷом мешавад. Ба илова, имрӯз ба зарурати пешбинии ниёзҳо ва роҳҳои рафъи онҳо таъкиди бештаре мешавад, зеро созмонҳо маҷбуранд худро барои эҷоди чунин тағйирот омода созанд, ё хатари мувоҷеҳ бо бухронҳои эҳтимолиро бипазиранд (Ризоиён, 1381).

